ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.550 (83.3)

**МАҲМУДОВ МУҲАММАДҶОН АБДУЛАҲАДОВИЧ**

# БОЗТОБИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ ВА АХЛОҚӢ ДАР ҲИКОЯИ МУОСИРИ ТОҶИК

(дар мисоли ҳикояи давраи Истиқлол)

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04. – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология,
профессор Салихов Ш.А.

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА ........................................................................................ 3
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ ........................................................... 7
БОБИ I. ЗАМИНАҲО ВА ОМИЛҲОИ АДАБИЮ ҲУНАРИИ ИНКИШОФИ ЖАНРИ ҲИКОЯ ДАР НАСРИ МУОСИРИ ТОҶИК... 13
1.1. Марҳилаҳои асосии шаклгирии жанри ҳикояи муосири тоҷикӣ ...... 13
1.2. Ҳикояи реалистӣ ва қонуниятҳои жанрии он дар насри муосир....... 32
БОБИ II. МАҚОМ ВА ҶОЙГОҲИ ҲИКОЯ ДАР НАСРИ ТОҶИКИИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛ ........................................................ 44
2.1. Идома ва инкишофи суннатҳои ҳикоянависии садаи бист дар давраи Истиқлол ........................................................................................ 44
2.2. Махсусиятҳои инъикоси бадеии масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи замони Истиқлол ........................................................................ 72
БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИЮ СОХТОРИИ ҲИКОЯИ МУОСИР............................................................................................... 94
3.1. Ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва шеваи нигориши нависандагон дар жанри ҳикояи имрӯз .................................................................................................. 94
3.2. Таҳаввули шаклӣ ва сохтории жанри ҳикояи давраи Истиқлол....... 155
ХУЛОСА ................................................................................................. 169
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ ............................................................................................... 174
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ........................................................................... 177
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.... 191

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Ҳикоя яке аз жанрҳои нисбатан фаъоли насри муосири тоҷик буда, дар тули солҳо давраҳо ва марҳилаҳои гуногуни ташаккул ва таҳаввули сохторӣ, мундариҷавию ғоявӣ ва ҳунариро аз сар гузаронидааст. Дар тамоми давраҳо ва марҳилаҳои инкишоф ин жанр василаи муҳимми шинохт ва инъикоси воқеияти тозаи зиндагӣ ва амалу кирдори инсонҳо будааст, ки аз солҳои бистуми садаи гузашта оғоз ёфта, то ба имрӯз идома дорад. Ба ин далел, ҳикояи навини тоҷик бо хусусиятҳои хоси сохторӣ ва ҳунарии худ дар ҷараёни адабӣ мавқеи хос пайдо кардааст. Дар ин замина беҳтарин ҳикояҳои устод Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Пӯлод Толис, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҷумъа Одина, Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Ҷонибек Акобир, Маъруф Бобоҷон, Равшани Ёрмуҳаммад, Баҳманёр, Сайф Раҳимзод, Муҳаммадзамони Солеҳ, Кароматуллоҳи Мирзо, Юнус Юсуфӣ, Равшани Ёрмуҳаммад, Равшани Махсумзод, Анвар Олим, Зариф Ғулом, Сипеҳри Ҳасанзод, Сафияи Носир, Матлуба Ёрмирзоева ва дигарон ба хазинаи адабиёти навини тоҷик дохил шудаанд. Нависандагони тоҷик ба воситаи ин жанр умқи воқеиятҳо ва хусусиятҳои муҳимми замон, рафтору кирдори одамонро тасвир карда, мазмун ва ғояҳоеро, ки аҳаммияти иҷтимоиву ахлоқӣ дошта, барои ҷомеаи инсонӣ пурарзишанд, тасвир ва ошкор кардаанд.

Дастовардҳои муҳимми ҳикояи тоҷикӣ, заминаҳо ва омилҳои ҳунарии инкишофи он, баҳрагирӣ аз суннатҳои қаблии корбурди ин жанр, ғановати мавзуӣ ва ғоявӣ ва хусусиятҳои ҳунарии он, бахусус дар замони истиқлол диққатангез буда, дарки амиқи таърихиву адабӣ ва назариро тақозо дорад. Ҳамчунин, ҳикояи тоҷикӣ чун намунаи насри навпардози садаи бист ва давраи истиқлол арзишҳои хоси ғоявӣ ва ҳунарӣ дошта, баррасии ҳаматарафаи ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии он, бешак ба пешрафти минбаъдаи адабиёт ва фарҳанги миллӣ ва тамоюлҳои иҷтимоию ахлоқии ҳаёти ҷомеаи муосири тоҷикон мусоидат хоҳад кард.

Давраҳои ташаккул ва таҳаввули ҳикоя хусусиятҳои хоси бархӯрди нависандагонро ба воқеият ва тарзи тасвири он низ ошкор сохта, то ҷое ифодагари тамоюлҳои мушаххаси услубию сабкии ин жанр дар коркарди ҳунарии нависандагони ҳикоянавис низ мебошад.

Он чи ки дар боло зикр шуд, далели муҳиммияти мавзуи таҳқиқот буда, арзёбии ҳаматарафаи он моҳияти ҷустуҷӯҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва ҳунарии нависандагони тоҷикро дар эҷоди ҳикояи замони истиқлол ошкор ва мушаххас месозад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот.** Ҳикоя ҳамчун жанри нав дар насри тоҷикӣ аз оғози пайдоиш мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва алоқамандони адабиёт қарор гирифта, дар давоми солҳои баъд низ баҳс дар атрофи ин жанр ва хусусиятҳои инкишофи он идома ва тақвият ёфтааст. Бо таваҷҷуҳ ба тарзи бархӯрди муҳаққиқон аз ибтидо тадқиқот ва арзёбии ин масъала ба равишҳои зерин анҷом гирифтааст:

а) мақолаҳо ва тақризҳое, ки бевосита дар бораи жанри ҳикоя ва ё маҷмуаи ҳикояҳои ин ё он нависанда навишта шудаанд;

б) таълифоте, ки дар он муаллифон масъалаҳои дигарро ба баҳс кашида, вале дар зимн аз ҳикоя низ сухан кардаанд;

в) китобҳо доир ба таърихи адабиёт;

г) мусоҳибаҳо дар атрофи масъалаҳои насри муосир ва нақди адабӣ, аз ҷумла арзёбии жанри ҳикоя дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ;

д) маърузаҳо дар съездҳои Иттифоқи нависандагон дар солҳои мухталиф.

Мурури кӯтоҳ нишон медиҳад, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик масъалаи ташаккул ва таҳаввули ҳикояи тоҷикӣ, аз ҷумла бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ин жанри насри замони истиқлол дар тули солҳо гоҳ-гоҳе мавриди омӯзиш ва мубоҳисаҳову мунозираҳои аҳли таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар фосилаи солҳо муҳаққиқон дар таҳлилҳои худ асосан, ба нақди мундариҷа ва ғояи ин жанр иктифо кардаанду бас.Азбаски фақат зикри номи муҳаққиқон ва адибоне, ки дар ин боб сухан кардаанд, ҷои

зиёдеро ишғол менамояд, мо фақат аз баъзе таҳқиқоти муҳимме, ки дар ин замина анҷом гирифтааст, ба таври мухтасар ёд хоҳем кард.

Жанри ҳикоя ҳанӯз солҳои сиюм дар ибтидои пайдоишаш мавриди таҳлил ва арзёбии алоқамандони соҳа қарор гирифта буд. А. Деҳотӣ аввалин маҷмуаи ҳикояҳои Ҳ. Обидиро нақд карда, асосан ба моҳияти сиёсиву иҷтимоии онҳо таваҷҷуҳ кардааст [91, с.148]. Баъдтар, вай ҳикояҳои аввалини Ҷ. Икромӣ «Шабе дар Регистони Бухоро», «Ширин», «Ду ҳафта», Р. Ҷалил «Челонгари маълумоти олидор», «Кабутар», Толис «Гандум» ва «Ниҳолҳо»-ро таҳлил карда, танҳо ба моҳияти сиёсиву иҷтимоии онҳо эътибор додаасту бас [92, с.175-208]. Чунин тарзи таҳлил хусусияти нақди он солҳоро ифода мекунад.

Бори аввал Л. Демидчик дар мақолаи «Баъзе лаҳзаҳои ташаккули насри реалистии тоҷик дар солҳои сиюм» равишҳои инкишофи ҳикояи ин давраро баррасӣ карда, «дар насри хурди ин давра мавқеи муҳим» [89, с.293] доштани ҳикояро мушаххас сохтааст. Аз ҷумла, ин донишманд «ба тавассути дунёи зоҳир ва предметҳои маишию хоҷагӣ тасвир кардани навӣ»-ро аз мушаххасоти ҳунарии ҳикояҳои Б. Азизӣ «Дар хонаи одами нав», Р. Ҷалил «Хар ва сабукрав» ва Ҳ. Карим «Ҳикояти духтари ҷингиламӯй» таъбир кардааст [89, с.293]. Л. Демидчик ҳикояҳои ин давраро таҳлил карда, «шаклан дигаргун шудани наср, аз шаклҳои анъанавии тасвир ба ҳақиқатнигории нав ва ҳозиразамон омада расидани адабиётро дар мисоли эҷодиёти маъруфтарин нависандагони тоҷик Ҳаким Карим ва Раҳим Ҷалил» ба таври мушаххас нишон дода, «тадриҷан дигар шудани характери конфликтҳо»-ро дар мисоли ҳикояҳои Р. Ҷалил «Сирри шаби торик», «Орзу», «Ҳиҷрат» ва ғайраҳо мушаххас месозад. Дар шинохти ҳикояи ин давра ин мақола ҳанӯз ҳам пурарзиш аст.

Минбаъд заминаҳо ва омилҳои ташаккули ҳикоя ва қонуниятҳои жанрии он аз тарафи адабиётшиносон Х. Мирзозода, А. Сайфуллоев, А. Абдуманнонов, М. Шукуров, Ҷ. Бақозода, А. Набавӣ ва дигарон мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Поэтикаи ҳикояи тоҷикӣ аввалин бор дар

ҷомеият дар рисолаи Ш. Солеҳов «Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70-80 қарни бист» мавриди тадқиқи ҷиддӣ қарор гирифт ва дар замина, баъзе паҳлуҳои ҳунарии ин жанр арзёбӣ гардид. Дар баъзе пажуҳишҳо ҷойгоҳи жанри ҳикоя дар эҷодиёти баъзе нависандагон ба алоҳидагӣ баррасӣ гардидаст, ки рисолаҳои Ҷ. Бақозода «Абдулҳамид Самад ва инкишофи ҳикоя» ва А. Сайфуллоев «Ҷону ҷаҳони наср» аз ин ҷумлаанд.

Доир ба ҳикояи замони истиқлол таҳқиқоти алоҳидае ба вуҷуд наомадааст, вале дар мақолаҳои Ш. Солеҳов, Н. Салимов, А. Кӯчаров, К. Насрулло ва таълифоти дигар баъзе равишҳои муҳимми ҷараёни инкишофи ҳикояи замони истиқлол таҳлил ва баррасӣ шудааст ва мо ҳангоми таҳлил ба онҳо истинод хоҳем кард.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи илмию таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2016-2020, ки ба пажуҳиши масъалаҳои мубрами инкишофи адабиёти муосири тоҷик нигаронида шудаанд, ба анҷом расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқ баррасӣ ва омӯзиши фарогири равандҳои инкишофи анвои ҳикоя дар насри муосири тоҷикӣ, бозтоби масоили иҷтимоӣ дар анвои ҳикояи реалистӣ, шеваҳои нигориш ва сабку баёни масоили мухталифи рӯзгори иҷтимоии ҷомеаи мо дар насри бадеии тоҷик ва хоса, дар анвои ҳикоя маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Ҳадафи асосии таҳқиқот тадқиқи бозтоби масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи замони истиқлол ва дар ин замина муайян намудани ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагони алоҳида мебошад. Барои ба ҳадафҳои аслӣ расидан ба ҳалли масъалаҳои зерин диққат дода шуд:

1. Муайян намудани заминаҳо ва омилҳои адабию ҳунарии ташаккул ва таҳаввули жанри ҳикоя дар насри муосири тоҷик;

2. Мушаххас сохтани марҳилаҳои асосии ташаккули ин жанр;

3. Қонуниятҳо ва равишҳои инкишофи ҳикояи реалистиро дақиқ кардан;

4. Ба таври мушаххас арзёбӣ намудани нақши суннатҳои миллӣ дар ташаккули жанри ҳикоя;

5. Таҳқиқ ва баррасии хусусиятҳои хоси инъикоси бадеии масоили иҷтимову ахлоқӣ ва равишҳои таносуби идеали иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва тарзи таҷассуми бадеии он дар заминаи ҳикояи замони истиқлол;

6. Ошкор намудани вижагиҳои ҳунарӣ ва сабкӣ дар ҳикояи ин давра.

**Объекти таҳқиқот** мушаххас намудани тарзи тасвири масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва равишҳои ҳунарию сабкӣ дар ҳикояи даврони истиқлол мебошад.

**Предмети таҳқиқот** арзёбии тарзи инъикоси масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва ҷанбаҳои бадеии он дар ҳикояи давраи истиқлол аст.

**Асосҳои методологӣ ва назарии таҳқиқот.** Методологияи таҳқиқот бо усулҳои таърихиву муқоисавӣ, таърихиву адабӣ, татбиқӣ, оморӣ ва дастурҳои назарии муҳаққиқони назарияи адабиёт ва таърихи он: М.

Бахтин, Л. Тимофеев, В. Ф Асмус, А. С.Бушмин, М. В. Храпченко, М. Шакурӣ, С.Табаров, А. Сайфуллоев ва дигарон асос ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки бори аввал заминаҳо ва омилҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва ҳунарии ташаккули жанри ҳикоя ва бозтоби масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва инъикоси бадеии он дар ҳикояи замони истиқлол мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, сабки марҳилаҳои инкишофи ҳикоя ва хусусиятҳои хоси шеваҳои нигориши нависандагони алоҳида мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифт, ки аз тозагиҳои ҷустуҷӯҳои илмӣ дар рисола аст.

Дараҷа ва савияи имрӯзаи дарки муаммои бозтоби масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол имкон медиҳад, ки паҳлуҳои ҷудогонаи тарзи тасвири бадеии нависандагонро аз нигоҳи нав арзёбӣ намоем. Таҷрибаи ҳунарӣ ва хусусияти эҷодиёти нависандагон ба ошкор сохтани қонуниятҳои дарк ва таҷассум намудани масъалаи мавриди назар имкон фароҳам меоварад. Ҳарчанд дар ин замина кӯшишҳои дарки мавзуъ ба назар мерасад, вале омӯзиши механизми бадеии ин муаммо, шинохти хусусиятҳои тафаккури бадеӣ ва инъикоси бадеии мавзуъ дар заминаи ҳикояи давраи истиқлол арзиши хос дорад. Эҷодиёт ва ҳадафҳои ахлоқии нависандагон бо корбурд ва ҳифзи аломатҳои муҳимми иҷтимоиёт ва ахлоқи миллӣ тавъам буда, бақои бисёре аз ҳикояҳои дар ин давра таълифшударо замонат медиҳад. Ба ин далел, мо таҳқиқ, дарк ва арзёбии тозаи ин масъаларо дар заминаи ҳикояи давраи истиқлол нав, имконпазир ва аҳамиятнок меҳисобем.

**Арзишҳои назарии таҳқиқот** дар асоснокии илмӣ ва дарки хусусиятҳои бадеии ҷанбаи иҷтимоӣ ва ахлоқии жанри ҳикояи давраи истиқлол зоҳир мешавад. Ба ин далел, жанри ҳикояи ин давра таҳлил шуда, қонуниятҳои назарӣ ва амалии ташаккул ва таҳаввули бадеии он дар заминаи масъалаи мавриди назар муайян карда шудааст. Аз ин назар, кори дар ин замина анҷомгирифта, донишҳои назариро дар шинохти жанри ҳикоя ва равишҳои ташаккулу таҳаввули он такмил мебахшанд.

**Арзишҳои амалии таҳқиқот.** Мавод ва натиҷаҳои пажуҳишро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти навини тоҷик, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, суханрониҳо аз таърихи адабиёти тоҷик дар мактабҳои миёна ва олӣ, ҳамчунин чун асоси назарӣ барои таҳияи таърихи ҷомеи адабиёти навини тоҷик истифода кард.

**Сарчашмаҳо ва маводи таҳқиқот.** Ҳангоми таълифи рисола маҷмуаҳои осор ва ҳикояҳои нависандагон, ки дар солҳои қабл аз истиқлолият ва баъди он нашр шудаанд, тақризу мақолаҳое, ки дар нақди ҳикоя навишта шудаанд, ёддоштҳо ва қомусҳои соҳавӣ, суханрониҳои адибон дар анҷуманҳову ҷамъомадҳо, маводи суҳбатҳои мизи мудаввар, маҷмуаву тазкираҳои адабиёти муосир ва таълифоти дастҷамъиву алоҳидаи мунаққидон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Нуктаҳои асосие, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд:**

1. Заминаҳо ва омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва адабию фарҳангӣ дар ҷараёни пайдоиш, шаклгирии марҳилаҳои асосӣ ва роҳҳои ташаккулу таҳаввули жанри ҳикояи тоҷикӣ нақши муҳим дошта, аз бисёр ҷиҳат қонуниятҳои инкишофи онро муайян мекунанд. Нахустин ҳикояҳои тоҷикӣ хусусияти сирф воқеъгароӣ дошта, ҳамин равиш қонуниятҳои жанрии онро шакл додааст. Дар ин замина, миёни ҳикояҳои аввалин нависандагони ҳикоянавис Пайрав, Мунзим, А. Деҳотӣ, Б. Азизӣ, М. Абдулғанӣ, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Алӣ Хуш, Ҳ. Карим ва нафарони дигар ҳамрангии типологӣ ва ақидаю орои ба ҳам монанд ба назар мерасад.

2. Мавқеияти инсониву ҳунарии нависандагони номбаршударо, ки дар марҳилаи аввали шаклгирии ҳикояи тоҷикӣ фаъол будаанд, ҳақиқатмонандии тасвир, иҷтимоъгароиву ахлоқписандӣ муайян карда, дар ҳикояҳои онҳо инсон, пеш аз ҳама, ҳамчун шахсияте, ки ба интихоби иҷтимоиву ахлоқӣ қодир ва замон ҳам хостори ҳамин афъол аст, тасвир шудааст.

3. Тамоюли иҷтимоъгароӣ ва «реализми сирф» ба ҷараёни инкишофи ҳикояи тоҷикии ин давра, бахусус ҷанбаҳои ҳунарии он гоҳо таъсири манфӣ гузошта, монеи ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагон гардидааст ва таъсири манфии ин равиш баъди солҳои бист низ идома ёфта, дар эҷодиёти баъзе нависандагон суннат гардида буд.

4. Аз охири солҳои навадум сар карда, вобаста ба таҳаввулоти сиёсию иҷтимоие, ки дар Шуравии собиқ ва Тоҷикистон рух дод, дар тафаккури нависандагон низ дигаргунӣ ва дарки тозаи воқеиятҳо ба вуҷуд омад. Ин ҷараёнро даст ёфтани ҷумҳурӣ ба истиқлолият такон бахшида, мақом ва ҷойгоҳи ҳикояро дар насри тоҷикӣ устувор сохт, ки муҳимтарин имтиёзи он дорои муҳтавои судманди иҷтимоиву ахлоқӣ ва махсусиятҳои хоси бадеӣ будан аст.

5. Алоқамандии осори бадеӣ ба шароити иҷтимоӣ ва маънавие, ки он эҷод мешавад, шояд ғайримустақим, вале ҳамеша вуҷуд дорад. Таҳаввули жанр ва сабк ҳарчанд ба неруи худмуайянкунии онҳо вобаста аст, вале таъсири омилҳои дигар, аз ҷумла омили иҷтимоӣ низ дар ин самт истисно намебошад. Аз ин назар, дар ҳамин замина ошкор сохтани қонуниятҳои ташаккули ин жанр, ки ҳолати мавҷуда ва хусусиятҳои хоси онро муайян мекунад, бисёр муҳим буда, шинохти саҳеҳи ҳамаи паҳлуҳои ин масъала ба омӯзиш ва мушаххас сохтани таҳаввулоти шакли мундариҷавӣ ва тамоюлҳои ҳунарии ин жанр дар даврai истиқлол вобаста мебошад.

6. Тарзи хоси инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, мавқеи маънавии шахсият ва алоқамандиҳои гуногунаш бо ҷомеа ва ҳодисаҳои он дар ҳикояи ин давра қобили мулоҳиза буда, равишҳои тозаи дарки масоили иҷтимоиву ахлоқӣ ва намудҳои гуногуни таҳлили равониро матраҳ месозад, ки баёнгари тозакориҳои нависандагони ҳикоянависи тоҷик дар даврai мавриди назар низ мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Пажуҳиши мазкур ба баррасии омилҳои ташаккули ҳикоя дар адабиёти даврai истиқлол, ғановати шаклию мазмунии он, таъйини марҳилаҳои асосии

инкишофи жанр ва алоқамандию ҳамбастагии онҳо, ошкор ва мушаххас намудани омилҳои адабию ҳунарӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар ғановати мазмунии он, нуфузи мавзуъҳо ва масъалаҳои иҷтимоию ахлоқии ҷомеа дар ҳикояи имрӯз ва ғайра бахшида шудааст ва он ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар омӯзиш, гирдоварии маводи назарӣ ва адабӣ, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, омода намудани мақолаҳо ва маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуъ зоҳир мегардад. Баррасӣ ва натиҷагириҳои илмии маводи таҳқиқӣ, масъалагузориҳои назарӣ ва хулосабароориҳои илмӣ натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Бардоштҳо, хулосаҳо ва натиҷагириҳои илмии диссертатсия дар шакли гузоришҳо ва маърузаҳои илмӣ ва мақолаҳои интишоршуда, тавассути маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии АМИТ дастрас шуда, дар дарсҳои назариявию амалӣ ва корҳои мустақилонаи устодону донишҷӯёни факултаҳои филологияи тоҷик ва мавриди истифодаи доираи васеи алоқамандони адабиёти муосири тоҷик мебошад.

Нуктаҳои муҳимму меҳварии диссертатсия дар ҳамоишҳои илмӣ, семинару маҳфилҳо ва конференсияҳои илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ баён ва баҳогузорӣ шуданд.

Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (протоколи №10, аз 28.05.2022) ва Шурои олимони факултет (протоколи №10, аз 30.05.2023) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода мегардад, ки масоили дар таҳқиқот баррасигардида бо далелу бурҳонҳои қотеъ ва баррасию муҳокимарониҳои

қиёсӣ ва фарогир, хулосаҳо ва натиҷагириҳои эътимодбахши илмӣ, бо риояи меъёрҳои назарию методологӣ маводи фаровони таҳлилӣ, бо ҳадаф ва вазифаҳои мушаххаси пажуҳишӣ мувофиқ буда, барои таҳқиқи мукаммалу фарогири ҳикояи тоҷикии давраи истиқлол мусоидат намудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия нашр гардиданд, ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, 4 мақола дар Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 1 мақола дар Паёми ДМТ, 1 мақола дар Ахбори ДДҲБСТ, 1 мақола дар Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 1 мақола дар Гузоришҳои АМИТ нашр шудааст.

**Сохтори рисола.** Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

# БОБИ I
# ЗАМИНАҲО ВА ОМИЛҲОИ АДАБИЮ ҲУНАРИИ ИНКИШОФИ ЖАНРИ ҲИКОЯ ДАР НАСРИ МУОСИРИ ТОҶИК

## 1.1. Марҳилаҳои асосии шаклгирии жанри ҳикояи муосири тоҷикӣ

Пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули ҳикояи муосири тоҷикӣ ҳамчун жанри мустақил ба махсусиятҳои ҳаёти маънавӣ ва ҷамъиятии ибтидои садаи бист алоқаманд мебошад. Маҳз замон ва шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заминаро барои пайдоиши ин жанр ба вуҷуд овард ва хусусиятҳои асосии онро шакл дод. Вале ин ҳарф маънои онро надорад, ки ҳикояи тоҷикӣ дар ҷои холӣ ба вуҷуд омад ва ба сурати имрӯза расид. Доир ба решаҳои таърихии пайдоиш ва шаклгирии он баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Х. Шарифов, Н. Салимов ва Ш. Солеҳов андешаҳои худро баён кардаанд.

Бояд гуфт, ки пайдоиш ва ҷараёни шаклгирии ин жанр, пеш аз ҳама, заминаҳои миллӣ ва ҳунарӣ дошта, мутаассифона, ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Ҳол он ки бисёре аз муҳаққиқон ва нависандагон зери таъсири ҳикоёти форсии тоҷикӣ, аз ҷумла ҳикоёти «Ҳазору як шаб» ба вуҷуд омадани ин жанрро дар адабиёти Аврупо таъйид кардаанд. Ҳатто нависандаи немис Герман Гессе бар ин бовар аст, ки: «Ҳарчанд ҳамаи халқҳои дунё ҳикоёти ҷолибе эҷод кардаанд, фақат ҳамин китоби аҷоиб («Ҳазору як шаб») дар навбати аввал барои мо кофист, ки ҳикоёти халқии немисии бародарон Гриммҳо гирдовардаро комил созем» [82, с.153]. Нависандаи рус И. С.Тургенев низ дар як номааш ба мунаққиди немис Юлиан Шмидт навишта буд: «Бо ҳама афзалиятҳои бузурге, ки немисҳо доранд, ба онҳо истеъдоди ҳикоянависӣ намерасад; халқҳои романӣ аз даврони қадим соҳиби он ҳастанд (Бокаччо, «Провансалҳо...»); мо,

славянҳо баъзе чизҳо –тавоноии якбора ба вуҷуд овардан ё ҳеҷ набошад, оҳангҳоеро аз он ба мушоҳида гирифтанро аз Шарқ («1001 шаб») ба мерос гирифтем» [157, с.96]. Ин ду ишора бар масъалаи таъсирпазирӣ аз навъи ҳикоят андар ҳикояти насри классикии форсии тоҷикӣ таъкид дорад, ки омӯзиши дақиқи он ба шинохт ва арзёбии ҷомеи таърихи пайдоиш ва тамоюлҳои инкишофи ҳикоя мусоидат мекунад. Дар ин фасл мо танҳо яке аз паҳлуи ин масъала – марҳилаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули ҳикояи муосири тоҷикиро аз назар мегузаронем.

Пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули ин жанрро дар таърихи адабиёти навини тоҷикӣ метавон ба чаҳор марҳила дастабандӣ кард: марҳилаи аввал аз солҳои бистум то чилум; марҳилаи дувум аз солҳои панҷоҳум то шастум; марҳилаи савум аз солҳои ҳафтодум то ҳаштодум ва марҳилаи чаҳорум солҳои навадуми садаи гузашта ва замони истиқлолро дар бар мегирад. Дар шаклгирӣ ва таҳаввули хусусиятҳои сохторӣ ва мундариҷавии ҳикояи ин марҳилаҳо омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъсири муҳим дошта, тамоюлҳои асосии равиши инкишофи онро муайян менамоянд.

Марҳилаи аввали пайдоиш ва ташаккули ҳикояи тоҷикӣ солҳои бистуму чилуми садаи гузаштаро дар бар гирифта, бозгӯи бурду бохт ва моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагон дар як давраи мураккаби дигаргуниҳои ақидатию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии тоҷикон аст, ки зери таъсири сиёсати ҳизби коммунист ва давлати Шуравӣ ҷараён гирифтааст. Сиёсати расмӣ адабиёти бадеиро чун аслиҳаи идеологӣ дар мубориза барои сохтмони ҳаёти нав медонист ва қадр мекард. Ҳикояи тоҷикӣ зери таъсири ҳамин сиёсати адабӣ ба вуҷуд омада ва тадриҷан шакл гирифтааст, ки намунаи аввалини он ҳикояи устод Айнӣ «Моҳрӯй» мебошад. Ин гуна ҳикояҳо аввалан, воқеияти ҷомеаи сотсиалистиро бозтоб медоданд, сониян равшангари моҳияти он буданд, ки аз ҷониби дастгоҳи раҳбарӣ амр мешуд. Ҳикояи зикршудаи Айнӣ воҷиди андешае дар бораи робитаи байни ҷомеа ва афроди он аст. Дар ҳикоя Моҳрӯй фарди нексиришт аст, дар муқобили ҷомеае паст.

Бо ҳикояи ёдшудаи устод Айнӣ ва ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ, Б. Азизӣ, А. Деҳотӣ, Ҳ. Карим, Б. Икромӣ, Лутфӣ Саид, М. Абдулғанӣ, Ҷ. Баҳлулзода ва дигарон ҷараёни шаклгирии синтези воқеият бо образҳои бадеӣ оғоз ёфта, барои инкишофи минбаъдаи он заминаи воқеӣ ба вуҷуд омад ва ин жанр дар байни хонандагон маҳбубият пайдо кард. Дар шаклгирии ин ҷараён корбурди огоҳонаи забон низ нақши муҳим дошт ва гурӯҳи нависандагони боистеъдод дар он саҳим буданд. Нависандагон ба суннатҳои адабии қаблӣ таваҷҷуҳ карда, шакли хоси ҳикояро ба вуҷуд оварданд. Дар сохтори ҳикояи ин давра анъанаи меросии ҳикоя андар ҳикоя комилан қатъ нашуда, балки аз он истифода гардид ва тадриҷан ташаккул ёфт.

Воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии аҳди сӯхтану сохтанҳо сабаби пайдо шудани ҳикояҳои очеркмонанд гардиданд, ки бо унсурҳои бадеӣ ва образҳову сужети муайян ва тасвири психологӣ то ҷое имтиёз дошта, асоси бештари ин гуна ҳикояҳоро «материалҳои ҳуҷҷатӣ ташкил медиҳанд ва ба ин маънӣ, онҳо ба очерк наздиканд» [90, с.294]. Ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ «Сухан ба ман» ва Ҳ. Карим «Латиф Қутил» ифодагари хусусияти ёдшудаи ҳикояи ин марҳила мебошанд. Дар ин гуна ҳикояҳо нависандагон бештар ба баёни зоҳири воқеият таваҷҷуҳ карда, барои амиқ тасвир кардани амалу кирдори инсон, фарогирии воситаҳои бадеии тасвир, ки хоси ин жанри хурди насрист, чандон эътибор намедоданд.

Бо вуҷуди ин, дар бисёре аз ҳикояҳои нависандагони солҳои бисту сии садаи гузашта шароитҳо ва вазъиятҳои хоси нотакрор муайянкунандаи хусусияти мундариҷавӣ ва сохтории жанр аст. Ҳар кадоме таҷассумкунандаи образи ҷомеи вазъи фарогири инқилобии кишвар дар он рӯзгор буда, оҳанги қавии сиёсӣ ва иҷтимоӣ дорад. Бисёре аз ин гуна ҳикояҳо бо мундариҷаи гуногунранг ва унсурҳои реалистии тасвир ҷолиби диққатанд. Нависандагон ба нақли воқеиятҳои ғалатӣ ва пандомез таваҷҷуҳ карда, аксаран тамоюли мухтасарбаёниро дунбол кардаанд. Вале аксар дар ин гуна ҳикояҳо хислати инсон, ҳолати руҳиву равонии вай вусъатнок ва

муфассал тасвир нашудааст. Муаллифони бештарини ҳикояҳои дар ин солҳо таълифшуда зери таъсири сиёсати ҳоким бар муҳит бо мақсади муттақоид кардани хонандагон ба реалият ё худ ҳақиқатмонандӣ ҷанбаи куллӣ ва ҳамагонӣ дода, аз усули шинохти яксон набудани таҷрибаи зиндагӣ барои ҳама фосила гирифтаанд, ки ҷанбаи ҳунарии ҳикояи ин давраро сахт коҳиш додааст.

Ба ин тартиб, бо саъйю талоши нависандагони боҳунар ба қазовати хонанда навъи шахсиятҳое низ гузошта шуд, ки аз умқи воқеиятҳои рӯзмарра берун омада, кишвари инқилобиро дар оинаи санъат муҷассам менамуданд. Аз ин ҷиҳат, аксари ҳикояҳо хусусияти пурраи иҷтимоӣ дошта, задухӯрдҳои тезутунди синфӣ, муборизаи наву куҳна, зиддиятҳои равонӣ ва оилавии маиширо таҷассум намудаанд. Ба ин тартиб, ҳикоя дар матни воқеияти ҳаррӯза қонуниятҳои бадеии худро шакл дод, ки яке аз паҳлуҳои арзишманди он корбурди кашмакаш (низоъ) мебошад. Дар ин гуна ҳикояҳо мо анвои кашмакашҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, отифӣ ва ахлоқиро мушоҳида мекунем, ки аксаран, ба эҳсосоти муфаррахи иҷтимоӣ асос ёфтааст. Пойбандӣ ба эҳсоси муфаррахи иҷтимоӣ гоҳо нависандаро аз тасвири воқеият ва тафсири бадеии моҳияти он канор бурда, ҷанбаи ҳунарии ҳикояро коҳиш медиҳад, ки дар ҳикоянависии давраи мазбур ҳодисаи маъмул аст. Ин равиш бо эҷоди шакли номаръӣ хонандаро вомедошт эҳсос кунад, ки он чи ки дар зиндагии воқеӣ ҳаст, ба шакли асари ҳунарӣ даромадааст, бе он ки нависанда онро таҳриф карда бошад. Аммо дар аксар маврид ҳақиқатмонандӣ дигар буду хости нависанда дигар. Ба ифодаи дигар, пойбанди инъикоси зиддиятҳои синфиву ақидатӣ будани нависандагон гоҳо онҳоро хоставу нахоста шарики ҷараёни сӯхтану сохтан мекард, ки фосилагирӣ аз рисолати аслии адабиёт ва ҳунар буд. Ҳикояҳои Пайрав «Гуландом», Мунзим «Ишқи духтари Чингиз», Ҷ. Икромӣ «Ширин», «Ғалаба», А. Деҳотӣ «Ҳамидаи сиёҳбахт», Б. Азизӣ «Никоҳи дилхоҳ», Лутфӣ Саид «Дарди чашми Бибиоиша», М. Абдулғанӣ «Истиқбол» ва ғайра дар баробари инъикоси воқеият тафсири ақидатии

онҳоро маҳаки эътибор қарор дода буданд. Дар ин гуна ҳикояҳо дар маркази диққати нависанда инсони табақаи поёни ҷамъият, ки хисоли қаҳрамонӣ ва шавқи инқилобгарӣ дошт, қарор гирифта буд. Талаботи фаҳмидан ва тасвиру таҳлил кардани моҳияти амалу кирдор ва ҳолати равонии ин гуна шахсият ба ҷустуҷӯ ва кашфи идеали иҷтимоӣ ва ахлоқӣ вобаста буд. Таваҷҷуҳи ҷомеа ва нависандагон ба он ҳодисаҳои ҳаёти адабӣ мутамаркиз буд, ки дар маҷрои ҳамин ҷустуҷӯҳо ҷараён дошт ва паҳлуҳои мусбату манфиаш аз назарҳо пинҳон набуд.

Ҳамин тариқ, муборизаи наву куҳна ҳудуди асосии амалиёт ва ғояи ҳикояи ин марҳиларо муайян карда, аз оғоз дар заминаи низоъҳои синфӣ, аз ҷумла мубориза бар зидди босмачиён, муштзӯрон ва руҳониёни дигарандеш амалӣ карда мешуд. Чунин шакл ва мазмун гирифтани низоъ дар ҳикояи ин давра мувофиқи талаботи замон буд. Аз нимаи дувуми солҳои сиюм сар карда, вобаста ба воқеиятҳои ҳаёти ҷомеа тасвири низоъ вобаста ба боқимондаҳои замони гузашта ва таъсири он ба шуури мардум дар ҳикоя мавқеъ пайдо мекунад. Ҷараёни сиёсиву иҷтимоии воқеиятҳо тадриҷан хусусияти низоъро дар ҳикоя тағйир дод, ки ҳикояҳои Р. Ҷалил «Орзу», «Ҳиҷрат», «Марги Хушомадхӯҷа», «Шубҳабоев», «Хонаи нав» ва ғайра аз ин намуна мебошанд. Низоъ дар ин ҳикояҳо танҳо моҳияти муборизаи синфиро ифода карда, дар як тарафи он, тарафдорони ҳукумати Шуравӣ, дар тарафи дигар, душманони синфӣ Ҳасан Хиррӣ, Саттор, Марозиқ ва шахсиятҳои дигар қарор доштанд. Моҳияти амалу кирдори ин шахсиятҳоро низоъҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва отифӣ ошкор сохта, нависанда бо мақсади ҷалби бештари хонанда бар вақоеънигории беш аз андоза машғул шудааст, ки ин тамоюл ҳикояро аз масири одӣ ва воқеии худ хориҷ кардааст ва ҳикояро ба сурати нақли ҳодиса дароварда дарунмояи онро таҳтушшуо қарор додааст.

Аввалин ҳикояҳои адабиёти нави тоҷикӣ аз ҷиҳати поэтика низ ба ҳам монанд буданд. Ба ифодаи А. Ҳакимов «Онҳо аксаран ҳикояи воқеа буданд, дар онҳо, албатта, ягон воқеаи ҷолиби диққате ба амал меомад, ки

дар натиҷаи он мо ба сифати ин ё он қаҳрамон шинос мешудем, аз мароми мақсади ӯ пай мебурдем» [162, с.43]. Аз ин ҷиҳат, воқеанигорӣ хусусияти асосии ҳикояи ин давраро муайян карда, дар асоси он характери инсон гузошта шудааст.

Вақте ҳикояҳои ин давраро аз назар мегузаронем, мебинем, ки дар он характер як навъ мутлақу раднашаванда аст, тақдир, баромади иҷтимоӣ, хулқу кирдори вай то андозае ба тавассути ҷузъҳо муайян шудааст. Чунин хусусияти ҳикояҳоро бори дигар қайд кардан лозим меояд, зеро раднопазир будани характери иҷтимоӣ далели зиндаи бо чашми реалистӣ дидани воқеият, нигориши реалистии образи инсони нав ва ҷойи вай дар ҷамъият мебошад. Накди адабии он давра ин ҳодисаро далели камолоти муҳокимаронихои ҷамъиятиву бадеии нависанда таъбир карда буд.

Ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ «Як ҳавзаи пурхун», А. Деҳотӣ «Доғи фарзанд», Б. Азизӣ «Подшоҳ-подшоҳ» ва ғайра зери таъсири ҳамин тамоюли мубориза зидди душмани синфӣ ва урфу одатҳои зарарнок эҷод гардидаанд. Шахсияти ҳикояи «Ғалаба»-и Ҷ. Икромӣ пойбанди эҳсосоти сирф синфӣ буда, кушта шудани ӯ аз ҷониби нависанда ҳамчун василаи қассос – заминасозии муборизаи синфӣ таъбир шудааст.

Нависандагон дар ин марҳила ба офаридани образи муосирони худ таваҷҷуҳи бештар доштаанд. Дар ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ «Ғалаба», «Ширин» ва «Як ҳавзаи пурхун», Б. Азизӣ «Никоҳи дилхоҳ», Ҳаким Карим «Кампир», «Вохӯрӣ», «Хостгорӣ», «Дар сари роҳ» ва ғайра ҳамин тамоюл чашмрас буда, нависандагон ба ҷои кушодани олами ботинӣ, ҳиссу ҳаяҷон, руҳия ва орзую омоли қаҳрамон ба нақли хушки саргузашти қаҳрамон пойбанд будаанд, ки яке аз он омилҳои коҳиш ёфтани савияи бадеии ҳикояи ин давра мебошад.

Хусусияти дигари ҳикояи ин марҳиларо интихоби мавзую масъалаҳо аз ҷониби нависандагон муайян менамояд. Масалан, агар Ҷ. Икромӣ асосан, ба тасвири масъалаҳои иҷтимоию ахлоқӣ таваҷҷуҳ карда бошад, Б. Азизиро мушкилоти маишӣ ва маънавӣ гирифтор доштааст. Омили

таҳрикбахш дар эҷоди ҳикоя ва фарогирии мавзуъҳо барои нависандагон асосан, мавзуи муборизаи синфӣ, макри душманони ақидатӣ, расму оини зарарнок ва куҳнапарастӣ будааст, ки таҳрикбахши ин ҷараён сиёсати вақт аст. Забони ҳикояи ин давра асосан, зери таъсири «ҷараёни сиёсии забонсозӣ», ки як навъ фосилагирӣ аз забони ноби форсии тоҷикӣ буд, шакл гирифта, бештар тобеи забони гуфтугуйӣ аст.

Замони Ҷанги ҷаҳонии дувум ба ҷараёни шаклгирии ҳикоя дар марҳилаи аввал таъсиргузор буд. Ҳикояи ин солҳо ҳам аз ҷиҳати мавзую масъалаҳо ва ҳам сохтори бадеӣ то ҷое ташаккул ёфта, нависандагон бештар ба амалу кирдор ва ҳастии маънии инсон таваҷҷуҳ карданд. Аз рӯйи хусусияти бадеиаш дар ин давра ҳикояи пуркашмакаш (сернизоъ) нуфуз пайдо карда, пеш аз ҳама, ғоя ва неруи зидди ҳамро тасвир ва таҳлил мекард. Воқеиятҳои замони ҷанг мавзую масъалаҳои тозаро низ ба миён кашид ва мавриди таваҷҷуҳи нависандагони ҳикоянавис қарор дод. Дар нахустин ҳикояҳои индавраинаи Ҷ. Икромӣ «Командир-амак», «Шинел», «Ҳадя ба Октябр», «Хандаи пас аз гиря», Р. Ҷалил «Телпакдӯз», «Комсомол», «Бобо ва набера», «Ҳодисае дар фронт», С.Улуғзода «Ҷонбозӣ», Ф. Ниёзӣ «Кабири ҳоитӣ», «Рӯймолча» ва Ҳаким Карим «Рӯймолча» воқеияти сарнавишти инсони ҷанговар ба тасвир омада, нишон додани сифатҳои умумихалқии қаҳрамонӣ дар мадди аввал қарор гирифта буд, ки дар бисёр мавридҳо боиси коста шудани ҷанбаи бадеии ин осор гардидааст.

Бо вуҷуди ин, дар ҳикояи ин давра фарогирии мавзую масъалаҳо, аз ҷумла дӯстии халқҳо тавсеа пайдо карда, инъикоси бадеии худро меёбад. Барои инъикоси ин мавзуъ шакли қолабии интихоби қаҳрамон – яке тоҷик, дигаре рус ё намояндаи миллати дигар расм гардида буд, ки намунааш Кабиру Соколов аз ҳикояи Ҷ. Икромӣ «Ҳадя ба Октябр», Султон Рустамзода ва Дорченко аз ҳикояи Р. Ҷалил «Ҳодисае дар фронт», Мухтор ва Павленко аз ҳикояи Ф. Ниёзӣ «Ҳаққи хун» ва Ҳамдамову Коля Двоянов аз ҳикояи С.Улуғзода «Атака» мебошанд. Нависандагон дар ин ҳикояҳо ба

василаи лавҳаҳои бадеӣ паҳлуҳои мухталифи дӯстии инсонҳои миллаташон гуногунро муҷассам сохтаанд.

Яке аз хусусиятҳои ҳикояи ин давра дар он зоҳир мегардад, ки нависандагон на хислатҳои фардии шахсият, балки нишон додани сифатҳои умумихалқии қаҳрамониро дар мадди назар гирифтаанд ва дар бештарин ҳолатҳо ба таърих, ба сарнавишти қаҳрамонони майдони ҷанг, мисли Неъмат Қарабоев, Исмоил Ҳамзаалиев, Домуллоҷон Азизов, Ҳодӣ Кенҷаев, Тешабой Одилов ва дигарон талмеҳ задаанд ва ба мушоҳидаи Ҷ. Бақозода «муаллифон барои ошкор сохтани хислатҳои фардии» шахсиятҳо накӯшидаанд. Ҷ. Бақозода ин тарзи тасвирро камбудӣ надониста, балки онро мувофиқ «ба тақозои принсипҳои бадеию ғоявии адабиёти замони ҷанг» [70, с.42] маънидод кардааст.

Баъди ҷанг, яъне аз нимаи солҳои чилум сар карда, принсипҳои бадеию эстетикии таҳқиқи мавзуи ҷанг ва ҳарбӣ-ватанхоҳӣ тамоман дигар мешавад. Масъалаи инсон ва ҷанг дар ҳикояи ин давра тафсири пурвусъат пайдо карда, ҳаводиси ақибгоҳро низ фаро мегирад. Агар дар ҳикояҳои Р. Ҷалил «Пахтакор», «Зан ва шавҳар», «Умри дубора», «Хешу таборҳо» ғайрату ҳиммати меҳнаткашони ақибгоҳ, дӯстии халқҳо, ки аз муҳимтарин масъалаҳои ҳикояи солҳои ҷанг буд, ба тасвир омада бошад, аввалин ҳикояҳои Толис «Катсо», «Писари ӯ» ва «Дар бӯрон» ғояи дӯстии халқҳо, тавоноии маънавии халқҳои Шуравӣ, фидокории онон барои ормонҳои ояндасози инсониро ба тасвир гирифтаанд. Ин гуна ҳикояҳо, пеш аз ҳама, ба таблиғи «эҳсосоти муфарреҳи иҷтимоӣ» - ободгарӣ дар ақибгоҳ пардохтаанд, ки низ зери таъсири сиёсати вақт шакл гирифта, дар тавсеаи мавзую масоили ҳикояи ин давра таъсиргузор будааст. Нависандагон аз мутаҳаррик будани табиати ҳикоя истифода карда, дар лаҳзаҳои ҳассос онро танҳо барои ифодаи дархостҳои замон ва сиёсати вақт ба кор гирифтаанд, ки яке аз сабабҳои коҳиш ёфтани хусусиятҳои бадеии ин жанр гардидааст. Маҳз аз ҳикояҳои Толис сар карда, қатъи назар аз баъзе умумигӯиҳо тадриҷан дигар шудани воситаҳои тасвир ва тарзу оҳанги

нигориш ба мушоҳида мерасад, ки дар роҳи инкишофи ҳикояи марҳилаи дувум таъсири бевосита дорад.

Дигаргуниҳои чашмрасе, ки аз нимаи солҳои панҷоҳум дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии кишвари Шуравӣ ба вуҷуд омад, ба равиши инкишофи адабиёт, аз ҷумла жанри ҳикоя низ бетаъсир набуд. Майлу рағбати нависандагон ба инъикоси масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ, шахсият ва сарнавишти инсон хеле қувват гирифт. Дар ин равиш миқдори осори насрӣ, аз ҷумла ҳикоя, ки дар он тадқиқи бадеии ахлоқи иҷтимоӣ мавқеи хос дорад, хеле афзуд. Ин равиши ҳунарӣ хусусияти асосии марҳилаи дувуми ташаккули ҳикояи тоҷикиро мушаххас месозад.

Хусусияти чашмраси марҳилаи мазкури ташаккули ҳикояро таваҷҷуҳи амиқи нависандагон ба ҳодисаҳо ва ҷузъиёти воқеияти ҳамарӯзаи дар назари аввал назарногир, хислат ва қисматҳое, ки зоҳиран ҷолиб нестанд, муайян ва мушаххас месозад. Дар ин давра нависандагон бештар мутаваҷҷеҳи тарафҳои воқеии муносибатҳои инсонӣ, рафтору кирдор ва мушкилоти дигари ахлоқӣ будаанд. Масъалаи асосии ин гуна ҳикояҳо амалу кирдори ахлоқии инсон буда, мушкилоти мавҷуди ахлоқии муҳити ҷомеа мавриди тасвир қарор гирифтаанд. Нависандагони ҳикоянависи ин даҳсола ба зоҳири воқеиятҳо ва ҳаводиси ҳаёти ҷомеа кам таваҷҷуҳ карда, дар замина дар асоси маводи ҳаётӣ мушкилоти ҳастии маънавии инсонро тасвир ва таҳлил кардаанд. Онҳо масъала нагузоштаанд, ки қаҳрамон чӣ гуна худашро дар ин ё он вазъият идора кунад, балки кадом асоси ахлоқӣ метавонад, зиндагии инсонро ҳифз кунад. Тамоюли амиқи ахлоқӣ равиши асосии инкишофи ҳикояи ин солҳоро шакл дода, моҳияти ҷустуҷӯҳои нависандагонро дар ин замина ормонҳои зебошиносӣ ва дарки бадеии мушкилоти иҷтимоиву ахлоқӣ мушаххас месозад.

Асосгузори ин равия дар ҳикояи тоҷикии марҳилаи дувум П. Толис ва Ф. Муҳаммадиев буда, дар марҳилаҳои баъдӣ низ ташаккул ва таҳаввул пайдо кардааст. Ҳар ду нависандаи он вақт ҷавон бо мавзую масоил ва қаҳрамонони худ ба арсаи эҷод омаданд, ки аксари онҳо ҳамовардони

худашон буданд. Дар инкишофи ин равияи ҳикояи ин давраи тоҷикӣ «аҳди очеркӣ» таъсиргузор будааст. Ба ифодаи А. Нинов, пухта расидани талаботи ҷомеа дар шинохти воқеиятҳои зиндагӣ жанри ёддоштиву ҳуҷҷатиро зинда кард [127, с.144] ва адабиёти тоҷик низ аз ин таҳаввулот наметавонист канор монад. Андешаҳову ҷустуҷӯҳо дар ин равиш гирди сарнавишти инсони муосир тоб мехӯрд. Дарки пурвусъати сабақҳои таърих синтези нави бадеиеро тақозо мекард, ки воқеиятҳои муҳимми ҳаёти халқ ва мушкилоти умумиинсониро умумият дода тавонад.

Ин равия дар эҷодиёти П. Толис ва Ф. Муҳаммадиев ва насри индавраинаи тоҷик фаъолияти очеркнависиро таҳаввул бахшида, омили аслии бавуҷудоии ҳикояи воқеӣ ва тахайюлӣ гардидааст. Ҳатто Толис зери таъсири ин ҷараён дар ҳикояҳояш сарнавишти қаҳрамонҳои воқеиро бо номи аслиашон фаро мегирад, ки ҳикояи «Имтиҳони аввалин» аз ин ҷумла аст. Ин ҳикоя маҳсули суҳбати тулонии нависанда бо коммунисти куҳансол, инқилобгари касбӣ Ҳайдар Усмонов мебошад. Нависанда дар ин ҳикоя бо ҷамъбастҳои бадеӣ чеҳраи инсони воқеиеро офаридааст, ки зиндагии душвор, пур аз талошу мубориза ва бонатиҷаро аз сар гузаронида, бо сифатҳои неки инсонӣ дар ёдҳо манзили абад кардааст. Толис баъди марги қаҳрамонаш ин ҳикояро «ба сари қабри коммунисти фидокор як гулдастаи ёдгорӣ» унвон кардааст, ки низ таъкид бар ғояи ҳикоя ва ормони муаллиф дорад. Толис дар ин ҳикоя воқеияти айнии сарнавишти шахси воқеиро ба тасвир гирифта, аз тасвири публитсистии ошкоро ва тарзи баёни очеркӣ даст кашидааст. Дар ҳикоя тасвири психологии амиқ моҳияти амалу кирдори қаҳрамонро ошкор сохта, тасвирҳои ҳиссӣ ва зебошиносӣ ҷанбаи бадеии онро афзоиш додаанд. Ба ин далел, нақди адабӣ ин ва образи чӯпонро аз ҳикояи «Лолачинӣ» яке аз характерҳои аҷиби адабиёти тоҷик дар нимаи солҳои панҷоҳум ба шумор оварда буд.

Хусусиятҳои хос, дастурҳои махсуси бадеию эҷодии психологӣ дар ҳикояи даҳаи панҷоҳ ва шастуми садаи бисти тоҷик бо ҳикояи «Муаллим»-

и Толис ташаккул ёфтааст. Ба мушоҳидаи саҳеҳи Ҷ. Бақозода Толис дар ин ҳикоя барои «тасвири симои маънавии қаҳрамон аз нақли зоҳирии воқеа, рафтору амалиёти персонаж даст» кашида, «ҳар як ҳаракат, ҷузъиёти портрет ва ҳаёт, муколама барои ботинан ошкор сохтани моҳияти характер, қисмати инсон ва мавқеи ҷамъиятии он равона» [68, с.181] гардидааст.

Ин таҷрибаро дар ҳикоянависии тоҷикӣ Ф. Муҳаммадиев бо аввалин ҳикояаш «Порчаи остин» ва ҳикояҳои «Мактуби дӯст», «Савдои умр» такмил бахшид. Толис ва Муҳаммадиев ба ҳикоя ба василаи тасвири пурмаъно вусъати маънавӣ бахшида, ин жанрро аз нақли хушки беҳадаф раҳоӣ бахшиданд.

Дигаргуниҳои сиёсие, ки нимаи солҳои панҷоҳ дар муҳити ақидатии Шуравӣ ба вуҷуд омад, тозагиҳое ба ҷараёни адабӣ низ ворид сохт. Зери таъсири ин ҷараён таваҷҷуҳи нависандагон ба мушкилоти маънавию ахлоқӣ, мавқеи шахсият дар ҷомеа ва сарнавишти инсон амиқ гардид. Толис бо ҳикояҳои «Духтар», «Лолачинӣ» ва Муҳаммадиев бо ҳикояҳои «Арзамас», «Роҳ», «Суди рафиқона», «Даъво» ва «Рӯзи дафни усто Оқил» нахуст қолабҳои суннатии таҳкияро шикастанд, сониян ба он таҳрики тоза бахшиданд.

Муҳаққиқон ҳикояи «Духтар»-и Толисро дар тадқиқи бадеии инсон қадами ҷиддӣ ҳисобидаанд. Нависанда дар ин ҳикоя ба василаи тасвири психологӣ зиндагии бемаънӣ ва камзарфи занеро нишон додааст, ки моҳияти ҳастиашро дар ҷомеаи инсонӣ дарк намекунад, саҳеҳтараш дарк кардан намехоҳад. Шахсияти аслии ҳикоя Саломат баъди фурсате аз фавти падар гузаштан ба зодгоҳаш меояд. Худи дар маросими дафни падар ширкат накарданаш суолбарангез аст. Ба ин суол суханони кинояомези модари Гавҳар – «духтари бобот-дия» посухи равшан, вале дарднок медиҳад. Посухро портрети зерини Саломат, ки нависанда кашидааст, такмил мебахшад: Саломат «дар бар куртаи крепдешини осмониранги ҳошияҳояш сурх дошта, миёнашро тасмаи занҷирмонанди кабуд печонида

гирифта буд. Дар гарданаш марҷони калон-калони каҳрабо. Дар гӯшаш гӯшвораи тилло, ки онро занон «ҳалқаи балдоқ» мегӯянд. Туфлиаш бо куртааш ҳамранг. Ва аз болои куртааш пилники катак пӯшида гирифта буд, ки вақти роҳ гаштани Саломат-апа хишир-хишир мекард» [71, с.182-183]. Толис бо ин тарзи чеҳранигорӣ симои аслии зани чиздӯсту сарватпарастро намудааст, ки ҳатто мотами падар барояш арзиш надоштааст. Қаҳрамони дигари ҳикоя Гавҳар, ки ҳанӯз хурдсол аст, ин «келинчаки фасон»-и «ин қадар хушрӯ»-ро аввал намешиносад ва танҳо ба зоҳири Саломат диққат медиҳад.

Муколамаи баъдӣ, ки миёни ин ду сурат мегирад, чеҳраи ботинии Саломатро барои Гавҳар мекушояд: бахусус, вақте Саломат падари худро «мумсики беимон» ном мебарад, Гавҳари хурдсол дигар тоқат накарда, ба Саломат хитоб мекунад: «худатон мумсики беимон!... Шумо духтари бобом не. Духтари бобом не!» Гавҳар аз шинохти ин зан ба ҳоле мерасад, ки дигар намехоҳад қабри падарро ба духтар нишон диҳад. Низои миёни ин ду ҳолати ботинии онҳоро хеле табиӣ ва таъсиргузор бозгӯ карда, ба ин васила чеҳраи инсонии ҳар кадомеро равшан таҷассум менамояд.

Пӯлод Толис ба воситаи чунин ҳикояҳояш саъй кардааст, ки ин жанрро аз шакли қолабӣ ва нақли хушк берун оварад. Ба андешаи М. Шукуров «Дар ҳикояҳои ӯ як равияи нав дар тасвири зиндагонӣ дида мешуд, ки иборат аз диққати махсусе ба олами ботинии инсон буд. Дар бисёр ҳикояҳо ба ӯ муяссар шудааст, ки ба воситаи амиқ сар фурӯ бурдан ба диалектикаи ҳиссиёти инсон образ ба вуҷуд оварад ва мавзуъро кушояд» [178, с.146].

Толис бо ин ҷустуҷӯҳояш ба ҳикояи тоҷикӣ руҳу равони тоза бахшида, онро василаи шинохти инсон ва кашфи олами ботиниву андешаю орои он қарор дод. Дар ҳикояҳои дигари ӯ ин равиш такмил ёфта, нависанда дар ошкор кардани хислатҳои инсон усулҳои таъсиргузор ва табииро ба кор мегирад, ки ҳикояи «Ёру ҷӯраҳо» намунаи он аст. Дар ин ҳикоя нависанда

ба воситаи тасвири бамуддао ҷараёни заволи ахлоқи инсонро хеле табиӣ ва образнок тасвир кардааст, ки дар он солҳо таҷрибаи аввал ва судманд буд.

Агар Толис бо ба кор гирифтани нақли шахси аввал ва корбурди кашмакаш (низоъ)-и табиӣ ҷараёни ташаккули ахлоқиву равонии инсонро ба андеша гирифта бошад, Ф. Муҳаммадиев бо тасвири воқеиятҳои пурҷило ва нақшҳои равшану сужети пурвоқеа, дасти пурқуввати дахолат ба вазъи иҷтимоӣ ва ахлоқии инсон доштааст. Илова ба ин, ӯ ровиеро вориди ин майдон сохт, ки худаш ҳувияти инсониву ахлоқӣ дошта, воқеиятҳо ва амалу кирдори муосиронашро холисонаву огоҳона арзёбӣ мекунад. Ф. Муҳаммадиев дар ҳикояи ин марҳила кошифи қазоваткунандаи ҳам худу ҳам дигарон буд ва ба ин васила равиши тозаи ташаккули ин жанрро асос гузошта, ба ҷараёни инкишофи марҳилаҳои баъдии он низ таъсир гузоштааст. Афзалияти дигари ҳикояҳои индавраинаи нависандаро парҳез аз фарогирии воқеиятҳои маъмулӣ ва тасвири симои шахсиятҳои қолабӣ, ки дар ҳикояи марҳилаи аввал нуфуз дошт, мушаххас месозад. Илова ба ин, нависанда бо шеваҳои тозаи шахсиятпардозӣ, бахусус шахсияти исто ва пӯё ҳикояи тоҷикиро рангубори дигаре бахшид. Инсон дар ин гуна ҳикояҳои нависанда мавҷуде пӯё ба тасвир омада, ҳаводис бар ӯ асар мегузорад ва ӯ низ бар ҳаводис таъсир гузошта, таҳаввул меёбад. Бо ин усули тасвир нависанда, пеш аз ҳама, таъсири вақоеъ ва тағйироти иҷтимоиро дар хусусиятҳои равонӣ ва ахлоқии инсон нишон додааст, ки дар ҳикоянависии тоҷикии он рӯзгор равиши тоза ва пурмоя буд.

Дар ин равиш яке аз ҳикояҳои нахустини нависанда «Савдои умр» бо фарогирии шахсиятҳои гуногун диққатангез аст. Нависанда дар ин ҳикоя хӯю хислати чанд шахсиятро тасвир карда, симои инсонии ҳар кадомеро мушаххас сохтааст. Тарзи шахсиятпардозӣ дар ҳикоя ба воқеият такя дошта, нависанда фақат гуфтаҳо ва амалу кирдори онҳоро ба риштаи таҳрир даровардааст. Ин гуфта чунин маъно дорад, ки мантиқи зиндагии шахсиятҳо ба нависанда иҷоза надодааст дар тасвири хӯю хислати онҳо

зеҳниятгарой ва сохтакорӣ кунад. Нақли суҳбатмонанди ровии огоҳ дар ин ҳикоя, ки ҳақиқатро бо тамоми ҷузъиёташ менамояд, муқоисаву мушоҳидаҳо зина ба зина тағйир ёфтани хислати шахсиятҳоро зери таъсири ҳаводиси иҷтимоиву ахлоқӣ ошкор месозад, ки табиӣ ва боварибахш ба қалам омадаанд. Ба ин тартиб, нависанда дар ҳикояҳои «Мактуби дӯст», «Савдои умр», «Арзамас», «Суди рафиқона», «Сози Мунаввар», «Даъво» ва «Рӯзи дафни усто Оқил» на ба вусъат ва паҳнои воқеот, балки ба умқи таҳқиқи бадеӣ ва ошкор кардани хислати шахсиятҳо талош кардааст.

Ф. Муҳаммадиев ба василаи ҳикояҳои ёдшуда, пеш аз ҳама, барои тозагии маънавиёт ва ахлоқи шоиста саъй намуда, масъалаи шинохти қадри инсонро матраҳ кардааст. Ҳайдарҷон қаҳрамони аслии ҳикояи «Мактуби дӯст» ҷавони хушахлоқу иродатманд ва заҳматписанд аст. Аммо Сорохон бо хӯю хислати нописанд дар муқобили ӯ қарор дорад. Тасвири чеҳраи шахсиятҳои ба ҳам муқобил аз вижагиҳои усули нигорандагии нависанда дар ҳикояи ин давра буда, дар марҳилаҳои сонӣ таҳаввули чашмрас пайдо мекунад. Кӯшиши дар ҳар санад дидани на ҳодисаи шахсиву тасодуфӣ, балки воқеиятҳои пураҳамияте, ки бо зиндагии инсонҳо пайванди ҳаматарафа доранд ва кӯшиши ба ягон тарзе нишон додани ин алоқамандӣ ва натиҷагирии судманди ахлоқӣ равиши асосии ҷустуҷӯҳои бадеии Ф. Муҳаммадиевро дар эҷоди ҳикоя муайян мекунад. Дар вақташ мавриди таваҷҷуҳи хонандагон қарор гирифтани ҳар ҳикояи тозаэҷоди муаллиф худ далели он буд, ки мавзую масъалаҳои тасвир кардаи ӯ ҷолибу диққатангезанд. Аз ин ҷиҳат, ҳикояҳои «Даъво» ва «Рӯзи дафни усто Оқил» дар марҳилаи мавриди назар монанд надоранд.

Ф. Муҳаммадиев дар ин ҳикояҳо «дар хусуси одамият, дар масъалаи ин ки инсони ҳақиқӣ кист ва асли инсоният дар рафтор ва фикру ҳиссиёти ӯ чӣ гуна зоҳир мешавад, амиқ ба мулоҳизаву андеша рафтааст. Вай, аз як тараф, ҷилваҳои гуногуни «дили одамият»-ро (ба гуфти устод Айнӣ), сифатҳои неки одамӣ, ҳиссиёти пок ва олии инсониро як-як аз назар

мегузаронад, ҳусни рафтори одамони асилро падид меорад, бузургии руҳи одамизод ва дили наҷиби ӯро нишон медиҳад. Аз тарафи дигар, падидаҳои гуногуни пастию ноодамӣ, бахилию хасисӣ, дили урёни дур аз наҷобатро низ муфассалан аз таҳқиқ гузаронида, маҳкум менамояд» [179, с.148-149].

Дар ҳикояи «Даъво» нависанда масъалаи ахлоқи поки инсониро ба миён гузошта, муҳимтарин хислатҳо ва мақсаду мароми «паҳлавони навбаромад Муҳаммадмуроди ҳангоматалаб» ва «Аҳмадбеки солхӯрда»-ро нишон медиҳад. Дар ҳикояҳои «Даъво» ва «Рӯзи дафни усто Оқил» ба нависанда муяссар шудааст, ки ба шахси алоҳида ва характери ҷудогона аз назари халқ ва дидгоҳи идеалҳои ахлоқи суннатӣ баҳо диҳад. Нависанда дар эҷоди ин гуна ҳикояҳо пойбанди меъёрҳои халқии ахлоқ буда, ба ин васила ба таҳқиқи бадеии масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ ва шахсиятҳои гуногун даст ёфтааст. Ин равиши ҷустуҷӯҳои бадеии ӯ дар ҳикоянависии солҳои шастум ҳодисаи диққатангез ва муҳим ба шумор меояд, ки баъдтар пайравоне низ доштааст.

Дар солҳои шастум як гурӯҳ ҳикоянависҳои ҷавон саъй кардаанд, роҳу равиши наверо, ки дар эҷоди ҳикоя ба вуҷуд омада буд, идома диҳанд. Назари ин нависандагон ба олами ботинӣ ва сарнавишти ибратомӯзи инсоне мутамарказ шуд, ки моҳияти ҷараёнҳои ҳаёти ҷомеаро дар худ ифода мекард. М. Хоҷаев бо ҳамин роҳ ба эҷоди ҳикоя пардохт. Яке аз ҳикояҳои аввалини ӯ «Парвин» (номи қаблиаш «Шиносоӣ» буд), ки қаҳрамонаш пиразани рӯзгордида аст, назари воқеъбини нависандаро ба сарнавишти инсони тозахисол ошкор мекунад. Дар ҳикояи дигари нависанда «Вақти имтиҳон буд» масъалаи тағйири шуури инсон зери таъсири воқеиятҳои пешрафтаи ҳаёти ҷомеа ба муҳокима кашида шудааст. Қаҳрамони ҳикоя Аҳмадҷон-бойбачаро воқеияти зиндагӣ ба роҳи дигар ҳидоят мекунад. Аз тасвири нависанда тадриҷан дигар шудани хӯю хислати шахсияти ҳикоя ошкор мешавад. Шахсияте, ки ҳеҷ гуна пешрафт ва навиро қабул надошт ва ҳатто ба сари муаллимаш қамчин бардошта нагузошта буд, ки духтараш дар мактаби нав хонад, акнун мехоҳад, наберааш Зарифа

дар мактаби олии пойтахт таҳсил кунаду соҳиби касб шавад. Дар мисоли таҷрибаи эҷодии М. Хоҷаев метавон хулоса кард, ки дар солҳои шастум нависандагон ҳанӯз зери таъсири сиёсати иҷтимоии ҳизб, ки авлавияти низомро дар пешрафти ҷомеа тарҷеҳ медод, қарор доштанд ва табиист, ки ҳанӯз дидгоҳҳои сиёсӣ раҳнамои нависандагон дар шинохт ва арзёбии воқеият буд. Ин тарзи нигориш дар ҳикояи ин давра бештар барои ошкор кардани тарафҳои мусбати сохти ҷомеа талош дошт. Сарнавишти Михаил Зошенко ва Анна Ахматова касеро намегузошт, ки аз ҷараёни марказонидашудаи адабиёт берун равад. Нависандагони тоҷик низ дар ин давра ҳанӯз зери таъсири вазъи тарсовар ва тобеияти беқайду шарт эҷод мекарданд, ки омили аслии аз ҷиҳати бадеӣ коҳиш ёфтани ҳикояи ин марҳила мебошад. Дар ин марҳила ба ҷуз Сорбон касеро намебинем, ки ҳодисаи ҳаётро берун аз хости сиёсат тасвир карда бошад. Сорбон ин корро дар ҳикояҳои «Хокистари ишқ» ва «Гулзамон» кард ва нақди адабӣ «дарки иҷтимоии ҳиссиёту ҳаяҷони инсон, фикру ақида ва ҷидду ҷаҳди ӯ»-ро аз ҷониби нависанда «хира ва тахминӣ» унвон кард [183, с.76].

Ба ин тартиб, солҳои панҷоҳу шаст зинаи нави ташаккули жанри ҳикоя ва шаклу навъҳои тоза пайдо кардану мушаххас гардидани хусусиятҳои хоси ин жанр буда, дар пешрафти он саҳми Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Пӯлод Толис, Ф. Муҳаммадиев ва Муҳиддин Хоҷаев назаррас аст.

Даҳсолаҳои 70-ум ва 80-уми асри бистро метавон давраи нав ва пурбортари ташаккули ҳикояи муосир унвон кард. Ҳикояи ин давра дар фарогирии масъалаҳои асосии ахлоқи иҷтимоӣ хеле фаъол гардида, аз ҷиҳати бадеӣ низ ташаккул меёбад. Хусусан, ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев, Ӯ. Кӯҳзод, Сорбон, С.Турсун, А. Самадов, Б. Фирӯз, Баҳманёр, Ҷ. Акобиров, С.Раҳимов (С.Раҳимзод) ва нафарони дигар ба дараҷаи кофӣ ҳунармандона буда, масъалаҳои муҳимми маънавӣ ва иҷтимоиву ахлоқиро ба муҳокима гузоштаанд. Хусусияти асосии ҳикояи ин марҳиларо кашфи ҳақиқат,

биниши моҳиятҷӯи иҷтимоиву фалсафӣ, шахсиятпардозии воқеъбинона ва усули табиии тасвири бадеӣ ташкил медиҳад.

Ф. Муҳаммадиев ҷустуҷӯҳои қаблии худро идома дода, бо ҳикояҳои «Шаби сеюм», «Хиёбони Нодир», «Тамошо», «1:0» ва «Ҷага» таҷрибаҳои солҳои шастуми худро такмил бахшида ва дар эҷоди ҳикоя на ба вусъат ва паҳнои воқеот, балки ба умқи таҳқиқи бадеӣ, ки таҷрибаи ҳикоянависиаш илқо мекард, гаравид. Бо ҳикояҳои зикршуда Ф. Муҳаммадиев дар ҳикояи ин марҳила ҷараёни фаъоли ахлоқии равоншинохтиро асос гузошт ва такмил бахшид, ки минбаъд дар ҳамин равиш беҳтарин ҳикояҳои Ӯ. Кӯҳзод, Сорбон, С.Турсун, А. Самадов, Баҳром Фирӯз, Баҳманёр, С.Раҳимзод ва дигарон ба майдон омаданд. Ин ҷараён на фақат бо вусъат ва гуногунии масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ, ки нависандагон ба тарзи бадеӣ инъикос намудаанд, балки, пеш аз ҳама, дар ҷустуҷӯ ва таъйиди меъёрҳои собит ва дарунмояи иҷтимоиву ахлоқӣ зоҳир шуда, ба ин васила ҷаҳони мураккаби пуртазоди муносибатҳо ва сарнавиштҳои пурвоқеаи инсониро бо тасвири комил ва ҳамоҳанг муҷассам сохтаанд. Тасвир ва таҳлили бадеии воқеиятҳои зиндагӣ ва сарнавишти инсонҳо дар ҳикояҳои Ӯ. Кӯҳзод «Пули ларзон», «Каси якка дар кӯҳ», «Тахти равон ва тахтбардорон», Сорбон «Гап дар дил», «Чароғи сиёҳ», «Кабӯтари сафед», «Девонахона», «Инсон», С.Турсун «Мӯйсафедон», «Раис», «Думбра», «Васият», «Нисфирӯзӣ», Баҳром Фирӯз «Бобо», «Ҳақиқати талх», «Шаҳрӣ», «Як рӯз не, як рӯз», «Кабкҷанг», «Падар ва писар», «Пайи ситора», А. Самадов «Сафеду сиёҳ», «Мурофиа», «Пиёлаи шикаста», «Дармонҷӯ», «Ҷигарсӯхта», Баҳманёр «Чашмаи ният», «Вақти гули бобуна», «Гавазни чанбаршохи ман», «Ғули кӯҳистон», С.Раҳимзод «Аз ёдҳо-аз ёдҳо», «Дурӯғи сафед», «Руф», «Аз розҳо, аз розҳо», «Васвасаҳои Зикривайҳ» ва ғайра улгӯи мушкилоти анъанавӣ ва тоза бо вазъиятҳои нотакрор ва дар як вақт азалӣ буда, ҳақиқати меъёрҳои мавҷуди иҷтимоиву ахлоқиро ё таъйид ё рад мекунанд. Чунин ҳикояҳо ба сурати таҷрибаи

бадеии иҷтимоиву ахлоқӣ ироа шудаанд, ки равиши тоза ва судманд дар ҳикоянависии ин марҳила мебошад.

Солҳаи навадуми садаи гузашта ва баъди он ки замони истиқлолияти кишварро низ дарбар мегирад, марҳилаи нави ташаккул ва таҳаввули ҳикояи тоҷикӣ аст. Тағйироти сиёсӣ ва иҷтимоие, ки солҳои навадум ва баъди он дар Шуравии собиқ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол ба вуқуъ пайваст, мавқеи нависандагонро дар шинохт ва тасвири воқеиятҳо тағйир дод ва заминаро барои таҳаввулоти тозаи ҳикояи тоҷикӣ ба вуҷуд овард. Муҳим он буд, ки дигар дар эҷоди ҳикоя фикру ҳисси нависанда зери фишори чорчӯбаи расмӣ, «супориши иҷтимоӣ» ва талаботи сиёсии ҳизбӣ қарор надошт. Ин равиш омили аслии таҳаввули мундариҷавӣ ва ҳунарӣ дар ҳикояи ин давра мебошад, ки баъзе хусусиятҳои онро мухтасар зикр мекунем. Нависандагон бе тобеият ба иҷтимоиёт ва дастури боло дар ҳикоя масъалаҳои ахлоқиву фалсафӣ ва маънавиро, ки пеш аз ҳама, ифодакунандаи ормонҳои миллӣ аст, тасвир мекарданд. Андешапарварӣ ва ҳадафиислоҳотхоҳона дар ҳикояи ин давра нуфуз пайдо карда, бемаънавиятӣ, фасоди ахлоқ, бегонапарастӣ ва дигар тамоюлҳои манфии бо ормонҳои миллӣ бегона маҳкум карда мешуд.

Дар ҳикояи ин давра ахлоқи иҷтимоӣ ва маънавияти меросӣ маҳаки меҳварӣ қарор гирифта, усули тасвир низ такмил пайдо кард. Шакли рамзиву шартӣ ва афсонавию устураӣ низ василаи баёни андеша қарор гирифт, ки равиши тозаи зебошиносиро таҳким бахшид ва дар эҷодиёти Ӯ. Кӯҳзод, Сорбон, А. Самад, Баҳманёр, С.Раҳимзод, Ҷ. Акобир, Ю. Юсуфӣ ва баъзе нависандагони дигар зуҳур кард. Дар ин давра, дар ҳикоя фарогирӣ ва бозофаринии розу ниёзи милливу инсонӣ, ки заминагузораш истиқлолияти кишвар аст, нуфуз пайдо карда, омили тақвиятёбии махсусиятҳои миллии адабиёт гардид. Ба ифодаи дақиқтар, дар ҳикояи ин давра тамоили худогоҳию худшиносии қаҳрамон ривоҷ ёфта, сарнавишти таърихиву имрӯзӣ ва фардоии миллат мавриди таваҷҷуҳи нависандагони ҳикоянавис қарор гирифт. Дар мисоли баъзе ҳикояҳои китоби Ӯрун Кӯҳзод

«Гардани ғам бишканед», Сорбон «Мағзрезаҳо», А. Самад «Ёр дар бари ёр», Баҳманёр «Сармаддеҳ» ва Ҷ. Акобир «Таронаи нигоҳ», Ю. Юсуфӣ «Дӯлона» ва «Ҳуҷҷат» метавон хулоса кард, ки дар ҳикояи ин давра тамоюли офаридани образи синтетикии бадей ва ба ин васила, ҷанбаи ғоявӣ ва ҳиссии онро афзудан ифодакунандаи ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагони ҳикоянавис ва усулу шаклҳои нави таҷассуми бадеии воқеият мебошад. Бархӯрди озодона ба тасвири воқеиятҳо ва «нақли озодона» ҷараёни мусбатест, ки зери таъсири он таҳаввули сужет, мундариҷа ва сохтор дар ин жанри хурд чашмрас буда, аз марҳилаҳои қаблӣ тафовути ҳунарӣ дорад.

Ба ин тартиб, пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули ҳикояи тоҷикӣ чаҳор марҳила, яъне солҳои бистуму чилум, панҷоҳуму шастум, ҳафтодуму ҳаштодум, навадуми садаи гузашта ва замони истиқлолро дар бар гирифта, дар шаклгирӣ ва таҳаввули хусусиятҳои сохторӣ ва мундариҷавию ғоявии ҳикояи ҳамаи марҳилаҳо нақши шароитҳо ва вазъиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ таъсиргузор будааст. Тафовутҳои инкишофи ин жанр ва хусусиятҳои бадеии онро дар ҳар марҳила ҷустуҷӯҳои хоси ҳунарӣ ва фардияти эҷодии нависандагони ҳикоянавис муайян месозад. Яке аз омилҳои заъфи ҳунарӣ дар ҳикояи ҳамаи давраҳо воқеанигории маҳз буда, ин камбудиро майлу рағбат ва ҳунари нависандагони боистеъдод дар инъикоси масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ, дунёи маънавии шахсият ва сарнавишти инсони пӯё ислоҳ намуд ва дар марҳилаҳои охир омили аслии бавуҷудоӣ ва инкишофи ҳикояи асил гардид, ки маҳаки меҳварии он ахлоқи иҷтимоӣ ва маънавиёти меросӣ қарор гирифт ва усули тасвир низ таҳаввул пайдо кард.

## 1.2. Ҳикояи реалистӣ ва қонуниятҳои жанрии он дар насри муосир

Аз замоне ки реализм дар адабиёти мо ҷорӣ гардид, ин истилоҳ дар мафҳуми ихтисосии он ба маънии диққат ва баён дар таъкиди бозофаринии ҷузъиёти зиндагӣ дар осори бадеӣ ба кор рафтааст. Аз ин ҷиҳат, анъанаи реализм дар Шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон бо ишора ба рукнҳои аслии «реализми сусиёлистӣ» мушаххас гардида ва шинохта мешуд. Нақди шуравӣ реализми сусиёлистиро воҷиди чаҳор рукн донистааст: а) мардумгароӣ (narodnost); б) синфигароӣ-навъӣ ё типӣ (tipichnost); в) маслакгароӣ (ideinost); г) ҳизбгароӣ (partiionst).

Мардумгароӣ ҳарчанд ифодакунандаи моҳияти реализм низ ҳаст, амалан нозир бар ҷанбаи берунии реализм буда, илқо мекунад, ки осори адабӣ ба наҳви оммаписандонаи сода ва ба шеваи анъанавӣ равшан ва фаҳмо бошад (бар хилофи формализм, ки фаҳми осори адабиро душвор мекунад). Маслакгароӣ ва ҳизбгароӣ нозир бар муҳтавои идеологии «реализми сусиёлистӣ» ва тарвиҷи бечуну чарои сиёсатҳои ҳизби комунист аст. Воқеан, ҳамон тавре ки мардумгароӣ баёни фарққунандае аз маънои ихтисосии реализм дар урфи ом аст, маслакгароӣ ва ҳизбгароӣ низ такомули ҳамон ақоиди инқилобӣ ва идеологие аст, ки дар тули солҳо раҳнамои адабиёти шуравӣ қарор гирифта буд. Рукни чаҳоруми реализми сусиёлистӣ синфигароӣ, яъне типӣ ё худ навъӣ будани тарзи тасвир буда, ба таъбири Фридрих Энгелс таҷассуми «шахсиятҳои типӣ дар мавқеиятҳои типӣ» аст.

Нависандагони тоҷик аз аввал дар эҷоди ҳикояи реалистӣ зери таъсири бевоситаи назарияи реализми сусиёлистӣ ва тарзи нигориши нависандагони рус қарор доштанд ва дар пайравӣ ба он эҷод мекарданд. Бинобар ин, қонуниятҳои жанрии ҳикояи тоҷикиро аз ибтидо тарзи реалистии тасвир муайян ва мушаххас менамуд. Ба далели он ки ҳикояи реалистӣ дар заминаи зот ва хислат шевае аз зиндагиро бар ҳасби зот ва хасоиси шахсиятҳо ба вуҷуд меоварад, ҳикояи тоҷикиро метавон маҳсули

ду суннати мутафовит – ҳикояи маътуф (мансуб) ба ҷомеа ва маътуф (мансуб) ба шахс донист.

Ҳикояи реалистии маътуф ба ҷомеа мушоҳидаҳо ва тавсифоти дақиқе аз зиндагии ҳамагонӣ дорад. Ҳикояи маътуф ба шахс бошад. мушоҳида ва тавсифи дақиқеро аз ашхос (афрод) матраҳ мекунад. Ин ду суннати ҳикоянависӣ дар таҷрибаи нависандагони тоҷик, ба хусус дар марҳилаҳои якуму дувум камбудӣ ҳам дошт, зеро шеваи зиндагӣ на мубтанӣ бар ҳамагон (тӯдаҳо)-ст ва на бар фард, балки фароянде аст воҳид ва таҷзиянопазир.

Накди адабӣ дар давоми солҳо ва имрӯз ҳам байни ҳикояҳои маътуф ба ҷомеа ва маътуф ба шахсият тафовут дида, дар воқеъ онро табиӣ ба ҳисоб меоварад. Ҳоло мо сари иллатҳои ин суннат баҳс накарда, доир ба навъ ва хусусиятҳои ин ду усули ҳикоянависӣ дар асоси таҷрибаи нависандагони тоҷик дар марҳилаҳои гуногун баъзе мулоҳизаҳоро баён медорем.

Бештарин ҳикояҳои тоҷикии маътуф ба ҷомеа дар марҳилаҳои аввал (солҳои бисту чил) ва дувум (панҷоҳу шаст) эҷод шудаанд. Ҳикояҳои маътуф ба ҷомеа, ки дар ин давра эҷод шудаанд, ду навъи умдаанд. Нахуст, ҳикояи тавсифии маътуф ба ҷомеа, ки дар аксар маврид ҳукми ҳикояи мустанадро дорад. Ин навъи ҳикоя дар дараҷаи аввал шеваи ҳамагонӣ барои зиндагӣ (ба иборати дигар, ҷамоате хос) ба вуҷуд меоварад. Албатта, чунин ҳикоя воҷиди шахсият низ ҳаст ва гоҳ-гоҳ дар он шахсиятҳояш бисёр дақиқ тасвир шудаанд. Вале дар бораи ин қабил ҳикояҳо метавон гуфт, ки агар касе хоҳад бо наҳваи зиндагии пахтакорон ё муаллим ошно шавад ё бидонад, ки дар як колхоз ё мактаб чӣ мегузарад, ин қабил ҳикояро бояд бихонад.

Аввалин ҳикояҳои тавсифии тоҷикии маътуф ба ҷомеа зери таъсири ҷараёни фарогири реализми сотсиалистӣ ба вуҷуд омада, асоси онҳоро материалҳои ҳуҷҷатӣ ташкил мекард ва ба ин маънӣ онҳо ба очерк наздик буданд. Ҳикояҳои «Сухан ба ман»-и Ҷ. Икромӣ ва «Латиф Қутил»-и Ҳ.

Карим, ки дар асоси материалҳои ҳуҷҷатӣ навишта шудаанд, чунин қонунияти жанрӣ доштанд. Асоси онҳоро сужети муайяни аз ҳаёт гирифташуда, ки унсурҳои қавии бадеӣ ва тасвири психологӣ надошт, ташкил медод. Ҳикояҳои Толис «Студентҳо», «Воқеаи одӣ» ва «Имтиҳони аввалин» низ аз ҳамин қабил буданд. Дар ҳикояи Ҳаким Карим шеваи зиндагӣ ва фаъолияти ҷамоате хос (студентҳо, ҳаёти комсомол ва афсари касбӣ) тасвир шудааст, ки хоси суннати ҳикояи реалистии маътуф ба ҷомеа дар он рӯзгор буд. Ин суннати ҳикоянависии реалистӣ дар аввалин давраҳои шаклгирии ин жанр қонуниятҳои инкишофи онро муайян мекард. Албатта, мулоҳизаҳои боло маънии пурра инкор кардани арзиши чунин ҳикояҳоро надорад. Дар ин замина мо бо ҳикояҳои мустанаде низ вомехӯрем, ки (намунаи барҷастааш ҳикояи дар боло ёдшудаи Толис «Имтиҳони аввалин» мебошад) масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва ахлоқиро ба миён кашидаанд ва арзиши таълимӣ ҳам доранд. Бо нигоҳи воқеъбин дидан ва ба тасвир кашидани масъалаҳои аҳамияти ҷамъиятидошта хусусияти жанрии ҳикояи тавсифии маътуф ба ҷомеаро ба таври мушаххас муайян мекунад.

Аммо равшан аст, ки чунин ҳикояҳо чӣ камбудӣ доранд: шахсиятҳо дар ин гуна ҳикояҳо дар дараҷаи аввал пахтакор, муаллими мактаб ва ё афсар ҳастанд; ба ибораи дигар, шахсиятҳо шевае аз зиндагиро инъикос менамоянд. Ҳамон тавре ки пеш аз ин тавзеҳ додем, дар чунин ҳикояҳое бар ин ҷанба таъкид гузошта мешавад, ки шахсиятҳо бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ ва дар айни ҳол, ҳар кадом бахше аз як шеваи зиндагианд. Чунин ҳикояҳо ба ин далел камбудӣ надоранд. Дар миёни чунин навъҳои ҳикоя беҳтарин намунаҳои ин навъи хос (ҳикояи тавсифии маътуф ба ҷомеа) зоҳиран бештарин шабоҳатро ба он чи ки мо ҳикояи реалистӣ гуфтем, доранд, аммо фарқи ҷиддии ин ду ҳангоми хонданашон комилан ошкор мешавад: дар воқеъ, коркарди иҷтимоии тавсифӣ дар чунин ҳикояҳои тавсифии маътуф ба ҷомеа авлавият дошта, ҷанбаи бадеии онро коҳиш

додааст, ки мутаассифона, дар ҳикояи реалистии тоҷикӣ то ҷое суннат ҳам шудааст.

Ҳикояи реалистии тоҷикии муосирро мо ба ҳикояи маътуф ба ҷомеа ва маътуф ба шахс тақсим кардем. Ҳикояи реалистии маътуф ба ҷомеа дар айни замон, аз ҳикояҳои мустанади иҷтимоӣ ва формули иҷтимоӣ иборат мебошанд. Бояд гуфт, ки чунин ҳикояҳоро дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи ҳикояи тоҷикӣ метавон дучор шуд, вале дар марҳилаҳои савуму чорум хусусияти тозаи жанрӣ пайдо карданд. Ин нукта низ марбут мешавад ба ҳикояи маътуф ба шахс ва тақсими мушобеҳи он ба ҳикояи мустанад ва шакли иҷтимоии он. Бархе аз беҳтарин ҳикояҳои муосир робитаи ашхосро бо диққат ва борикбинии хос тавсиф мекунанд. Чунин ҳикояҳо қонуниятҳо ва равишҳои тозаи инкишофи ин жанри реалистиро нишон медиҳанд, ки шеваи нигориш ва муҳтавояшон низ дар асл яксон аст. Ҳикояҳои Сотим Улуғзода «Марги ҳофиз», Ф. Муҳаммадиев «Рӯзи дафни усто Оқил», Ӯрун Кӯҳзод «Достони муаллим», Сорбон «Гап дар дил», Саттор Турсун «Мӯйсафедон», Баҳманёр «Оҳубарра», Ҷ. Акобиров «Кӯҳбарой осон нест», С.Раҳимов «Аз ёдҳо аз ёдҳо» ва монанди инҳо вазъи ҷомеаи воқеиро бо тасвири ниёзҳои шахсиятҳо матлуб ва хушоянд ҷилва медиҳанд.

Дар ин гуна ҳикояҳо он чӣ тавсиф мешавад, вазъи ҷомеа ё наҳваи зиндагии мардум аст, вале дарунмояаш бо мақсади фаро гирифтан ва рӯшан кардани тасвири фардияти шахс аст, на қаламрави зиндагии ӯ. Заминаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии ҳикояҳои ёдшуда намунаи хуби ин тарзи нигориши реалистона аст: воқеаҳои ҳикояҳо дар куҷое ки гузаранд, миёни онҳо вижагиҳои муҳимми муштараке ҳаст, балки иборат аст аз он чӣ шахсиятҳо ва ахлоқи онҳо илқо мекунад. Дар ҳикояи реалистии маътуф ба шахс шахсиятҳо муаррифгари ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаанд ва дар ҳикояи тавсифии маътуф ба ҷомеа нишондиҳандаи ҷанбае аз шахсиятҳост. Ҳамон тавре ки гуфта шуд, дар равиши мавриди назар, ҳам зиндагии воқеии ҳамагонии (типии) мардум ва ҳам ашхоси ҷудогона

мутлақ талаққӣ шудаанд, ки намунааш шахсияти қаҳрамонони ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев «Даъво» ва «Рӯзи дафни усто Оқил» аст.

Дар ин ду ҳикоя Ф. Муҳаммадиев чизеро, ки вуҷуд дорад, баён намекунад, балки он чиро ҳадафи баён қарор додааст, ки ба унвони таҷаллии қавонини тағйирнопазири зиндагӣ метавонад вуҷуд дошта бошад. Ҳақиқати нуҳуфта дар иможи ҳунарӣ натиҷаи типсозӣ аст, бидуни таъмим, ҳунар наметавонад, бо зиндагӣ татобиқ дошта бошад, итбоқи натуралистии имож бо воқеият сабаб мешавад маънии амиқи ҳақиқат канор гузошта шавад, ҳақиқат аз даст меравад ва тақлиди ҳақиқат боқӣ мемонад.

Дар ҳар ду ҳикояи зикршуда ҳақиқатро нависанда бо усули муҳташам ва муҷассами типсозӣ тасвир карда, ба ин васила маънии амиқи ахлоқии онро ошкор намудааст. Қаҳрамони ҳикояи «Даъво» ду шахсият – ду нафар паҳлавон мебошанд. Яке Аҳмадбек, ки «барояш паҳлавонӣ на зӯроварӣ, балки як нишона аз ҷавонмардист» [119, с.157]. Дидгоҳи ин паҳлавон нисбат ба ҳунараш ахлоқӣ ва суннатӣ мебошад. Вале Маҳмадмуроди ҷавон типи дигар аст. Вай шахси худхоҳ ва дур аз суннатҳои ахлоқӣ буда, ғолибияташро дар муқобили Аҳмадбек мардум намеписанданд ва ҳатто «муттаҳам»-аш унвон мекунанд. Ҳикояи «Рӯзи дафни усто Оқил» паҳлуи дигари хулқу хӯй ва амалу кирдори инсони ҳунарманд, вале ноодамро ба таври воқеӣ таҷассум кардааст, ки таъкид ба авлавияти одаму одамгарӣ дорад.

Дар ҳар дуи ин ҳикояҳо, ки маътуф ба шахс ҳастанд, нависанда меъёрҳои суннатии ахлоқи солимро маҳаки эътибор қарор дода, дар ин замина масоили тезу тунди иҷтимоиву ахлоқӣ ва мавқеияти шахсиятро дар гирудорҳои зиндагӣ ҳақиқатшиносона тасвир кардааст. Кайфияте, ки дар аъмол ва амалу кирдори шахсиятҳои ин ду ҳикоя вуҷуд дорад, сохте қобили қабул аз воқеиятро дар назар ва зеҳни хонанда шакл медиҳад ва далели ҳунари нависанда дар шинохти ҳақиқати шоеъ аст.

Албатта, бояд дар назар дошт, ки ҳикояҳои маътуф ба шахс, ки дар онҳо нависанда мавзуи хосеро интихоб мекунад ва мавриди таваҷҷуҳи худ қарор медиҳад, арзишманд ҳастанд, зеро таҷрибаҳои муҳимми бешуморе вуҷуд доранд, ки сирф шахсӣ буда, нависанда метавонад ба наҳви бисёр ҷолиби таваҷҷуҳе ба тасвири онҳо пардозад. Ҳамин гуна таҷрибаи шахсиро Кӯҳзод дар ҳикояҳои «Достони муаллим» ба кор гирифтааст, ки дар масъалаи дарки унсури иҷтимоӣ дар зиндагии шахс аз бисёр ҷиҳат ҷолиб мебошад.

Ҳикояи «Достони муаллим «аз андешаҳои шахсияти аслӣ»-и як муаллим ва фидоии маорифи халқ» ба ҳам омада, «аз он фикру хаёлҳое иборат аст, ки ӯ дар дами марг, дар остонаи ба ҳалокат расиданаш аз дасти босмачиён» [183, с.34] сари онҳо ба қазоват рафтааст. Нависанда дар пардохти шахсияти муаллим аз шарҳу тавзеҳи мустақим кор гирифта, ба василаи шарҳу таҳлил аъмол ва афкори шахсияти аслии ҳикояро ба хонанда муаррифӣ мекунад ва аз зовияи диди фардӣ дар ҳикоя хусусиятҳо ва хислатҳои шахсиятҳои дигарро низ мушаххас месозад. Муваффақият дар ироаи сареҳи шахсиятҳои ин ҳикоя, пеш аз ҳама, баста ба хусусиёти шахси ровӣ ё вижагиҳои ҳунарии нависандаи огоҳ аст. Ин ҳикоя бо чунин равиш навишта шудааст ва шахсиятҳои он ба василаи нависандаи огоҳи ҳамадону ҳамабин бо шарҳу тафсир ироа шудаанд. Ба ин қитъа аз ҳикояи «Достони муаллим» «таваҷҷуҳ кунед»: Шахс дар ин деҳа озодии комили рафтор надошт, кори дилхоҳи худро озодаву дилпурона ба амал баровварда наметавонист: ҳамеша дар зери тазйиқи бори назорату надомату таънаи атрофиён меистод-мулоҳиза домангираш буд, ки кунам чӣ шаваду накунам чӣ шавад? Ҳар як фард худро ҳақдор мешуморид ба кори шахси дигаре дахолат кунад ва дар ҳар кор бартарӣ доштани худро таъкид карда истад. Дар айни ҳол, ҳамаи ин «даъвоҳо» аз доираи одоби мутеона берун намебаромад. Хулоса, расму одатҳои мардуми Хунукчашма монанди ҳотаҳои назди ҳавлиашон, монанди заминҳои корами порча-порчаи адирҳо

ва ниҳоят. монанди косагии байни кӯҳҳо, ки деҳа воқеъ гардидааст, доираи маҳдуде дошт» [14, с.19].

Ӯрун Кӯҳзод ба воситаи андешарониҳои қаҳрамон, ки дар ҳикоя тулонист, унсури иҷтимоии зиндагии шахсияти ҳикояашро таъйид ва онро ҳамчун яке аз муҳимтарин воситаҳои кушодани хислати шахс ба кор гирифтааст. Нависанда дар ҳикоя масъалаи шахс ва ҷомеаро ба миён гузошта, бештар он омилҳоеро, ки монеи пешрафти шахсияти инсон мешаванд, ба таҳқиқ гирифтааст ва роҳи ҳалли онҳоро низ нишон додааст.

Ағлаби ҳикояҳои тавсифии маътуф ба шахси Ӯрун Кӯҳзод, ба рағми маҳдудиятҳое, ки ин жанр дорад, дастоварди муҳимме дар ҳикоянависии имрӯзаанд. Аммо зоҳиран гароишҳои иҷтимоъгароёнаи маҳз дар он кам-кам ба гунаи дигари ҳикояи маътуф ба шахс, яъне ба ҳикояи формули шахсӣ табдилаш мекунанд. Дар ин навъи ҳикоя низ мисли ҳикояи формули иҷтимоӣ, улгӯи хосе аз кулли таҷрибаҳои инсонӣ берун меоянд ва сипас бар мабнои он улгӯ, ашхос (на ҷомеа) халқ мешаванд. Бо истифода аз ин шева ҳикояҳои пурмоя ва дар навъи худ арзишманде низ эҷод шудаанд, ки намунаҳои онро мо дар эҷодиёти С.Турсун, К. Мирзоев, Ҷ. Акобир, Р. Ёрмуҳаммад, М. Бобоҷон, З. Ғулом, А. Олим, М. Тоҳир, С.Ҳасанзод ва баъзе нависандагони дигар мушоҳида кардем. Воқеият дар тасвири нависандагони ёдшуда, пеш аз ҳама, баёнгари унсури иҷтимоиву ахлоқии зиндагии шахсият аст, ки танҳо марбут ба фард набуда, балки ба ҷомеа низ мутааллиқ аст. Дар ин замина ҳикояҳои Ҷ. Акобир «Қурбонӣ», «Пазмонӣ», «Фарзанд», И. Насриддин «Вопасин афсона», «Атри кафан», А. Олим «Мӯйсафед», «Очаи Хол», «Мактуб ба ошно», Р. Ёрмуҳаммад «Хӯшаи ангур», «Гесӯ», З. Ғулом «Фарёди қалб», «Дасти доҳӣ», «Дидор», Р. Махсумзод «Лахти ҷигар дар бағал», «Модари суфрадӯзи ман», Т. Муҳаммадризо «Носипосӣ», «Ишқи парӣ», «Ёдгор», С.Зардон «Садои нур» ва А. Партав «Нурбахш», «Истиқбол» бо тасвири таъмии воқеиятҳо ва шахсиятҳо ҷолиб буда, чеҳраи шахсият дар матни воқеият ва амалу кирдори ӯ намудор мегардад. Ироаи сареҳи шахсият ва ба ин васила

моҳияти ахлоқи иҷтимоиро намудан аз вежагиҳои ҳунарии нависандагони ёдшуда аст.

Аз таҳқиқ ва таҳлили қиёсии анҷомгирифта маълум мешавад, ки ин тарзи нигориш ҳамчунин ба суръат мунҷар ба кушода шудани боби ҷадиде дар насри бадеии тоҷикӣ гардид, ки баъзе ҳикояҳои Сорбон, Баҳманёр, М. Солеҳ, С.Раҳим ва Ю. Юсуфӣ аз ин қабиланд. Дар бораи ҳикояҳое аз ин даст метавон гуфт, ки дар онҳо фақат як шахсият ба таври ҷиддӣ баррасӣ мешавад. Албатта, бояд афзуд, ки ин баррасӣ дарвоқеъ бисёр ҷиддӣ ҳам аст. Ҳикояҳои Сорбон «Афсона», Баҳманёр «Холдори бостоншинос», С.Раҳимов «Дурӯғи сафед» ва Ю. Юсуфӣ «Зан ва тортан» на фақат чунин нигошта шудаанд, балки вежагии ёдшуда меҳвари аслии онҳоро ташкил медиҳад. Ном бурдан аз ин ҳикояҳо ба мафҳуми таъсири эъҷоз ва таъсири воқеии шеваи ҳикоянависӣ аст, ки вижагии ёдшуда онҳоро шакл додааст.

Дар ҳикояҳое, ки дар боло зикр кардем, воқеият бар мабнои ҳавоси як инсон таҳаққуқ меёбад. Ба иборати дигар, воқеият ривоят намешавад ва мо фосилаеро бо он ҳис намекунем, балки воқеиятро ҳамон гуна ки вуҷуд дорад, дар назар меоварем. Дар ҳикояҳои ёдшуда воқеиятро ба воситаи зеҳнияти ровӣ ва шахсияти ҳикоя дармеёбем ва бо ин кор мазиятҳои олии ин шеваи ҳикоянависиро дарк мекунем. Барои дарки дақиқи масъала ҳикояи Баҳманёр «Холдори бостоншинос»-ро аз назар мегузаронем. Дар ин ҳикоя се нигариш ё се дунёи мухталиф вуҷуд дорад, ки муттааллиқ ба се шахсият бо номҳои Холдор, Шераки Хол ва Парвонаи Шопур аст. Аммо дар ҳақиқат, ин се дунё маҷмуаи як дунёро ташкил медиҳанд, ки иборат аст аз дунёи кулли ҳикоя. Ин тартиб дар тамоми ҳикоя ба чашм намехӯрад. Таркиби се дунёи мазкур умдатан аз оғози ҳикоя шуруъ шуда, то охир идома меёбад ва ҷузъи мустақил ба назар меояд. Бо ин ҳол, суннати реализмро дар ин ва ҳикояҳои дар боло зикршуда ба шакле нав метавон дид. Нависандагон дар ин шакл ҳунармандона бо тарзҳои гуногун ҳамон таҷрибаҳои деринаи инсонро тасвир кардаанд, ки равиши тоза дар шинохти бадеии реалияти зиндагист. Ин дастоварди ҳикояи маътуф ба

шахси тоҷикӣ дар солҳои охир дурахшиши пешинаи худро то ҷое аз даст додааст.

Ҳикояи маътуф ба шахс дар эҷодиёти А. Самад намунаҳои ҷолибе дорад. Зеро нависанда дар ин гуна ҳикояҳо як тариқаи хоси дидан ва тасвир кардани дунёи шахсиятро баргузида ва дунёи воқеиро бо он татбиқ додааст. Ин таҳлил калиди дарки ҳикояи оммаписанди А. Самад «Гули наврӯзӣ» ва ҳикояи воқеанамотарини дигари ӯ «Ёр дар бари ёр» аст. Ба ин далел, ки аввалан сужаи ҳар ду ҳикояро санади воқеӣ ба ҳам оварда, дар онҳо эҳсосоти воқеии шахсияти марказӣ сабт шудааст. Аз тарафи дигар, воқеиятро нависанда гоҳо бо тамасхур ва ҳазлу киноя нишон медиҳад, ки низ паҳлуи дигари афъол ва амалу кирдори шахсиятро менамояд ва аз матни сарнавишти воқеии шахсиятҳои ҳикояҳо берун нест. Ниҳоят, ба мушоҳидаи Ҷ. Бақозода «муаллиф андаке масоили тарҷумаи ҳолиро (манзур ҳикояи «Гули наврӯзӣ» аст) истифода намудааст. Яъне, воқеаҳо ва образи Далер заминаи воқеӣ ва прототип доранд» [69, с.104].

Хонанда шахсияти Далерро пеш-пеш, аз ташреҳу тафсири нависанда мешиносад, на аз амал ва кирдораш дар бархӯрд бо ҳаводис ва мушкилиҳо. Нависанда тавонистааст, ки даруни шахсияти ҳикояашро хеле дақиқ ва ҷаззоб ба хонанда нишон дода, ба шахсияти асар хусусияти ҷамъбасти бадеӣ диҳад, ки гувоҳи бозёфти ҳунарии адиб аст. Ин равиш идомаи такомули ҳикояи реалистии маътуф ба шахс аст.

Ҳикояҳои маътуф ба шахс, пеш аз ҳама, ҳам бозтоби пешрафту буҳрони ҷомеаи мо ва ҳам рӯшангари моҳияти он аст. Шояд тавон далел овард, ки сирфан бо роҳи ба вуҷуд овардани чеҳраи ҷомеаи мутафовит ҳамаи мушкилоти адабӣ ҳалли худро ёбад. Аммо вазифаи адабиёт дигартар аст. Нависанда вазифадор аст, ки ба ҷузъиёти таҷрибаҳои маҳсуси инсон бипардозад ва ҳар гуна таҳаввули иҷтимоии арзишмандеро ҳамчун дарси амалӣ ва масъулона баррасӣ ва пешниҳод намояд. Нахуст бояд ба вазъи воқеӣ таваҷҷуҳ карду онро шинохт, сонияи ҳақиқатмонандии таҷрибаҳои

маҳсусро дар ҳикояи реалистии маътуф ба ҷомеа ва маътуф ба шахс таҷассум кард.

Дар ин замина нависандагони мо таҷрибаҳои сутудание доранд, ки пеш аз ҳама. ба масъалаи ҷудоии фард ва ҷомеа ба ду вуҷуди мутлақ марбут мешавад. Талошҳои воқеан созандаи Ф. Муҳаммадиев (боз ҳам фосилагирии ахлоқии усто Оқил аз ҳикояи «Рӯзи дафни усто Оқил» ёд меояд), яъне мубориза барои эҷоди равобите бе каму кост ҳам дар буъди шахсӣ ва ҳам буъди иҷтимоӣ арзиши ахлоқиву иҷтимоӣ ва бадеиашро ҳеҷ вақт аз даст намедиҳад. Амалан таҷрибаи ҳунарии Толис, Ф. Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод ва баъзе нависандагони дигар таъкид бар он дорад, ки бояд равобити шахс ва ҷомеа ҳамешагӣ ва дар такмил бошад.

Суннати реализм дар таҷрибаи нависандагони ҳикоянависи мо нуфузи андешаро бар эҳсос, фардро бар ҷомеа танҳо ба мақсади таҳаққуқи ҳадафҳои ормонии бақодор роҳандозӣ кардааст, ки дар ин замонаи аз ҳам гусехтагиҳо василае барои устувории ҳастии миллат низ ба шумор меояд. Дар бартарин шакли ҳикояи реалистии тоҷикӣ ҷомеа асосан бар ҳасби афрод ва афрод ба воситаи робитаҳояшон асосан, бар ҳасби ҷомеа дар назар гирифта шудаанд. Дар таҷрибаи эҷодии Толис, Ф. Муҳаммадиев, Кӯҳзод, Баҳром Фирӯз ва баъзе нависандагони дигар якпорча шудани ин ду нақши таъйинкунанда ҳукми кашфе ахлоқонаро дошта, дар чаҳорчӯби сохтор ва дарунмояи ҳикояи реалистии тоҷикӣ ҳаллу фасл гардидааст.

Мо таҷрибаи ахлоқии нависандагони ҳикоянависамонро дар корбурди реализм барои якпорча нишон додани фарду ҷомеа таърифкардем ва онро ба ҳукми кашф донистем на бозёбӣ, ки ҳақиқат дорад. Шояд ҳасрат ба гузашта ва тақлид аз улгӯҳои гузашта (ҳасрат ва тақлиди ахлоқии Муҳаммадиев дар ҳикояи «Даъво» ва Кӯҳзод дар ҳикояи «Достони муаллим») имрӯз то ҷое номуносиб ва боздоранда ба назар ояд. Дар ин замина муҳаққиқон миёни реализми суннатӣ ва реализми ҷадид тафовутҳоеро ба мушоҳида гирифтаанд, ки шомили ёфтаҳои ҳикояи маътуф ба шахс низ ҳаст. Муҳаққиқон, аз ҷумла Р. Вилямз ҷанбаи назарии

ин масъаларо бо ишора ба ёфтаҳои ҷадид дар бораи идрок ва иртибототи инсон тавзеҳ дода, аз ҷумла ба хулосаҳои зер омадаанд: «Дар ҳар ҳол, сурати қадимӣ ва содалавҳонаи реализм дигар мурда, зеро мубтанӣ бар назарияе дар заминаи мушоҳидаҳои табиӣ буд, ки акнун номумкин аст. Дар гузашта фикр мекардем, кофӣ аст чашмонамонро боз кунем, то ҳамагӣ дунёи яксонеро бубинем ва ба ҳамин далел метавонистем фарз кунем, ки реализм сирфан фароянди сабти воқеият аст, ки ба таври ғайри ирода анҷом медиҳад. Аммо имрӯза медонем, ки дар ҳақиқат, худи мо офаринандаи дунёе ҳастем, ки мушоҳида мекунем ва ин махлуқи инсон, яъне кашфи чигунагии зиндагӣ кардан дар ин дунёи моддӣ, заруратан моҳияте пӯё ва фаъол дорад. Бад-ин тартиб, реализми кӯҳнашудаи мушоҳидагари мунфаъил, ки хислате исто дошт, дигар урфе инъитофпазир беш нест» [80, с.111-112].

Ин донишманд бо ин гуфта ишора ба он дорад, ки ҳунар сирфан идроки воқеият набуда, балки навъи хосе аз вокуниши фаъолона ва бахше аз кулли робитаҳои инсонҳост. Беш аз ин, воқеият он чизест, ки инсонҳо бо фаъолиятҳои гуногунашон ба он хислати ҳамагонӣ медиҳанд. Ба ин тартиб, ин таомули амалӣ миёни он чӣ шахс мушоҳида, тафсир мекунад, ба низом меоварад ва он чӣ ҷомеа ташхис медиҳад, мешиносад ва шакл мебахшад, ба наҳве ғанӣ ва зариф дар идрокҳо ва робитаҳо инъикос меёбад. Фаҳми ин таомули бунёдин бисёр душвор аст, вале яқинан сари нахе ба даст медиҳад, то ҳар чӣ беҳтар битавонем роҷеъ ба биниши шахсӣ ва робитаи иҷтимоӣ ва низ робитаи фарду ҷомеа андеша кунем.

Вале он чи аз таҷрибаи нависандагони ҳикоянависи мо дар даст аст, ба ҳар ҳол кӯҳна нашуда бошад ҳам, тарзи дигари тасвирро хостор аст. Ин таҷрибаҳо дар коркарди реализм ҳанӯз ба қолабҳое такя доранд, ки ёдовари воқеиятҳо ва таҷрибаҳое ҳастанд, ки нависандагон аз гузашта омӯхтаанд. Он коре, ки Баҳманёр барои ҳикояи реалистии тоҷикӣ кард, эътироф шудааст, ки тоза ва ҳунармандона аст. Вале, бубинед, нависандаи эронӣ Маҳмуди Давлатободӣ баъди хондани ҳикояи Баҳманёр «Нархи одам» ба чӣ андеша омадааст: «Аммо... он чи ба

нигаришу ҷаҳонбинии нависанда марбут мешавад, ҳанӯз ҳамчунон қадимист ва ҳамон талаққии хокигирифтаи навъи шарқиро дар худ дорад. Мояе, ки лаҳни онро метавон дар вожаи маънуси «афсус» фишурда кард, эҳсосе аз ғабну шикӯҳ аз рӯзгори ғаддор; ҳамон чи адабиёти ҳикойии қадимии мо пур аст аз он ва ҷумлаи оғозину фарҷомини достони Баҳманёр ба рӯшантарину бикртарин ваҷҳе онро баён мекунад: «Офтоб чун як қурси ларзону сард аз Машриқ ба ҷониби Мағриб меғелид. Боз як рӯзи тираву пурдард аз ин айёми номард доман мепечид». Ва менамояд, ки нависандаи замони остонаи қарни бисту якум ҳанӯз дар макони аъсору қуруни куҳна зиндагӣ ва замонаро бо мелоки «мардӣ» ва «номардӣ» маҳак мезанад» [87, с.91].

Дар заминаи таҳлилҳои анҷомгирифта метавон ба ин натиҷа расид, ки реализм барои аксари нависандагони мо дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи ҳикояи тоҷикӣ дақиқан таниши зинда бо воқеият будааст, ки дар шакле имконпазир корбурд шудааст. Хоҳ ин танишро вобастаи фарду ҷомеа донем, хоҳ воситаи тавсифии ироашуда ва маълум. Ба ҳар ҳол, дастоварди ҳикояи реалистии тоҷикӣ дар шинохт ва тасвири воқеиятҳои зиндагӣ ва сирату сурати шахсиятҳо новобаста ба замону макон инкорнопазир аст. Вале он чиро ки Давлатободӣ нисбат ба Баҳманёр гуфтааст, бояд навъе ҳушдор бидонем. Ҳикояи реалистии тоҷикӣ ҳамон вақт халлоқияти худро ҳифз карда метавонад, ки нависандагон зарурати корбурди огоҳона ва ҳунармандонаи реализми ҷадидро эътироф ва амалан таҷриба кунанд.

# БОБИ II
# МАҚОМ ВА ҶОЙГОҲИ ҲИКОЯ
# ДАР НАСРИ ТОҶИКИИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛ

## 2.1. Идома ва инкишофи суннатҳои ҳикоянависии садаи бист дар давраи Истиқлол

Ташаккул ва таҳаввули ҳикояи давраи истиқлол, пеш аз ҳама, ба тағйири дидгоҳҳои касбӣ ва нигаришҳо нисбат ба ин жанр вобаста мебошад, ки ба тариқи зайл аст: а) пайгирӣ ва баҳрабардорӣ аз беҳтарин суннатҳои ҳикоянависии садаи бист; б) таҳаввули дидгоҳҳои назарӣ ва амалӣ нисбат ба сохтор ва ҳадафҳои ғоявию бадеии ин жанр; в) фурӯ гузоштани бардоште муштарак аз таҷрибаҳои умумии иҷтимоӣ, ки бештар хусусияти фармоишӣ ва таблиғӣ доштанд; г) корбасти мафҳумҳои хоси шахситар ба ҷойи арзишҳои умумӣ; д) ковиш дар аъмоқи зеҳн ва хотироти шахсиятҳо; е) ҷустуҷӯҳо дар тасвири тағйироти вазъи ҷомеа ва шахсиятҳо дар ҳикояи ин давра, ки ба шинохт ва тарвиҷи дақиқи арзишҳои миллӣ рабт мегирад.

Дар солҳои бисту сии садаи гузашта ташаккули ҳикояи тоҷикӣ характери умумии адабиётро аз тасвири зоҳирӣ ба сӯйи сар фурӯ бурдан ба моҳияти ҳодисаҳо, аз тасвири рафти воқеа, ки дар гирумонҳои печдарпечаш баъзан инсон нопадид мегардад, ба сӯйи таърихи инсон, характери инсон, шахсияти инсон инъикос мекунад. Ин тамоюли муҳим минбаъд низ омили аслии аз ҷиҳати ғоявию зебошинохтӣ ташаккул ёфтани сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии жанри ҳикоя гардида, равиши инкишофи ин жанрро дар замони истиқлол низ муайян ва мушаххас менамояд, ки пеш аз ҳама, дар фарогирӣ ва инъикоси бадеии мавзуву масъалаҳо зоҳир мегардад.

Дигаргунии ҷиддие, ки дар ҳикоянависии тоҷик рӯй дод, нақди адабӣ ба номи Пӯлод Толис вобаста медонад. Воқеан, ҳам Пӯлод Толис нахустин

нависандаи тоҷик буд, ки бо вуҷуди ҷавониву камтаҷрибагӣ дидгоҳҳо ва тарзи тозаи тасвири воқеиятро дар насри тоҷикӣ, аз ҷумла ҳикоянависӣ шакл дод ва бо ҳикояҳои «Писарон», «Дар бӯрон», «Меҳри модар» ва чанд ҳикояи дигар собит сохт, ки ҳунар сирфан вазифаи идроки воқеиятро надошта, балки навъи хоси вокуниши фаъолонаи нависанда ба афъол ва рафтору кирдори инсон низ ҳаст. Ӯ хоста буд ва то ҷое тавонист ба воситаи идроки бадеӣ аз тариқи афъол ва кирдори шахсиятҳо ба онҳо хислате ҳамагонӣ бахшад, ки таъсире ва манфиате ба хонанда дошта бошад. Вай дар беҳтарин ҳикояҳояш ба ин ҳадафи ҳунарӣ расид.

Ф. Муҳаммадиев низ мисли Толис бо фарогирии мавзуву масъалаҳои муҳим ва усули таъсиргузори тасвир гуногунию рангорангии воқеиятҳои зиндагиро ба тарзи нав инъикоси бадеӣ дод. Агар Толис дар зоҳир кардани характер ва инкишофи он ба ҷузъиёти хурд, тасвиркории майда ва сужети оҳистарав рағбат карда бошад, дасти Ф. Муҳаммадиев аз аввалин қадамҳо дар кашидани нақш ва ранггузорӣ бештар вусъат пайдо карда, таваҷҷуҳаш ба «рангҳои баландтар» бештар ва «нақли ӯ шиддате ва сужеташ суръатеро соҳиб» мегардад [184, с.69]. Дигар аз хусусияти муҳимми ҳунари ҳикояпардозии ин нависанда ин буд, ки бо тасвири чеҳраҳои навъӣ (типӣ) ҳолатҳои гуногуни равонӣ ва аъмолу кирдори шахсиятҳои мухталифро, ки мухолифатҳои иҷтимоиву ахлоқӣ доштанд, муҷассам сохт. Ин равиши хоси ҳунарии нависандаро академик М. Шукуров ба суннати чеҳранигории устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо», аз ҷумла «Ҷанги Махдуми Муҳаммадӣ ва Барно-тайёр» бо ҳикояи «Даъво» муқоиса карда, бартарии муаллифи «Даъво»-ро дар он дидааст, ки «ба фикру андеша ва ҳиссиёту ҳаяҷони қаҳрамонҳо бештар диққат додааст» ва «ҷанбаи таҳлилию психологии тасвир»-ро пурзӯр кардааст [184, с.72].

Ф. Муҳаммадиев минбаъд ин равишро такмил бахшида, бо эҷоди ҳикояҳои «Сози Мунаввар», «Рӯзи дафни усто Оқил», «Хиёбони Нодир», «Шаби саввум», «1:0» ва баъзеи дигар мабдаи равониро барои ҳалли мушкилоти иҷтимоиву ахлоқӣ ҳунармандона истифода кард. Таҳқиқи

афъол ва аъмоли шахсиятҳои ба ҳам зид ва тазодҳои ҳаёти ҷомеа паҳлуи дигари муҳимми ҷустуҷӯҳои бадеии нависандаро дар жанри ҳикоя шакл додааст, ки минбаъд дар ҳикоянависии тоҷикӣ ҷойгоҳи хос пайдо намуд.

Аз солҳои шаст ба ин тараф, яъне то давраи истиқлолияти кишвар нависандагоне, ки дар жанри ҳикоя қувва озмудаанд, бе ҳеҷ муболиға, аз беҳтарин анъанаҳои ҳикоянависии ин ду нависандаи ёдшуда огоҳона ва эҷодкорона истифода кардаанд, ки яке аз омилҳои таҳаввули тозаи ҳикоя дар замони истиқлол ва тақвият ёфтани тадқиқи таҳлилии воқеият гардид.

Муҳиддин Хоҷаев аз ҷумлаи нависандагоне буд, ки ба симои шахсиятҳои алоҳида амиқ назар андохта, дар ҳикоя чеҳраи хоси шахсии инсон ва ба ин васила аз тариқи сарнавишти инсон мазмун ва моҳияти замонро падид овард. Дар ин равиш ӯ бештар ба ҳикояи хурд таваҷҷуҳ доштааст. Воқеиятҳое, ки нависанда дар ин гуна ҳикояҳо тасвир кардааст, зоҳиран камарзиш ва ночиз ба назар меоянд. Вале нависанда тавонистааст, ки дар ин гуна ҳикояҳо паҳлуҳои нозуки фикру ҳисси фардҳои алоҳида ва манзараву тамоюлҳои иҷтимоии ҳаёти ҷомеаро бо камоли диққат падид оварад. Дар ин ҳол ӯ бештар мутаваҷҷеҳи ошкор сохтани андешаву оро ва тағйир ёфтани эҳсоси инсонҳо будааст, ки аз як сӯ идомабахшии таҷрибаи ҳикоянависони наслҳои пешин, аз сӯйи дигар равиши тоза дар шинохти бадеии воқеиятҳои зиндагӣ мебошад. Дар ин замина ҳикояи нависанда «Парвин» аз бисёр ҷиҳат дар ҳикоянависии солҳои шастум таҷрибаи судманд аст.

Ин ҳикоя аввал «Шиносоӣ» ном дошта, қаҳрамони марказиаш пиразанест, ки чандин бор фарзанду набера дида бошад ҳам, аз он ки келинаш дар дами зодани тифл аст, хеле дар ташвиш аст. Ҳамин ки келин сиҳату саломат сабук шуд, кампир осуда мешавад. Нуктаи охири ҳикоя ҳамин аст. Дар нигоҳи аввал нависанда мутаваҷҷеҳи воқеаи хурду ночиз шудааст ва гӯё ҳеҷ чизи қобили мулоҳиза рух надодааст. Вале дар асл чунин нест. М. Хоҷаев дар ин ҳикояи хурд ба василаи тасвири дақиқ ва

ҳолнамо таҳаввулоти чашмгири хӯю хислати пиразанро ба таври боварибахш инъикос намудааст.

Заҳматҳо ва парешониҳои модар аз нигоҳи хушҳолонаи фарзанд мутоибаомез тасвир шуда, ба ин васила нависанда фарзандро бо феълу атвори модари меҳрубон ва ғамхор ошно месозад. Фарзанд дар симои модар хулқу хӯеро мушоҳида мекунад, ки қаблан ба онҳо эътибор надода буд. Модар вақте барои фарзанд ранҷ мекашид, ҳоло сарнавишти набера ва келин, ки бояд фарзанд ба дунё оварад, ӯро гирифтор медорад. Замоне ба духтараш иҷоза надода буд, ки дар бемористон таваллуд кунад. Имрӯз, баръакс, мошини ёрии таъҷилиро фаро мехонад, то келинаш дар зоишгоҳ сиҳату саломат тифлро ба дунё оварад. Ин воқеаҳо хурду назарногиранд, вале дар ин оина нависанда дигар шудани инсон ва хӯю хислати онро бо камоли диққат ва маҳорат нишон додааст, ки дар ҳикоянависии нимаи дувуми солҳои шаст равиши тоза ва аҳамиятнок ба шумор меояд. М. Хоҷаев тағйироти табиати модар, дигар шудани назараш ба воқеиятҳои зиндагиро ба василаи тасвири мухтасару муъҷази воқеият ва манзараи хурди ҳаётӣ нишон дода, дар ин замина моҳияти шахсияти инсонии модарро ҳамчун раҳнамои зиндагии фарзандон арзёбӣ намудааст. Нависанда ба воситаи тасвири мутоибаомези хушҳолкунанда тавонистааст, ки дигаргуниҳои муҳимми ҳаёт ва хӯю хислати шахсиятҳои ҳикояро муҷассам сохта ва моҳияти ин таҳаввулотро падид оварад.

Нависанда дар ҳикояи «Вақти имтиҳон буд» низ зери таъсири воқеияти нави зиндагӣ тағйир ёфтани андешаву орои инсонро бо камоли диққат тасвир менамояд. Қаҳрамони ин ҳикояро худи зиндагӣ ва воқеоте, ки ба сараш омадааст, сабақ медиҳад ва дигаргун месозад. Аҳмадҷонбойбача агар замоне зери таъсири хурофоту ҷаҳолат монеи хондани духтараш Ҳанифа гардида буд, ҳоло наберааш Зарифаро худ ба мактаби олӣ бурд, ки хонаду одам шавад.

Дар ҳикояи «Парвина» нависанда зери таъсири воқеиятҳои пешрави замон дигар шудани хислати қаҳрамонашро ба таври мушаххас тасвир

мекунад. Дар ҳикояи баъдӣ бошад, Аҳмадҷон ба ҳукми замони нав маҷбур мешавад, ки тан диҳад ва аъмолу афкорашро дигар кунад. Яъне, ҳукми замон қодир аст ҳама чизро дигар созад. Ин равиш ҷанбаи ақидатӣ дошта, зери ҳукми сиёсати Шуравӣ шакл гирифтааст ва то ҷое ба рушди табиии осори бадеӣ монеъ ҳам шудааст.

Дар ҷараёни инкишофи ҳикояи тоҷикии солҳои шаст ва баъди он ҳодисаи дигар низ ба мушоҳида мерасад: бисёре аз нависандагони ҳикоянавис, аз ҷумла Ф. Муҳаммадиев, М. Хоҷаев, Ю. Акобиров ва баъзе нависандагони дигар «ба ҳикоя унсури очеркро дохил карда, ба муҳокимаи масъалаҳои ҷамъиятӣ як навъ тезию тундии публитсистӣ» [183, с.74] бахшидаанд. Ин равиши инкишофи ҳикояро нақди адабӣ ба тақозои сиёсати адабии вақт асосан, мусбат ба шумор оварда буд. Вале ин гуна ҳикояҳои очеркмонанд аз ҷиҳати бадеиёт ва тарзи нигориш кӯтоҳиҳои зиёде доштанд. Масалан, мухтасарбаёниву воқеанигории маҳз «услуби телеграфӣ»-ро маъмул карда буд ва ин тарзи нигориш бахусус, дар эҷодиёти Муҳиддин Хоҷаев хеле шоеъ гардида, мавриди накӯҳиши Ҷалол Икромӣ қарор гирифт [98, с.5].

М. Шукуров (М. Шакурӣ) муъҷазбаёниро яке аз хусусиятҳои хоси ҳикояи солҳои шаст шинохта, шаклҳои гуногун доштани онро таъйид кардааст. Ба назари ин донишманд Сорбон низ мухтасаргӯй аст. «Вале ин ҳунари ӯ бештар дар истифодаи эҳтиёткоронаи ҷузъиёти ҳаётӣ зоҳир мегардад. Вай бо як-ду ишора, бо чанд ҷузъиёти хурд, бо як ва баъзан ду-се ташбеҳи том (ки ба он майли махсусе дорад) образ ба вуҷуд овардан, манзараеро тасвир кардан ва ҳолатеро нишон додан мехоҳад. Мухтасаргӯии Сорбон дар ҳамин аст, вале ҳикояҳои ӯ на ҳамеша хурд ҳастанд. Баръакс, вай аз аввал ба тасвири муфассалтари психологии мураккабу зиддиятнок ва тағйироти гуногуни ҳолати руҳӣ бештар рағбат зоҳир кард» [184, с.75].

Ин тамоюл дар эҷодиёти Сорбон ва баъзе нависандагони дигар дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомадааст, балки реша дар анъанаҳои ҳикоянависони

пешин, аз ҷумла Толис, Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалил ва Ҷалол Икромӣ дорад. Фақат тафовут дар ин аст, ки Сорбон ва ҳамсафони ӯ аз воқеанигории маҳз даст кашида, бо корбасти огоҳонаи тахайюл ва бозсозии ҳунармандонаи воқеиятҳои зиндагӣ рангу бори ҳикояи ин давраро ба беҳӣ дигар карданд.

Сорбон дар аввалин ҳикояаш «Гап дар дил» ба ҷузъиёту тафсилоти равонӣ ва тобишҳои мухталифи ҳолати ботинии шахсиятҳо диққати бештар дода, характерҳои зӯрманд, эҳсосоти қавӣ ва амалу кирдори зиддиятнок ва тағйирпазири шахсиятҳоро падид овардааст. Мағфират дар ҳикояи ёдшуда бо ихтилофоти ҷисмониву равонӣ тасвир шуда, чеҳраи шахсиятеро менамояд, ки бо мушкилоти сахти зиндагӣ панҷа нарм мекунад. Ин равиши тасвиргарӣ минбаъд дар эҷоди ҳикоя барои Сорбон меъёр ва равиши собит шинохта мешавад ва муваффақиятҳо низ дорад. Нависанда ҳиссу андеша ва амалу кирдори шахсиятҳои ҳикояҳои дар солҳои шастум ва баъди он таълиф кардаашро дар ҷараёни мушкилиҳои зиндагӣ менамояд ва тавоноии инсонӣ, ирода, муҳаббат ва матонати онҳоро нишон медиҳад.

Таъкиди душвориҳои зиндагӣ ва ранҷу азоби шахсиятҳои ҳикояҳои дар даҳаи шастум эҷодкардаи Сорбон маншаъ дар воқеиятҳои зиндагии он замон дошта, дар вақташ мавриди накӯҳиши аҳли танқид низ қарор гирифта буд, ки одилона нест. Ҷалол Икромӣ аз ҷониби нависанда тасвир шудани азобу ранҷи тоқатфарсои инсонро дастгирии яъсу навмедӣ талаққӣ карда, нависандаро зери танқид гирфта буд [98, с.130]. А. Сайфуллоев чунин мавқеъгирии Сорбонро дар мақолаи «Ҳаёт ва мавқеи нависанда» аз забони Ленин маҳкум намуд. Ҳол он ки бо вуҷуди камтаҷрибагӣ, ин тарзи нигориш ифодагари тамоюли хоси ҳикоянависии Сорбон буд. Нависанда бо ин усули тасвир таваҷҷуҳ ва эҳсосоташро барои намудани тазодҳои иҷтимоӣ, равонӣ ва ахлоқӣ, ҳамчунин инъикоси зинда, нафис ва дилчаспу зебои воқеиятҳои зиндагӣ, рафтору аъмол ва хӯю хислати шахсиятҳо, ки имкони руҳияи муайян ва зиддиятҳои равониро ошкор кардан дошт,

мутамарказ сохта буд ва ин равиши мусбатро нақди адабии он рӯзгор зери таъсири сиёсати адабии вақт дастгирӣ накард.

Диди ҳассоси равонӣ ва идроки аҳамияти тасвирию амалӣ ва иҷтимоиву маънавии вазъи зиндагӣ, ки масъалаи имтиҳони имон ва номусро ба миён мекашид, барои Сорбон дар аввалин навиштаҳояш ҳадафи ғоявӣ дошт ва таъйидкунандаи таваҷҷуҳи амиқи ӯ ба сарнавишти таърихию фарҳангии инсон ва муҳити иҷтимоиву ахлоқӣ буд. Ин тамоюл, ки аз ҳикояҳои дар боло ёдшуда ва «Хокистари ишқ» шуруъ шуда буд, минбаъд дар эҷодиёти адиб такмил ёфта, шароитро барои эҷоди шахсиятҳо ва ҳолатҳои равонӣ фароҳам оварда аст, ки аз баъзе ҷиҳатҳо қобили мулоҳиза мебошад.

Масалан, ҳатто дар ҳикояҳои «Хокистари ишқ» ва «Гулзамон», ки аз таълифоти аввалини адиб буда, метавон ба камбудиҳои бадеии онҳо эрод гирифт, бо тасвири руҳия ва ҳолати равонии шахсиятҳо нависанда огоҳона ва ҳунармандона ба савияи ахлоқӣ ва бунмояи ахлоқӣ, ки метавонад созанда ё сӯзанда бошад, таваҷҷуҳ кардааст. Ин омили ҳунарӣ аввалин ҳикояҳои ӯро аз нақл ва тасвиргариҳои маҳзу сохта эмин доштааст. Ҳамин ду ҳикояи дар боло ёдшуда мамлу аз ҳисси нафрат ба беномусӣ, бешармӣ ва бетарафӣ ба сарнавишти инсон аст. Дар мисоли сарнавишти пурдарди Назира («Хокистари ишқ») нависанда таъкид дорад, ки бозии ваҳшиёна бо сарнавишти инсон сарчашмаи ҳамаи бадбахтиҳои иҷтимоиву ахлоқӣ буда, озору алам ва ноумедии нобаҳангомро дар зиндагӣ боис мешавад.

Ҳикояҳои аввалини Сорбон бо тезиву тундии сужет, бо дақиқиву ҳақиқатмонандӣ, донистан ва тасвири дақиқи вазъи мушаххаси воқеӣ ҷолиб ва диққатангез буданд. Ин хусусият ҳикояҳои нависандаро аз чунин осори дигарон фарқ кунонда фардияти эҷодиашро муайян мекард. Ин тамоюли эҷодии Сорбон дар ҳикоянависӣ идомабахши анъанаҳои дар солҳои 50-у ибтидои 60 шаклгирифтаи ҳикояи тоҷикӣ буд, ки тадриҷан бо кӯшишҳои нависандагони насли сонӣ ташаккул ёфта, равишҳои тозаеро дунбол кард

ва бо талошҳои муддавоми нависандагоне мисли Сорбон, Кӯҳзод, С.Турсун ва дигарон инкишоф ҳам ёфт.

Як нуктаро бояд хотирнишон кард, ки дар эҷодиёти нависандагоне, ки нимаи дувуми солҳои шастум ба эҷоди ҳикоя машғул будаанд, тамоюли таҳкиявӣ афзалият дорад, ки ба камтаҷрибагӣ ва шитобкории муаллифон марбут мешавад. Дар ин давра ҳикояҳое низ эҷод шудаанд, ки танҳо аз оғоз ва анҷом иборатанд ва таҳаввули дохилии лозимро дар ироаи сужет надоранд. Камбудии аслии нусхаи аввали ҳикояи Сорбон «Хокистари ишқ» низ дар ҳамин аст, ки дар таҳрири нав муаллиф онро то ҷое ислоҳ кардааст. Дар таҳрири аввал оғоз ва анҷоми ҳикоя сохта ва нотамом ба назар мерасад, ки боиси коҳиш ёфтани сохтори бадеии он гардидааст. Вале ноқидоне, ки ин ҳикоя ва ҳикояи «Гулзамон»-ро дар вақташ рад кардаанд, мутаваҷҷеҳи камбуди ҳунарии онҳо набудаанд, балки ба сабаби он ки яъсу ноумедӣ дар ҷамъияти мо (ҷомеаи Шуравӣ) асоси иҷтимоӣ надорад, ин ду ҳикояи нависандаро аз назари сиёсӣ маҳкум кардаанд. Фақат М. Шукуров (М. Шакурӣ) навишта буд, ки «аз ин образҳо (Назира ва Гулзамон) руҳияи халқро ҷустуҷӯ кардан лозим нест. Вале онҳо аз асоси реалии ҳаётӣ маҳрум нестанд ва ҳолати руҳияи баъзе шахсони алоҳидаро ифода кардаанд. Ин гуна касон дар зиндагӣ ҳастанд ва бешубҳа, дар адабиёт ҳам тасвир шудани онҳо мумкин аст» [184, с.173].

Тамоюли дигари мусбие, ки дар ҷараёни ташаккули ҳикояи ин давра ба назар мерасад, таваҷҷуҳи нависандагон ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа мебошад. Дар ин замина ҷанбаи иҷтимоии ҳикояҳои бисёре аз нависандагон фаъол ва таъсиргузор гардида, хусусияти фарққунандаи ин жанрро амиқ гардидани моҳияти инсонии тадқиқи бадеӣ мушаххас месозад. Ҳамчунин, дар ин гуна ҳикояҳо ҳодисаҳо, санадҳо ва шахсиятҳо ба таври дақиқ таҳқиқ шуда, хулқу хӯй ва амалу кирдори инсонҳои алоҳида воқеӣ ва равшану пурмаънӣ ба тасвир омадааст, ки заминагузори таҳаввули минбаъдаи ҳикояи тоҷикӣ дар солҳои баъд, бахусус замони истиқлол мебошад.

Дар ин замина ҷустуҷӯҳои эҷодии Ӯрун Кӯҳзод, Саттор Турсун, А. Самадов, Баҳром Фирӯз ва чанд тани дигар қобили мулоҳиза мебошад. Маҳз дар эҷодиёти нависандагони ёдшуда ҷанбаи таҳлилӣ ва равонии ҳикоя қавӣ гардида, ба ин васила қазоват ва арзёбии моҳияти амалу кирдори инсон ва воқеиятҳои ҳаёти ҷомеа амиқ мегардад ва заминаро барои ташаккул ва таҳаввули минбаъдаи ҳикояи иҷтимоиву ахлоқӣ ба маънии томи сухан ба вуҷуд меоварад.

Агар Ӯрун Кӯҳзод бо ҳикояҳои ҳаҷвиаш ҷанбаи таҳлилӣ ва равонии ин жанрро тақвият бахшида бошад, Саттор Турсун бо тасвири тазодҳои зиндагӣ ва амалу кирдори одамон паҳлуҳои гуногуни воқеияти рӯзмарраро ифшо месозад. А. Самадов ва Баҳром Фирӯз кайфияту руҳияи инсонро барои ошкор сохтани хислатҳои мусбату манфии инсон огоҳона ва ҳадафмандона ба кор гирифтаанд. Чунин тамоюли ҳунарӣ дар таҷрибаи эҷодии нависандагони ёдшуда самти асосии инкишофи ҳикояи муосирро муайян мекунад, ки паҳлуҳои мусбат ҳам дораду манфӣ ҳам.

Нависандагони дар боло ёдшуда, ҳамчунин Ҷ. Акобир, Баҳманёр, К. Мирзоев, С.Раҳимзод ва Ю. Юсуфӣ аз ҷумлаи нависандагоне ҳастанд, ки дар фаъолияти ҳикоянависиашон, бахусус дар замони истиқлол бо пайгирӣ ва баҳрабардорӣ аз суннатҳои неки ҳикоянависии садаи бист ва идроки таҷрибаҳои фаннии соҳа ба муваффақиятҳои назаррас даст ёфтаанд, ки қобили ситоиш аст.

Пеш аз он ки ба баҳси асосӣ пардозем, як нуктаро бояд таъкид кард: дар ин давра шикофи физояндае байни ҳикояҳои хуб ва оммаписанд ё ба истилоҳе бозорӣ ба вуҷуд омад. Аз назари завқу фаҳмиш ҷомеа ба ду қишр тақсим шуд. Аз як сӯ, аксарияти ҳикояҳоеро, ки муҳаққиқони огоҳ ва равшанфикр бисёр таҳсин мекунанд ва арзишманд мешуморанд, қишри дувуми хонандагон ба ҳеҷ ваҷҳ, намехонанд. Аз сӯйи дигар, рӯшанфикрони огоҳ низ ҳикояҳои нависандагони беҳувиятро мутолиа намекунанд. Ба ифодаи дигар, ин бозор соҳиб надорад. Агар дар давоми солҳои 1945 то 1968 «дар матбуоти Тоҷикистон зиёда аз нуҳсад адад ҳикояи

нависандагони тоҷик ба табъ» [183, с.83] расида бошад, ин миқдор дар пеши ҳикояе, ки фақат маҷаллаи «Садои Шарқ» ва рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» дар даҳ соли охир нашр кардаанд, ҳеҷ аст. Он миқдор ҳикояе, ки зикр шуд, то ба имрӯз нарасидаанд, яъне хонанда надоранд. Бо ин қиёс, мо гуфтанием, ки дар давраи истиқлол низ номҳои нав ва ҳикояҳо ба миқдор хеле зиёданд, лекин соҳиби ҳикояи хуб ҳамон чанд нафарест, ки хонандаи огоҳ мешиносад. Бинобар ин ҳам, дар ин таҳлил мо ба ҳикояҳое такя кардем, ки маҳз дар замони истиқлол эҷоду нашр шудаанд ва бо хусусиятҳои хоси мундариҷавию шаклиашон ҳам пайванде бо таҷрибаҳои судманди пешин дар ҳикоянависӣ доранд, ҳам тафовутҳои ҷиддии мавзуиву ҳунарӣ дар тарзи нигориш.

Ҳикояҳои дар ин давра нашршудаи Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун, Абдуҳамид Самад, Баҳром Фирӯз, Кароматулло Мирзоев, Баҳманёр, Ҷонибек Акобир, Сайф Раҳим, Юнус Юсуфӣ, Маъруф Бобоҷон, Атахон Сайфуллоев, Аброри Зоҳир, Эҳсон Субҳон, Муҳаммад Ғоиб, Мансури Суруш, Зариф Ғулом, Абдуғаффори Партав, Неъмати Бобоҷон, Маҷид Салим, Султонмурод Одинаев, Ҷангибеки Улфатшоҳ, Бӯрибеки Худойбахш, Сафияи Носир, Матлуба Ёрмирзоева, Раҳтатуллои Раҳмон, Абдураҳмони Расулӣ ва дигарҳо далели он аст, ки миқдори нависандагони ҳикоянавис дар рӯзгори мо нисбат ба солҳои пеш хеле ва хеле зиёд шудааст. Ин ҷараён тафовути дигар ҳам дорад: нависандагони таҷрибадору ҳунарманд кам ҳикоя менависанд, дигарон зиёд, вале бештарини номҳои нави ҳикоянавис дар ин марҳила ё ба зудӣ ғайб задаанд ё навиштаҳояшон кирои гап намекунад. Бинобар ин, ба тақозои мавзуъ дар ин фасл ҳикояҳои нависандагоне мавриди таваҷҷуҳи мо қарор гирифтанд, ки аввалан ба баррасӣ меарзиданд, сониян аз суннатҳои ҳикоянависии пешин эҷодкорона истифода бурда, ба ҷараёни таҳаввули ин жанр дар давраи истиқлол таъсири судманд расондаанд.

Ба ин тартиб, бисёре аз ҳикояҳои дар ин давра нашршударо таҳлил карда, пай мебарем, ки дидгоҳҳои назарӣ ва амалии нависандагони

ҳунарманди мо нисбат ба сохт ва ҳадафҳои ҳунарии ин жанр хеле таҳаввул пайдо кардааст. Ин нависандагон бисёре аз таҷрибаҳои шоеи замони Шуравиро, ки худашон истифода кардаанд, аз ҷумла таҷрибаҳои идеологӣ ва фармоишиву таблиғиеро, ки хоси замон ва идеологияи Шуравӣ буд, фурӯ гузошта, ба ҷои арзишҳои умумии иҷтимоиву сиёсӣ, ба арзишҳои шахсӣ, инсонӣ, миллӣ ва умумибашарӣ таваҷҷуҳ кардаанд. Аз ҷумла, дар интихоби мавзуву масъалаҳо низ тағйирот ба назар мерасад. Масалан, дар ҳикояи ин давра таваҷҷуҳ ба мавзуъҳое, ки нооромиҳои солҳои навадуми кишвар илқо кардааст, зиёд мушоҳида мешавад. Дидгоҳҳои назарӣ ва амалӣ низ дар тарзи инъикоси воқеиятҳо тадриҷан дигаргун шуда, тарзи нигориши фурӯравӣ ба аъмоқи зеҳн ва хотироти шахс дар сохтор ва дарунмояи ҳикояи ин давра таҳаввули хос бахшидааст. Ҳамчунин, дар ташаккул ва таҳаввули ин равиши ҳикоянависии давраи истиқлол анъанаи қаблии инсонпарварона, ки дар ҳикоянависии марҳилаҳои қаблӣ нуфуз дошт, эҷодкорона истифода гардидаст.

Яке аз нависандагоне, ки дар давраи истиқлол ҳам аз суннатҳои пешрафтаи ҳикоянависии марҳилаҳои қаблӣ эҷодкорона истифода кардаву ҳам дар ин замина ба тозакориҳое низ даст ёфтааст, Ӯрун Кӯҳзод мебошад. Нахустин иқдоме, ки ин нависанда дар ин марҳилаи инкишофи ҳикояи тоҷикӣ кард, кашфи мавзуи тоза вобаста ба вазъи сиёсию иҷтимоии дар ҷумҳурӣ пешомада буд, ки якеи он оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ буд. Дар ин замина консепсияи эҷодии ӯро равиши тозаи дарки моҳияти ҳодисаҳо дар замон ва макони мушаххас муайян кардааст. Меъёри тозаи шинохти одамият, ки аз ҳама гуна чаҳорчӯбаҳои расмиву фармоишӣ берун аст, ба нависанда имкон додааст, ки маънии амиқи тахкияи ҳодисаҳои рӯзмарраи зиндагиро ба василаи афъол, аъмол, амалу кирдор ва муносибатҳои инсонӣ комил созад.

Дар назари аввал ҳикояҳои нависанда мавзуи маҳдуд доранд, ки то ҷое хоси ин жанр буда, ба дараҷаи воқеиятҳои пурошӯби зиндагӣ ва ахлоқӣ намерасанд. Вале ҳаминро ҳам бояд дар назар дошт, ки Ӯрун Кӯҳзод

нависандаи воқеанавис набуду нест. Ин хусусияти ҳунарии ӯро ҳикояҳои дар солҳои тулонӣ навиштааш низ таъйид мекунанд. Вале ин равиш дар таҷрибаи солҳои баъдии нависанда хусусияти нав пайдо карда, паҳлуҳои тозаи идроки бадеии ӯро мушаххас сохтааст. Дар ҳикояи «Гудоз», ки аз силсилаи дар китоби «Ҳайҷо» гирдовардаи нависанда мебошад, сухан аз воқеаҳои солҳои даҳшатзои ҷанги ҳамватанӣ ё худ шаҳрвандӣ меравад. Дар ин ҳикоя нависанда воқеанавис нест, балки ба василаи тасвири образнок ва маънидор вазъи зиндагӣ, ҳоли одамон, талафоти ҷониву молӣ ва фасоди зиндагии беҳадафро ҳунармандона ба хонанда менамояд.

Дар ин ҳикояи Ӯрун Кӯҳзод тадқиқи характерҳои зидди якдигар ва тазодҳои зиндагӣ хеле вусъатнок ва ҳунармандона ба тасвир омадааст. Нависанда ба василаи тасвири лаҳзаҳои мушаххаси ҷанги шаҳрвандӣ дар аввалин солҳои истиқлолияти кишвар ва ворид шудан ба зеҳният ва хотироти қаҳрамонони ҳикоя моҳияти ҷанги бародаркуш ва зарари моддиву маънавии онро нишон медиҳад.

Дар ҳикояи «Гудоз» ҳодисаҳоро шахсиятҳо ба ҳам мепайванданд. Аз ин ҷиҳат сужету шахсият ба ҳам омехта буда, яке дигареро таҳрик мебахшад. Бахусус, дар тасвири нависанда шахсияти мутақобил ба зоҳир шудани хулқу хӯйи қаҳрамонони дигар ёрӣ мерасонад. Масалан, Муҳаммадамин шахсияти мутақобиле аст, ки дар баробари Холдона ва Моҳшариф ҳам кайфият ва вижагиҳои ин дуро мушаххас мекунад, ҳам ҳолу ҳавои худашро. Низои ҳикоя низ дар заминаи тазодҳои миёни шахсиятҳои ҳикоя сохта шудааст. Бархӯрди амал ва феълу хӯйи шахсиятҳо консепсияи ахлоқии нависандаро вусъат бахшида, моҳияти диди бадеӣ ва ғоявии ӯро мушаххас намудааст. Дар ин ҳикоя кашмакашҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, отифӣ ва ахлоқӣ мавқеи хос дошта, барои тақвияти андешаву орои нависанда мусоидат намудаанд. Ин тарзи кашмакашофаринӣ яке аз вижагиҳои сохтории ҳикояҳои давраи истиқлоли Ӯрун Кӯҳзод буда, моҳияти консепсияи ахлоқии ӯро хеле барҷаста таҷассум менамояд.

Дар ҳикояи «Гудоз» нависанда тазоди маънавии ду шахсияти асосии асараш – модар ва фарзандро хеле табиӣ ва пурмаъно офарида, ба ин васила моҳияти ҳастии инсонии онҳоро ошкор месозад. Дар тасвири нависанда меҳвари андешаи модар одаму одамгарист. Муколамаи модару фарзанд (Муҳаммадамин) сифатҳои инсонии онҳоро намоён карда, дар баробари модар шахсияти нолоиқ будани Муҳаммадаминро собит месозад. Эҳсосу андешаи тира ва ҷаҳолатомез шахсияти фарзандро дар муқобили модар хору залил нишон медиҳад. Дар ин бархӯрди маънавӣ нависанда ҳолати равонии модарро хеле табиӣ ба тасвир оварда, дар муколамаи кӯтоҳ эҳсосу андеша ва сиришти маънавии ӯ ва дигар шахсиятҳои ҳикояро ба таври табиӣ боварибахш ва барҷаста таҷассум сохтааст, ки хеле ибратомӯз мебошад.

Ҷангу ноороми барои Маҳмадамин, ки дар он бевосита ширкат дорад, саҳнаи намоише паҳновар ба умеди дарёфти подош ва даст ёфтан бар ҳадафҳои номуайян, ки дар як сӯяш хатари марг камин кардааст. Аммо мардуми сода, аз ҷумла модарашро тарси барҳам хӯрдани осоиш, дарбадарӣ, талафоти ҷониву молӣ гирифтор медорад.

Ӯрун Кӯҳзод дар ин ҳикоя бо ба кор гирифтани намод бар таъсири он афзудааст. Як чизи сода, яъне амалу кирдори Маҳмадамин бозгӯкунандаи мазмуни печидаву ғояи равшани ҳикоя ва эҳсосоте мебошад, ки бо онҳо вобаста аст.

Ӯрун Кӯҳзод боре дар як суҳбат гуфта буд, ки «Таърихи адабиёт собит кардааст, ки вуқуъгӯӣ афзали ҳама равияҳои иншост. Мурод аз навиштан бо хонанда суҳбат кардан аст. Пас тавре бояд суҳбат кард, ки хонанда ба маънои суханатон сарфаҳм биравад. «Ба лафз хубу ба маънӣ осон» бошад (Рӯдакӣ). Вуқуънависӣ масъулияти зиёдтаре дорад, масалан, аз рамзгароӣ. Ин ҷо воқиаҳо ҳудуд доранд ва чизи зиёдатӣ намегунҷад. «Роҳи рост якто. Роҳи каҷ садто». Ҳам воқеиятро риоя кардан ва ҳам ҷаззоб навиштан аз мушкилтарин усули эҷодист» [119, с.134].

Таҷрибаи нависанда нишон медиҳад, ки вай дар эҷоди ин ва дигар ҳикояҳояш ба принсипи дар боло ёдкардааш ҳамеша содиқ будааст. Яъне, ҳам сужаҳои воқеиро ба тасвир кашидааст, ҳам ин корро хеле ҷаззобу ҳунармандона анҷом додааст.

Мо дар боло доир ба заминаҳои ҳунари ҳикоянависии Сорбон дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш баъзе мушоҳидаҳоро баён кардем. Ин равиши ҳикоянависӣ минбаъд дар таҷрибаи нависанда такмил ёфта, дар давраи истиқлол таҳаввулоти тозаеро соҳиб гардидааст, ки муҳимтарин паҳлуи он диди ҷомеъ ва андешаманд ба воқеиятҳои зиндагӣ ва сарнавишти инсонҳо мебошад. Ба ифодаи дигар, дар эҷоди ҳикоя Сорбон, пеш аз ҳама, ба тасвири бадеии сарнавишти инсон, муҳити иҷтимоиву ахлоқӣ, рафтору аъмол, хӯю хислат ва ҳастии таърихиву фарҳангии шахсиятҳо диққат додааст. Ба ин далел Сорбон дар ҳикоянависӣ диди хоси вуқуъгӯйӣ ва ғиноӣ дорад, ки тамоюлоти иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва равонии осори ӯро мушаххас месозад. Ин тарзи нигориш дар ҳикояҳои ӯ гоҳо омехта, гоҳи дигар бо истиқлоли ғиноиву зебоишинохтӣ ҳамроҳ аст. Ҳикояҳои «Хоб», «Пирамард», «Сайёд», «Одаму ҳаво» ва баъзеи дигар бозгӯкунандаи тарзи аввали нигориши ӯянд. Ҳикояҳои «Хонаи арус», «Лола», «Шер», «Гирифтани моҳ», «Инсон» ва ғайра ифодагари шеваи дувуми нигориши ӯ мебошанд.

Интихоби мавзуъ ва шахсиятҳо дар ҳикояҳои Сорбон ба ҳолати ахлоқӣ, равонӣ ва ҳассосиятҳои иҷтимоиву маънавии нависанда сахт алоқаманд буда, далели таваҷҷуҳи зиёди ӯ ба воқеият ва сарнавишти одамони муқаррарӣ мебошад. Дар ҳикоя андешаҳои амиқ оид ба масъалаҳои мухталифи иҷтимоиву ахлоқӣ ва ҳастии маънавии инсон тамоюли асосии идроки бадеии ӯро муайян мекунад. Дар ин замина ӯ аз ҳама зиёдтар ба шахсият ва фардияти ахлоқии инсон андешидааст, ки то ҷое мавқеияти ҷамъиятиашро хира ҳам сохтааст.

Дар ҳикояи «Кабӯтари сафед» тасвир оҳанг, ранг ва тобишҳои ғиноӣ дошта, таъсири ҳиссӣ ва отифии онро зиёд кардааст. Нависанда ба василаи

тасвир хонандаро аз паси худ бурда, асрори ҳунари раққосаро ошкор месозад. Нависанда дар ин асар андешаашро дар бораи ҳунар ба воситаи масолеҳи мушаххас, ки аз зиндагӣ гирифта шуда ва мазмуни асарро сохтаанд, баён медорад. Рақс дар ҳикоя забони розии як духтари ҳунармандест, ки дар мусобиқаи азиме рақсида, талошаш ҷанбаи умедворкунанда дорад ва хонандаро ба санъат, ба ҳунари асил наздик месозад. Таҳаввули тадриҷии оҳанги ғиноӣ низ ифодакунандаи шаҳомат ва ҷовидонагии ҳунар аст.

Ҳикояҳои Сорбон яке паси дигар хонандаро бо сирру асрори зиндагӣ ва хулқу хӯйи инсонҳо ошно месозад. Дар ин гуна ҳикояҳо нависанда чеҳранигорӣ намекунад, паҳлуҳои тарҷумаҳолии шахсиятҳоро пайгирӣ наменамояд. Сарнавишти ин гуна шахсиятҳо одӣ ва амалу кирдорашон рӯзмарра буда, бо забони ҳамафаҳм сухан мегӯянд. Вале дар тасвири нависанда хусусиятҳои хоси амалу кирдор ва гуфтори онҳо мушаххас буда, воқеиятҳо ва сарнавиштҳои ибратангезро пеши назари хонанда зинда месозад. Ба ифодаи дигар, он чӣ дар ҳикояи Сорбон ҳаст, бофта нест. Зиндагии табиӣ дар ҳикояҳои ӯ мавҷ мезанад. Аз ин ҷиҳат, ҳунари ӯ бо диди бадеии устод Айнӣ, Сотим Улуғзода ва баъзе қаламкашони дигар қаробат дорад. Албатта, дар ҳикояҳои ӯ низ хаёлпардозӣ вуҷуд дорад, вале ӯ ин омилро фақат барои тавсифи интихобии ҷузъиёти зиндагӣ, гуфтугӯҳо, пайванди табиии сарнавиштҳо корбаст намудааст.

Дар ҳикояи «Рассом» қаҳрамон пушаймон аст, ки дар нишони Тоҷикистон «рамзи кӯҳу ғаллаву пахта»-ро дохил кардаасту «рамзи сербачагиро» не. Ин тасвири одӣ ҳисси амиқи миллиро дар худ ниҳон дорад, ки дар таъйид ва таъкиди қудрат аст. Ҳикояи дигари ӯ «Гирифтани моҳ» тарҷумаҳоилӣ буда, қаҳрамони он хоҳари нависанда аст. Нависанда бо тасвири дақиқи маросими мотамдорӣ, тадфину такфини майит, ба хок супурдан ва ғайра, аввалан қомуси фарҳангиро зиндаву абадӣ сохта, сониян хӯю хислат ва аъмолу кирдори инсонҳоро муҷассам намудааст. Дар ҳикоя ҳама чиз одист, вале моҳияти ҳодиса дар тасвири нависанда одӣ

наменамояд, балки андешазост. Андешае, ки марбут мешавад ба ҷомеа, ба ҳама. Ин ҳикоя номи дигар, «Зиндабагӯр» низ дошт. Вале он ба ҳикояи ҳамноми Содиқи Ҳидоят монанд нест. Тафовути ин ду асарро тарзи нигариш ба воқеият ё худ кайфияти ироаи аъмоли шахсиятҳо мушаххас менамояд. Сорбон дар ин ҳикоя саргузашт нақл намекунад, балки шахсиятҳои зеҳнии ӯ ва диди даруниаш баёнкунанда ё худ пешбарандаи сарнавишти инсон мебошанд. Дар ҳикоя он чӣ арзишманд ва монданист, паёми нависанда ва натиҷаи ахлоқии андешаи ӯст, ки фардияти ӯро дар корбурди жанри ҳикоя ба таври мушаххас таъйид менамояд. Нависанда дар ҳикоя тарафи ҳеҷ касеро намегирад. Саъй ҳам накардааст, ки ба суоле посухи дақиқ ва ошкоро диҳад. Балки воқеиятеро намудааст, ки печидагиҳо ва гирифториҳои ҷомеаи миллии моро матраҳ мекунад ва метавонад домангири ҳар инсоне бошад.

Дарунмояи аслии ҳикояи ёдшуда бевафоии дунё, ба таъбири нависанда «ин дунё», яъне дунёи фонист. Ин дунёи фониро Сорбон дар мисоли фоҷеаи ба сараш омада ҷои амну осоиш намедонад ва бо тасвири дақиқи воқеият авзои ҷомеаи суолзадаро равшан ба намоиш мегузорад. Дар зимни тасвирҳо ва андешаҳо эътирози нависанда ба тақдиргароӣ ва эътиқод ба беэътибории ҳаёт, ки аз заъфу нотавонии фард ва ҷомеа маншаъ мегирад, гиро ва таъсиргузор ба гӯш мерасад. Дунёи беэътибор дар андешаи ровӣ айбҳо, гусехтагиҳо, бетаносубиҳо, бешафқатиҳо ва ғайраро ба вуҷуд меоварад. Ин ҳолати равонӣ вақте бар ҳастии қаҳрамони ҳикоя нуфуз мекунад, ки бояд аз гӯр берун ояд. Дигар дар зеҳни ӯ ин дунё он дунёст, беруҳу равон, мурда ва палиду гандида аст.

Нависанда ровиро (қаҳрамони асосӣ) вақти ба лаҳад гузоштани хоҳараш тасвир мекунад. Ровӣ намехоҳад аз гӯр берун ояд. Ба суоли издиҳоми мардум, ки аз гӯр берун омаданашро тақозо мекунанд, чунин посух медиҳад: «На! Нахоҳам баромад. Он дунёи шумо ончунон манфур, ки аз барои як доллар одамро кушанд... Баромада ҳам чӣ кор кунам? Ҳеҷ коре намонда дар он дунё. Одамкушӣ аз дастам наояд. Автомату тапонча

парронда натавонам. Қуфли дари касеро шикаста натавонам, хонаи касеро ғорат кардан аз дастам наояд; ғоратгару раҳзан нестам. Мошини сиёҳшиша надорам, ки аз кокули духтарон кашида, зӯран дохили он гардонам; савдогарӣ ҳатто аз дастам наояд; дар роҳи фиребу дурӯғ карру кӯрам... Чӣ кор кунам аз ин ҷои беозор баромада, ки ташвише надорад? Ба моҳонаам даҳрӯза нон хӯрам, танҳо нони хушк. Навиштаҳоям чоп нашаванд, агар порае нашр шавад, пулу подош надорад... ҷои китобҳоро дар рафҳои китобфурӯшӣ шишаҳои арақу бода гирифта, Иттифоқи нависандагон «Иттифоқи савдогарон» шуда, кӯдакон ба ҷои шеър хондан резин мехоянд... Чӣ кор кунам баромада? Дар он дунё ба ҷои салом «дашном» шунавӣ, ба ҷои меҳрубонӣ дар пешонаат мили тапонча рост шавад: дӯст бегона ва душман азиз гашта...» [41, с.372-373].

Ин суханони нависанда аввалан моҳияти зиндадаргӯрӣ ва ҳадду андозаи муҳаббаташро ба хоҳар тафсир кунад, сонияи ба тариқи рамзомез роҳи наҷот аз муҳитеро менамояд, ки инсонро хору беқадр карда, сабаби маргу мири новақт ва таҳмилӣ мешавад. Қаҳрамони марказии ҳикоя бо интихоби ҳамин роҳ мехоҳад ба интизориҳои беохири худ поён бахшида, худро абадан аз носозгориҳои дунёи воқеӣ наҷот бидиҳад.

Дар ҷомеае, ки робитаи ирода ва амал аз ҳам гусехтааст, танҳо посухи яқин, ки мухри ошкори иродаи инсониро бар худ дорад, шаҳодат аст, зиндадаргӯр будан аст: яъне марге интихобшуда, ки ирода ва амалро ба ҳам гиреҳ мезанад ва посухе ба ҳамаи суолҳо ва интизориҳои қаҳрамони пӯё, ҷасур ва ҳақшиноси ҳикоя медиҳад. Консепсияи хоси идроки бадеии зиндадаргӯрӣ дар тафсири бадеии нависанда фақат нишони эътироз нест, балки шакли огоҳона ва оқилона шикастани беқонунӣ ва бесаругӯи замон, танҳо шакли эътироз ва қиёми қотеона дар муқобили тақдир ва интизор аст.

Қаҳрамони солдида, хирадманд ва ҳассоси ҳикоя вақте мебинад, ки наметавонад шакли зиндагӣ, муҳити яхбастаро дигаргун созад, омодааст шакли марги худро таъйин кунад, ки тавсифаш зиндадаргӯрист. Яъне,

мурда-мурда зистан. Тавсифи шоиронаи «азоби гӯр сабуктар аст аз азоби он дунё» ҷойгоҳи марг ва зиндагиро мушаххас месозад.

Сорбон ҳикояро бо ҳарфи қуръонии «аз хок шуморо офаридем ва ба хок шуморо бозгардондем ва боз аз ҳамин хок шуморо бори дигар берун орем» ба поён бурда, дар фарҷом хулоса мекунад, ки «Аз ин рӯ одамӣ намиранда...». Ин ҳарф дарунмояи аслии ҳикояро рӯнамоӣ мекунад, ки иборат аст аз: танҳоем, бо ҳам, вале танҳоие, ки мисли оҳи сарду яхбаста ва теғи бурранда бар ҷону рух фурӯ меояд ва бетаъсир ҳам нест.

Хусусияти дигар ва муҳимми фардияти эҷодии Сорбон, Ӯрун Кӯҳзод, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайфи Раҳимзод ва баъзе нависандагони дигар дар он аст, ки дар ҳеҷ марҳилае зери таъсири фишорҳои идеологӣ ҳикоя эҷод накардаанд. Ҳарчанд накди адабӣ ҷараёни инкишофи адабиётро ҳамеша зери контрол дошт ва Сорбонро ба таблиғи яъсу ноумедӣ дар ҷамъияти мо айбдор ҳам карда буд, вале нависанда дар ҳамаи марҳилаҳои эҷоди ҳикоя ҳувияти ҳунариашро ҳифз намуд ва аз тасвири воқеиятҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва каму костии рӯзгору маънавиёти инсон канор нарафт. Аз ин назар, ҳикояҳои ӯ «Девонахона», «Девона», «Шер ва дигарон», «Инсон» ва ғайра муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти инсон ва ҷомеаро фаро гирифта, аз ҷиҳати ҳунари тасвиргарӣ диққатангезанд, ки поёнтар дар ин боб ба алоҳидагӣ гуфтугӯ хоҳем кард.

Сорбон ҳикояҳои дар солҳои гуногун эҷодкардаашро дар ҷилди ёздаҳуми куллиёташ ва китоби «Мағзреза» фароҳам овардааст, ки ифодагари зинаҳои ташаккулу таҳаввули ҳикоя дар эҷодиёти ин нависандаи пуркор ва сермаҳсул аст. Бахусус, китоби сонӣ, зинаи дигари инкишофи ҳикоя дар эҷодиёти адиб буда, ба ифодаи муаллиф «Ин пораҳо – андеша, дидаву шунида ва мушоҳидаҳоянд, ки нависандаи ҳунарманд тавонад, қиссаву роман нигорад ва ё достонҳои кӯтоҳ гӯяд, намоишнома созад ё филмнома. Мағз гирад, пӯстлоху пӯчоқ ё карка андозад. Хонанда низ бояд чунин бомулоҳиза ва бодиққат бошад, то дарёбад, ки қаламкаш чӣ мегӯяд. Кӯтоҳ гуфтанӣ будаму кам, вале гоҳи таҳриру такмил пораҳо пай

ҳам меомаданд ба сар андаку беш; менигоштам яксара ва наметавонистам ба гунаҳо ҷудо бикунам, чунонки Саъдии бузург карда; зеро поёни навиштаҳо рӯз ниҳодаму сол, хостам чунон бошад, ки омада» [40, с.3].

Ҳамин тариқ, ҳикояҳои ин китоб аз «дида ва шунида»-ҳои нависанда фароҳам омада, то ҷое ба тарзи анъанавии ҳикояпардозиҳои гузаштагони адаби форсии тоҷикӣ наздикӣ дорад ва аз ҷониби нависанда зикр шудани номи Саъдӣ низ ишора ба ирсияти мағзрезаҳои Сорбон дорад.

Нишонаҳои жанрии ин гуна ҳикояҳои нависандаро муносибат ба воқеият, шеваи баён ва ташреҳ, сохтори ҳикоя, яъне таркиби банду баст, нақши амал, феълу атвори қаҳрамонон, вазъи тасвиршуда, шеваи нигориш, оҳанги гуфтор ва ҳунари тасвиргарӣ муайян ва мушаххас менамоянд.

Ин гуна ҳикояҳои Сорбон дар нигоҳи аввал сохтмоне мушобеҳ ба ҳикоя доранд. Яъне, ҳикояи кӯтоҳе дар бораи шахс ва ё ҳодисаи истиқлолёфта. Асоси ин гуна ҳикояҳоро пайванди ҳалқаҳои воқеӣ ва гоҳо тасодуфӣ ташкил диҳанд ҳам, онҳоро наметавон ба қатори ҳикояҳои латифавор дохил кард. Зеро ҳикояҳои латифавор ба як бор хондан хуш аст, ҳангоми такроран хондан тозагиашонро аз даст медиҳанд. Илова бар ин, дар ин намуди ҳикояҳо ҳодисаҳои иттифоқӣ ва ғайричашмдошт ба тасвир омада, сохтори маҳкам ва устувор надоранд ва паёми хосеро низ таблиғ намекунанд. Нависанда натиҷагириро низ дар ихтиёри хонанда мегузорад.

Аломатҳои жанрии ин гуна ҳикояҳоро муносибат ба воқеият, тарзи инъикоси он, шеваи амал, рафтору кирдори қаҳрамон, сохтори композитсионии ҳикоя, яъне таркиби банду баст, дараҷаи амали қаҳрамон ё вазъи тасвиршуда ва шеваи нигориш, оҳанги гуфтор ва ҳунари тасвиргарӣ муайян ва мушаххас менамояд.

Ҳамчунон ки ишора шуд, ин тарзи ҳикоянависӣ дар адабиёти пешини форсии тоҷикӣ ва дунё собиқаи рӯшане дошта бошад ҳам, навиштаҳои Сорбон хусусияти хоси мундариҷавию жанрӣ дошта, онҳоро наметавон бо офаридаҳои Авфӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигарон як донист, ҳарчанд қаробати онҳоро низ наметавон нодида гирифт.

Ҳикояҳои хурди Сорбон аз «дида ва шунида»-ҳояш иборат буда, мазмуну сужети тоза ва ҳикматнок доранд. Чунонки худи нависанда низ таъкид кардааст, ҳикоёти кӯтоҳ ҳосили умр, таҷрибаи дерсола, нишасту бархости муаллиф бо мардуми касбу кори гуногун ва шунидани сухани пирон, адабомӯхтагон ва ҷонсӯхтагон аст. Ба ин далел, ин ҳикояҳо пораҳое аз зиндагӣ ва муҷовиратҳои ҷисмониву отифӣ ва ахлоқии нависандаро бо муосиронаш фаро мегиранд ва арзиши тарҷумаиҳолӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ доранд.

Бештарини ҳикояҳои хурди китоби «Мағзреза» воқеӣ буда, як масъалаи муҳимми ҳаётиро матраҳ мекунанд. Гоҳо мавзуи ҳикоя ҷанбаи истисноӣ ва иттифоқӣ дошта, агар дар бозгӯии он иғроқ роҳ ёфта бошад ҳам, ҳаргиз аз воқеияти зиндагӣ берун нест. Масалан, аз замони вуқуи воқеаи ҳикояи «Айби дандони фитода» сӣ-чил сол гузашта бошад ҳам, воқеаи ба ин монанд дар муҳити имрӯзи мо рух медиҳад. Дар ҳикоя як лаҳзаи зиндагии сарбозони шуравӣ дар Афғонистон ба тасвир омадааст, ки онро нависанда аз рӯйи нақли Мастони Шариф, ки низ шахси воқеист, ба тасвир гирифтааст. Сужети ҳикоя воқеияти муқаррарии зиндагиро дар бар мегирад, ки дар муҳити хидмат ва зиндагии сарбозон иттифоқ меафтад. Агар дар ин ҳикоя як ҷиддияти шӯхиомез ҷони сарбозро гирифта бошад, дар рӯзҳои мо ҳамин гуна як шӯхии беҷо гардани сарбозеро шикаст ва як умр маъюбаш кард (фоҷиаи ба сари сарбози аштӣ омада дар назар аст).

Ҳикояҳои хурд ё худ, ба ифодаи нависанда кӯтоҳи Сорбон гувоҳи онанд, ки мағзи як нависанда ҳамчун хоке аст, ки мавзуъ мисли донае дар он менишинад ва дар тахайюли ӯ ҷавона мезанад. Нависанда аз равиши мудовими донаҳо дар зеҳнаш ба ҳаяҷон меояд, равише, ки аз хотираҳо ва дар замири нохудогоҳи ӯ ҷунбиш ва ҷӯшише бармеангезад, аз софии зеҳни ӯ мегузарад ва дар охир шакли табиӣ ва воқеии худро пайдо мекунад.

Ҳамин «равиши мудовими донаҳо дар зеҳн»-и нависанда, ки аз хотираҳои ӯ берун омадаанд, нависандаро ба эҷоди навъи дигари ҳикоя водоштаанд. Ин навъи ҳикояҳои Сорбон аз ҳикояҳои воқеии ӯ ҳам аз

ҷиҳати сохт ва ҳам мазмуну муҳтаво ва тарзи нигориш фарқ доранд. Чунин ҳикояҳо дар заминаи ҳодиса ё амалу кирдори шигифтангез ва саргармкунанда навишта шуда, нависанда дар онҳо ба воқеият ва асолати зиндагӣ камтар таваҷҷуҳ кардааст. Ин намуди ҳикояро муҳаққиқон ҳикояи латифавор унвон кардаанд, ки бо се хусусияташон аз ҳикояҳои воқеӣ фарқ мекунанд: а) дар меҳвари ҳикоя ҳодисаи иттифоқӣ ва нодир қарор дорад; б) тарҳи мустаҳкам ва устувор надорад; в) аксаран ҳарф ё паёмеро таблиғ намекунад.

Ҳикояҳои латифавори Сорбон ду хусусияти аввалро доранд ва аксарашон ҳомили паёми мушаххаси иҷтимоӣ ё ахлоқӣ низ ҳастанд. Ҳикояҳои латифавори «Ҳар лаҳза мекушанд, боз зинда шавем», «Одамшиносӣ», «Баҳона», «Саге ёри рӯбоҳ», «Ҳоҷии ҷавон», «Дил гум занад», «Ҳавои сард», «Осиёи миёна», «Баҳои ду», «Шикоят», «Чӣ фарқ дорад?» ва монанди инҳо аз ҷумлаи ҳамин гуна ҳикояҳо буда, сиришт ва хӯю хислати инсонҳоро менамоянд ва паёми мушаххаси ахлоқӣ доранд.

Мавзуи ҳикояи латифавори «Ҳар лаҳза мекушанд, боз зинда шавем» дар меҳвари ҳодисаи истисноӣ ва нодир мечархад ва поёнаш низ шигифтангез аст. Аз мазмуни ҳикоя бармеояд, ки амаки духтарча ҳунарпеша будааст ва дар намоиши телевизионӣ кушта мешавад ва бо илқои модару дидор бо амакаш дармеёбад, ки амакаш зиндаву фақат нақш бозидааст. Ҳамин ҳодисаи иттифоқӣ ва нодир бо тарҳи устувор ҳикояи латифавори зебоеро пайрезӣ кардааст, ки ҳақиқатнамои хислат ва таассуроти духтарчаест, ки ҳанӯз ба моҳияти ҳама чиз сарфаҳм намеравад. Тарҳи ҳикояи «Одамшиносӣ» низ аз ҳамин гуна матлаби иттифоқӣ ва нодир ба ҳам омадааст ва ба вазъи иҷтимоии тоҷикон ишораи равшан дорад. Ҳикояи «Баҳона» хислати худхоҳӣ ва худнамоии фардро ошкор мекунад. Дар бисёре аз ин қабил ҳикояҳо паёми ахлоқии нависанда ошкор аст, ки разолат ва қабоҳати хӯю хислати одамони фурӯмояву пастро мазаммат мекунад ва роҳи босаодат зистанро башорат медиҳад .

Ба ин тартиб, ҳикояҳои хурди Сорбон ҳосили таъсироти зеҳнии ӯ буда, ҳақиқат ва асолати зиндагӣ, афкору руъёҳо, умеду армонҳо, ғаму шодиҳо ва дарду ранҷҳои инсонро бозгӯ мекунанд ва дар шакли худ бозофаринии ҳунарии воқеияти зиндагиянд. Аз ҳамин раҳгузар, Сорбон мавзуъҳои одӣ ва содаро барои ҳикояҳои хурду бузургаш интихоб кардааст, ки ибратомӯз ва пураҳамиятанд.

Ин гуна ҳикояҳо дар адабиёти навини тоҷикӣ собиқаи рӯшане дошта, дар давраи истиқлол ташаккул ва таҳаввули тозае пайдо кард. Ҳарчанд чунин тарзи ҳикоянависӣ дар адабиёти гузаштаи мо суннатҳои устувори ҳунарӣ дорад, ҳикояҳои хурди давраи истиқлол хусусиятҳои хоси жанрӣ ва мундариҷавию бадеӣ дошта, онҳоро наметавон бо офаридаҳои Абулмаолӣ, Унсурмаолии Кайковус, Ҳамидаддини Балхӣ, Авфӣ, Саъдӣ, Низомии Арузӣ, Заҳириддини Самарқандӣ, Убайди Зоконӣ, Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ ва дигарон яксон шинохт, ҳарчанд наздикиҳои миёни онҳоро низ наметавон нодида гирифт.

Яке аз нависандагоне, ки дар таълифи ҳикоя анъанаҳои адабиёти гузашта ва нависандагони алоҳида, аз ҷумла Пӯлод Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиевро эҷодкорона давом додааст, Саттор Турсун мебошад. Ин нависанда дар баробари қиссаву роман, ҳамзамон ҳикояҳои ҷолибе низ таълиф кардааст, ки дар насри муосири тоҷик ҷойгоҳи худро доранд. Аввалин маҷмуаи Саттор Турсун, ки «Дили гарм» унвон дошт, ҳикояҳои дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш навиштаро дар бар мегирифт. Дар китобҳои дигараш низ, ки дар солҳои гуногун нашр шудаанд, ҳикояҳояшро ҷой додааст. Дар давраи истиқлолият китоби «Дувоздаҳ ҳикоя»-ро чоп кард, ки то ҷое бозгӯи мавқеияти ӯ дар эҷоди ҳикояи ин давра мебошад.

Саттор Турсун аз оғоз дар ҳикояҳояш ба таҳқиқи амиқи воқеияти зиндагӣ ва руҳияи инсон эътибори хос дода, ба ин васила дар ҳалли масоили иҷтимоиву ахлоқӣ саҳм гирифтааст, ки ба наҳве идомабахшии анъанаҳои ҳикоянависии нависандагони пеш аз ӯ мебошад. А. Набиев хусусияти аввалин ҳикояҳои нависандаро шарҳ дода, аз ҷумла нигоштааст:

«Аз ҳикояҳои дар мавзуъҳои мухталиф эҷодкардаи ӯ кӯшиши зоҳир кардани хислатҳои персонажҳо ва дунёи ботинии инсон намоён аст» [118, с.71]. Чунонки мебинем, нависанда аз аввалин қадамҳо талоши падид овардани дунёи маънавии инсонро доштааст, ки ҳикояҳои «Хостгор», «Як пиёла чой», «Боздид», «Нигина», «Гулдаста», «Хоҷамаст» ва ғайра ба ин гувоҳанд.

Саттор Турсун дар интихоби мавзуъ ва ҳалли он, фарогирии масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ аз анъанаҳои нависандагон Ҳаким Карим, Пӯлод Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиев эҷодкорона истифода карда, тадриҷан чеҳраи ҳунарии худашро муайян ва мушаххас сохт, ки бархӯрди маънавӣ ба воқеиятҳо ва усули таҳкиявии тасвир хусусияти тарзи нигориши ӯро дар эҷоди ҳикоя шакл додааст. Дар сужети ҳикояҳои ӯ мо тасвири воқеаҳои ҳангомадор ва фавқулодаро мушоҳида намекунем. Чунонки Абдувалӣ Давронов низ мушоҳида кардааст, ҳикояҳои ӯ аз «нақл, бале нақли пайваста ва ботааннӣ, ки воқеан, хоси қалам ва услуби эҷодии Саттор Турсун аст» ба ҳам омадаанд ва «нақл, тасвир, гирудори воқеаҳо, хулосаҳои бадеӣ» [88, с.156] асоси тасвири ӯро ташкил медиҳанд. Ҷуз ин, нависанда дар эҷоди ҳикоя барои мушаххас сохтани симои шахсиятҳо ва моҳияти амалу кирдори онҳо аз қиёсу муқобила ҳунармандона истифода кардааст, ки то ҷое чеҳраи хоси ҳунарии ӯро дар ҳикоянависӣ шакл додааст. Ҳамчунин, ӯ лаҳзаҳои муҳим ва моҳиятдори ҳаётро барои ошкор сохтани тамоюли ахлоқии қаҳрамононаш ва хулқу хӯйи онҳо ба кор гирифтааст, ки низ ифодагари тарзи хоси нигариш ва тасвиркориҳои ӯ мебошад.

Ҳикояи «Нигина» бо нақли воқеаи одӣ, дар сари дастархони дӯсташ Собир нишастани ровӣ шуруъ шуда, сипас лаҳзаҳои зиндагӣ, даврони донишҷӯӣ, хатми донишгоҳ ва ба кори мустақил оғоз кардани қаҳрамон пай ҳам нақл шудаанд. Воқеиятҳои сарнавишти қаҳрамон хеле одиву маъмулиянд. Вале паси ҳар ҳарф, ҳар сатр рӯзгори пурмоҷарои инсон ҷараён дорад. Инсоне, ки гирудорҳои зиндагӣ ӯро сохтаву сӯхтааст.

Нависанда хулқу хӯйи шахсиятҳои ҳикояашро дар шакли тайёр ба хонанда ироа намекунад. Вай талош кардааст, ки чеҳра ва хӯю хислати онҳоро дар ҷараёни гирудори зиндагӣ ва саъйю талоши ҳамарӯзаашон тадриҷан ошкор ва мушаххас созад. Дар ин равиш вай бештар ироаи хотираро ҳамчун воситаи зуҳури андешаи муҳим ва корсоз ба кор гирифтааст, ки дар марҳилаҳои баъдии эҷодиёташ низ мавриди истифода будааст.

Ин равиш дар эҷодиёти нависанда аз ҳикояи «Нигина» шуруъ шуда, бо ҳикояҳои «Ситораи корвонкуш», «Обдорӣ», «Думбура», «Барф ҳам мегузарад» ва ғайра такмил ёфтааст. Дар ҳикояи «Нигина» нависанда ҳиссиёти амиқ ва беолоиши ду ҷавони ошиқ ва ояндабинро тасвир карда, ранҷҳои ба онҳо таҳмилшударо бо қиёсу муқобила ба хонанда менамояд. Дар тасвири ӯ пасту баланди зиндагӣ қаҳрамононашро аз роҳи интихобкардаашон берун намебарад, баръакс онҳо дар муқобили беадолатиҳои зиндагӣ ва баъзе шахсиятҳои бадкор собитқадамӣ ва устуворӣ нишон дода, ба аҳдофи худашон даст меёбанд, ки ҷанбаи амиқи ахлоқӣ дорад.

Дар ҳикояҳои Саттор Турсун ҷанбаи воқеъгароӣ қавӣ буда, ин равиш зери таъсири суннатҳои ҳикоянависии марҳилаҳои пешин ва таҷрибаи эҷодии Пӯлод Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиев ташаккул ёфта бошад ҳам, ҷустуҷӯҳои бадеии Саттор Турсун дар ин замина тозагиҳои назаррас дорад.

Дар ҳикояи «Нисфирӯзӣ» ҳаводис суръати одии худро дорад. Ҳамон тавре ки дар зиндагии воқеӣ рӯй медиҳад, ҳикоя моро дарвоқеъ, бо як навъ ҷараёни зиндагӣ рӯбарӯ месозад. Бо ин ҳол, «Нисфирӯзӣ» ҳикояе нест, ки аз ҷузъҳои ноҳамгун ташкил шуда бошад. Дар сохтори ҳикоя пайдарпайи эпизодҳо заминаи устувор ва амиқи мантиқӣ доранд. Ҳамаи онҳо ба наҳве бо ҳам пайванд мехӯранд, ки хонанда аз зиндагӣ ва шахсиятҳое, ки тасвир шуданд, тасвири ҷомеъе ба даст меоварад. Нависанда ҷараёни зиндагиро ба таври санҷида ба намоиш мегузорад ва хонанда на сирфан бо анбошти ҳаводис, балки бо интихоби зариф ва пурмаъно бармехӯрем. Дар воқеъ,

дар ҳунари воқеъгароӣ интихоб аст, ки пояи тасвир ва шахсиятпардозиро ташкил медиҳад ва дар ин ҳикоя Саттор Турсун ба ин ҳадаф даст ёфтааст, ки намунае аз тозакориҳои ӯ дар ҳикоянависии солҳои ҳафтод мебошад. Мутаассифона, ин ҳадафи ҳунарии С.Турсунро нақди он рӯзгор нафаҳмида нависандаро барои фаъол набудани қаҳрамони аслии ҳикояи «Нисфирӯзӣ» Эраҷ коҳиш карда буд. Баъдтар М. Шукуров муносибати нависандаро ба тарзи офариниши симои инсон шарҳ дода, хулоса карда буд, ки шакли офаридаи С.Турсун дар ҷои худ муҳим аст. Ин донишманд гароиши нависандаро ба воқеъгароӣ саҳеҳ дониста, рафтори Эраҷро яке аз шаклҳои дар амал устувор кардани идеалҳои олии ахлоқӣ донистааст, ки дар таъкиди мустақилияти нависанда дар шинохт ва тасвири воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои мушаххас аст.

Нақли ботааммул, сужети оҳистарав ва назари дақиқи моҳиятҷӯ хусусияти идроки хоси бадеии С.Турсунро дар эҷоди ҳикоя муайян мекунад ва ин равиши ҳунарӣ минбаъд дар эҷодиёти ӯ такмил ёфта, дар давраи истиқлол таҳаввули тоза пайдо намудааст. Нависанда аз солҳои навадуми садаи гузашта ба ин тараф мисли марҳилаҳои аввали эҷодиёташ ҳикояи зиёд нанавишта бошад ҳам, эҷоди ин жанрро идома дода, чанд ҳикояи хотирмоне эҷод намудааст, ки гувоҳи таҳаввули ҳунари ӯ дар ин самт мебошад.

Вақте ҳикояҳои дар солҳои истиқлолият эҷодкардаи Абдулҳамид Самад, Баҳром Фирӯз, Кароматуллоҳи Мирзо, Ҷонибек Акобир, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Раҳим, Маъруф Бобоҷон, Зариф Ғулом, Иноят Насриддин, Равшани Ёрмуҳаммад, Анвар Олим, Юнус Юсуфӣ, Равшани Махсумзод, Тоҳири Муҳаммадризо, Сипеҳри Ҳасанзод, Сайдаҳмади Зардон ва дигаронро мутолиа мекунем, пеш аз ҳама, таҳаввули мундариҷавию ҳунарии ин жанр пеши назар меояд. Агар А. Самад дар ҳикояҳояш ба ифодаи ҳунармандонаи кайфияту руҳияи инсон, ҳиссиёт ва ҳолати ӯ даст ёфта бошад, Баҳром Фирӯз, ки аз эҷоди шеър якбора ба ҳикоянависӣ гузашт, бо муҷассам сохтани арзишҳои маънавии

ҷовид ба кашфи бадеии решаҳои бунёдии одамият даст ёфт ва Кароматуллоҳи Мирзову Ҷонибеки Акобир бештар ба ҷанбаи воқеии сарнавишти инсонҳо ва таҳқиқи бадеии паҳлуҳои гуногуни сарнавишти шахсиятҳо диққат додаанд. Ин ду қаламкаш ҳамчун нависандаи воқеъгаро эътироф гардида, падид овардани паҳлуҳои гуногуни воқеиятҳои ҷорӣ дар заминаи рафтору кирдори ахлоқӣ аз вежагиҳои мундариҷавию ғоявии ҳикояи онҳост.

Дар ин замина ҳикояҳои баъзе нависандагон, аз ҷумла Равшани Ёрмуҳаммад, Анвар Олим, Иноят Насриддин, Зариф Ғулом, Тоҳири Муҳаммадризо ва Абдуғаффори Партав бо падид овардани паҳлуҳои тозаи воқеиятҳои давраи ноороми҇ҳои кишвар ва ба истиқлолияти комил даст ёфтани ҷумҳурӣ тафовут доранд. Тарзи нигориши нависандагони ёдшуда воқеъгароии сирф буда, аз ин ҷиҳат таҷрибаи нависандагони воқеънависи солҳои панҷоҳу шастро ба ёд оваранд ҳам, вале тарзи тасвир ва бархӯрди ғоявиашон фарқ дорад. Масалан, Равшани Ёрмуҳаммад дар ҳикояи «Хӯшаи ангур» воқеаи одӣ ва маъмулии аз боғи ҳамсоя ангур дуздидани бачаҳоро тасвир кардааст. Вале бархӯрди тозаи нависанда ба воқеа омили кашфи хулқу хӯйи нотакрори бачаҳо гардидааст, ки равиши тозаи идроки воқеияти иҷтимоиву ахлоқӣ дар таҷрибаи нависандагии ӯст. Ҳамин гуна тарзи идроки бадеии воқеияти иҷтимоиву ахлоқӣ дар ҳикояи дигари ӯ «Гесӯ» низ нуфуз дошта, ба кашф ва таъйиди арзишҳои бунёдии маънавии инсон таъкид меварзад.

Дигар аз нависандагоне, ки дар матни воқеиятҳои иҷтимоии замони истиқлол ҳикояи зиёд навиштааст, Зариф Ғулом мебошад. Ин нависанда бештар ба тасвири воқеъгароёнаи ҳаводиси мансуб ба қонун гаравида, дар ин замина чанд ҳикояи ҷолиб ҳам навиштааст, ки баъзеи онро аз назар мегузаронем. Дар ҳикояи ӯ «Валадуззино» сарнавишти шахсияти ҳикоя Умеда ба Морис Абел қаҳрамони филми «Сарватмандон низ мегирянд» монандиҳое дорад. Воқеиятҳои зиндагӣ новобаста ба фазову макон ва маҳдудаҳои ҷуғрофиёӣ ба ҳам монананд. Дар заминаи чунин воқеиятҳо

сарнавиштҳо низ ба ҳам монанд мешаванд. Вале он чӣ ки қаҳрамони ҳикояи Зариф Ғуломро аз Морис Абел фарқ мекунонад, ҳувияти фардии миллӣ аст, ки паҳлуи ахлоқӣ дорад ва пайванд мехӯрад ба ҳафт пушти инсон. Одам набошӣ одам намешавӣ, Ин ҳукми ҳуқуқшинос не, ҳукми нависандаи посдори адлу одамият аст. Ҳикояи дигари ӯ «Шабоҳат» низ дар мавзуи ахлоқ аст. Дар ҳикоя як муаллимаи ҷавон ва пӯё мехоҳад ахлоқи ҷомеаро дигар кунад, вале фақат бо намуна будан ин корро ғайри имкон медонад. Дар ин ҳикоя ҳукми нависанда ҳукми қонун аст.

Зариф Ғулом дар бисёре аз ҳикояҳояш, аз ҷумла ҳикояи «Фарёди қалб» воқеияти таърихии ҷабри қонун ба инсонро матраҳ карда, дар симои прокурор, ки «дар болои сар»-аш «сурати калони Сталин»-ро овехта буд, хулқу хӯйи ҷобирони солҳои сталиниро ба хонанда менамояд. Нависанда бо тасвири ботааннӣ сурату сирати қурбониён ва золимони солҳои сиюмро ба таври табиӣ муҷассам сохтааст, ки дар тарзи тасвири ӯ маҳдудияти замонӣ надошта, ба рӯзҳои мо низ талмеҳ мезанад. Мутаассифона, дар тарзи нигориши Зариф Ғулом воқеъгароии сирф нуфуз дошта, ин омил боиси костагии фардияти ҳунарии ӯ шудааст.

Роҳи интихобкардаи Баҳманёр, Сайф Раҳим ва Ю. Юсуфӣ аз ибтидо дар эҷоди ҳикоя аз дигарон фарқ дошт. Баҳманёр ҳикояро, ки асосан насри ривоятӣ ё нақлӣ дар чорчӯбаи равиши маълуми «реализми сотсиалистӣ» буд, ба насри ҳунарӣ ё тасвирӣ ва асли реализми ҳақиқӣ наздик гардонд. Сайф Раҳим низ аз ҷумлаи қаламкашоне буд, ки бо аввалин ҳикояҳояш майл ба тозагӯӣ, кӯшиши такрор накардани дигарон, хусусан, дар тарзу шеваи баён ва шакли тасвирро дошт. Ҳикояҳои Ю. Юсуфӣ низ бо гирумон ва тарзи тасвиру сабки баён ба навиштаҳои дигарон монандӣ надоранд. Тамоюлҳои зикршуда, пеш аз ҳама, баёнгари моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва фардияти ҳунарии нависандагони ёдшуда дар эҷод ва такмили ҳикояи давраи истиқлол мебошад, ки поёнтар паҳлуҳои ҳунарии онро баррасӣ хоҳем кард.

Дар заминаи таҳқиқ ва баррасиҳои анҷомгирифта метавон хулоса кард, ки нависандагони тоҷик суннатҳои ҳикоянависии садаи бистро эҷодкорона идома ва инкишоф дода, бо пайгирӣ ва таъсирпазирии огоҳона аз таҷрибаи нависандагони ҳунарманд, корбурди дидгоҳҳои тозаи назарӣ ва амалии оид ба ҳадафҳои сохторӣ ва бадеии ин жанр, фурӯ гузоштани таҷрибаҳои муштараки воқеъгароии маҳз, боло бурдани мавқеи шахсият дар муқобили таҷрибаҳо ва арзишҳои умумии иҷтимоӣ, ҷустуҷӯ дар аъмоқи зеҳн ва ёдвораи шахсиятҳо ва такмили фардияти ҳунарӣ ҳикояи тоҷикиро ташаккул ва таҳаввули тоза бахшиданд, ки дастоварди адабиёти имрӯза аст.

## 2.2. Махсусиятҳои инъикоси бадеии масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи замони Истиқлол

Насри солҳои шасти садаи бист ва баъди он, аз ҷумла ҳикоя дар нақши раҳнамо ва омодасози таҳаввулоти иҷтимоии дар ҷомеа рухдода маҳсули дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа буд. Вале фарқи ин таҳаввулоти адабӣ аз идеологияи ҳоким, ки ҳатто дар он рӯзгори «обшавии яххо» раванди «боздошткунӣ»-и осори равшангароёнаи бадеиро идома медод, ин буд, ки дигар маҳдудиятҳои дар эҷод ва нашри осори бадеӣ вазъшуда на ҳама вақт амалӣ мешуд. Адабиёт дигар ба меъёрҳои қолабии сталинӣ барнагашт ва хеле душвору хатарнок бошад ҳам, ҷустуҷӯҳои огоҳонаи бадеии адибон дар бозтоби воқеиятҳои иҷтимоиву ахлоқӣ дар самтҳои гуногун идома меёфт. Ин раванди ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ омили асосии пайдоиш ва тадриҷан, ташаккулёбии ҷараёни худтаҳлилӣ, худогоҳии инсонӣ ва иҷтимоӣ дар насри тоҷикӣ, аз ҷумла жанри ҳикоя гардид, ки минбаъд дар давраи истиқлолияти кишвар ташаккул ва таҳаввули чашмрас пайдо кард. Ба василаи ҳикоя дар ин давра дар насри тоҷикӣ шахсияти андешаманд, масъул ва чораандеш арзи ҳастӣ кард, ки фаъолиятмандии иҷтимоӣ дар амалу кирдори ӯ нақши муҳим дошт.

Ба ифодаи дақиқтар, ба воситаи ҳикоя дар насри давраи истиқлол равияи тозае зуҳур кард, ки асоси онро фикру андеша ва муҳокимаю мунозира ташкил дода, таҳлилҳои бадеии иҷтимоӣ ва маънидоди сабабҳои иҷтимоии рӯйдодҳо ҳадафи ҳунарии муаллифон буд. Яке аз омилҳои асосии таконбахши ин раванд истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва озодии эҷодиёти бадеӣ буд ва ба аҳли адаб имконияти фарохе муҳайё гардид, ки нависандагон саҳифаҳои маҳфузи китоби таърихи кишвари худро боз намоянд, мавзуъҳоеро баррасӣ ва аз лиҳози бадеӣ ба тадқиқ бигиранд, ки дар давраи Шуравӣ мамнуъ маҳсуб мешуданд. Дар ин замина Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Баҳманёр,

Кароматуллоҳи Мирзо ва баъзе нависандагони дигар ба бозтоби бадеии масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву ахлоқӣ пардохтанд, ки дар бештарин ҳол ҳадафи ислоҳи низоми иҷтимоиро дошта, қабл аз мустақилияти кишвар дар ин боб навиштан ба нависанда осон набуд.

Нависандагон дар ҳикояҳояшон оид ба мушкилоти иҷтимоӣ ва вазъи ахлоқии ҷомеа андеша карда, заминаҳо ва омилҳои таназзули иҷтимоиёт ва маънавиёти муосиронашон ва ҷомеаро ба тарзи бадеӣ муҷассам менамуданд. Дар ҳикояи ин давра доманаи масъалаҳои иҷтимоӣ тавсиа ёфта, ба мушоҳидаи А. Сайфуллоев «Таъқиботи оммавии роҳбарони давлатӣ, нависандагон, донишмандон, уламои динӣ, равшанфикрон, зиёиёни миллӣ, несту нобуд кардани мероси маънавии халқ, девону ашъори шоирон, рисолаҳои илмии олимон, Қуръон ва дигар китобҳои маърифатӣ аз ҷумлаи мавзую масъалаҳое ба шумор меоянд, ки тадқиқи бадеии онҳо танҳо дар давраи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон имконпазир гардиданд» [138, с.149]. Ҷустуҷӯҳои бадеӣ, ки дар ҳикояи ин давра зоҳир гардид, таҷрибаи арзишманд буда, аз равишҳои қаблии корбурди ин жанр фарқ дорад.

Яке аз хусусиятҳои инкишофи ин жанрро таваҷҷуҳи амиқи нависандагон ба мушкилоти иҷтимоӣ муайян менамояд. Ин тамоюли ҳунарӣ ҷойи ҳикояи тафсириро дар насри тоҷикӣ танг карда, заминаро барои ташаккул ва таҳаввули ҳикояи иҷтимоии маънавибунёд муҳайё сохт. Маҳз ҳамин раванд тамоюли ҳунарии инкишофи ҳикояи ин давраро муайян ва мушаххас менамояд. Ҷустуҷӯҳои ҳунарии нависандагон дар ин давра асосан, ба масъалаи эҷоди ҳикояи масъалагузори иҷтимоӣ рабт мегирад. Мушаххасоти бадеӣ дар бештарини ҳикояҳои индавраинаи Кӯҳзод, Сорбон, С.Турсун ва баъзе аз нависандагони дигар бо масъалаҳои хоси иҷтимоӣ ва омилҳои созандаву тахрибсози ин низом сари кор мегирад. Ин гуна ҳикояҳо мушаххасоти иҷтимоиву бадеӣ дошта, вазъи ҷомеа ва ҳолати ахлоқиву равонии инсонҳоро низ муҷассам кардаанд, ки аз бисёр ҷиҳат ҷолиби диққат мебошад. Ба назари мо, дарк ва огоҳиҳои комил

аз воқеиятҳои иҷтимоӣ ва шароити зиндагиву вазъи ахлоқиву равонии ҷомеа заминагузори пешрафти ин навъи ҳикоя дар ин давра мебошад.

Донишманди рус Г. Н. Поспелов ба ин назар аст, ки «фанни маърифат барои санъат фақат метавонад он чӣ бошад, ки бо ҳаёти иҷтимоии одамон алоқаманд аст. Ин, пеш аз ҳама, худи одамон бо ҷанбаҳои моддӣ ва маънавии муносибатҳои иҷтимоиашон. Ин ҳама он чизест, ки дар зиндагии одамон, амалҳову андешаҳо, таассурот ва тарзи зиндагӣ, шароити муҳити онҳо ҳаст ва муносибатҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ашёиву хусусиятҳои хоси миллӣ ва таърихӣ онҳоро ба вуҷуд меорад». Аз ин тафсир муҳаққиқ ба ин натиҷа мерасад, ки «Мавзуи санъат ин дарки ақидатии хусусияти зиндагии одамон ва алоқамандиҳои он бо махсусиятҳои ҳастии табиат мебошад» [131, с.205].

Ибораи «дарки ақидатӣ» то солҳои навадуми садаи гузашта барои нависанда «чароғи сабз»-и тобеият ба идеологияи расмӣ шинохта мешуд. Дар давраи истиқлолият «чароғи сабз»-и нависандагони тоҷик воқеияти зиндагӣ, сарнавишти инсон ва ҳадафҳои ҳунарӣ буд. Чунин мавқеъгирии ҳунарӣ инъикоси масъалаҳои иҷтимоиро дар ҳикоя амиқ ва қавӣ сохта, муносибати инсонро ба соҳаҳои гуногуни зиндагӣ муайян намуд. Таърих ва воқеиятҳои таърихӣ низ дар ҳикоя мундариҷаи муҳимми бадеӣ ва сарчашмаи таассуроти тоза оид ба масоили иҷтимоӣ ва сарнавишти инсон гардид. Ин ҷустуҷӯҳо идома ва такмили ҳикоянависии тоҷикии солҳои 70-80 қарни гузашта буда, дар адабиёти давраи истиқлол ба роҳи тозаи инкишоф ворид гардид.

Ба ин тартиб, дастовардҳое, ки дар ҳикояи давраи истиқлол ба мушоҳида мерасад, вобастаи ҷустуҷӯҳои ҳунарии нависандагони ботаҷриба Кӯҳзод, Сорбон, С.Турсун, А. Самад, Баҳманёр ва чанде дигар буда, онҳо ба воситаи ин жанр тасаввуротро оид ба воқеаҳои иҷтимоӣ ва сарнавишти инсон ба беҳӣ дигар карданд. Дар ҳикояи ин давра тазодҳои ҳаёти ҷомеа, мушкилоти иҷтимоиву ахлоқии ҳалнашуда мавриди таҳқиқ,

таҳлил ва тасвири бадеӣ қарор гирифт, ки аз дастовардҳо ва пешрафтҳои ин жанр гувоҳӣ медиҳад.

Дар ин самт ҳар нависанда роҳу равиши хоси эҷодии худро дошта, дар инкишофи ин жанр саҳм гузоштааст. Дар ин замина бархӯрди Ӯрун Кӯҳзод ба воқеиятҳои иҷтимоӣ аз дигарон тафовут дорад. Кӯҳзод дар ҳикояҳои давраи истиқлолият низ чун дар дигар осори дар солҳои 70 ва 80 таълиф кардааш гирифтори мундариҷаи насри ҷорӣ, зиндагии бароҳат набудааст. Нависандаи ҳикоянавис воқеиятҳои иҷтимоиро бо дид ва сабки хос тасвир карда, ҳақиқати ҳолро ба хонанда менамояд. Дар ҳикояҳои ӯ дурнамои воқеиятҳои муқаррарии зиндагӣ ҳамчун дар оинаи дурбин дигаргун мешаванд. Нависанда ашёҳои ноҳинҷорро ба ҳаракат медарорад, нигоҳи тамасхуромезаш чеҳраҳои пурфарёдро ночиз ҷилва медиҳад ва ниҳоят, дар ҳамин ҳол диди сайдафкан ва интихобӣ ғайри интизор ба воқеаҳои иҷтимоӣ афзоиш меёбад.

Дар ин замина, яке аз ҳикояҳои Ӯрун Кӯҳзод «Тахти равон ва тахтабарон» ҷолиб мебошад. Дар ин ҳикоя муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоии хаёти ҷомеаи тоҷикон тасвир ва арзёбӣ шудааст. Ӯрун Кӯҳзод аз забони яке аз шахсиятҳои ин ҳикоя чунин меоварад. «Ман медонам... Муҳитро дигар кардан даркор, аз нав сохтан даркор» [15, с.270]. Ин андешаи каҳрамони ҳикоя аст, ки мехоҳад вазъи иҷтимоии муҳити зиндагӣ ва фаъолияташро тағйир диҳад. Андешаи созандаи иҷтимоии қаҳрамон ормони нависанда низ ҳаст, ки аз аввалин навиштаҳояш сар карда, талоши ислоҳи вазъи иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаро дошта ва дар ҳикояҳои солҳои баъд таълифкардааш ин ормони иҷтимоӣ амиқтар мегардад. Дар ин замина, «Киройи гиря надошт» яке аз ҷолибтарин ҳикояҳои иҷтимоии Ӯрун Кӯҳзод аст.

Нависанда дар ин ҳикоя ба василаи тасвир ва таҳлили бадеӣ моҳият ва сабабҳои иҷтимоии рӯйдодҳои солҳои навадуми садаи бисти кишварро арзёбӣ намудааст. Умқи фоҷиаи ичтимоиро, ки ба сари маллат омада буд,

нависанда бо байти зерини Саъдӣ, ки дар оғози ҳикоя эпиграф овардааст, таъкид меварзад:

Халқро бедор бояд буд аз оби чашми ман,

В-ин аҷаб, к-он вақт мегирям, ки кас бедор нест [16, с.274].

Мулоҳизарониҳои амиқ ва ҳаяҷономези нависанда, ки гоҳ аз забони худи ӯ ва гоҳи дигар аз забони шахсиятҳои ҳикоя омадаанд, на фақат моҳияти иҷтимоии рӯйдодҳоро амиқ ифода мекунад, балки мабдаи тадқиқ ва моҳияти иҷтимоии ҳикояро низ тақвият бахшидаанд. Дар ин ҳикоя тасвири психологӣ тақвиятбахши мабдаи иҷтимоӣ буда, бо мулоҳизаронихое дар атрофи мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла, масъулиятшиносӣ барои имрӯзуояндаи Ватан, олами маънавии шахсиятҳоро бозгӯ мекунад.

Нависанда дар ин ҳикоя масъалаи нақши иҷтимоии шахсро дар ҷомеа ба миён гузошта, бештари он чизҳоеро, ки ба пешрафт ва осудагию ободии ҷомеа халал мерасонанд, таҳқиқ ва ошкор месозад. Дар ҳикояи зикршуда Ӯрун Кӯҳзод падидаҳои номатлуб ва вайронгари ҳаёти иҷтимоӣ ва амалу кирдори инсонҳоро дар заминаи воқеиятҳои фоҷиабори ибтидои солҳои навадуми садаи гузашта тасвир карда, маҳдудияти назар, бебасиратӣ, бемақсадӣ ва оҷизии баъзе роҳбарон ва тӯдаҳои фитнагарро бо камоли диққат ва мушоҳидакорӣ нишон додааст.

Аз воқеиятҳое, ки дар «Майдони пеши Қаср» ҷараён дошт, аз ҷасади «Дар сари дор кашол»-и Умари Валӣ – Умари ваъда ва аз ҳарфҳое, ки ба воситаи микрофонҳои якум, дуюм ва сеюм садо медоданд, нависанда ба хулоса меояд, ки бузургворӣ ва пастфитратӣ, дурӯягӣ ва нодурустӣ, хубӣ ва бадӣ, зебоӣ ва зиштӣ, вақте чун низомнома ва қонуне ба кор гирифта мешавад, дигар корбурди саҳеҳ ва манфиатбахше пайдо намекунад. Чунин далел ва кашфе ӯро гиҷ ва ноумед месозад. Зеро бо он чӣ ки омӯхтаасту мехоҳад, яъне осудагӣ ва ободии ҷомеа, ба куллӣ мухолиф аст.

Ӯрун Кӯҳзод дар бисёре аз ҳикояҳое, ки дар давраи истиқлолият таълиф кардааст, бо тасвир ва таҳлили бадеӣ сабабҳои иҷтимоии рӯйдодҳо

ва амалу кирдори шахсиятҳои осорашро дақиқ нишон медиҳад. Дар ҳикояҳои дигари нависанда, аз ҷумла «Гудоз», «Очаи бачаҳо», «Бурротар зи теғ» ва ғайра падидаҳои гуногуни воқеиятҳои иҷтимоӣ, монанди бемаънавиётӣ, маҳдудназарӣ, кӯрдилӣ, зиндагии пучи беҳадаф ва натиҷаҳои тақдирсӯзи он тасвир ва арзёбӣ шудаанд. Дар ҳикояҳои индавраинааш нависанда муваффақ шудааст, ки омилҳои иҷтимоӣ ва маънавии ҳодисаҳои номатлуб ва амалу кирдори ношоистаи шахсиятҳоеро, ки ба пешрафти ҷомеа халал мерасонанд, кашф ва бармало созад.

Дар ин равиш ҳикояи Абдулҳамид Самад «Моргазида» низ ҷолиб мебошад. Атахон Сайфуллоев ин ҳикояро яке аз муассиртарин ҳикояҳои Абдулҳамид Самад унвон карда, таъкид намудаст, ки «На танҳо моҳияти бадеӣ, иҷтимоӣ, балки сиёсӣ ҳам дорад». Ба андешаи муҳаққиқ, муаллиф инсониятро ҳушдор медиҳад, ки ба ҷангу хунрезӣ ва тахриби маънавиёт роҳ надиҳанд [138, с.152]. Нависанда дар ин ҳикоя мавзуву масъалаҳоеро мавриди тасвир ва арзёбӣ қарор додааст, ки дар замони Шуравӣ таҳқиқи бадеии онҳо мамнуъ буд. Истиқлоли давлатӣ шароитеро ба вуҷуд овард, ки парда аз рӯйи масъалаҳои сиррӣ бардошта шавад.

Доираи мазмун ва дарунмояи ин ҳикоя васеъ буда, ба арзёбии ҷудогона ниёз дорад. Алҳол чанд нуқтаро доир ба моҳияти иҷтимоии он ба тариқи мухтасар баён мекунем. Нависанда бо тасвири бадеии сарнавишти ҷанговари шаҳид ва ёдовариҳои модар фоҷиаи иҷтимоиеро менамояд, ки омили аслиаш сиёсати ғалат, кӯтаҳназарии инсонҳои худхоҳ ва амалу кирдори душманони миллат будаанд, ки қасди аз байн бурдани ахлоқу маънавиёти миллӣ ва ба ҳам душман сохтани фарзандони як қавму як ватанро доштаанд. Дар матни воқеаҳои фоҷеабори солҳои сиюми садаи гузашта, нобуд сохтани китобҳои таърихӣ ва ниҳоят Ҷанги Бузурги Ватанӣ нависанда фаҷеътарин фоҷиаи иҷтимоии ба сари тоҷикон омадаро дар мисоли қисмати ҷанговари шаҳид, бобои донишманд ва модари чашмбароҳи ӯ инъикос намудааст, ки ҳамчун хушдори таърихӣ хонандаро ба огоҳиву худшиносӣ даъват мекунад. Таъкиди нависанда бар он аст, ки

вақте низоми сиёсӣ пайвандҳои иҷтимоӣ ва маънавии наслҳоро дидаву дониста аз байн бурданӣ мешавад, ба решаи худ низ табар мезанад. Сарнавишти шахсиятҳои ҳикоя фоҷиаи фарогири иҷтимоиро алайҳи инсони муътақид, суннатгаро ва меросбари маънавиёти миллӣ бармало мекунад, ки дарсе барои имрӯзу оянда аст.

Абдуҳамид Самад аз зумраи нависандагонест, ки сари вақт аз тамоюлҳои манфии ҳаёти ҷомеа моро огоҳ сохта, чеҳраи шахсиятҳоеро менамояд, ки чархи таърихро низ бо хоҳишашон пас гардонданианд. Яке аз ҳамин гуна ҳикояҳо «Занталаб ва маликаи саҳро» ном дорад. Дар ин ҳикоя нигоҳи тозаю танқидӣ ва андешаи нависанда доир ба вазъи иҷтимоии занони пахтакори деҳот баён шудааст. Андешаҳои ислоҳотхоҳонаи иҷтимоии нависанда ранги фаъолиятмандии фикриро гирифта, вазъи занонро дар ҷомеа нишон медиҳад.

Таъбири «маликаи саҳро» дар ҳикоя пешзамина дошта, ба суханрониҳои роҳбари вақти Шуравӣ Никита Хрушёв ишора дорад. Хрушёв ҷуворимаккаро «маликаи саҳро» («королева полей») унвон карда буд. Дар корбурди А. Самад ибораи «маликаи саҳро» маънии танзомез дошта, масъалаи шинохти нақш ва ҷойгоҳи воқеии занро дар ҷомеа ба миён мегузорад.

Дар замони Шуравӣ шиори «ҳуқуқи зану мард баробар аст», дидгоҳи номуносиби иҷтимоиро оид ба зан ва ҷойгоҳи он дар ҷомеа таҳким бахшида буд. Аксари нависандагон низ зери таъсири ҳамин ҷараёни манфӣ аз зан дар осорашон «бут» месохтанд, ки ба наҳве нодидагирифтани ҳуқуқҳои иҷтимоии зан буд. А. Самад дар ин ҳикоя вазъи тоқатфарсои зиндагӣ ва меҳнати занони пахтакорро бо камоли диққат ва ҳунар тасвир карда, дар замина носипосии ҷомеаро ба ин «неруи ивазнашаванда» (Лев Толстой) нишон медиҳад. Нависанда аз хатари мардона шудани идеали зан ҷомеаро ҳушдор медиҳад.

Лев Толстой дар мисоли ҳикояи А. Чехов «Ҷони одам» («Душечка») нависандаро ба ношинохтани нақш ва ҷойгоҳи зан дар муҳити иҷтимоӣ

маломат карда, аз ҷумла навишта буд: «Вале, ба назарам, кори занҳо аз рӯйи моҳияташ нисбат ба мардҳо дигар аст. Барои ҳамин ҳам, ормони (идеали) камолоти занҳо низ наметавонад ба ормони мардон монанд бошад. Фарз кардем, ки мо надонистем ин ормон чист, ба ҳар ҳол, бешак ормони такмили мардон нест. Илова ба ин, барои соҳиб шудан ба ин ормони мардона ҳамаи фаъолияти хандаовар ва бади ҳаракати мудшудаи занона равона карда шудаст, ки ҳоло занҳоро сахт метарсонад» [156, с.338].

А. Самад аз ҳамин гуна фоҷеаи иҷтимоии ба сари занҳо омада ҳушдор дода, аз забони каҳрамонаш бобои Раҳмат меовард:

« – Як гап бгум? Дар байни пахта, аз саҳар то шом, каланд дар даст, дар обу арақ шилта, бӯю тафи дорура намегӯйӣ? – хору зор шуданд духтарҳо. Ҳукумати Шуравӣ, ошно, мо мардҳоро озод, зану духтари деҳота ғуломи пахта кард... » [36, с.80].

Хулосаи бобои Раҳмат аз ин фоҷиаи иҷтимоӣ натиҷагирии нависанда аз воқеияте аст, ки дар тули солҳо мушоҳида кардааст. Бобои Раҳмат бо қатъият мегӯяд: «Ин ҷамията, бачаи хола, шумо, соҳибмаълумотҳо, расво карден. Як умр мардума лаҷом заден, даҳони мардума бастен. Аз гуфтани суханони ҳақ метарсен. Лекин аз адолат, ҳақиқат, инсофу виҷдон соатҳо вазъ мегӯен. Дилат зани зебо, бофаҳм, кадбону мехоҳад. Аммо ин духтарҳо аз куҷо ин хел зан шаванд, ки умрашон аз субҳ то шом дар саҳро мегузарад?» [36, с.80-83].

Нависанда бо тасвир ва таҳлили қиёсӣ фарқи меҳнати занон ва мардонро нишон медиҳад: мардҳо раис, муҳосиб, агроном, мироб, бригадир ҳастанд. Меҳнати нисбатан озода ва бароҳат доранд. Аммо меҳнати занҳо тоқатшикан аст. А. Сайфуллоев ҳикояи «Занталаб ва маликаи саҳро»-ро «яке аз бозёфтҳои эҷодии Абдулҳамид Самад» ва «дахолати фаъолонаи нависандаро нисбат ба мушкилиҳои доғу мубрами ҳаёти деҳот» [138, с.159] гувоҳи диди моҳиятҷӯйи ӯ медонад.

Ҳамин гуна диди моҳиятҷӯйи нависандаро мо дар ҳикояҳои дигари дар ин давра эҷодкардаи ӯ «Аробакаши идораи боло», «Ёр дар бари ёр»,

«Дудила», «Ғамхӯрак» ва ғайра низ мушоҳида мекунем, ки далели таваҷҷуҳи амиқи ӯ ба воқеиятҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикон мебошад.

Мавзуи асосии ҳикояҳоеро, ки дар ин давра таълиф шудаанд, вазъи иҷтимоии инсон ташкил дода, дар замина таълифоти Сорбон, Саттор Турсун, Баҳманёр, Ҷонибек Акобир, Сайф Раҳим, Кароматуллоҳи Мирзо, Юнус Юсуфӣ ва дигарон дар ҳаёти маънавии ҷомеа таъсиргузор будаанд. Дар беҳтарин ҳикояҳои ин нависандагон сухан дар бораи зарурати эҳёи арзишҳои миллии иҷтимоӣ ва маънавӣ меравад, ки дар тақвияти худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ низ ҳаст. Ба ифодаи Чингиз Айтматов «... беҳтарин намунаҳои чунин навъи наср эҳтиёҷи зиндагӣ ва талаботи посух гуфтан ба воқеиятҳои драмавӣ ва эҳёи он арзишҳои маънавӣ, меҳнатӣ, ахлоқӣ ва расму оин буд, ки гирифтори санҷиши замон шуда буданд» [61].

Қаҳрамонони ҳикояҳои Сорбон, С.Турсун, Баҳманёр ва дигарон ҳамчун инсоне, ки моҳияти воқеиятҳои иҷтимоӣ ва маънавии аз сари миллат ва фарзандони ӯ гузаштаро дақиқ сарфаҳм рафтаанд, ба тасвир омадаанд. Дили нависандагон ба ҳоли ин гуна шахсиятҳое, ки пояшон аз замин канда шудааст, месӯзад. Бинобар ин, мавқеияти ғоявиашон дар ин масъала ба ҳам наздик аст. Ин гуна ҳикояҳое, ки ҳоли инсонро дар матни воқеиятҳои иҷтимоӣ нишон додаанд, далели баланд шудани ҳиссиёти иҷтимоии нависанда аст. Нависандагон дар ин гуна ҳикояҳо дар атрофи муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоии замон ва инкишофи таърихии ҷомеаи тоҷикон бо шиддати тамом фикр карда, ба рафти зиндагонӣ бо қатъият дахолат кардаанд, ки муҳим ва таъсиргузор аст.

Сорбон бо ҳикояҳои китоби «Мағзреза», аз ҷумла «Бистари марг» ниқоб аз чеҳраи табаҳкорон бармедорад. Ва ононро ҳамон тавре ки дар ҷомеа ҳастанд, нишон медиҳад. Ҳикоя ҳақиқатномаи зулм ва ситами иҷтимоии хонаводагӣ ва бадахлоқию беиффатии зан-сутуни хонадон аст. Саттор Турсунро низ сарнавишти иҷтимоии зан («Охирин рӯзи тирамоҳ») ба андеша мебарад ва заминаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии зани аз макрҳои зиндагӣ азобкашидаро тасвир мекунад. Кароматуллоҳи Мирзоро

муносибати фарзанди нохалаф («Қадри модар») сари масъалаҳои ичтимоии ҳифзи ҳувияти инсон ба андеша мебарад. Баҳманёр ва Ҷонибек Акобир дар ҳикояҳои тозаашон сари воқеиятҳои типпии ичтимоие, ки маънавиёти солимро тахриб мекунанд, андеша рондаанд, ки ҳамчун ҳушдор садо медиҳад. Ин масъала дар ҳикояҳои Баҳманёр «Зани муаллим Озар», «Бӯҳти чилдурӯғ аз дурӯғ», «Во ачаб» ва ғайра ва Ҷ. Акобир «Девона ва ичоранишин», «Соҳиби сазовор», «Шаби азобу ёдҳо» ва чанди дигар низ бо камоли диққат тасвир ва арзёбӣ шудаанд.

Ин шеваи нигориши воқеияти зиндагиро дар ҳикояҳои «Хостгорӣ» ва «Чароғи ҳидоят»-и Р. Махсумзод, ҳикояҳои «Мард», «Роҳ» ва «Борон»-и Ю. Юсуфӣ ҳам ба мушоҳида мегирем. Асарҳои мазкур дар заминаи мушоҳидаҳои амиқи ҳодисаҳои рӯзгори ичтимоии муосирон таълиф шудаанд. Аз чумла, дар ҳикояи «Хостгор»-и Р. Махсумзод масъалаи одаму одамгарӣ дар заминаи ҳаводиси рӯзгори маишии мардуми деҳот баррасӣ мешавад. Қаҳрамони ҳикоя Қурбоналӣ ном марди деҳотист, ки барои ба писари раис Сӯҳроб хонадор шудани духтараш розигӣ медиҳад ва онҳоро фотеҳа мекунанд. Аммо ногаҳон, раис вафот мекунад, ин ҳодиса боиси он мешавад, ки Қурбоналӣ фотеҳаи духтарашро мегардонад. Эҳсоси молу чизпарастии Қурбоналӣ аз тарафи ҳамдеҳааш Ҳайдар Акрамзода маҳкум ва накӯҳиш мешавад. Духтари Қурбоналӣ, Фотима бар алайҳи ин иқдоми падар аз деҳа ҳамроҳи писари раис Сӯҳроб фирор мекунад, ки ин ҳам як навъ эътироз ба ахлоқи фосид, ҳисси молу чизпарастии баъзе ашхоси ҳамзамони мост. Бояд гуфт, ки ин қабил ҳикояҳо ба воқеияти рӯзгори баъзе муосирон алоқамандии қавӣ дорад. Ҳамин гуна нақди ҳунармандонаи воқеияти зиндагиро дар ҳикояҳои «Харидор»-и К. Давлат, «Мусофир»-и Н. Табаров, «Садақа»-и М. Бобочон, «Мӯйсафеди кафтарбоз»-и Н. Худойбахш, «Духтархонд»-и Д. Мирзо, «Бешараф»-и С.Икромӣ ва дигарон ҳам ба мушоҳида мегирем.

Аз мурури кӯтоҳи ҳикояҳои дар давраи истиқлолият таълифкардаи нависандагони ёдшуда метавон ба хулоса омад, ки вобаста ба тағйири

вазъи сиёсӣ ва ба мустақилияти комил даст ёфтани кишвар дидгоҳҳои нависандагон оид ба инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ тағйир ёфта, берун аз ҳама гуна қайду шарт ба тасвири бадеии воқеиятҳои иҷтимоӣ даст ёфтаанд. Ҳикояи ин давра бо фарогирии амиқи воқеият ва инъикоси типҳои гуногуни иҷтимоӣ, шахсиятҳо ва саҳнаҳои воқеӣ фарқ дошта, тамоюли мусбати инкишофи ин жанрро нишон медиҳад.

Ҳикояи замони истиқлол дар инъикоси масъалаҳои ахлоқӣ роҳу равиши хос дошта, дар бисёр ҳолатҳо фардияти андешаву оро ва ҳунари нависандагонро ошкор менамояд.

Ҳангоме ки Исои Масеҳ дар синни дувоздаҳсолагӣ зиндагии мустақили худро оғоз кард, ҳазорон сол аз умри шеър мегузашт. Вале он замон намоишнома умри беш аз чанд садсола надошт. Давраи инкишофи анвои насри бадеӣ ҳазору панҷсад сол баъд шуруъ шуда бошад ҳам, инак дар поёни қарни бистум ҷойи шигифтӣ нест, ки он дар муҳити адабиву фарҳангӣ ҷойгоҳи физоянда дошт. Ин таърих ба замони пайдоиш ва инкишофи яке аз анвои насри бадеии тоҷикӣ – ҳикоя ишора дорад, ки дар тайи чандин даҳсолаҳо нависандагон ва мунаққидон алоқаи бештаре ба баъзе паҳлуҳои назарии ин навъи адабӣ нишон додаанд ва дар замина корҳои мушаххасе низ анҷом гирифтааст. Дар замина тарҳе мушаххас аз нақши ахлоқии ҳикояи тоҷикии замони истиқлол ва ҷустуҷӯҳои ҳунарии баъзе нависандагон дар ин самт сазовори гуфтугӯи алоҳида мебошад.

Ҳикояи замони истиқлол дар заминаи ҷустуҷӯҳои эҷодии нависандагони тоҷик, ки «дар солҳои 70-80 қарни гузашта дар ҳикоянависии тоҷикӣ оғоз гардида буданд, идома ёфта, дар адабиёти давраи истиқлол ба роҳи тозаи инкишоф ворид гардид» [148, с.204]. Яке аз равишҳои арзишманди ин ҷустуҷӯҳо пайгирӣ аз тамоюли равшангарии ахлоқӣ ва тозакориҳо дар ин самт мебошад, ки дар насри тоҷикӣ собиқаи омӯзишӣ дорад.

Муҳимтарин тамоюле, ки дар шинохти ҳикояи ахлоқии ин давра ба назар мерасад, ба таври возеҳ дарк кардани моҳияти фазилат ва разилат

мебошад. Ин ба маънои таъйиди ормонгароии номаҳдуди ахлоқӣ нест, зеро маълум аст, ки он чи беш аз ҳад ормонӣ шавад, чунон аз хонанда фосила мегирад, ки ба ӯ чизе омӯзонда наметавонад. Ба ифодаи дигар, хонанда ба он чӣ наметавонад бовар кунад, ҳаргиз пайравӣ нахоҳад кард. Аз ин ҷиҳат мехоҳад фазилатҳои инсонҳои зотан хубро, ки шоистаи тақлиданд, мавриди таъйид қарор диҳад. Ин равиш таваҷҷуҳи хонандаро ба намунае, ки бояд аз он ибрат гирад, ҷалб мекунад.

Дар ин равиш мавқеи аксари нависандагоне, ки дар замони истиқлол ҳикоя навиштаанд, ба ин гуфтаи Арасту мувофиқ аст, ки ҳунарро роҳнамои ахлоқии инсон ва ҳунармандро омили омӯзиши ахлоқ медонад. Аз ин ҷиҳат, аксари нависандагони баркамоли мо дар ҳикояҳояшон улгӯйи ахлоқии комилан мушаххасеро ироа кардаанд, ки қобили таҳсин аст. Дар ин равиш баъзе аз нависандагон барои сабти фароян дҳои замири огоҳ ё зеҳн ба ҳангоми фаъолият, аз усулҳои ҳунарӣ огоҳона истифода кардаанд. Онҳо фароян дҳои зеҳнии шахси одиро ба хонанда нишон дода, ба ин васила имконеро дар ихтиёри ӯ гузоштаанд, ки таҷрибиёти хусусиии шахсияти ҳикояеро ҳамчун таҷрибиёти қобили истифода бипазирад. Ин ба он маъност, ки хонанда метавонад, ба осонӣ худро бо шахсияти ҳикоя ҳам ҳувият ва ҳам эҳсос донад.

Ҳамчунин вақте ки хонанда ба хотири ҷалб шудани алоқааш ба ин шахсияти бадеӣ ӯро бештар мешиносад, метавонад худашро ҳам беҳтар бишносад. Ҳамон гуна ки дар поён хоҳем дид, аз ин тарзи нигориш, ки манзур рӯшангарии ахлоқӣ асту гоҳо ба муборизаи ахлоқӣ бадал мешавад, аксари нависандагони мо ба қадри тавоноии ҳунарӣ истифода кардаанд. Ин таҷриба, пеш аз ҳама, дорои арзиши ахлоқӣ аст ва ба ин тартиб реализми суварӣ ё сабти зиндагии воқеӣ, амалан ба манзури ҳушёр кардани мо аз аҳамияти ахлоқии аъмоламон аст. Албатта, аксари нависандагони баркамоли мо ҳамин ҳадафро дунбол кардаанд.

Ҷустуҷӯҳои ҳикоянависони мо дар давраи мавриди назар баёнгари он аст, ки воқеан ҳам, ҳунарманд метавонад беш аз аҳкоми ахлоқӣ хонандаро

зери таъсири намунаҳои ахлоқӣ қарор диҳад. Агар ин гуфта дар бораи он чӣ нафратангез ва накӯҳиданӣ аст, содиқ бошад, дар мавриди он чӣ дилпазир ва сутуданӣ аст, ба маротиби бештар сидқ пайдо мекунад.

Таҷрибаи Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Абдулҳамид Самад ва баъзе нависандагони дигар нишон медиҳад, ки намунаҳои ахлоқӣ майл ба ҳамчашмиро ба муассиртарин шакл дар хонанда ва ҷомеа афзоиш дода, бозгӯи маҳорати ҳунарии соҳибонашон дар шинохти тамоюлҳои ахлоқии ҷомеа ва инъикоси воқеиятҳои он аст.

Дар ҳикояи Ӯрун Кӯҳзод «Гудоз» Маҳмадамин ва модараш Холдона намунаҳои ахлоқӣ буда, яке накӯҳиданиву дигаре дилпазир аст. Нависанда дар ин ҳикоя воқеияти ҷанги бародаркушро тасвир карда, ба ин васила амалу кирдор ва сирату сурати инсонҳоро менамояд. Ҷанг барои яке (Маҳмадамин) саҳнаи намоиши паҳновар бо орзуи даст ёфтан бар ҳадафҳои бузург, барои дигаре (Модар) ҷуз дарбадариву талафоти ҷонӣ ва бенавоӣ чизи дигаре нест.

Нависанда дар ин ҳикоя бо ба кор гирифтани намунаҳои ахлоқӣ (модару писар) аввалан, бар таъсири ҳикоя меафзояд, сониян масъалаи тақдирсоз, бадиву бадкории инсонҳоеро, ки амну осоиши мардумро аз байн бурдаанд, матраҳ месозад. Як шайъ ва воқеияти сода мазмуни печидаи ахлоқиеро бозгӯ карда, сирату сурат ва хилқати мусбату манфии одамонро менамояд. Нависанда як шайъ ва ду шахсро намоди ахлоқӣ қарор додааст, ки намудори ду гурӯҳе аз мардум буда, сифоти якхелаву ба ҳам монанд надоранд ва ба ҳам даргиранд. Хонанда ҳангоме ба неруи ахлоқии ҳикояи «Гудоз» пай мебарад, ки воқеиятҳои аз сари писар ва модар гузаштаро чун намоде бубинад. Яъне, ду нафаре аз миллионҳо тан қурбонии ҷанги шаҳрвандӣ, ки касолати маънавӣ ва ахлоқии гурӯҳе чунин фоҷиаи инсониро ба сарашон овардааст.

Намодҳои дигари ҳикоя низ ҳусн ва маънии амиқи ахлоқӣ дошта, бар он зиндагие ангушт мегузоранд, ки ба сабаби раҳгум задани фарзанд модар дигар ҳаргиз бо он рӯбарӯ нахоҳад шуд. Ҳикояи «Гудоз» аз тарҳи куллии

ахлоқӣ бархӯрдор буда, ин тарҳро амал ва кирдори ҷисмонии қаҳрамон (Муҳаммадамин) такмил мебахшад. Густариши равонӣ ва отифӣ паҳнаи ғоявии ҳикояро вусъати чашмгир бахшида, моҳияти ахлоқи вайронгар ва созандаро рӯнамоӣ мекунад.

Ӯрун Кӯҳзод ба тариқи зайл ба тавсифи тамомии саҳнаи фоҷеа мепардозад, ки ба наҳве намоёнгари фоҷеаи ахлоқии ба сари кишвар ва мардумаш омада мебошад: «Соли 1992 дар водии Вахш ҳодисаҳое рӯй дод, ки ба гуфтану навиштан тамомӣ надорад, чунонки зуҳури сифатҳои неку бади одамон аз насл ба насл мегузарад ва асрҳост, ки гуфтаанду навиштаанд, вале на некияш оламгир мешавад ва на бадияш аз байн меравад... » [13, с.290]. Ин ишора ва байте, ки нависанда дар поёни ҳикоя овардааст, ба хонанда имкон медиҳад, ки ба ҳадс дарёбад: кушанда кушта мешавад! Вале сахттар аз ин, нигоҳи танзомези нависанда онҳоеро ҷустуҷӯ мекунад, ки бо айби онҳо касоне, ки дар ҷанг ширкат надоштанд ва аҳли сиёсат нестанд, ҳамеша ранҷ мебаранд. Ин тарзи тасвир робитаи хонандаро ба матни воқеият қавӣ сохта, моҳияти ин робита, ки мизони муҳокотӣ (муқобила) будани ҳикоя онро таъйин мекунад, нишондиҳандаи навъе арзиши ахлоқӣ аст.

Баъзе ҳикояҳои дигари нависанда, аз ҷумла «Очаи бачаҳо», «Ҳосили умр», «Бурротар зи теғ» ва ғайра аз як тараф аносири ахлоқии ҳикояро ба ҳам оварда бошанд, аз сӯйи дигар сиришти ахлоқии худи нависандаро бозгӯ менамоянд, ки таҷрибаи арзишманд аст.

Ӯрун Кӯҳзод яке аз он нависандагонест,ки дар осораш, бахусус ҳикояҳои ҳаҷвиаш ба ҷанбаҳои равонии зиндагии шахсиятҳо пардохта, ин усули тасвирро барои амалӣ сохтани нияти ахлоқӣ боҳадаф ва ҳунармандона ба кор гирифтааст. Дар ин замина ӯ таҷрибаи кофӣ дошт ва дар ҳикояҳои ҳаҷвиаш тангназарӣ, бесуботии ахлоқӣ барин сифатҳои бади инсониро зери тозиёнаи танқид мегирифт. Ҳикояҳои ҳаҷвие, ки нависанда солҳои баъд эҷод кардааст, аз нигоҳи тарзи ироаи матлаб ва ҳунари нигориш фарқ доранд. Дар ин замина метавон аз ҳикояҳои «Мусоидат

мекунад», «Нархи одам», «Мо барин буд, боз мо барин шуд», «Савия», «Фикри бедор» (памфлет) ва баъзеи дигар ёд кард, ки бо танзи такондиҳандаи ахлоқӣ диққатангезанд.

Дар ҳикояи «Мусоидат мекунад» мавқеияти риққатангези ду шахсияти ҳикоя тасвир шудааст. Муфаттиш мепурсад, гунаҳкор ҷавоб медиҳад ва ҷавобҳои гунаҳкорро муфаттиш дар дафтараш менависад. Саранҷом маълум мешавад, ки аз болои гунаҳкор барои даҳону биниашро зада, хуншор кардан «муҳаррири ахбори телевизион шикоят навиштааст» ва сабаби ин моҷаро пахши ахбори беаҳамият ва ба тамошобин нодаркор будааст. Ин рӯйдоди рӯзҳои мо воқеан ҳам танзомез аст, зеро ки тафсире аз ҷаҳоне ба даст медиҳад, ки дар он ҳама чиз саробуна шуда ва инсон метавонад дарди хешро танҳо бо ҳайвоне дар миён бигзорад. Кӯҳзод ҷаҳони ҳикояро тарзе ироа додааст, ки кинаҷӯёнаву ситамгарона ба назар расида, решаи ҳамаи ин моҷароро дар касолати ахлоқии гурӯҳе аз одамони манфиатхоҳу тамаъҷӯ мебинад [13, с.326-330]. Ин маънӣ дар ҳикояҳои «Нархи одам», «Мо барин буд, боз мо барин шуд» ва «Савия» такмил ёфта, гувоҳи камолоти ҳунарии нависанда дар эҷоди ҳикояи ахлоқӣ аст.

Муҳимтарин тамоюле, ки дар инъикоси масоили ахлоқӣ дар ҳикояи замони истиқлол ба назар мерасад, самт ва сӯйи муҳокотӣ ва фаҳвои (маънии) ахлоқии он аст. Дар ин гуна ҳикояҳо муҳокот васила ва ахлоқиёт ҳадаф буда, хости нависанда ин аст, ки ахлоқи инсонро беҳтар кунад. Он чи нависандагон дар ин замина навиштаанд, бе рабт бо дунёи воқеӣ нест. Дар ин равиш тарзи бархӯрди Сорбон ва Абдулҳамид Самад ба воқеияти ахлоқӣ аз баъзе ҷиҳатҳо ҷолиб ба назар мерасад.

Сорбон бо нашри китоби ҳикояҳояш – «Мағзреза» зинаи дигари ҳунари ҳикоянависиро, ки хоси ӯст, ба намоиш гузошт. Дар ҳикояҳои ин китоб масоили ахлоқӣ ҷойгоҳи хос дошта, нависанда «дидаву шунида ва мушоҳида»-ҳояшро [40, с.3] ба қалам додааст, ки мазмуну сужети тоза ва ҳикматнок доранд. Муҳимтарин хусусияти ҳикояҳои индавраинаи нависанда мутаҳаррикии таҳкияи мухтасар, ки имкон медиҳад моҳияти

зиндагӣ кашф шавад ва умқи кашфи вазъияти мушаххас, воқеият, хислати инсон, ки фақат ба насри бадеӣ дастрас мебошад. Аз ин мавқеъ дар ҳикояҳои Сорбон «Бистари марг», «Боҷӯрабой», «Русбача», «Ҳар лаҳза мекушанд, боз зинда шавем», «Одамшиносӣ», «Чӣ фарқ дорад?» ва ғайра сиришт ва хӯю хислати инсонҳо ба тасвир омадаст, ки паёми мушаххаси ахлоқӣ доранд.

Мисли воқеае, ки дар ҳикояи «Бистари марг» ба тасвир омадааст, дар зиндагӣ ҳазорон аст. Нависанда эҳсосоти манфии занеро дар ҳикоя хеле одӣ ва табиӣ тасвир кардааст. Зан дар ҳоле, ки мурданашро яқин донистааст, эҳсоси гунаҳкорӣ ва аз шавҳараш талаби омурзиш мекунад. Нависанда дар ҳикоя ба воситаи гуфтугӯйи шахсиятҳо (зану шавҳар) феъл ва инфиъоли афкор, вижагиҳои даруниву хулқу хӯйи онҳоро нишон медиҳад. Мо аз ин гуфтугӯйи шахсиятҳо аз ахлоқи онҳо пай мебарем, ки яке аз василаҳои ироаи паёми ахлоқии нависанда мебошад.

Ҳикояи «Бистари марг» тарҳи қавӣ ва маҳкаме дошта, воқеиятҳои сарнавишти шахсиятҳо бо риштаҳои сабабу натиҷа ва мантиқӣ ба ҳам гиреҳ мехӯранд, ки хулосаи муҳимми ахлоқии зерро дар бар мегиранд: ҳиммати эътирофи гуноҳ ва узрхоҳӣ барои пок кардани гуноҳон ва ором кардани виҷдони нороҳат. Дар ҳикоя, мисли аксари чунин таълифоти Сорбон, воқеият хислатҳои ахлоқии шахсиятҳоро бозгӯйӣ мекунад.

Ҳикояҳои ахлоқии Сорбон паёми хоси ахлоқӣ дошта, ниқоб аз чеҳраи табаҳкорон бармедоранд ва сирату сурати онҳоро, чунонки ҳаст, нишон медиҳанд. Ҳикояи ёдшуда ҳақиқатнамои зулму ситами хонаводагӣ ва бадахлоқиву беиффатии зан аст. Дар ин гуна ҳикояҳои нависанда чашмандози дунёи воқеӣ бар дунёи тахайюлӣ ва бофта имтиёз дошта, ба хусусияти хоси идроки бадеии ӯ ишора мекунад. Аз ин назар, вай дар заминаи воқеияти маъмулии рӯзгор ва сарнавишти одамон маънии ахлоқи шахсиятҳои ҳикояҳояшро падид меоварад. Ҳикояи «Боҷӯрабой» ба ҳамин тарз эҷод шуда, мавқеи ногувори ахлоқии инсонро дар ҷомеа бозгӯ мекунад. Хулосаи нависанда, ки дар поёни ҳикоя омадааст, чеҳраи

Боҷӯрабойро ҳамчун намунаи ахлоқӣ ба хонанда мешиносонад: «Кас рафтори ӯро дидаву мушоҳида карда, пиндорад, ки дунё танҳо барои Боҷӯрабой барин касон сохта шудааст, ки дар бораи он фикру андеша накарда, умр ба сар мебаранд» [40, с.12].

Дар ҳикояҳое, ки Сорбон тайи понздаҳ соли охир таълиф кардааст, бештар масоили ахлоқии ҷомеа, аз ҷумла, бадкорӣ, кинатӯзиву ғиромӣ барин хислатҳои бади инсонӣ мавриди таваҷҷуҳ будаанд. Нависанда дар ин гуна ҳикояҳо хӯю хислати инсонро дар оинаи воқеият менамояд. Ҳикояҳои «Ду дӯст», «Насиҳат», «Модари пир», «Гадо», «Домод» ва ғайра сифатҳои бади инсониро, ки пояҳои ахлоқи иҷтимоъро мегусиланд тасвир карда, ангезаҳои зеҳнӣ ва иҷтимоии ин тамоюли ахлоқиро бармало мекунанд.

Нависандаи дигаре, ки дар ҳикояҳои дар замони истиқлол таълиф кардааш ба инъикоси масоили ахлоқӣ таваҷҷуҳи хос доштааст, Абдулҳамид Самад мебошад. Дар ҳикояҳои ӯ аксаран сурати ҳикояву ашхос ва воқеъ абзорҳое ҳастанд, ки як паёми одӣ ва маълуми ахлоқиро баён мекунанд. Мазмуни ин гуна ҳикояҳои нависанда сода ва идроки он осон аст. Дарунмоя низ як нуктаи ахлоқии маъмулӣ аст, ба гунае, ки ҳамагон аз он огоҳӣ доранд. Ин тарзи идроки бадеии нависанда суннатӣ буда, аз насри ахлоқии пешин маншаъ мегирад ва бар баёни як ҳақиқати ахлоқӣ устувор аст. Ба ин далел ин, нависандаи ҳолшинос дар ҳикояҳояш даставвал аз масъалаҳои ахлоқии барои инсон ва ҷомеа муҳим, аз қабили бемеҳрӣ, бепарво будан нисбат ба падару модар, шахсони наздик, ба зодгоҳ ва ғайра кор гирифта, паёми ахлоқиашро ироа мекунад.

Китобҳои А. Самад «Талош» ва «Ёр дар бари ёр» беҳтарин ҳикояҳои ахлоқиро фаро гирифтаанд. Нависанда саъй кардааст, дар ҳар ҳикоя як паҳлуи масоили ахлоқиро, ки заминаи ҳаётӣ доранд, тасвир намояд. Ҳикояҳои «Танҳоӣ», «Ишқи тирамоҳӣ», «Ноком», «Муколама», «Дудила», «Ғамхӯрак», «Булбулони шаҳр ва зоғ» ва ғайра хӯю хислат, амалу кирдор, моҳияти олами маънавию ахлоқии инсонро ба тасвир гирифтаанд, ки тарзи

хоси идроки бадеии муаллифро аз маънавиёт ва ахлоқи инсонҳо бозгӯ мекунад. Дар ин замина ҳикояи «Ёр дар бари ёр» ҷолиб ба назар мерасад.

Ҳикояи ёдшуда воқеӣ буда, қаҳрамон шахсест, ки эҳтироми хонандаро ҳам ба далели доштани мавқеияти мумтози иҷтимоӣ ва ҳам ба сабаби бархӯрдорӣ аз вижагиҳои ахлоқӣ бармеангезад. Дар тасвири нависанда шахсияти ҳикоя аз зоҳир ва рафторе мутаносиб бо ахлоқу мақоми баланди худ бархӯрдор аст. Ӯ роҳбари аввали ҳизб ва давлат буд, бо беадолатиҳову душманиҳо сарбасар нашуд, балки бо аъмол ва кирдору рафтораш бар бадиву худкомагӣ монеа эҷод кард. Аз ин назар, тасвири нависанда иҷоза намедиҳад, ки хонанда ба ҳусни ахлоқи қаҳрамонаш гувоҳ набошад ё онро пас гирад. Дарёфти ҳақиқати сарнавишти қаҳрамон ва тасвири бадеии он ҳамдардии хонандаро нисбат ба ӯ маҳфуз медорад, ки мадюни ҳунари нависанда аст. Бартарии дигари ин ҳикоя он аст, ки рӯйдодҳо бидуни ёрӣ аз тафсирҳои нависанда вазъи мусбати ахлоқии қаҳрамонро ба беҳӣ муҷассам сохтаанд, ки камназир аст.

Чунин тарзи идроки бадеии воқеияти ахлоқӣ дар ҳикояи дигари нависанда «Ишқи тирамоҳӣ» низ ба назар мерасад. Муаллиф фасоди ахлоқиро решаи ҳамаи 20 бадбахтиҳои инсони имрӯза ва намоди «ишқи тирамоҳӣ» донpara, вафову садоқатро василаи наҷот ва идомати насли солим таъбир мекунад. Намунаҳои ахлоқие, ки нависанда тасвир кардааст, паёми муҳаббат ва зиндагии солимро ироа мекунанд.

Атахон Сайфуллоев навишта буд, ки «... ҳикояҳои Абдулҳамиди Самад мавзуву масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ишқӣ, ҳаҷвию мутоибавӣ ва амсоли инҳоро дар бар гирифтаанд» [138, с.183]. Ба мушоҳидаи мо, дар аксари ҳикояҳое, ки нависанда дар давраҳои баъд эҷод кардааст, паёми содиқонаи ахлоқии ӯ «ватанхоҳӣ, инсонпарварӣ, башардӯстӣ, маҳаббату садоқат, меҳнатдӯстиву ободгарӣ, ҳифзи табиат ва муҳити зист, одамият» [138, с.183] будааст, ки баёнгари хостҳои ахлоқиву инсонии нависандаи ҳунарманд ва некбину некхоҳ аст.

Ҳарчанд савияи ҳунариашон гуногун аст, вале ҳамин паём дар ҳикояҳои дар давраи истиқлол навиштаи Анвар Олим, Иноят Насриддин, Равшан Махсумзод ва Сайдаҳмади Зардон низ равшан ба назар мерасад. Аз ҷумла, Анвар Олим дар ҳикояҳои тозааш, ки қаҳрамони баъзеи онҳо шахсиятҳои воқеӣ ҳастанд, ба инъикоси бадеии масъалаҳои муҳимми ахлоқиву иҷтимоӣ пардохтааст, ки дар ин замина аз баъзе ҷиҳатҳо ҳикояи «Очаи Хол» диққатангез аст. Ин ҳикоя дар нигоҳи аввал ёдвораи даврони бачагии ровӣ аст, ки бо ин дунёро тарк кардани Очаи Хол бачагии ӯ низ ба охир расидааст. Вале дар асл ин тавр не!

Ин ҳикоя ба ёди мо ҳикояи Ҷеймз Ҷуйис «Мурдагон»-ро меоварад. Ҷеймз Ҷуйис низ аз эҷоди ин ҳикоя, чунонки худаш мегӯяд, қасди он доштааст, ки фасле аз таърихи ахлоқи кишварашро бинависад. Албатта, аз назари ҳунар ин ду ҳикоя ба ҳам муқоисанашавандаанд, вале дарунмояи ҳикояи Анвар Олим низ тоза ва пурмоя буда, оинаи ахлоқи сода ва пурғанои мардуми як деҳи кӯчаки Тоҷикистон аст, ки нависанда бо шӯру шааф ва ҳунармандона онро ба тасвир гирифта ва натиҷаи мусбат ҳам ба даст овардааст. Очаи Хол рамзи муҳаббат, садоқат, одамият, покӣ, беғаразӣ ва сифатҳои фаровони дигари ахлоқӣ буда, ба василаи тасвири чеҳраи ин зани хоксору меҳрубон нависанда ормонҳои поку созандаи инсониро дар зеҳни хонанда бедор мекунад. Маросими дафни Очаи Хол, тобути ӯро сари дӯш бардоштани мардуми деҳа, овозандозии ҳамдеҳон боз овозхонии мис Ҷулиё қаҳрамони Ҷеймз Ҷуйисро ба ёди мо меоварад, ки ҳар ду хеле дарднок буда, бар посдории ахлоқи нек ва ҷанбаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ талқин мекунанд.

Ҳикояи «Мӯйсафед»-и нависанда низ ба ёди хонанда рӯзҳои сахти ҷанги шаҳрвандиро оварда, дар симои пири наваду панҷсола зинда мондани нишонаҳои неки ахлоқи иҷтимоиро бозгӯ мекунад. Роҳи пуршебу фарози зиндагии мӯйсафед чун оина намоёнгари ҳоли инсон ва мавқеи иҷтимоиву ахлоқии ӯст, ки метавонад намунаи ибрат ва пайравӣ бошад.

Чанд ҳикояи Иноят Насриддин, ки зери таъсири воқеиятҳои пурфоҷеаи ҷанги шаҳрвандӣ таълиф шудааст, тарҳи устувори воқеъгароӣ дошта, он чиро ки аз сари инсон гузаштааст ё мегузарад, инъикос кардааст. Яке аз ин гуна ҳикояҳо «Хуни ноҳақ» аст, ки дар матни фоҷеаҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ эҷод шуда, баёнгари раҳгумӣ ва ахлоқи разилаи инсон мебошад. Нависанда дар ин ҳикоя мавзуи ҳасад, рашк, тамаъҷӯӣ барин паҳлуҳои ахлоқи разиларо, ки дар солҳои нооромӣ омили асосии қасосгирӣ ва куштани одамони бегуноҳ гардида буд, матраҳ карда, дар мабнои воқеият чеҳраи махуфи инсонии Муродро офаридааст, ки барои ҷоҳу мансаб шуда дӯсташ Маҳмудро ваҳшиёна ба қатл мерасонад.

Мурод аз кардааш дар ниҳояти кор пушаймон аст, аммо на ба хотири гуноҳоне, ки муртакиб шуда, балки ба хотири он ки шабаҳи Маҳмуд дунболагири ӯст, ҳам дар хобу ҳам дар бедорӣ. Нависанда дар ҳоли тасвири ин фоҷеа саъй кардааст, ки аз хушунати зоҳири марг бикоҳад ва барои ин кор онро аз паси ҳиҷоб нишон медиҳад. Иноят Насриддин дар ҳикоя талош накардааст, ки моро бо андешаи нобудии худамон оштӣ диҳад ва низ даҳшати руҳии қотилро пинҳон намекунад. Баръакс, маргеро менамояд, ки барои қотил даҳшатнок, барои хонанда дарси ибрат аст. Балки танҳоии коҳишнопазири марде муҳтазар, даҳшати нотавонии ӯ, ваҳшати ӯро аз нобудӣ ва низ рашки андуҳборашро бар касоне, ки ба зиндагӣ идома медиҳанд, дақиқ менамояд. Марги маҷбурии Маҳмуд ва амали Мурод ҷанбаъҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии воқеиятеро нишон медиҳад, ки инсони худбохтаро ба коми нобудӣ кашидааст.

Дар «Асарҳои мунтахаб»-и Иноят Насриддин, ки соли 2015 ба чоп расидааст, даҳ ҳикоя ва шаш ривояту афсонаҳои ӯ фароҳам омадааст. Ҳикояҳои «Атри кафан», «Марги ду тан», «Ҷароҳат», «Нола», ривояти «Тоҷикпадар», афсонаҳои «Некӣ куну ба дарё андоз» ва «Зоғи сиёҳ» паҳлуҳои гуногуни ахлоқи иҷтимоиро дар матни воқеиятҳои зиндагӣ ва амалу кирдори инсонҳо бозгӯ мекунанд, ки арзиши таълимӣ доранд. Ҳамин оҳангро дар ҳикояҳои А. Партав, С.Икромӣ, Р. Махсумзод,

Т. Муҳаммадризо ва нависандагони дигари ҷавонтар ҳам, ба мушоҳида мегирем. Аз ҷумла, С.Ҳасанзод дар ҳикояи «Сони сиёҳ» симои пиразани некукори некузамирро ба қалам додааст, ки дар муқоиса бо рафторҳои нодурусту носавоби Маҳмуд омӯзандаю ибратангезанд. Дар ин ҳикоя, чеҳраи манфури Маҳмуд нафрати хонандаро ба хислатҳои баду пасти инсонӣ бедор менамояд. Барои ин гуна ашхос ягон фоҷеа ва бадбахтии дар зиндагӣ рух медода, дарси ибрат шуда наметавонад. Нависанда таҳқиқи бунёди мураккабу печида ва сертазоди инсонро дар ҳикояҳои «Писари шайтон», «Хайрбод» ва «Турнаҳои мусофир» идома медиҳад. С.Ҳасанзод аз тариқи баррасии бадеии ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоию маишӣ муносибати байни одамон, сифатҳои баду неки онҳо, рафторҳои савобу носавоби ҳамзамононро ба таҳқиқи бадеӣ мегирад.

Нависандаи дигаре, ки масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ дар ҳикояҳои ӯ бо диққати тамом инъикос ёфтаанд, Равшан Махсумзод аст. Тозатарин маҷмуаи қиссаву ҳикояҳои ӯ «Ишқи зиндагӣ» ном дошта, ҳаждаҳ ҳикояи ӯро дар бар гирифтааст, ки аксари онҳо маҳсули давраи истиқлолият мебошанд. Дар ин миён ҳикояи «Набераи кулак» мавзуеро матраҳ мекунад, ки нав нест, вале диду натиҷагириҳои нависанда аз воқеият тоза аст. Ҳикоя аз сарнавишти талхи инсоне қисса мекунад, ки қурбонии беадолатиҳои террори сталинӣ шудааст. Нависанда дар ҳикоя ба умури зоҳиран умдаи иҷтимоиву ахлоқӣ ё тафсири мубҳами Хайру Шар намепардозад. Балки ӯ дар баёни сиришти ҳастии инсон ба эҳсосоти сархӯрда, умедҳои барбодрафта, ҳувияти таҳқиршуда, ранҷи андуҳбори танҳоӣ, азхудбегонагӣ ва касолатбориву беалоқагии инсонҳо ишора мекунад, ки рӯзгоре аз иштиёқи зистан лабрез буданду бо айби гурӯҳе қурбонии зулму беадолатӣ шуданд.

Қаҳрамони ҳикоя Адҳам гӯё бо ғамхории хоси худ ба мо мегӯяд, ки зиндагии инсон он гуна ки дар даврони террори сталинӣ мегузашт, ҳоло низ ончунон бо маҳдудиятҳо ва монеаҳо гирифтор шуда, ки аз рафторҳо ва кирдорҳое, ки баёнгари бузургӣ ва шукӯҳе бошад, нишоне намондааст. Ӯ

намедонад, ки бобояшро барои кадом гуноҳ сиёҳ карда буданд, вале медонад, ки палидӣ, нотавонбинӣ, буғзу кина фақат сари бобои ӯро нахӯрдааст, балки сари садҳо ҷавонмардонеро низ, ки ҳастиашон аз сарбаландӣ ва ғуруре бархӯрдор будааст, хӯрдаанд. Ин ҳикояи Равшани Махсумзод бардоште бисёр дақиқ, ғамангез ва фоҷеавӣ аз дарунмояҳои ахлоқи иҷтимоии мардуми мост, ки мутассифона ба замони муайян маҳдуд намешавад.

Як камбудии ҷиддии ҳикояи имрӯз дар инъикоси масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ иборат аз он аст, ки рӯйдодҳои ҳикоя фақат бо ёрии тафсирҳои нависанда маънӣ пайдо мекунанд. Ин усули тасвир дигар куҳна шуда ва рӯйдодҳову амалу кирдори шахсиятҳо бояд бидуни ёрӣ аз тафсирҳои нависанда худ сухан бигӯянд ва маъниву ғояро илқо кунанд.

Ба ин тартиб, дар заминаи таҳлилҳои анҷомгирифта метавон хулоса кард, ки масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи давраи истиқлол ҷойгоҳи хос дошта, зери таъсири воқеиятҳои ҳаёти ҷомеа шакл гирифтааст. Тамоюлҳои мусбату манфии иҷтимоӣ ва ахлоқие, ки дар охири солҳои навадум ва баъди он, бахусус давраи ҷанги ҳамватанӣ дар ҷомеаи тоҷикон роҳандозӣ шуд, омили аслии густариш ёфтани паёми иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи тоҷикӣ мебошад, ки бозгӯйи ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагони ҷудогона низ ҳаст.

# БОБИ III
# ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИЮ СОХТОРИИ ҲИКОЯИ МУОСИР

## 3.1. Ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва шеваи нигориши нависандагон дар жанри ҳикояи имрӯз

Ҳақиқати зиндагӣ ва инъикоси бадеии он дар адабиёт ва ҳунар берун аз нигариши фардӣ ва идроки бадеӣ, ки хоси ҳунарманди асил аст, вуҷуд дошта наметавонад. Худхосагии эҷодкорона ва ҳунармандонаи идроки бадеии воқеият муқобили инъикоси воқеиятҳои навъии (типии) рӯзгор нест. Аз ин ҷиҳат барои инъикоси ҷараёни дохилии воқеият, ҳиссу андеша ва ҳолати равонии шахсиятҳо дар осори адабӣ назари амиқ ва тасвири бадеии вусъатнок омили муҳим буда, ба ин гуна осор умри бардавом мебахшад. Илова ба ин, метавон гуфт, ки таҷрибаи бадеии мондагори ҳунарманд хусусияти хоси чеҳраи ҳунариашро муайян менамояд. Дар ин замина Лев Толстой фармудааст: «Дар ҳақиқат, вақте ки мо асари бадеии муаллифи навро мехонем ё муроқиби он мешавем, суоли асосие, ки пайдо мешавад, ин аст: «Канӣ, бигӯ, ту чӣ гуна инсон ҳастӣ? Ва ту аз одамони дигаре, ки ман медонам, чӣ фарқ дорӣ ва дар бораи он ки чӣ гуна бояд ба зиндагӣ нигарист, чӣ гуфта метавонӣ?» [155, с.19]. Ин андешаи Толстойро дар боби фардияти ҳунари тасвиргарӣ Тургенев ба тариқи зайл тақвият бахшидааст: «Чизе ки дар адабиёт... бале, дар ҳар истеъдод муҳим аст, ман онро овози худ ном мебарам. Бале, муҳим овози худро доштан аст. Нотаи зинда ва хоси худро, ки чунинашро дар гулӯи дигарон наметавон пайдо кард... Барои он ки чунин садо ва иртифои хоси овози худро ҳифз кард, бояд гулӯи махсусеро соҳиб буд мисли парандаҳо... Дар ҳамин аст хусусияти муҳимми фарққунандаи истеъдоди беназири зинда» [157, с.712-713].

Маънии «овози худ» ва вазъи инъикоси бадеии воқеиятҳо дар ҳикояи муосири тоҷикӣ масъалаи таҳқиқ ва арзёбии холисонаи ҷустуҷӯҳои бадеӣ

ва шеваи нигориши нависандагони тоҷикро дар эҷоди ҳикоя ба миён мегузорад, ки марбут мешавад ба шинохти холисонаи фардияти ҳунарии ҳар нависандае дар эҷоди ҳикоя. Дар ин замина барои мушаххас намудани ҷустуҷӯҳои фардии нависандагони ҳикоянавис мо масъалаҳои шеваҳои шахсиятпардозӣ ва зовияи дидро дар таҷрибаи ҳикоянависии давраи истиқлол дар алоқамандӣ бо таҷрибаҳои қаблӣ аз назар гузаронида, ҳамзамон хусусиятҳои хоси шеваи (сабки) нигорандагии нависандагонро низ дар ин равиш баррасӣ хоҳем кард.

Яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи ҳикоя имконият ва усулҳои кашфи бадеии шахсияти инсонӣ аст, ки офариниши он дар ин жанр хусусиятҳои хоси худро дорад ва марбут мешавад ба ҳунари нависандаи ҳикоянавис.Худи объекти таҳкия тарзи хоси шахсиятпардозиро тақозо мекунад. Баъзе муҳаққиқон шинохти шахсиятро дар ҳикоя ба ташхиси табиб беморро, ки на ба таҳқиқи ҳаматарафаи ҷисм, балки ба аломатҳои типии ин беморӣ асос ёфтааст, қиёс кардаанд.

Воқеан, шаклҳои бузурги ҳамосӣ барои дар ҳолат ва вазъиятҳои гуногун падид овардани шахсияти персонаж дар вазъияту ҳолатҳои гуногун имконияти бештаре доранд. Дар ин гуна осор чеҳраи инсонҳо якуякбора офарида намешавад. Сохтори умумии композитсияи повест ё роман ва чеҳраҳои ҷудогонаи бадеӣ тадриҷан шакл мегиранд. Шахсият дар роман новобаста ба иродаи муаллиф мутобиқи мантиқи табиати худ амал мекунад. Муаллиф симои шахси амалкунандаро дар роман мушаххас сохта, ба хонанда имкон медиҳад, ки боварибахшии ин ё он амали персонажро аз рӯйи моҳияти амалу кирдор ва табиати ӯ арзёбӣ кунад. Дар ҳикоя симои инсони (ё махлуқи) андешидаи муаллиф аксаран муаммо ва гоҳо то охир барои хонанда норавшан мемонад. Ҳолатҳо ва вазъиятҳо фақат як паҳлуи хулқу хӯйи шахсиятро ошкор месозанд. Ва ин ҷо ҳамеша метавон интизор буд, ки персонажи ҳикоя ногоҳ ба чӣ амале даст мезанад, амале, ки тасаввуроти пешинаи моро дар бораи шахсияти ӯ тағйир медиҳад. Баъзе муҳаққиқон ин тарзи нигоришро василаи асосӣ надониста,

онро фақат яке аз имкониятҳои жанри ҳикоя ба шумор овардаанд, ки хоси новеллистикаи садаи нуздаҳ ва ҳам ҳикояи имрӯз мебошад.

Мутаассифона, шеваҳои шахсиятпардозӣ дар насри тоҷикӣ, аз ҷумла ҳикоя то ба имрӯз ба қадри кофӣ таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст. Ҳол он ки шинохт ва арзёбии саҳеҳи ин масъала ба сари худ маҳорати бадеии нависандагони ҳикоянависро муайян намудан аст.

Ҳадафи аслии бисёре аз ҳикояҳои ин давра, пеш аз ҳама, нишон додани хулқу хӯй ва хислати шахсиятҳо ва ба ин васила ошкор сохтани мавқеи иҷтимоии онҳост. Ҳам дар солҳои пеш аз истиқлолият ва ҳам баъд, нависандагони боҳунари мо бо истифода аз шеваҳои маъмули шахсиятпардозӣ ба муваффақиятҳое даст ёфтаанд, ки таҷрибаи онҳо ҷолиби диққат аст. Бахусус дар солҳои навадуми садаи гузашта ва замони ба истиқлолият даст ёфтани кишвар дар ин замина ҷустуҷӯҳои қобили мулоҳиза сурат гирифт.

Таҳаввулоти босуръате, ки дар ҷомеаи солҳои навад ва баъди он ба вуқуъ пайваст, шакли типии воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоиро пешорӯйи нависандагон гузошт. Вазъи типиро дар осори бадеӣ, аз ҷумла ҳикоя сатҳи дониш ва таассуроти иҷтимоии нависанда доир ба шароити таърихие, ки шахсиятҳои тасвиршуда амал мекунанд, шакл медиҳад. Таҳаввулот ва тағйироте, ки дар солҳои мавриди назар дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи тоҷикон рух дод, масъалаи дарки бадеии нақш ва ҷойгоҳи ин ё он шахсиятро дар шароити типӣ дар назди нависандагон гузошт. Ин ҷараён дидгоҳҳои бисёре аз нависандагонро оид ба моҳияти воқеиятҳои таърихиву замонӣ дигар кард ва заминаро барои дарки тозаи бадеии воқеиятҳо муҳайё сохт. Аз кашмакашҳои (конфликтҳои) гуногун, ки ҷараёни навназарӣ ба воқеятҳо эҷод карда буд, нависандагон ҳар кадоме ба қадри ҳунар ва тавоноӣ истифода карда, дар ҳикоя ба эҷоди шахсиятҳои ҷолиб ва таъсиргузор муваффақ шуданд. Моҳияти ин гуна шахсиятҳоро амал ва кирдорашон, ки зери таъсири вазъиятҳои ғайри интизор сурат мегирад, муайян менамояд.

Дарки тозаи воқеиятҳо ва вазъиятҳои типии ин ё он давраи тасвиршаванда ба нависандагони ҳикоянавис имкони дарёфт ва шинохти ғоя ва моҳияти умумии чунин ҳодисаҳои зиндагиро, ки қаблан амиқ дарк нашуда ва таваҷҷуҳи муосиронро ҷалб накарда буданд, фароҳам овард. Ин тамоюл аз солҳои шасту ҳафтод сар карда, дар насри тоҷикӣ тақвият ёфт ва дар инкишофи он саҳми Ф. Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Сорбон, А. Самад, Баҳманёр, С.Раҳим, Ҷ. Акобиров, Ю. Юсуфӣ ва чанде дигар назаррас аст. Дар ҳикояи ин давра ва баъди он, ҳамчунон ки Ш. Солеҳов таъкид кардааст, «офаридани характери бадеӣ омили муҳимми нишонрас ифода намудани консепсиюни бадеию ахлоқӣ ва фалсафию иҷтимоӣ» [150, 75] гардид ва ба мушоҳидаи мо, дар давраи истиқлол зинаи нави ташаккул ва таҳаввулро тай намуд.

Дар ҳикояи Ӯрун Кӯҳзод «Бурротар зи теғ» «Абдулҳамид, ки мушовир ва дафтарсолори Марвон буд, аз тарси ҷон гурехт ва ба ал-Ҷазира рафт ва дар хонаи дӯсташ Абдулло ибни Муқаффаъ пинҳон шуд» [14, с.103] сарсониҳо ва ранҷҳои Абдулҳамиду Абдулло ва садҳо шоирону донишмандон ҳосили ҳуҷуми араб ба форс ва таъқибу фишоре буд, ки муҳоҷимон ба сари мардуми бумӣ оварда буданд. Тороҷгарони дину имону фарҳанг «ғаниматҳои моливу ҷонӣ»-ро ба Бағдод мефиристоданд, вале осори фарҳангӣ- «китобҳои габрону маҷусон»-ро бо ҳукми Халифа ё дар об меафканданд ё оташ мезаданд. Ҳатто вақте «Хоразмро забт карданд, Қутайба нависандагону ҳирбадонро саросар аз дами теғ гузаронд. Ҳар чӣ аз навишта, ки дар китобу дафтар доштанд, ба оташ партофту сӯзонд... » [14, с.104]. Дар ин куштану сӯхтанҳо «муросокорони бенангу ор, шармандаи рӯзгор» низ шарик буданд. Вакилону вазирон ба хидмати душман рафтанд. Лашкариён тарафи душман гузаштанд. Олимону орифон талаву тороҷи душманро ҳақ баровարданд. Аз дасти ҳар касе ки як коре меомад, динашро дигар кард ва номашро дигар кард, то ки зинда бимонад ва ба мансабе бирасад [14, с.104]. Вале он чӣ аз сари мардуми соҳибватан

гузашт, беадолатие, ки муҳраи иҷтимоиро шикаст, дар дилу руҳи гурӯҳе ҳисси нафрат ва интиқомро зинда медошт.

Абдулло ва Абдулҳамид ҳар он чиро, ки аз сари миллат гузашт, дарк ва таҳаммул мекарданд. Воқеияти фаҷеъ онҳоро ба ин натиҷа расонд, ки «даъвои халифат» накунанд, «аммо даъвои бартарият» дошта бошанд. Ин бартариро онҳо дар ҳифзи сарвати маънавӣ медиданд, то «беному нишон нашавад. Сарвате ки халифат ҳам метавонад аз он баҳра бардорад. Даъвояшон аз хиради форсӣ буд, «на аз худписандӣ» [14, с.106].

Ҷасорате, ки Ӯрун Кӯҳзод дар шинохти ҳувияти инсонӣ ва миллии шахсият дар ин ҳикоя кардааст, нависандагони мо дар солҳои қабл аз бозсозӣ ва истиқлолияти кишвар карда наметавонистанд. Тамғаи онҳое, ки аз арзишҳои миллӣ дифоъ мекарданд, космопалит буд, дигар ҳеҷ! Шароити нави типӣ ба нависанда имкон дод, ки фаҳмиши барои адабиёти шуравӣ (адабиёти тоҷик ҷузъе аз ин адабиёт буд) суннатгаштаи вайронгари ҷаҳони куҳнаро тағйир диҳад. Замона дигар шуд ва барои одамон равшан гардид, ки ба таърих ва ифтихороти миллӣ наметавон аз рӯйи манфиатҳои сиёсӣ, миллатчигӣ ва ақидатӣ (идеологӣ) муносибат кард.

Дар матни ҳикоя нависанда доир ба Абдулло ва Абдулҳамид маълумоти зиёде наовардааст. Мо ин ду шахсиятро аз гуфтор, кирдор ва амалашон мешиносем, ки нависанда дар шароити нав дарк ва ҳунармандона тасвир кардааст. Махсусан, саҳнаи мурофиаи Абдулҳамид, талошҳои Абдулло барои наҷоти дӯсташ, ки бенатиҷа меанҷомад ва Абдулҳамид аз барои ҳифзи ифтихороти миллӣ ваҳшиёна кушта мешавад, баёнгари тавоноии маънавӣ ва ҳувияти миллию инсонии ин шахсият аст, ки аз ҷониби нависанда ҳунармандона тасвир шудааст.

Ӯрун Кӯҳзод дар ин ҳикоя бо шеваи ироаи шахсият аз тариқи амали шахсият бо каме шарҳу тафсир хулқу хӯ ва ҳувияти инсонии Абдулло ва Абдулҳамидро тасвир кардааст. Дар тарзи нигориши нависанда ин тарзи арза кардани шахсиятҳо ҷузъи ҷудоинопазири равиши намоишӣ буда, бо

ин усул аъмол ва рафтори шахсиятҳо ба хонанда ошкор мегардад. Зайли намуна қитъаи зерро нақл мекунем:

«Муфтӣ:

-Ин котиби маҷусак ба забони арабӣ менависад китобҳояшро, бо забони арабӣ, вале бо маънову мазмуни габрӣ. Лафз арабӣ, таъкиду баён габрӣ... Худаш бо забони худаш бигӯяд, ман дуруст мегӯям ё нодуруст?

Абдулҳамид:

-Дуруст мегӯед. Лекин ба ғавраш нарасидаед. Хоҳед, ки ба кунҳи фанни балоғат бирасед ва ба маънои луғат пай баред ва дар луғат ғавр бикунед, бояд китоби Корвандро бихонед.

Қозӣ:

-Шумо кофир шудед. Лафзи маҷусиро аз сухани осмонӣ боло гузоштаед. Мутлақ кофир шудед. Тавба кунед...

Абдулҳамид:

-Ростӣ тавба надорад... » [14, с.109-110].

Нависанда бо ин усули шахсиятпардозӣ бе он ки кӯчактарин ишорае кунад ва тавзеҳу тафсире ба он биафзояд, хонандаро аз аъмолу рафтор ва андешаву орои миллатдӯстонаи шахсияти ҳикоя огоҳ месозад. Ӯрун Кӯҳзод дар ин ҳикоя тавонистааст, ки шахсиятҳои ҳикояро дар ҳини амал тасвир кунад. Хонанда аз он чӣ Абдулҳамид ё қозӣ мегӯяд, аз он чӣ мекунанд, ҳадс мезанад, ки чӣ гуна одаме ҳастанд. Нависанда аъмол ва гуфтори шахсиятҳоро ба намоиш гузошта, ҳастии онҳоро ба хонанда менамояд. Ин тарзи шахсиятпардозӣ дар ҳикояҳои инзамонии нависанда нуфуз дошта, бозгӯкунандаи зеҳният, ҳунари нигорандагӣ ва ҳадафҳои ислоҳотхоҳии нависандаи ормонгарост.

Нависандаи ҳикоянавис ин ё он шахсиятро тасвир карда, на ҳама вақт дар пеши худ мақсад мегузорад, ки чеҳраи инсонро бо ҳамаи гуногунрангиҳои аъмолу кирдораш бозтоб диҳад. Гоҳо дар ҳикоя як паҳлуи равшани хулқу хӯйи шахсият тасвир мешавад ва чеҳраи инсони ҷомеъро таҷассум менамояд.

Ҳама гуна шахсият, ҳатто шахсияти комил (агар воқеан ҳам, шахсият бошад) хонандаро ба андеша вомедорад. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ҳангоми офаридани симои инсон дар асари бадеӣ наметавон ҳамаи тобишҳои рафтори инсонро дар шароитҳои гуногун ба ҳисоб гирифт ва нишон дод. Дар ин ҳол ғояи шахсиятро муайян кардан ва имкони ҳис кардани дурнамои инкишофи боварибахши онро ба вуҷуд овардан муҳим аст. Ин бахусус, барои жанри хурд, ки ҳаҷми таҳкия имкони васеъ ва ҳаматарафа ошкор намудани симои инсонро надорад, муҳим аст. Дар ҳикояи ёдшудаи Ӯрун Кӯҳзод ҳарчанд Абдулҳамид дар як вазъияти мушаххас ба тасвир омадааст, хонанда бе душворӣ метавонад онро дар вазъиятҳои гуногун пеши назар оварад, зеро нависанда тавонистааст, ки дар ҳикоя ғояи шахсият, ормони дарунии аъмол ва рафтори зиндагисози инсонро дақиқ таҷассум созад.

Паҳлуи муҳимми ҳунари Ӯрун Кӯҳзоди ҳикоянавис дар он аст, ки тавонистааст аз як амал ва кирдори мушаххаси қаҳрамон, аз сухан ва андешаи ӯ умқ ва зербинои ормони шахсияти мавриди тасвирашро дарк ва моҳияти хулқу хӯ ва ҳастии инсонии ӯро ироа диҳад. Чунин тарзи шахсиятпардозӣ дар бештарини ҳикояҳои дар замони истиқлол эҷодкардаи Ӯрун Кӯҳзод ба мушоҳида мерасад, ки далели устувории идроки бадеии ӯ дар шинохти воқеиятҳо ва хулқу хӯйи инсонҳост.

Аз таҷрибаи шахсиятпардозии Ӯрун Кӯҳзод бармеояд, ки нависанда барои офаридани шахсиятҳои зинда ва қобили қабул се омили муҳимро ба эътибор гирифтааст. Аввал ин ки шахсиятҳои офаридаи ӯ дар рафтор ва хулқиёташон собитқадаму устувор ҳастанд, сониян, шахсиятҳои офаридаи нависанда барои амали анҷомдодаашон ангезаи маъқуле доранд, бахусус, вақте мебинем, ки тағйире дар рафтор ва кирдори онҳо пайдо мешавад ва барои ин нависанда асос ҳам дорад. Ниҳоят, шахсиятҳои дар ҳикояҳои ин давра офаридаи нависанда пазируфтанӣ ва воқеӣ буда, онҳо на намунаи мутлақи парҳезкорӣ ва хубӣ ҳастанд ва на девсирату шарир, балки таркибе аз хӯю хислати инсон ва маҷмуае аз фардият ва иҷтимоъ ҳастанд.

Шахсиятҳои аксари ҳикояҳои нависанда хислатҳои зидду нақиз ва ноҳамоҳанг надоранд. Шахсиятҳои ҳикояҳои Ӯрун Кӯҳзод аз таҷрибаи нависанда зода шуда, дар муҳит ва ҳавзаи ҳикоя қобили қабул ҳастанд.

Ӯрун Кӯҳзод дар таҷрибаи ҳикоянависиаш барои ошкор кардани хулқу хӯйи шахсият аз воситаи тасвири кашмакаш (conflict) ҳунармандона истифода кардааст, ки барои ошкор намудани хислатҳои муҳимми шахсияти ҳикоя василаи таъсиргузор будааст. Барои мисол, нависанда дар ҳикояи «Гудоз» аз кашмакаш ҳунармандона истифода карда, ба ин васила шахсияти Муҳаммадаминро табиӣ ва образнок муҷассам намудааст. Ин шахсият дар хориҷ аз ҳикоя ва дар ҳавзаи ҳикоя низ ҳамчунон табиӣ ва пазируфтанӣ аст. Нависанда бо тасвири амалу рафтори Муҳаммадамин ва кашмакаши ӯву такобиҳо моҳияти иҷтимоиву ахлоқии воқеиятҳоеро, ки солҳои навадум ба сари миллати тоҷик омада буданду қурбониҳои зиёде дар пай доштанд, тасвир карда, ҳақиқати бадеии он чиро ки рух дода буд, менамояд. Кашмакаш дар ҳикояи Кӯҳзод иҷтимоӣ буда, савияи фарҳангӣ, миллӣ ва хулқу хӯи иштирокдорони он моҷароро ба дурустӣ нишон медиҳад. Нависанда бо ёрӣ гирифтан аз шарҳу тавзеҳи мустақим моҳияти кашмакаш ва хӯю хислати шахсиятро ошкор месозад. Чунончи: «Майдоннишинон ба шаҳраку деҳоти худ баргаштанд, фидоиён силоҳашонро ҳамроҳашон бурданд ва ҳар кадоме дар маҳаллаи худ дастаҳо тартиб доданд ва ба силоҳёбиву силоҳғундорӣ машғул шуданд ва ҳар касеро, ки дар майдони дигар ширкат дошт, душман гуфтанд ва ҳар нафареро ки дар майдони дигар ширкат дошт, истинтоқ карданд.

Ва водии яклухту якмаром тақсим шуд. Ба ду гурӯҳи муқобил тақсим шуд аҳолии водӣ, ба ду гурӯҳи ба ҳам зид тақсим шуданд, сардорону роҳбарони халқ, ба ду тақсим шуданд, бошандагони як деҳа ва муаллимони як мактаб ва талабагони як синф; ва ном гирифтанд ин гурӯҳҳо Болообию Такобӣ ва Болообиҳо, ки мусаллаҳу варзида буданд, Такобиҳоро таъқиб карданд,- мезаданд, ба ҳабс мегирифтанд ва мекуштанд; ва ин кирдорҳо акси ҳаракатро метафсониду метезонид, зеро табиати одамӣ, аз азал то

абад, чунин аст ва кина кина мезояд ва ҷавоби ҷангро ҷанг медиҳад...» [12, с.297-298].

Нависанда бо шарҳу таҳлили рафтору аъмол ва афкори шахсиятҳо аз кашмакаши ҷиддии қарибулвуқуъ хонандаро хабардор мекунад ва боқӣ он чӣ рух медиҳад, ҷанги ҳамватанӣ аст, ки асосашро баҳсҳои бесуд ва ҳадафҳои маҳдуди инсониву маҳаллӣ гузошта буд.

Муваффақият дар ироаи сареҳи шахсиятҳо дар ҳикоя ба хусусияти шахси ровӣ ё вижагиҳои идроки бадеии нависанда вобастагӣ дорад. Дар ин замина, ҳикояи дигари Ӯрун Кӯҳзод «Се раҳакӣ аз се ҳизб» низ, ки дар замони истиқлол эҷод шудааст, ҷолиби диққат мебошад. Нависанда «Се раҳакӣ аз се ҳизб»-ро дар қатори ҳикояҳо нашр карда, ба жанри он ишорае накардааст. Вале Ҷ Бақозода онро қисса унвон кардааст, ки ба талаботи ин жанр ҷавоб намегӯяд. Ҳоло барои мо донистани он муҳим аст, ки дар ин ҳикоя нависанда дар тасвири шахсият чӣ ҳунаре нишон додааст.

Ҳамчунон ки дар боло ишора кардем, Ӯрун Кӯҳзод дар бозкушоии шахсият идроки хоси бадеӣ ва шеваи мушаххаси нигориш дорад, ки ба дарки объективии воқеияти зиндагӣ аз ҷониби ӯ алоқаманд мебошад. Яке аз тарзҳои шахсиятофарии нависанда ба таври фаврӣ намудани чеҳраи шахсият мебошад. Аз эҷодиёти нависанда метавон мисолҳоеро зикр кард, ки дар ҷараёни муборизаҳои тезутунд чеҳраи шахсият фавран ва дар як лаҳза кушода мешавад. Дар ҳикоянависии тоҷикӣ ин равиш заминаи ақидатӣ ва иҷтимоӣ дошта, бахусус дар ҳикояҳои марҳилаи аввал, дувум ва савум фаровон истифода шудааст. Ба андешаи Э. А. Шубин «Адабиёти воқеъгаро (реалистӣ) бо таҳқиқи объективии бадеии ҳаёт амалан бевосита барои инъикоси зиддиятҳои воқеӣ ва чеҳраи табиии бисёрҷиҳатаи шахсияти инсон бевосита муроҷиат кард. Ғайриинтизор ошкор намудани чеҳраи шахсият дар ким-кадом ҳодисаи фавқулода барои он имконпазир гардид, ки дар вақти бозофаринӣ нависанда супоришеро (табақотӣ, нажодӣ ё шахсиятшиносии яктарафа) оид ба тасаввурот дар бораи ин ё он типи одамон ба роҳбарӣ намегирифт. Ҳунарманд худаш ҷараёни донистани

инсонро оғоз карда, гӯё ки дар як вақт ҳамроҳи хонанда бо одамони тасвиршуда шинос мешавад. Дар ин ҳолат низ бо ҳодисаи ғайри интизор метавон рӯ ба рӯ шуд. Инсонро рӯбардор не, балки дар ҷараёни зиндагӣ таҳқиқ ва таҳлил кардан лозим аст» [173, с.128-129].

Дар бисёре аз ҳикояҳои Ӯрун Кӯҳзод, аз ҷумла дар ҳикояи ёдшуда чунин тасвире ҳаст, ки дар он шахсият ногаҳон дониста мешавад ва ғайри интизор ошкор мегардад. Аз ҷумла, чеҳраи Мирризоро дар оғози ҳикоя ҳарфи зерини ӯ боз мекунад: «Дар мамлакати бенизом, нон фаровон намешавад» [13, с.146]. Ин ҳарфҳо дирӯз ва имрӯз ҳам метавонанд адабиётеро ба мо муаррифӣ кунанд, ки ҳама гуна ниқобро барафканда, чеҳраи воқеии типҳои иҷтимоии тоҷикиро менамояд.

Ин типҳо дар замон ва макони муайян мехостанд ҷараёни воқеаҳои иҷтимоиву сиёсии кишварро тағйир диҳанд. Нависанда дар ҷараёни воқеаҳо хӯю хислати шахсиятҳои ҳикоя-Мирбақо, Мирвафо ва Мирризоро зуд ва ғайриинтизор ошкор месозад. Қаҳрамонони номбурдаи ҳикоя бо нияту роҳҳои мухталиф ба майдони сиёсат омада, худро зуд ба руҳияву муҳити муташанниҷи замон мутобиқ менамоянд, қонунмандии маънавии онро дармеёбанд. Барои онҳо доштан ё надоштани ақлу тамиз, фаросат, маърифату дониши сиёсӣ фарқе надорад.

Суханоне, ки Мирризо гуфту дар боло оварда шуд, даъвати фаврии адабиётест, ки ҳама гуна ниқобро бадар карда, тазодҳои воқеии муҳити иҷтимоии он солҳоро дар заминаи мухолифатҳои фикриву ҷисмонии шахсиятҳои алоҳидаи таъсиргузор ба хонанда менамояд. Чунин сохтори сужет яке аз ҷараёнҳои муҳимми ҳаётии мушаххаси муносибати одамонро ба назар менамояд, ки ҳамчун таркиби шартии ақлонии сужети ҳадафманд ба назар меояд ва қобили зиндагӣ боқӣ мемонад.

Чунин тарзи шахсиятпардозӣ, албатта, дар ҳикоя ё эҷодиёти нависандае фақат дар як давраи мушаххас метавонад ҳамакораву ҳамагир бошад. Бахусус, дар давраҳое, ки воқеият ва афкори умум вобаста ба мавқеияти иҷтимоиву ахлоқиашон дар ҷомеа нисбат ба шахсият дидгоҳҳои

гуногунро матраҳ мекунад. Замоне, ки Ӯрун Кӯҳзод ҳикояи зикршударо навишт, ҳамин гуна фурсат фаро расида буд ва нависанда аз он огоҳона ва ҳунармандона истифода карда тавонист.

Дар матни воқеияти солҳои навадуми Тоҷикистон нависанда ба амалу кирдори шахсиятҳое таваҷҷуҳ кардааст, ки шароболуду газакхӯрон ва даме оромонаву орифона ва дар яклухтӣ боадабонаву беадабона ва дар доираи шиорҳои маълуми ҳизбҳо фикр мекарданд, ки дар Себазор алҳол озодии инсон нест, озодии сухан нест, ободиву фаровонӣ нест, осоишу оромӣ нест. Сужети ҳикояро амал ва андешаи шахсиятҳои ҳикоя шакл дода, зовияи диди намоишӣ ё зовияи диди айнӣ, дар маҷмуъ, тарҳи ҳикоя ва чеҳраи шахсиятҳоро ба намоиш гузоштааст. Бо ин усул нависанда ҷӯшиш ва ҷунбиши зиндагиро бештар инъикос карда, рангомезии ҳикояро ғанитар сохта бошад ҳам, диди намоишӣ ба ӯ имкон надодааст, ки ҳолати равонӣ ва хусусиёти хулқии шахсиятҳоро ба таври ҷомеъ таҳлил ва ошкор намояд.

Дар ҳикояи Сорбон «Бистари марг» шахсияти персонаж дар вазъи ғайри интизор тасвир шудааст. Тамоми сохтори зиндагии маънавии пиразани «рӯйи бистар хобида» дар як ҳаракат, дар як амали анҷомнагирифта ва назари манфӣ муҷассам шудааст: эҳсосоти зане, ки дар ҳикоя тасвир шудааст, табиӣ ва одӣ аст; ин зан дар ҳоле ки дар бистари марг хуфтааст, эҳсоси гуноҳ ва аз шавҳараш талаби омурзиш мекунад; зан пеши шавҳар, ки дар сари болини ӯст, гуноҳи худро як-як бармешуморад. Нависанда дар ҳикоя ҳоли табиии зиндагии як хонаводаро менамояд, ки ҳам хандаовар асту ҳам фоҷеарез. Ҳиммати эътирофи гуноҳ ва азми талаби омурзиш ба умеди пок кардани гуноҳон ва ором кардани виҷдони нороҳат, поёни воҷиб ва маъқули дигаре аст, барои шинохти шахсиятҳои ҳикоя.

Дар ин ҳикоя ҳеҷ чизи сохтаву бофта нест. Воқеият хулқу хӯйи шахсиятҳоро ошкор месозад, ки паёми равшане низ дорад: чеҳраи аслии табаҳкоронро менамояд ва чунонки ҳастанд, нишон медиҳад. Шахсият дар ин ҳикоя ҳақиқатнамои зулм ва ситами хонаводагӣ ва нохудогоҳиву бадхулқии зан-сутуни хонадон аст. Сорбон тавонистааст, ки дар ин ҳикоя

ба василаи чанд нишона чеҳраи равонии занеро офарад, ки моҳияти аслии шахсияти ӯро ба таври ҷомеъ ифода мекунад. Ин шахсиятест, ки гирифтори ҳамоқат ва хиёнати маънавӣ гардида, дар вопасин лаҳзаҳо ҷойи худро дар ин дунёву он дунё танг дармеёбад. Воқеиятҳое, ки мундариҷаи ҳикояро ташкил додааст - гуноҳҳои зан дар тули зиндагии якҷояашон бо шавҳар – хулқу хӯйи шахсияти ҳикояро хеле равшан ошкор месозад ва миёни имкониятҳои зотии ӯ сарҳад мегузорад, ки гувоҳи ҳунармандии нависанда дар офариниши шахсият аст. Сорбон низ дар ин ва ҳикояҳои «Ду девона», «Русбача», «Савдои умр», «Кӯрофтоб», «Ду дардманд» ва ғайра шеваи ироаи шахсиятро аз тариқи ба намоиш гузоштани аъмоли персонаж бо афзудани шарҳу тафсир ҳунармандона ба кор гирифтааст.

Дар бисёре аз ҳикояҳои дар ин давра таълифкардаи нависандагони тоҷик тағйироти фаврии сифатии шахсият ва хӯю хислати он натиҷаи тағйири дидгоҳҳо оид ба масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ мебошад. Ин ҷо сухан нафақат дар бораи ҳунари ҳикоянавис ё асоснокии равонии тағйироти дар хӯю хислати инсон ба вуҷуд омада меравад, балки аз ҳама муҳим, моҳияти ғоявии асар мавриди назар аст. Омили аслии таҳрикбахши ин дигаргунӣ, пеш аз ҳама, ормони ғоявӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии нависанда мебошад. Ба ин далел, дар баъзе ҳикояҳои А. Самад тағйироти дар шахсияти қаҳрамон ба вуҷуд омадаро моҳияти мушкилоти мавриди назари муаллиф рақам мезанад, ки он ҷузъӣ нест. Андешаҳои модари ҷанговар аз ҳикояи «Моргазида» оид ба воқеаҳои ба сари фарзанд ва хонаводааш омада аз қолаби ҳодисаи ҷузъии интиқоми шахсӣ фаротар меравад. Андешаи ӯ амиқтар аз ҳама гуна хулосаҳои насиҳатомези манфиатхоҳона аст.

Дигаргунии маънавие, ки зери таъсири сарнавишти пурфоҷиаи фарзандаш дар руҳия ва андешаи модар рух додааст, заминаи мантиқӣ ва усулии ташаккули ин шахсият ва таъйиди консепсияи ҷомеи фалсафии зиндагист, ки нависанда таблиғ кардааст. Дар ҳикояи ёдшуда тағйироти фаврӣ ва муҳимми шахсияти қаҳрамон (модар) натиҷаи тааммуқ ва

ҷустуҷӯҳои фалсафиву бадеии нависанда оиди масъалаҳои пурарзиши таърихи миллат ва башар аст. Модар сари воқеоте меандешад, ки фақат дар сарнавишти писараш нақши наҳс бозӣ накардаанд: таъқиботи уламои динӣ, сӯхтан ва нобуд кардани кутуби адабию таърихӣ, набард алайҳи фашизмро модар барои писар тақдирбарандоз меҳисобад, чунки зери таъсири он рӯзҳои сиёҳ писараш низ ба гуноҳ олуда шуд. Нависанда шахсияти модари ҷигарсӯхтаеро меофарад, ки нисбат ба сиёсати зиддихалқӣ ва зиддифарҳангии ҳизбу давлати Шуравӣ дар солҳои сиюми қарни бистум нафрату қароҳати афзун дорад. Ба решаи умри фарзандаш ҳамон сиёсати ҷоҳилона табар зад.

А. Самад барои офаридани шахсияти қаҳрамони ҳикояаш аз шеваи шарҳу тавзеҳи мустақими шахсиятпардозӣ ҳунармандона истифода карда, ба ин васила рафтор, аъмол ва афкори модарро ба хонанда муаррифӣ кардааст. Дар ин равиш зовияи диди фардӣ василаи корсозе будааст дар намудани хусусиятҳо ва хислатҳои шахсияти қаҳрамони ҳикоя. Муваффақият дар ироаи сареҳи ин ва дигар шахсиятҳои ҳикояҳо ба хусусиёти шахсии ровӣ, ба ифодаи дигар, вижагиҳои ҳунарии нависанда вобаста мебошад. Хонанда шахсияти қаҳрамони ҳикоя-модарро пеш-пеш аз ташреҳ ва тафсири нависанда мешиносад, на аз амалу кирдораш дар бархӯрд бо ҳаводис ва масоил. Нависанда дар ин ҳикоя низ чун ақли кул рафтор карда, даруни шахсияти қаҳрамонро ба хонанда намудааст.

Диққати нависандагони тоҷикро нафақат инсон ҳамчун иштирокчии воқеиятҳо ва интиқолдиҳандаи маҷмуи фазилатҳои ахлоқӣ, балки ҳамчун неъмати арзишманд ва такрорнашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ ба худ ҷалб мекунад. Маҳз таваҷҷуҳи бошиддати ҷомеа ба сарнавишти инсон роҳро барои тасвиру тафсири шахсияти бисёрпаҳлу ба нависандагон боз намуд. Нависандагони боҳунар дар ин замина барои офаридани шахсияти типӣ далели типиро ба кор гирифтанд, ки яке аз шеваҳои такмили хӯю хислати шахсият дар ҳикояи тоҷикӣ мебошад. Илова бар ин, унсурҳои ҷолиби шахсиятпардозӣ ва таҳқиқи ҷаҳони ботинии қаҳрамонро дар асарҳои

адибони нисбатан ҷавон ҳам, метавон ба мушоҳида гирифт. Манзури мо, ҳикояҳои Ҷ. Акобир, А. Рабиев, Б. Абдураҳмон, Р. Остон, Сайдар, Э. Субҳон, А. Музаффаров, А. Олим ва ҳамсафони онҳост. Дар ин масир кӯшишҳои А. Олимро махсус бояд қайд кард. Ин нависандаи ҷӯянда дар ҳикояҳои маҷмуаи «Моҳмомо» ба тасвири масоили нозуки ахлоқии инсон мепардозад. Дар аксари ҳикояҳои маҷмуаи номбурда нависанда зимни тасвири ҳодисаҳои рӯзгори маишии муосирон ба хислатҳои хубу бад, ба рафторҳои шоистаю ношоистаи қаҳрамони асарҳояш диққати махсус медиҳад. Инсон аз ин нигоҳ, чунонки баъзе қаҳрамонони нависанда ҳам таъкид мекунанд, табиатан гуногун аст. Далели ин гуфтаҳо ҳикояҳои «Лутфӣ», «Моҳмомо», «Бобо Ҷумъа ва маркабаш»-и А.Олим мебошад.

Дар ин равиш таҷрибаи ҳикоянависии Кароматуллоҳи Мирзо аз баъзе ҷиҳатҳо ҷолиби диққат аст. Дарки амиқи воқеияти зиндагӣ, бо диққат омӯхтани сарнавишт ва хӯю хислати типҳои гуногун, дар ҳикоя ба вуҷуд овардани ҷараёни тағйиру такмили шахсият, коркарди сужете, ки ба зуҳури якбораи шахсият асос ёфта, маҷбур мекунад ба инсон бо чашми дигар нигоҳ кунем дар ҳикояҳои «Гӯшвора», «Моҷарои хонарӯбӣ», «Меҳри модар», «Марги душвор» ва ғайра ҳунармандона тарҳрезӣ шудааст.

Бо чунин сохтори сужет дар ҳикояҳои К. Мирзо мо бисёр вомехӯрем. Дар ин ҳол гоҳо дар паси донистани ногаҳонии шахсият дарки дувуми моҳияти хӯю хислат ва тамоми вазъият, андешаи фалсафӣ оид ба ҳар чизи ғайритабиӣ, муҳити ғайриинсонии иҷтимоӣ, ки одамон метавонанд фақат дар ҳолатҳои истисноӣ сиришти инсониашонро нишон диҳанд. Дар ин равиш ҳикояи «Марги душвор» ҷолиб мебошад. Дар маҷлиси муаллимони мактаб амали инсондӯстона ва касбии шахсияти аслии ҳикоя, муаллим Содиқи Ҷаъфарро директори мактаб ғайриинсонӣ ва ғайрикасбӣ маънидод мекунад. Содиқи Ҷаъфари нафақахӯрро директор маҳз ба хотири донишманд буданаш аз дигар музофот ба ин мактаб даъват карда овард,то ки таълими фанни риёзиёт ҷон гирад. Вале акнун фақат ба хотири он ки рафтори ношоистаи ӯро Содиқи Ҷаъфар написандид, муқобилаш раъй дод,

ӯро ганда дид. Ҳатто дар ҳузури муаллимони мактаб «эҳтироми муаллими куҳансол аз хотири Ризои Раҳмон баромад» [25, с.423]. Ин амали шахсияти ҳикоя, яъне директори мактаб Ризои Раҳмон моҳияти муносибати ғайриинсониро дар ҷомеа, ки рафтор бозгӯи канораравӣ аз меъёрҳои ахлоқӣ аст, ошкор мекунад.

Ин усули шахсиятпардозӣ дар тарзи нигориши К. Мирзо ҷойгоҳи хос дошта, барои хонанда ғайриинтизор намояд ҳам, хулосаи мардумӣ-одамро шинохтан душворро-таъйид мекунад. Шинохтан ва дарки тозаи ахлоқии ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоӣ, ки дар ҳикоянависии тоҷикӣ собиқа дорад, ба К. Мирзо ва бисёре аз нависандагони дигар имкон додааст дар бисёр мавридҳо шахсияти ҳикояашонро ғайриинтизори хонанда чеҳранамоӣ кунанд. Ин усул ба нависандагони имрӯз, аз ҷумла К. Мирзо аз ҳикоянависони насли аввал мерос расида ва тадриҷан такмил ҳам ёфтааст. Вале ин сухан чунин маъно надорад, ки таҷрибаи нависандагони сонӣ аз тозакориҳо орӣ бошад, баръакс, чунонки Ҷ. Бақозода низ таъйид кардааст, дар ҳикояҳои К. Мирзо «дар лавҳаҳои хурди зиндагӣ ҳар дафъа як хислати инсон, ҳодисаи нохуши рӯзгор тасвир» ёфта, «яке такмилу инкишофи дигаре мебошад» [73, с.146]. Намунаи ин гуна такмилу инкишофро дар мисоли ҳикояи ёдшуда мо аз назар гузаронидем.

Шеваи дигари тасвири воқеиятро мо дар дар ҳикояҳои адиби зиндаёд С.Раҳим зиёд ба мушоҳида мегирем. Вай бисёре аз масоили шахсияти қаҳрамонро аз тариқи тасвирҳо ва тавсифҳои рамзӣ ба қалам медиҳад. Масалан, дар ҳикояи «Гунҷишки сафед» ҳарчанд соя ва гунҷишк образҳои рамзианд, вале моҳияти паёми адабии нависанда ба зиндагии муқаррарии иҷтимоии инсонҳо иртибот дорад. Кӯдак, ки соҳиби дилу ният ва назари поку беолоиш ва бидуни ғараз аст, ҳаводиси атрофро аз нигоҳи кӯдаконаи худ ба мушоҳида мегирад, баду некро аз назари худ ташхис менамояд ва ба рафтору амалҳои атрофиён баҳо медиҳад. Ин усули тасвири инсон ва ҳаводиси рӯзгорро дар ҳикояҳои М. Сайдар, М. Қурбонов, М. Солеҳ, Б. Абдураҳмон, К. Давлат, Қ. Рустам, Ю. Юсуфӣ ва дигар ҳамсафону

ҳампешагони онҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Ин гурӯҳи нависандагон ба воқеияти зиндагӣ назари дигаргуна, назари шоирона ва то андозае лирикӣ доранд, ки онро мо бештар дар ҳикояҳояшон мушоҳида менамоем. Дар ин масир Баҳманёр хеле муваффақ мебошад.

Сарнавишти инсон ҳамчун василаи тарҳрезӣ ва бунёди сохтори ҳикоя ва шахсияти бадеӣ дар ҳикояҳои Баҳманёр низ ғолиб буда, нависанда шеваи хоси шахсиятпардозиро пайгирӣ кардааст. Нависандаро сарнавишти пуртазоди инсонҳо ба ҳаяҷон оварда, ин омил мундариҷаи чунин ҳикояҳоро ба тарзи гуногун шакл додааст. Вале аз чунин ҳикояҳо дар пеши назари мо зиндагии инсоне гирд мегардад, ки сарнавишташ ба ҳикоя кардан меарзад ва дар дилу ёди хонанда нақши онро мегузорад.

Дар ҳикояҳои Баҳманёр усули хронологии нақл риоят нашавад ҳам, аксаран мундариҷаи ин гуна ҳикояҳо аз чанд лаҳзаи зиндагии қаҳрамон ба ҳам меояд ва имкон медиҳад, хонанда ба умқи тарҷеии хӯю хислати шахсияти тасвиршуда расад. Ҳамаи ғановати маънавии қаҳрамони ҳикояи «Куштор дар Ялмо» якбора кушода намешавад. Бобои Баҳром сарнавишташро «ба сахтӣ» ба ёд меовард. Маълум мешавад, ки аз фоҷеаи маъракаи кулаккунӣ ба ҳукми тасодуф зинда монда ба зодгоҳаш баргаштааст. Ҳамин руҷуъ ва суханони ӯ-«Худованд ҳеҷ бандаашро ба ин рӯзҳои сиёҳ гирифтор насозад!» – ба хонанда имкон медиҳад, ки қадам ба қадам фоҷиаи зиндагии қаҳрамони аслии ҳикоя – Мурод ва аъмолу кирдори Бобои Баҳрому инсонҳои дигарро ба мушоҳида гирад. Бобои Баҳром ҳеҷ кори ҷолибе дар зиндагӣ накарда бошад ҳам, рӯзгори ошкоро ва бошарафонаро паси сар кардааст. Ӯ аз асорат баргашт, зиндагии душворе дошт, бо одамони гуногунхилқат кору зиндагӣ кард, ки содиқ ҳам, буданду хиёнаткор ҳам вале муҳим ин буд, ки ҳеҷ гоҳе одамиятро аз даст надод. Ӯ инсонест, ки одамонро аз як нигоҳашон мешиносад ва бо онҳо забон ёфта метавонад. Дили аз хурдӣ захмхӯрдааш гоҳо ба ҳар касу нокас месӯзад. Аз ҷумла, ба Мурод, ки аз тангдастӣ гандуми колхозро медуздид.

Ҳатто вакте ӯ сардори бадҷаҳлро мекушад, бисёр мехоҳад ин сир пӯшида монад...

Ин ҳикоя ва бисёре аз ҳикояҳои дигари Баҳманёр мундариҷаи тезутунди бисёрамал надоранд. Вале гоҳо дар ҳудуди як ҳикоя 10-15 лавҳаи хурд канори ҳам омада, ҳар кадоме барои равшан кардани матлабе истифода шудаанд. Сохтори ҳикояро амалу кирдори шахсиятҳо ва оҳанги андешаи муаллиф устувор сохта, хонандаро мутаваҷҷеҳи сарнавишти қаҳрамони аслӣ месозад. Ин гуна ҳикояҳои нависандаро метавон ба сифати тамоюли тозае дар насри нави тоҷикӣ, чун насри зеҳнӣ номзад кард, ки аз қолабҳои иҷтимоӣ, низоъҳои синфиву истеҳсолӣ, объективизми беруҳ ва нақли одӣ ё пайдарҳамии воқеаҳо барканор буда, саропо баёнгар ва ҷавобгӯйи ҳолот, савияи маънавӣ ва аҳдофу ормони инсони муқаррарӣ мебошад. Баҳманёр дар эҷоди ин гуна ҳикояҳо аз шеваи шахсиятпардозии ироаи даруни шахсият бе таъбир ва тафсир ҳунармандона истифода кардааст, ки дар насри тоҷикӣ таҷрибаи беназир аст.

Нависанда дар саропои ҳикояи «Кадхудо» бо намоиши аъмол ва кунишҳои зеҳнӣ ва авотифи дарунии персонаж ба хонанда имкон медиҳад, ки ғайримустақим шахсиятро шиносад. Дар ҳикоя аъмол ва ҳаводис дар даруни шахсиятҳо (ровӣ ва зани ӯ) рух медиҳад ва нависанда ғайримустақим хонандаро дар ҷараёни шуури огоҳ ва ноогоҳи шахсиятҳои ҳикоя қарор медиҳад. Ба қитъаи зер таваҷҷуҳ кунед:

«Тамбоку дуд медиҳам. Дуд аз даҳонам чун аз лӯлаи паровоз танӯра мезанад. Занам каҷ - каҷ ба ман менигарад, шояд ҳарфи тезтаке нӯги забонаш сум мезанад, чароғпоя мешавад, аз баҳоранди даҳонаш берун ҷастан мехоҳад, магарам ба сахтӣ онро лаҷомгир мекунад, ки сухане намегӯяд. Аз дуди тамбоку алерҷӣ дорад, лек чун балконро ба ихтиёри ман дода, ночор аст бардошт бикунад. «Хасдуд мекунӣ, кӯрдуд мекунӣ, бифармо, балкон!» Ин ҷо барои ӯ «балкон» аст, барои ман шаҳнишин... » [2, с.220].

Ҳикоя бо ҳамин қитъа оғоз меёбад ва нависанда бидуни он ки тавзеҳ диҳад, зеҳнияти ошуфтаи шахсиятҳои ҳикоя (ровӣ ва занаш)-ро нишон медиҳад ва хонандаро дар ҷараёни кашмакаши дарунии афкор қарор медиҳад. Хонанда ғайримустақим дармеёбад, ки ин ду хулқу хӯйи хилофи ҳам дошта, зиндагиашон нобасомон аст. Ба ифодаи дигар, амалу куниш ва зоҳири берунӣ моҳияти фикр ва андешаи дарунии ҳар ду шахсияти ҳикояро нишон медиҳад, ки шеваи тозаи шахсиятпардозӣ дар ҳикояи тоҷикӣ аст.

Баҳманёр дар ин ва бисёре аз ҳикояҳои дигараш ба василаи нақли танзомез аз ироаи сареҳ ва урёни хусусиёти шахсиятҳо худдорӣ мекунад. Хонанда тавсиф ё тасвири хӯю хислати Кадхудоро (ва ровиро низ) на аз забони нависанда, балки аз суолу ҷавоб ва зеҳнияти ҳар ду мешиносад, ки шеваи тоза ва муассир буда, то ҷое якнавохтии шахсиятпардозиро дар насри тоҷикӣ, аз ҷумла ҳикоя поён медиҳад. Ин тарзи нигориши Баҳманёрро истифода аз оҳангҳои асотирӣ ва устурапардозона такмил бахшидааст, ки дар равиши инкишофи ҳикояи тоҷикӣ таҷрибаи нодир мебошад. Ба ифодаи дақиқтар, Баҳманёр бо дарки тозаи воқеият, сарнавишти инсонҳо ва тасвири руҳнамову равоншикофона фаротар рафта, зеҳният ва рафтору кирдори шахсиятро ҷозибаи марказии ҳикоя қарор дод, ки ҳодисаи тоза дар ҳикояпардозии давраи истиқлол аст.

Чунонки ба мушоҳида расид, дар заминаи таҳлилҳои анҷомгирифта метавон хулоса кард, ки дар ҳикояи ин давра нависандагони ҳунарманд бо корбурди шеваҳои гуногун ва таъсиргузори шахсиятпардозӣ ба таҳқиқи амиқи воқеиятҳои зиндагӣ ва сарнавишти инсон даст ёфта, фазои маънавиёт ва маърифати бадеӣ ва ҷанбаи бадеии ҳикояҳояшонро ташаккул ва таҳаввул бахшидаанд.

Дигар аз воситаҳое, ки хусусияти бадеии ҳикояи тоҷикиро дар давраи мавриди назар такмил бахшидааст, шеваи зовияи дид мебошад. Дар ҳикояи ин давра зовияи дид намоишдиҳандаи шевае аст, ки нависанда ба василаи он масолеҳ ва моводи ҳикояи худро ба хонанда ироа мекунад. Ин шева,

пеш аз ҳама, робитаи нависандаро бо ҳикоя нишон медиҳад. Саҳеҳтараш, яке аз василаҳои таҳкими сохтор ва бадеиёти ин жанр аст.

Вақте таҷрибаи нависандагони ҳикоянависро аз назар мегузаронем, мебинем, ки зовияи дид дар ҳикояҳои онҳо ҳовии чанд маънии махсус аст: якум, зовияи диди ҷисмонӣ (физикӣ), ки бо вазъият дар замон ва макон сару кор дорад ва ба василаи он нависанда ба коркарди мавод ва масолеҳаш мепардозад ва нисбат ба ин маводу масолеҳ назар медиҳад ва онҳоро тавсиф мекунад; дувум, зовияи диди зеҳнӣ, ки бо эҳсосу тарзи бархӯрди нависанда нисбат ба мавзуъ сару кор дорад ва савум, зовияи диди шахсӣ, ки марбут аст ба шарҳе, ки ба кумаки он нависанда мавзуеро нақл ё матраҳ мекунад. Ин нақл ё тарҳи мавзуъ мумкин аст, аз тариқи аввалшахс ё дувумшахс ё савумшахс сурат гирад.

Таҷрибаи ҳикоянависии нависандагони тоҷик собит месозад, ки зовияи диди интихобкардаи нависанда бар аносири дигари ҳикоя, яъне бар шахсиятпардозӣ, густариш ва офариниши тарҳ (пиранг), бофти калом, шеваи нигориш (сабк), таҳаввул ва дигаргунии сохторӣ, саҳнапардозӣ ва бахусус, нуқтае, ки ҳикоя такя дорад, таъсир мегузорад. Аз ин ҷиҳат интихоби зовияи дид ва коркарди ҳунармандонаи он сохтори бадеии ин жанрро такмил мебахшад.

Нависандагони мо дар эҷоди ҳикоя асосан, аз зовияи диди дарунӣ ва берунӣ истифода кардаанд. Дар ҳикояҳое, ки бо зовияи диди дарунӣ эҷод шудаанд, гӯянда яке аз шахсиятҳои (шахсияти аслӣ ё фаръӣ) ҳикоя аст ва ҳикоя аз зовияи диди шахси аввал гуфта мешавад. Дар ҳикоянависии тоҷикии ҳамаи марҳилаҳо аз ин зовияи дид нависандагон истифода кардаанд. Чунончи Ф. Муҳаммадиев ҳикояи «Мактуби дӯст»-ро аз забони шахсияти аслӣ-Ҳабиб нақл кардааст, ки чеҳранамои воқеиятҳои сарнавишти ӯ ва Сорохони мағрури ҳусну ҷамоли худ аст. Ин усули нигориш бозгӯи бунмояҳои маънавии шахсиятҳои дигари ҳикоя буда, интихоби диди дарунӣ таъсири онро афзудааст.

Абдулҳамид Самад низ аз ин дид дар баъзе ҳикояҳояш ҳунармандона истифода карда, ҷаҳони маънавии шахсиятҳои гуногунхилқату мухталифандешаро падид овардааст. Аз ҷумла, ҳикояи «Ёдгор, бас!» бо диди дарунӣ навишта шуда, ёдвораи ҷолибест аз рӯзгор ва амалу рафтори шахсияти аслии ҳикоя. Ҳикоя бо ҳамон тарзе, ки хостаи ин дид аст, шуруъ мешавад, яъне А. Самад ин ҳикояро ба василаи шахсияти аслии достон, ки наврас аст, бозгӯ карда, нақли воқеият тавассути шахсияти аслӣ ин ҳикояро аз чанд ҷиҳат бартарӣ додааст. Нависанда хуб дарк кардааст, ки истифода аз зовияи диди аввалшахс имкон фароҳам меоварад, ки воқеиятҳои ғарибе сарнавишти милиса барои хонанда қобили пазириш бошад. Чун воқеият аз забони касе нақл мешавад, ки худ низ дар ин моҷаро саҳми умда дорад, хонанда бештар омодаи пазириши он мешавад. Ин усул таъсири ҳиссӣ ва маънавии ҳикояро меафзояд. Ҳамчунин, Абдулҳамид Самад тавонистааст, ки дар зовияи диди аввалшахс таҷрибиёт ва эҳсосоти ҳаяҷонангезро аз самими қалб нақл кунад. Яке аз сабабҳои самимӣ ва муассир баромадани ин ҳикоя таъсири зовияи дид ва нақши ровӣ дар ироаи андешаву оро ва намудани хулқу хӯйи шахсиятҳост, ки хонандаро бештар ҷалб мекунад.

Дар ин зовияи дид нависандагони мо ҳикояро аз забони шахсияти камаҳамияте низ нақл кардаанд, ки аҳамияти бештаре дорад. Масалан, Баҳманёр дар ҳикояҳои «Зукахӯр», «Сиз мулло», «Маҳбаси аспҳо» ва ғайра воқеияти ҳикояро аз забони шахси ғайри аслӣ ва камаҳамияте нақл мекунад. Дар ин ҳол, ровӣ (нависанда) ба шахсиятҳои дигари ҳикоя аз берун нигоҳ ва дар айни ҳол, ҳамроҳи шахсияти ҳикоя ҳаракат мекунад ва дар моҷарои ҳикоя мустақим ё ғайримустақим саҳм мегирад. Нависанда бо истифода аз ин зовияи дид барои хонанда имконеро фароҳам овардааст, ки шахсияти аслии ҳикояро на ба василаи худи ӯ, балки аз тариқи шахсияти дигари ҳикоя шиносад.

Аз зовияи диди аввалшахс Юнус Юсуфӣ низ дар эҷоди ҳикояҳои «Шабеҳа», «Хоб», «Нома ба маҳбубаи беном», «Достони Дарё», «Асп» ва ғайра ҳунармандона истифода кардааст, ки барои бунмояҳои маънавии

масъалаҳои мавриди назари нависандаро саҳеҳ намудан мусоидати комил намудааст. Ин зовияи дид ба нависанда имкон додааст, ки бо дарки тозаи воқеияти типӣ ба умқи моҳияти ҳодисаҳои зиндагӣ ва таъсири онҳо ба сарнавишти инсон бирасад. Дар ин замина ҳикояи «Достони дарё» диққатангез аст. Дар ин ҳикоя ҳамаи воқеаҳо аз зовияи диди Вахш, ки шахсияти аслии ҳикоя аст, дида ва ривоят мешавад. Мисли пораи зер:

«Ман Вахш ном дорам ва дар ҳошияи роҳе, ки аз канори кушкҳои раста ба раста оғоз гаштаву аз миёни чинористон гузаштаву ба бозор мехӯрад, мошин мешӯям. Шумо борҳо аз он биноҳои зебо баромадаву аз ин роҳ рафтаву ун дарахтзорро пушти сар кардаву ба бозор омадаед, аммо маро намедонед. Ман аз бом то шом сатили куҳна дар дасту лиф дар каф дунболи шумо медавам, чанг ба доманатон мезанам, коре карда раҳ ба дилатон мебарам, мошинатонро мешӯям, ду тангаатонро мегирам. Шояд ҳар кадоми шумо борҳо бо ман кор гирифтаед, аммо ҳеҷ як номамро намедонед, чеҳраамро дар ёд надоред; ман назди шумо ҳеҷам, ҳамсангу ҳамранг бо сатили куҳнаву лифам, аз инҳо дур намеравам. Ростӣ, аз шумо безораму ин ҳамаро хуш надорам, аммо ночорам. Ва агар достони Дарё набуд, ҳеҷ гоҳ хони дил пешатон намекушодам...» [51, с.12].

Юнус Юсуфӣ ба воситаи ин шеваи бозгӯӣ нақли ҳикояро ба «ман» вогузор кардааст. Ин тарзи нигориши ӯ «ман»-и воқеиро бозгӯ мекунад, ки қаҳрамони аслии ҳикоя низ ҳаст ва бо нависанда иртиботи тамом дорад. Ин ровӣ, пеш аз ҳама, қаҳрамон аст, ҳарчанд гоҳ-гоҳ шоҳид ва нозири он чи ки дар атрофаш мегузарад, низ ҳаст. Вале ин ҳикоя бештар шарҳи вақоеъ ва ҳаводисе аст, ки аз сари ровӣ гузаштааст. Балки ҳиссу андешаи ровӣ нозири ҳиссу андешаи атрофиёнаш аст, ки бо тозагӣ ва пурмаъноӣ ҳеҷ гоҳ тасвир ва таҳлил нашудааст. Ҷумлаи ҳикматомези «Нигоҳ анбори роз аст, агар роҳро ба даргоҳи нигоҳ донед, дар дафтари дил чӣ набишта аст, ҳарф ба ҳарф мехонед». Ва ҳамин ҳикмати пуррамз роҳи хонандаро ба шинохт ва дарки розу ниёзи Вахш, Дарё ва шахсиятҳои дигари ҳикоя боз медорад. Ин усули то ҷое рамзомези шахсиятпардозӣ дар ҳикоянависии мо

собиқа надорад. Ин ҷо нақли Вахш хушку беранг набуда, дар пероян тасвирҳо ва тафсирҳои шоирона ороста гардидааст, ки хеле таъсиргузор ва фарохмаънӣ аст. Дар оинаи тасвирҳо хонанда моҳияти шахсияти Вахшу Дарёро, ки муҳити иҷтимоӣ онҳоро ба ин рӯз расонида, зиндагиашонро зери суол бурдааст, дарк мекунад, аз фоҷиаи рӯзгори онҳо, аз бетафовутии замону замондорон огоҳ мешавад. Вахш дар ҳикоя фақат чеҳранамои шахсияти худу Дарё нест, балки ӯ бо танзи кушандае шахсияти соҳибони пул ва ноодамии разилони дигарро низ хеле образнок ва пуртасвир менамояд, ки таъсиргузор аст. Ҳарфҳову андешаҳо дар ин ҳикоя шахсиятнамоянд, ки нависанда пардохтааст. Ба ин суханони Вахш таваҷҷуҳ кунед, ки чӣ рамзеву чӣ розе доранд: «Аз ин рӯз ба пас дар гуфтугӯ бо Дарё ҳушёр шудам, аз канду кови гузашта худдорӣ кардам. Танҳо боре аз боби зиндагии сангҳову гулҳо гап кушодам ва ӯ, он гуна ки кӯдак бо бовару меҳр аз бозичаи дӯстдоштааш мегӯяд, гуфт садои сангҳо хеле паст аст, кам касоне онро мешунаванд, сухани гиёҳҳо бурротар аз онҳост, аммо ҷонварон монанди мо мегӯянду мегиранд. Барои ҳамин одам бештар ба инҳо наздик аст, гулу гиёҳҳоро дуртар мебарад, вале сангҳоро ҳеҷ намебинад... » [51, с.15]. Тасвир ва диди воқеъбини нависанда дар ин ҳикоя ҳолнамои шахсият, вазъи иҷтимоӣ ва ахлоқии инсон ва ҷомеаи сардаргум аст.

Ба далели таъсиргузории судманд ва ҷанбаи бадеии осор бузургтарин нависандагони дунё, аз ҷумла Чарлз Диккенз, Горкий, Марк Твен, Ҳемингуэ, Камю ва дигарон дар эҷоди ҳикоя, новелла ва қиссаву роман аз ин тарзи дид ҳунармандона истифода кардаанд. Дар адабиёти тоҷик низ корбасти ин дид собиқаи равшане дошта, дар замони истиқлол рангу равғани тозае пайдо кардааст.

Дар ҳикояи имрӯзаи тоҷикӣ зовияҳои диди шахси аввал, шахси савум, ривояти номаӣ ё мукотибаӣ, ривояти ёддоштгуна, такгӯии дарунӣ, ҷараёни сайёли зеҳн ва такгӯии намоишӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ҳар кадоме дар шаклгирии тарҳ, сохтори мундариҷавӣ ва бадеии ҳикоя

нақши хос дорад. Дар замина, чунонки ёд шуд, бисёре аз нависандагони мо дар эҷоди ҳикоя аз зовияи диди шахси аввал истифода кардаанд. Дар ин гуна ҳикояҳо нависанда дар ҳукми ровӣ буда, барои кушодани моҳияти воқеиятҳову амалу кирдори инсонҳо чун шоҳид имкони бештаре дорад. Беҳтарин ҳикояҳои Толис, Ҳаким Карим Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Муҳиддин Хоҷаев, Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун, Ҷонибек Акобир, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Раҳим, Анвар Олим, Тоҳири Муҳаммадризо, Сипеҳри Ҳасанзод ва нависандагони дигар бо ҳамин дид навишта шудаанд.

Гурӯҳи дигари нависандагон аз зовияи диди шахси савум кор гирифта, воқеиятҳои сужетро тарҳ додаанд ва ҳамчун гӯяндаву тасвиргари рафтору аъмоли шахсиятҳои ҳикоя амал кардаанд. Дар ҳикояҳое, ки бо ин дид эҷод шудаанд, нависанда барои комил сохтани хулқу хӯйи шахсият чигунагии замон ва маконро низ тасвир мекунад. Дар ин ҳол нависандаи ҳикоя дар ҳукми «ақли кул» ба қолаби шахсиятҳои ҳикоя меравад ва аз зовияи диди онҳо нисбат ба шахсиятҳои дигар ва авзоъу аҳволи ҳоким бар ҳикоя доварӣ мекунад ва мавқеиятҳои замонӣ ва маконии ҳикояро шарҳу тафсир мекунад. Ба ифодаи дигар, нависандаи ҳикоянавис зовияи дидро аз як шахс ба шахси дигар тағйир медиҳад ва ба ин восита ба хонанда имкон медиҳад, ки аз огоҳии нисбии ҳамаҷонибае баҳраманд шавад. Дар ин ҳол, хонанда имкон пайдо мекунад, ки афкори шахсиятҳои ҳикояро хонад. Беҳтарин ҳикояҳои тоҷикӣ чун «Даъво»-и Ф. Муҳаммадиев, «Тахти равон ва тахтбардорон»-и Ӯрун Кӯҳзод, «Шер ва дигарон»-и Сорбон, «Зимистони умр»-и Саттор Турсун, «Ёр дар бари ёр»-и Абдулҳамид Самад, «Меҳри модар»-и Кароматуллоҳи Мирзо, «Обсувор»-и Баҳманёр, «Торикӣ»-и Юнус Юсуфӣ ва даҳҳои дигар бо чунин шева навишта шуда, бинои ҳикоя бар зовияи диди шахсиятҳои мухталиф гузошта шудааст. Ҳикоя аз зовияи диди ҳамин шахсиятҳо нақл ва тасвир мешавад. Муҳаққиқон ин шеваи бозгӯйиро зовияи диди донои кул ё зовияи диди нависанда унвон кардаанд. Дар ин шева нависанда ақли кулли ҳикоя буда, ба ӯ иҷоза медиҳад, ки

нисбат ба ҳар чизе андешаашро баён кунад. Масалан, дар ҳикояи «Даъво» нависанда хонандаро бо шахсияти ду нафар паҳлавон ошно карда, паҳлуҳои гуногуни воқеиятҳои сарнавишти онҳоро рӯгардон ва бо ин усул шахсиятпардозӣ мекунад. Гоҳо ба тақозои сужети ҳикоя мавқеиятҳоро шарҳ ва ҳодисаҳоро тавзеҳ медиҳад. Бо ин усул нависанда чеҳраи инсонӣ ва ахлоқии ду нафар паҳлавонро менамояд. Ҳикояи дигари нависанда «Рӯзи дафни усто Оқил» низ бо ҳамин тарзи дид эҷод шуда, паҳлуҳои мусбат ва манфии ин шахсият ошкор карда шудааст.

Чунонки ишора шуд, нависанда дар истифодаи ин дид озодии амал дошта, аз беруни ҳикоя даруни шахсиятҳои ҳикояро мековад ва эҳсосу андешаи онҳоро барои хонанда шарҳ медиҳад. Ӯрун Кӯҳзод дар ҳикояи «Тахти равон ва тахтбарон» баъди шарҳи эҳсосу андешаи шахсиятҳо ба қолаби шахсиятҳои марказии ҳикоя меравад ва бо тасвири бетарафона моҳияти ҳодиса ва вазъи шахсиятҳо (тахтбардорон)-ро менамояд. Ба ин тартиб гоҳ-гоҳ дар миёни сужет ва ҳар ҷо ки мувофиқ медонад, доир ба масоили ҳикоя назария ва тавзеҳеро меафзояд. Масалан, нависанда баъди он ки ба воситаи хитоби Ходими калон- «Оҳиста бардор, эй дағал!» чеҳраи инсонӣ ва вазъи иҷтимоии Ходим ва Ҷавони паҳлавонро мушаххас месозад, бо тасвири бетарафонаи зер ҳоли тахтбардоронро хеле образноку пурмаънӣ муҷассам месозад, ки ба тариқи зайл аст:

«Ҳангоме ки тахтбардорон тахти равонро бардошта аз таги дарахтони себ мегузаштанд, аз шохи пуки дарахте хонаи тортанак канда шуд ва лахте аз торхонаи он рост ба гардани Ҷавони паҳлавон ғалтид. Афтиду торҳояш пош хӯрд ва фавҷи мӯрчае, ки дар ҳабси тортанак буд, аз маҳбас озод шуду даруни гиребони ӯ даромад. Мӯрчаҳо, ки умед аз зиндагӣ канда ба тақдири бад тан дода буданд ва хаёл ҳам надоштанд, ки ягон рӯз рӯи олами равшанро мебинанд, аз шавқи озодӣ сару по гум карданд ва ба тохтутоз даромаданд. Мӯрчаҳо дар мулки наву озодӣ, дар бадани Ҷавони паҳлавон, андаруни куртаву шалвор, як нафас ором намегирифтанд-дар гардану буни гӯш, сари синаву шонаҳо, таги бағалу миён ва рону соқи поҳо медавиданду

медавиданд; аз боло ба поин мерафтанд ва аз чап тарафи рост мегузаштанд. Аз пай пои онҳо бадани Ҷавони паҳлавон ваҷарас мезад, дар пӯсташ мурғак медавид, аъзои бадан мехорид, даруну беруни танаш мехорид, вале ӯ илоҷе надошт, ки баданашро хорад-дастонаш банд буд, пояи тахти равонро медошт ва ҳангоми бардоштани тахти равон, бино ба дастуруламал, ҷунбонидани даст қатъиян манъ буд, вале мӯрчаҳои бемурувват инро намефаҳмиданд; намефаҳмиданд, ки одамизод Ҷаноб дорад ва ин Ҷаноб қодир аст, қоидаҳое барорад, ки дигар ҳамҷинсон ҳақ надоранд он қоидаҳоро бекор бикунанд» [15, с.262-263].

Ҳикояҳои дар боло ёдшудаи Сорбон, Саттор Турсун, Кароматуллоҳи Мирзо, Абдулҳамид Самад, Бахманёр ва Юнус Юсуфӣ низ бо ҳамин дид эҷод шуда бошанд ҳам, ҳар кадоме тарзу тариқи хоси бархӯрд бо воқеият ва шахсиятҳоро дорад. Сорбон мисли Ӯрун Кӯҳзод дар ҳикояи «Шер ва дигарон» усули рамзии корбасти ин дидро истифода карда, бештар ба шарҳу тавзеҳи воқеиятҳои рамзӣ, аз ҷумла сарнавишти шер ва амалу кирдори ӯ машғул шудааст. Шахсияти махлуқ зери зовияи диди нависанда такмил ёфта, вусъати маъноӣ пайдо мекунад, ки ба масъалаи моҳияти дунё ва дунёдорону дунёхӯрон марбут мешавад. Ҷумлаи охирини ҳикоя дар тавзеҳи дарунмояи ҳикоя буда, ҳолати руҳии шахсиятҳо (махлуқҳо)-ро хеле дақиқ ифода мекунад: «Як ба атроф нигарист (шер). Ҷондоре набуд. Худашу сояаш монда ва нафсаш. Сар ёзид. Дандон ба устухон зад. Сахт. Дандонаш нагузашт. Баъд лесид устухонро ва бӯй кашиду наъра зад: «Ин чӣ дунёест?». Дунёи рамзии махлуқотро зовияи диди нависанда дар муқобили дунёи инсонӣ мегузорад, ки аз лиҳози вайрониҳо ба ҳам монанданд. Диди нависанда масъалаи ибратпазириро аз бадиву бадкорӣ ба воситаи хулқу хӯй ва амалу кирдори шахсиятҳо (махлуқот) пеш мегузорад, ки дар таъйиди консепсияи ахлоқии ӯ нақши ҳалкунанда бозидааст.

Корбасти зовияи дид дар таҷрибаи ҳикоянависии Саттор Турсун, Кароматулло Мирзо ва Абдулҳамид Самад ба ҳам наздикиҳо дорад, ки ба тамоюли сирф воқеъгароии онҳо алоқаманд аст. Дар ҳикояҳои дар боло

ёдшуда, ин нависандагон бештар кӯшиш кардаанд, ки ба қолаби шахсият ворид шаванд ва ҳолу ҳавои ӯро ба хонанда намоянд. Дар ин равиш, афкор ва афъоли шахсиятҳо аз тариқи муколамаву мунозираи персонажҳо мушаххас мегардад ва ҷанбаи ҳиссии хулқу хӯйи онҳоро низ дар бар мегирад. Ин тарзи корбурди диди зовияи донои кул ё зовияи диди нависанда дар ҳикоянависии тоҷикӣ суннати устувор дошта, махсусан зери таъсири ҷараёни сотсиологизми вулгар ривоҷ пайдо кард ва фақат аз нимаи дувуми солҳои шастум ба ин тараф дар эҷодиёти Ф. Муҳаммадиев ва пайравони ӯ аз назари ҳунарӣ такмил ёфт.

Дар ҳикояи Саттор Турсун «Зимистони умр» ровӣ нақши донои кулро дошта, воқеиятҳо ва сарнавишту аъмолу афкори шахсиятҳои ҳикояро аз ҳамин мавқеъ тасвир ва арзёбӣ мекунад. Нависанда бо озодии амал, ки дар ихтиёр дорад, аз беруни ҳикоя нахуст даруни шахсияти аслии ҳикоя Парвизро кофта, афкор ва ҳиссу ҳаяҷони ӯро барои хонанда шарҳ медиҳад ва баъд ба қолаби шахсияти Истад Истамзода- «устоди ҷанҷолиаш (устоди Парвиз-шарҳи мо) дар солҳои донишҷӯӣ» [49, с.12] меравад ва эҳсосу афкори ӯро низ нисбат ба воқеиятҳо ва шахсиятҳо ташреҳ мекунад. Фарқи ҳунари Саттор Турсун дар истифодаи ин дид аз нависандагони дар боло ёдшуда дар ин аст, ки вай бештар ба воситаи муколамаи шахсиятҳо муносибат, хулқу хӯй ва андешаву орои персонажҳои ҳикояро ошкор месозад. Чунончи, муколамаи зер, ки миёни зану шавҳар-Парвиз рух медиҳад, заминаҳои иҷтимоӣ ва равонии носозии муносибатҳои ҳамсаронро нишон медиҳад. Нависанда бо ҳунармандӣ ба қолаби шахсияти зану шавҳар даромада, бо ёрии муколама мутақобилан афкору андеша ва эҳсосоти ин дуро нисбат ба ҳамдигар тавзеҳ медиҳад:

«... Баногоҳ садои ба якдигар задани зарф баланд гардид. Ва аз пай он яқин дар ошхона чизе ба фарши чӯбин афтид. Эҳтимол чумча ё шохак, балки корд... Аслан, фарқаш чӣ? Муҳимтар аз ҳама чароғ бошад, равшанӣ бошад, ки ҳар ду бухориро хушу хурсанд тафсонда, оқибат хонаҳоро андак

гарм кунанд. Лолаву Акбарро баргардонанд. Боз кадом як зарф ба зарфи дигар бархӯрда, баъд шарфае ба гӯш расид.

-Гавҳар!-садо кард ӯ.

-Чӣ мегӯӣ?-шунида шуд овози занаш.

-Чаро дар ин зулмот хестӣ?

-Рӯзҳои дигар гӯё дар равшанӣ мехестам,-омехта ба каме иллат ҷавоб гардонд Гавҳар.

-Офаринат... Дар ҳамин туф куну ях кун ҳам ҷон мекоҳонӣ.

-Ту накоҳонӣ, бас...

-Хайр, ихтиёрат.

-Зуд рафта меоям, ҳар ду дасташ ба бидон ва чойники қаробоӣ банд, палтояшро пӯшида, ба сараш рӯймоли шол, пас аз лаҳзае дар дами дар ҳозир шуд Гавҳар. -Ҳа-а, хунук хӯрдӣ?

-Худат чӣ?

-Ман ба ин роҳати ҷон одат кардам.

-Аҳсант!

-Наханд!

-Чойник гирифтаӣ... Термус куҷо шуд?

-Медонӣ-ку: шикаст, панҷ рӯз пеш буд...

-Узр, фаромӯш кардаам.

-Аз беғамӣ албатта, гуфт занаш қадре дурушт.

Баъд сабук баргашту рафт. Ҳамчунон гӯшҳояш чур, Парвиз баръало шунид, ки вай пойафзор мепӯшад. Пас дарро кушода, аз пушташ оҳиста баст...» [49, с.13].

Дар ин муколама нависанда ба қолаби шахсияти зану шавҳар рафта, афкор ва эҳсосоти онҳоро хеле дақиқ тавзеҳ медиҳад. Ин тавзеҳ моҳияти муносибати ин ду, вазъи иҷтимоии зиндагии онҳо ва он чиро ки дар рӯзгори ноороми̣ҳои кишвар аз сари шаҳрвандон мегузашт, аз ҷумла азобҳои бечорагиву беобӣ, зиндагии ноором ва ғайраро воқеъбинона тасвир мекунад, ки хеле таъсиргузор аст. Ба василаи ворид шудан ба олами

руҳии шахсиятҳо нависанда тавонистааст, ки сарманшаи «эҳсосу тараҳҳум» [49, с.15] ва ранҷу озори ин ду шахсиятро намуда, зери таъсири нобасомониҳои иҷтимоӣ анқариб пош хӯрдани зиндагии бароҳаташонро собит созад. Гуфтугӯи хеле фушурдаи зану шавҳар дар ҳикоя ва ба як ишораи сареҳ намудани ҳиссу ҳаяҷони шахсият гувоҳи ҳунари волои Саттор Турсун дар корбурди зовияи диди нависанда ё донои кул дар ҳикояи ин давра мебошад.

Таваҷҷуҳи амиқ ба воқеъгароӣ дар корбурди зовияи диди нависанда ё донои кул Абдулҳамид Самадро низ то ҷое муваффақ кардааст. Ҳикояи «Ёр дар бари ёр» аз ин намуна аст. Ин ҳикояи воқеӣ, ки прототипи шахсияти аслиаш Турсун Ӯлҷабоев - Котиби якуми Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон мебошад, равиши хоси корбурди ин дидро матраҳ мекунад. Нависанда барои он ки муҳимтарин ҳодисаҳои сарнавишти шахсияти ҳикояашро тавзеҳ диҳад, ба қолаби персонажҳои ҳикоя - Турсун Ӯлҷабоев, ҳамсар ва дар зимн ҳамкорони ин марди сиёсат ва қурбонии беадолатӣ медарояд ва ҳақиқати сарнавишти пурпечухами ӯро ба хонанда менамояд. Пораи зер бозгӯи эҳсосоту афкор ва ҳолати равонии шахсияти аслии ҳикоя Турсун Ӯлҷабоев ва ҳамсари ӯст, ки ҳунармандона ба тасвир омадааст:

«Баргашт, ки шабистон раваду болои кат биосояд. Рӯ ба рӯяш завҷаашро дид: чашмонаш намдор, чеҳрааш туруш. Нафоридаш. «Ҳаминаш намерасид», - нолид дар дил.

-Бас аст. Аз вазифа маро гирифтанд... Ба дор намекашанд-ку... Пеши чашми кӯдакҳо... Нағз не... - гуфт коҳишомез ӯ. Лекин аз ошпазхона садои дардомези ҳамсарашро базӯр шунид:

-Ба гуфтан осон. Бирақсам? Хонаи бадхоҳ бисӯзад... То кай дар кунҷи хона мешинед?

Ба ҳайкал табдил ёфт. Ёд надорад, ки боре ҳамсараш бо ин оҳанг ба ӯ ҳарф зада бошад.

-Чӣ кор кунам?!

Лаҳзае хомӯшӣ ба миён омад. Не, хониши мурғакон идома дошт. Ва боз овози зан ба гӯшаш расид:

-Берун бароед... Осмон ба замин наафтодааст-ку... Дӯсту душман бинад, ки озодед... Гапу калоча, ғайбату бадгӯӣ кам мешавад, - гуфт ҳамсараш ва боз оҳ кашида афзуд: - Худатона ба даст гиред. То кай ба ин аҳвол мешинед?... Шумо ба мардуми як республика роҳ нишон медодед.

Дарди сар, гуноҳи азим шуд роҳнишондиҳӣ, - бо хандаи талх ғурунгид ӯ ва ба даҳлез даромад. Ва худро дар оинаи дари девор дида, бо ришханд гуфт: - Бо кадом рӯ берун бароям? Хурду калон бо чор чашм сӯям нигариста, ишора мекунанд: ҳамон аст! Котиби якум... Аҳволаша бинед...

Пас аз чанде бо шиму куртаи нави дарзмолкарда ба ҳуҷра ворид шуд ва либосҳоро батартиб ба гӯшаи кат ниҳода нарм, балки хоҳишомез гуфт:

-Риш тарошед... Бо ҳам берун мебароем.

-Э не, -ғурид ӯ: -Чӣ хел мешавад? Нағз не... Куҷо меравем?

-Дур не, дар ҳавои тоза қадам мезанем... Дар ягон ҷо каме мешинем.

Дудила шуд. Пешниҳоди ҳамсарашро пазирад ё не? Ӯ боре аз шавҳар хоҳише накардааст. Ва боз дар ин рӯзҳои дилтангиву саргумӣ ӯ ғайри ҳамин зану фарзандон ғамхору ҳамрозе надид. Ҳамин зан ёри вафодори ӯ монду ҳамнафасаш. Агар хоҳишашро рад бикунад, албатта меранҷад, хиҷолат мекашад...

Падари раҳматиям мегуфт: «Мард шоҳ асту зан вазир. Шоҳ бояд бо ақли худ кору рафтор бикунад, лекин дар мавридҳои зарурӣ маслиҳати хуби вазир шоҳро аз ҳолатҳои ногувор мераҳонад. Зани донову бофаросат давлати мард аст... » [38, с.12-13].

Ҳарчанд ин шеваи тасвир ба нависанда озодии амал додааст, вале нависанда ҳангоми инъикоси воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳо аз воқеият берун нарафта, ба ин васила ба ҳикоя ваҳдат ва ҳақиқатмонандӣ бахшидааст. Ин тарзи нигориш аз шеваҳои маъмули ҳикоянависии А. Самад буда, ҷанбаи воқеагароӣ ва бадеии чунин осорашро тақвият бахшидааст.

Дигар аз нависандагоне, ки ба воситаи зовияи диди ақли кул дар шинохт ва ошкор кардани шахсият маҳорат нишон додааст, Кароматуллоҳи Мирзо мебошад. Паҳлуи муҳимми ҳунари нависанда аз истифодаи ин диди бадеӣ он аст, ки ба василаи ворид шудан ба даруни афкор ва эҳсososти шахсиятҳо аз ҳар амали персонаж, аз ҳар ҳарфи ӯ умқи андеша ва эҳсososти шахсиятро берун мекашад, ки моҳияти хулқу хӯи шахсиятро равшан месозад. Воқеияте, ки нависанда дар ҳикояи «Моҷарои хонарӯбӣ» тасвир кардааст, аз нигоҳи аввал чандон ҷолиб наменамояд. Сайрамбибӣ аз он ки келинаш файзу баракати ашёҳоро ба эътибор нагирифта, «таёқи табаррук»-ро «чӯби безеби каҷала» гуфта миёни ҳезумҳо бурда партофтааст, ранҷ мебарад. Ҳатто бо келинаш ба мунокиша меравад. Паю қадами келинро барои хонадонаш номуборак медонад ва ба ӯ сахт мегӯяд. Паси ин ҳодисаи назарногири сужет ғояи бузурги ояндабинӣ меистад, ки посдорони он мисли кампири Сайрамбибӣ ангуштшуморанд. Дар ҳикоя сухан аз ҳифз ва азиз доштани расму оини мардумӣ меравад, ки ҷавонҳо ба он эътибор намедиҳанд. Нависанда боҳунарона аввал ба қолаби Сайрамбибӣ, баъд ба қолаби келини ӯ - Гуландом даромада, мутақобилан афкор ва эҳсososти онҳоро берун мекашад ва тавзеҳ медиҳад. Гоҳ-гоҳ дар баъзе қисматҳои ҳикоя доир ба масоили ахлоқиву иҷтимоии зиндагӣ назария ва тавзеҳе илова мекунад, ки хусусияти хонандаро ҳушдордиҳӣ ва таъкид бар азиз шинохтани расму оини миллӣ доранд [26, с.406-412].

Дар ҳикояи Мирзонасриддин «Дар ҷӯи об омада, об меояд» тақдири таърихии инсон дар марҳилаи муайяни зиндагӣ ба тасвир омадааст. Асоси ҳикоя бар масъалаи пайванди инсон бо табиат ва подоши беадолатӣ ва носипосии инсон нисбат ба табиат устувор аст. Бо вуҷуди ин, рафтори падару писар Ашрафу Сарҳад омӯзанда мебошад. Ҳамин гуна масъалагузориро, мо дар ҳикояҳои Ҳ. Муҳаммадохир «Ормон», Ш. Раҷабзод «Ранҷиш», Ш. Мӯсо «Сирри Бобо», М. Ғоиб «Дунёи тақдир», К. Мирзо «Савори аспи сафед» ва ғайра ба мушоҳида мегирем. Дар ҳикояи Р.

Махсумзод «Тобут дар бағал» фоҷеаи марги фарзандони падару модари гуреза ба қалам дода шудааст. Ҳикояи Ш. Раҷабзод «Ранҷиш» ҳам, ба ҳамин мавзуъ дахл дорад. Ҳадафи ин нависандагон аз тасвири лаҳзаҳои пурфоҷиаи рӯзгори мардум таъкиди он аст, ки инсонро танҳо нангу номус ва шарафи баланди инсонӣ ба қуллаи мурод мерасонад. Дар ҳикояи Ҳ. Муҳаммадохир «Ормон» тақдири ҷавони ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта, ки ҷанозаи модари худро дарнамеёбад, ба қалам дода шудааст, ки он воқеан, барои фарзанд сангин аст. Дар ин радиф, метавон аз ҳикояҳои Ш. Мӯсо, Ш.Халил, С.Ҳасанзод, М. Бобоҷон, Д. Эгамзод, М. Салим, М. Амиршоҳ, С.Зарафшонфар, Э. Субҳон, Ш. Раҷабзода ва дигаронро низ ёд кард.

Яке аз равишҳое, ки дар таҷрибаи нависандагони ҳикоянависи дунё самаранок истифода шудааст, дид ё тариқаи такгӯии дарунӣ ё ҷараёни сайёли зеҳн аст. Аз ҷумла Ҷеймз Ҷуйис, Вилям Фокнер, Вирҷиниё Вулф ва ғайра дар эҷоди ҳикояву романҳо аз ин дид ҳунармандона истифода кардаанд. Дар ҳикоянависии тоҷикӣ яке аз нависандагоне, ки дар ин замина муваффақ аст, Баҳманёр мебошад. Қабл аз он ки ҳунари Баҳманёрро дар ин замина ёдрас кунем, лозим медонем, ки доир ба баъзе хусусиятҳои ин диди ҳунарӣ чанд нуктаро зикр намоем.

Дар ин диди ҳунарӣ асос мафҳумҳое аст, ки маънӣ эҷод мекунанд. Хонанда бевосита дар ҷараёни афкори шахсияти ҳикоя ва вокунишҳои ӯ нисбат ба муҳити атрофаш қарор мегирад ва сайри андешаҳои ӯро дунбол мекунад. Такгӯии дарунӣ монанди гуфтугӯи дарунии инсоне аст, ки мухотабе надорад. Ба ифодаи дигар, ҳеҷ вақт интизор намешавад, ки касе ба он таваҷҷуҳ кунад ё посух диҳад ва ба гуфтугӯи ӯ ҳамроҳ шавад ё аксуламал нишон диҳад. Дар ин равиш, ҳикояи Баҳманёр «Холдори сайёд» ҷолиби диққат мебошад. Ин ҳикоя як навъе аз такгӯии дарунии бисёр монанд ба ҳарф задани инсон барои худ аст, ки мухотабе надорад. Нависанда ба воситаи ҷараёни сайёли зеҳн воқеияти як рӯзи шикори шахсияти ҳикояро ба тасвир кашида, андешаҳоеро ба забон ҷорӣ кардааст, бе он ки дар баробараш мухотабе дошта бошад.

Дар ҳикоя суҳбаткунанда ба муҳити дур ва ҳозири худ вокуниш нишон медиҳад, бинобар ин, такгӯии дарунии ӯ воқеиятеро таъриф мекунад, ки дар ҳамон мавқеъ дар атрофи ӯ мегузарад. Дар ин замина, такгӯии ӯ гоҳо хотираҳоеро такурӯ карда, аз замони мушаххас низ ёдовар мешавад. Намунаеро аз ҳикояи мазкур иқтибос меоварем:

«Ба шумо дурӯғу ба халқи олам рост, бо ман қазияе иттифоқ афтод, ки таърих ёд надорад. Рафтам ба шикор, ба гарданаи кӯҳи Шеданзо. Он ҷо бо дурбини Навбахт як рӯз пеш рамаи оҳувонро дида будам. Пеши худ гуфтам, як такка мезанаму бас, фикри шумо, насли ояндаро ҳам мебояд кард.

Ба гардана расидаму донистам, ки тирҳоро бо худ нагирифтаам. Бо донаки вағнич оҳуро, ки сайд кардан нашавад!

Зери бурсе нишастаму кулаҳро аз сар гирифтаму фикр кардам, тирро аз ёд баровардӣ, осиёи пичингу тамасхури душманон гардон мешавад. Оби рӯ оби осиё нест, ки бардориву кушоӣ. Ман, сар кафид зери тоқӣ, намепӯкам. Кадом ҳушманд дидаву дониста худро фармуки писханду ришханд қарор медиҳад? Аммо ин сардоя, занамро мегӯям, зан, ки ҳаст, сирри мардон пӯшида беҳро вожгуна мефаҳмад, ҳароина мепӯкад, чаро ки бегоҳ дида буд, ки ман як қуттӣ тирро рӯи таҳхонаи тиреза гузошта-субҳ фаромӯш накунам гуфта-сина дамонда, эълом доштам, ки бомдод пеш аз азони мулло Бухоризода, ба шикор меравам, ба сӯи офтоббаро, яъне ба кӯҳи Шеданзо ишора карда.

Ҳамин сардоя (ровӣ занашро сардоя мегӯяд), ки вақти аз хона баромадани ман хоб буд, бо шунидани азони мулло аз хоб парида мехезад, то таҳорат кунаду намози бомдод гузорад, аз рӯи одат назди тиреза меояд, гӯш фаросӯи масҷид медорад, ки ҳароина азонро шунидааст ё гӯшаш чун гоҳу ногоҳ садо додааст. Ва нахустин чизе ки чашмаш ба он меафтад, ҳамин қуттии тири рӯи тахтона, ки мани фарнос бегоҳ гузоштаву ӯро огоҳонида будам...

Бо ин андешаҳои нохуш зери бурс нишаста будам, ки баногоҳ фариштае болои сарам бол заду фикри арзандае ба сарам ҷо кард. Туфангро ба як ҷои дилпур паноҳондаму ҷомаро байни шаппаҳои бурсе, ки зераш менишастам, тапонидам, то ба чашми бегона нанамояд, пеши худ гуфтам, ки пагоҳ ё фардо меояму мебарам...» [2, с.130-131].

Дар ин ҳикоя ҳадиси нафс нуфуз дошта, шахсият (ровӣ) афкор ва эҳсосоти худро ба забон меоварад, то хонанда аз ният ва мақсади дарунии ӯ хабардор шавад. Ҳамчунин нависанда (ровӣ) дар ҳикоя саъй кардааст, ки иттилооти воҷиб ва заруриро низ ба хонанда расонад. Дар ҳикоя шахсияти ҳикоя эҳсосот ва афкори худро ба забон меоварад ва ҳам гоҳо таъкид меварзад. Ҳикоя бар ҳадиси нафс, ки устувор аст, шахсият бо садои баланд суҳбат мекунад. Дар чунин ҳикояҳо шахсият аз вуҷуд ва ҳузури дигарон ғофил ва бехабар аст ва мухотаби ғайримустақим дар ҷараёни суҳбати ӯ бо худаш қарор мегирад. Чунин тарзи диди ҳунарӣ ҳикояи Баҳманёрро дилчаспу ҷаззоб сохтааст. Ин таҷрибаи нависанда фарогир набошад ҳам, бо аносири ҳунарӣ диққатангез аст.

Унсури дигаре, ки бо конуни зовияи диди баъзе нависандагони ҳикоянавис, аз ҷумла Баҳманёр иртиботи наздик дорад, фосилаи ҳунармандона ё фосилаи зебошиносӣ мебошад. Фосилаи зебошиносӣ дар шеваи нигориши Баҳманёр равиши матлубе аст, ки дар он чашмандози ҳикоя бар ҳасби кул ё ҷузъи он бино мешавад. Баҳманёр ин равишро вобаста ба мавзуи ҳикоя ба кор гирифтааст, ки фардияти ҳунарии ӯро нишон медиҳад. Ҳамчунон ки академик Н. Салимов ва профессор Ш. Солеҳов таъйид кардаанд, «Дар сабки Баҳманёр завқу дарки шоиронаи муқаррарии зиндагӣ мақоми махсус дорад ва рамзу розҳои каломи ӯ аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад. Дар суханони ӯ хонанда ҳам назокати каломи шоиронаи адабиёти гузашта, ҳам зарофати забони мардумию фолклорӣ ва ҳам кӯшишҳои сухансозию суханбозии худашро дар омезиши моҳиронаю устодона ба мушоҳида мегирад» [141, с.136]. Илова ба ин, воқеан ҳам дар бисёре аз чунин ҳикояҳо нависанда филмбардореро мемонад, ки аз

воқеияти мавриди назараш филмбардорӣ карда, зоҳиру ботин ва эҳсосу афкори шахсиятҳоро менамояд. Дар ин замина «Зурахш» беҳтарин намунаи ҳамин гуна ҳикоя дар эҷодиёти Баҳманёр буда, фосилаи зебошинохтӣ бар ҳасби ҷузъ сохтори бадеии онро шакл додааст, ки аз инъикоси ҳунармандонаи шахсияти ҳикоя Шеда иборат мебошад. Фосилаи зебошиносиро дар ҳикояи зикршуда тавзеҳи нависанда, ки дар оғоз ва анҷом ба як шакл омадааст, мушаххас месозад: Духтар набуд, бало буд, як муштвора оташу як пуштора ҷазо буд. Духтар зода шуданаш ҳам хато буд, писар мебуд-ато буд.

Яке аз масъалаҳое, ки мутаассифона, ба қадри лозим дар адабиётшиносии мо таҳқиқ нашудааст, шеваи нигориш ё сабки нависандагони насрнавис, аз ҷумла, шеваи ҳикоянависӣ мебошад, ки таҳқиқ ва арзёбии он, пеш аз ҳама, ба шинохти ҷанбаҳои ҳунарӣ ва бадеии коркарди ин жанр алоқамандӣ дорад.

Сабкро аксари донишмандон маҳсули нигоҳи мушаххаси нависанда ё шоир ба ҷаҳони дарун ва берун донистаанд, ки дар шеваи хосе таҷаллӣ меёбад. Ба иборати дигар, ҳар диди хосе аз воқеият бо тасвири мушаххас ба воситаи забон шакл мегирад. Аз ин ҷиҳат, агар аз мавқеи нигариши хоси шоир ё нависанда ба шеваи нигориши ӯ нигарем, метавон тафсирҳоеро монанди сабк номи гӯяндаро садо мезанад, сабк худи нависанда аст, сабк қиёфашиносии зеҳнии соҳиби қалам аст, сабк садои зеҳнияти нависанда аст ва ғайра ба кор гирем. Сабкро донишмандон гузиниши хос аз вожаҳо, таъбирҳо,ибораҳо ва гурез аз қолабҳои одии забон донистa, онро либоси фикр, фикр кардан бо забон ва маҷмуае аз маъниҳои маҷозӣ ва сареҳи нависанда низ шинохтаанд.

Дар мавриди шеваҳои нигориш дар ҳикояи муосир сухан карда, бояд икрор шуд, ки ҳар нависандаи ҳикоянавис шеваи калом ва лаҳни сухани худро дорад. Аз ин назар, ҳамаи ин шеваҳо ва ҷузъиёти сабки нависандагони ҳикоянависи тоҷикро низ аз рӯйи як меъёр наметавон шинохту арзёбӣ кард. Зеро, ба ифодаи нависандаи фаронсавӣ Стендал

«сабк шеваи хоси ҳар ҳунарманд дар баёни мавзуоти муштарак аст, ки фақат ба худи ӯ ихтисос дорад. Ҳар ҳунарманде дар ҷустуҷӯи васоиле аст, то ба кумаки онҳо дар зеҳни мардум таъсире хос ба вуҷуд оварад, таъсире ки ба назари ӯ умдатарин вазифаи наққошии ӯст» [112, с.357]. Ин андешаро метавон такмил бахшид ва афзуд, ки эҳсос кардани масалан, хусусияти сабки як нависанда ба ин маънист, ки дар тарзи нигориш, усули тарроҳӣ, наҳваи истифодаи ӯ аз забон ва воситаҳои тасвири бадеӣ мо ангезаҳои руҳи ӯро пайдо кунем.

Ин ангезаҳои руҳӣ дар офаридаҳои ҳунармандоне, ки аз идеологияи воҳиде пайравӣ мекунанд, дорои назариёти сиёсӣ ва эътиқодоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фалсафии мушобеҳе ҳастанд, равшан зоҳир мешавад. Хулоса, ҷаҳонбинии онҳо дар ҳамаи заминаҳои асосӣ бо ҳам ҳамоҳангӣ пайдо мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳеҷ ҳунарманде нест ва буда ҳам наметавонад, ки ҷаҳон ва воқеоти онро дақиқан мисли ҳунарманде дигар шиносаду дарёбад ва тасвир кунад.

Ин дарёфт ҳамаи таҷрибаҳои як ҳунарманд аз зиндагиву ҳунар, гароишҳои ахлоқӣ, тамоюлҳои зебошиносӣ, ҳассосиятҳои отифӣ, алоқамандӣ, салиқаҳо ва ормонҳо, хулоса ҳамаи он чизҳоеро, ки дар халлоқияти ӯ таҳаққуқ меёбад, дар бар мегирад. Воқеан, маҳз ҳамин хусусиятҳо ба як асари ҳунарӣ асолате мунҳасир ба фард бахшида метавонад.

Ҳоло пеш аз он ки ба равшан сохтани хусусиятҳои амалӣ ва мусбати сабки ҳикояи тоҷикӣ дар замони истиқлол пардозем, зарур аст, ки доир ба сарчашмаҳо ва хусусиятҳои ягонагии ҳодисаҳои адабӣ, ки ба мушоҳида мерасанд ва ба ҳамаи сабкҳои мушаххас таъсири бевосита мерасонанд, чанд мулоҳизаро баён мекунем.

М. Б. Храпченко тавзеҳи нисбатан интишорёфтаи ин ҳодисаро дар он дидааст, ки «дар сабк хусусиятҳои хоси фардияти эҷодии нависанда, ягонагии дарки воқеият ва дидгоҳҳои ӯ нисбат ба зиндагӣ ифода мешавад. Бе ҳеҷ шубҳа, шахсияти нависанда, ки дар хусусиятҳои гуногуни осори

бадеии ӯ зоҳир мешавад, дар сабки ӯ низ хеле равшан ошкор мешавад. Вале фардияти эҷодӣ муроҷиат ба усулҳо ва воситаҳои гуногуни таҷассуми бадеӣ ва идроки образноки зиндагиро ҳеҷ гоҳ истисно намекунад» [160, с.110].

Санадҳои таърихи адабиёт, аз ҷумла марҳилаҳои инкишофи ҳикояи муосири тоҷикӣ гувоҳи онанд, ки ҳақиқатан ҳам, дар эҷодиёти нависандагони фардияти ҳунариашон хос аксаран на як, балки якчанд сабкҳои аз назари ҳунарӣ мушаххас ба мушоҳида мерасанд. Пӯлод Толис зери таъсири тағйироти сиёсиву иҷтимоӣ, равишҳои мусбати адабиёти Шуравӣ ва ташаккули ҷаҳонбиниаш ҳамзамон дар ҳикояҳояш сабки омиёнаи гузоришӣ ва ҳунарии хоси худашро, ки метавон дувумиро сабки Толис ҳам унвон кард, ба кор гирифтааст.

Шеваи аввали нигориши ӯ ба марҳилаи нахусти фаъолияти эҷодиаш рост меояд ва ҳикояҳои «Катсо», «Дар бӯрон», «Писари ӯ» ва чанди дигарро дар бар мегирад, ки ба шеваи омиёнаи гузоришӣ таълиф шудаанд. Чунин ҳикояҳои Толис ва очерки ӯ «Панди бебаҳо» як тарзи нигориш доранд ва аз ҳам фарқи зиёд надоранд. Моҳияти таблиғии воқеиятҳо, ки хусусияти дастурӣ дошт ва иҷрояш ҳатмӣ буд, нафақат Толис, балки нависандагони дигар, аз ҷумла Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил ва дигаронро низ пойбанди ин ҷараён медошт. Ва агар баъзе тафовутҳои ҷузъии сабкиро, ки асосан, марбут ба забон аст, истисно кунем, дар сабки ҳикоянависии марҳилаи аввал тарзи омиёнаи гузоришӣ нуфуз дошта, равиши асосии ташаккули ҳикояи ин давраро муайян кардааст, ки аз назари зебошиносӣ чандон арзишманд наменамояд.

Ҳамчунон ки Ҷ. Бақозода таъйид кардааст, «дигаргуниҳои ҷиддие, ки аз нимаи солҳои панҷоҳум дар ҳаёти маънавию иқтисодии халқи советӣ ба вуҷуд омад, ба ҷараёни адабӣ бетаъсир намонд. Дар адабиёт майлу рағбат ба масъалаҳои ахлоқиву маънавӣ, шахсият ва тақдири инсон беандоза қувват гирифт. Бесабаб нест, ки миқдори асарҳои ба тадқиқи бадеии ахлоқи иҷтимоӣ бахшида шуда якбора хеле афзуд» [71, с.181-182]. Ин дигаргунӣ

дар тарзу усул ва оҳанги нави тасвир, ки ҳам ба шакл ва ҳам ба мундариҷаи ҳикоя рабт мегирифт, сабки ҳикоянависии нимаи дувуми солҳои панҷоҳ ва шастро то ҷое ба беҳӣ тағйир дод. Нависандагон аз сабки гузоришии оммаписанди таблиғӣ тадриҷан фосила гирифта, ба сабки зиндатар, асилтар ва то ҷое ҷанбаи ҳунариаш таъсиргузор, тасвираш зебову вожаҳояш диққатангезтар рӯ меоваранд, ки аз солҳои шастум ба ин тараф дар ҳикоянависии тоҷикӣ ташаккул ва таҳаввул пайдо кардааст.

Дар баъзе марҳилаҳои инкишофи ҳикояи муосири тоҷикӣ, бахусус марҳилаи аввал ва дувум сиёсати адабии вақт то ҷое барои нависандагон улгӯи воҳиде дар шинохт ва тасвири воқеиятҳо ироа карда буд, ки зери таъсири сиёсати вақт ба таҳаввули сабки фардии ҳикоя монеъ ҳам гардида буд. Махсусан, ҷараёни «мағзшӯйиҳо», ки бо қабули қарори КМ ВКП(б) «Дар бораи журналҳои «Звезда» ва «Ленинград» тақвият пайдо кард, бо маҳдуд кардани мавзуъ ва тарзи нигориш (дар мисоли ҳикояи «Саргузашти маймун»-и М. Зошенко), пеш аз ҳама, нависандагонро зери фишор қарор дод ва маҳдудиятҳое дар эҷоди осори бадеӣ, аз ҷумла ҳикоя ба вуҷуд овард [185, с.179-180]. Вале М. Зошенко дар вақташ ба муқобили кӯшиши «мағзшӯиҳо» ва маҳдуд кардани фаъолияти нависандагон навишта буд, «Эҷодиёт бояд озод бошад, дар мо ҳама чиз аз рӯи ишора, супориш, фишор. Наметавон адабиётро мутамарказ сохт. Ин корро метавон дар истеҳсолот кард, вале дар адабиёт не. Ин низоми барғалат аст, вай ба он меоварад, ки мо бе адабиёти асил мемонем» [185, с.178].

Таъсири ин ҷараён барои адабиёти тоҷик низ манфӣ ва зиёновар буд. Фақат дар нимаи дувуми солҳои панҷоҳ баъди қабули қарори КМ КПСС «Дар бораи ислоҳи камбудиҳо доир ба арзёбии операҳои «Дӯстии бузург», «Богдан Хмелнитский» ва «Аз самими қалб» муносибат ба адабиёт ва осори ҳунарӣ як дараҷа дигар шуд ва боиси то андозае маҳдуд шудани фишору таъқиб ба аҳли ҳунар гардид, ки натиҷаҳои мусбат ҳам дод.

Ин равиш муносибати фардии нависандагони ҳикоянависро ба фарогирии мавзуъ ва тарзи тасвири воқеиятҳову шахсиятҳо дигар кард.

Сабки нависандагони ҳикоянавис дарк ва қазоватеро, ки онҳо аз ҷаҳон доштанд, инъикос мекард ва нависанда ба кумаки он ба ин дарку қазоват сурати айнӣ мебахшид. Аз ин назар, аксари нависандагоне, ки аз нимаи дувуми солҳои панҷоҳ ба эҷоди ҳикоя машғул будаанд, сабки хос ва фардии худро шакл додаанд, ки минбаъд бо гузашти замон ва таҳаввулоти ҳаёти ҷомеа такмил ёфтааст.

Агар ҳикояҳои то соли 1953, аз ҷумла «Ҷавонони завод», «Ишқи касб», «Устои ман» ва «Сафари дер гузошташуда» навиштаи Толисро бо ҳикояҳои «Муаллим» (1953), «Духтар» (1954) ва «Лолачинӣ» (1956) муқоиса кунем, миёни тарҳ, сохтор ва сабки нигориши онҳо фарқи зиёд аст. Ҳарчанд сабки ин ҳикояҳо бо ҳам пайванде дорад, вале миёнашон аз ҷиҳати забон ва тасвир фарқиятҳое низ ба назар мерасад ва ҳамаи онҳоро наметавон ҳамчун намунаи сабки ягонаи муаллиф арзёбӣ кард.

Ба мушоҳидаи М. Шукуров «П. Толис ва Ф. Муҳаммадиев дар солҳои панҷоҳ барои кушодани роҳҳои наве дар ҳикоянависии тоҷик роли муҳим бозидаанд» [178, с.145]. Яке аз паҳлуҳои ин роҳи нав ҷустуҷӯҳои ҳунармандона дар роҳи кашфи тарзу тариқи хоси нигориш буд, ки ҳар ду нависанда ҳам дар ин самт комёб шуданд. Аввалин иқдоме, ки Толис дар ин замина кард, эҳтиёткорӣ дар истифодаи ҷузъҳои ҳаёт, воситаҳои тасвир ва истифодаи эҳтиёткорона аз вожаҳову таркибҳои забонӣ буд, ки мушаххасоти сабкии ҳикояҳои дар нимаи дувуми солҳои панҷоҳ эҷод кардаи ӯро нишон медиҳанд. Хусусияти паҳлуи дигари тарзи нигориши ӯро ҳунари муъҷазбаёнӣ ва образнокии тасвир муайян карда, аз ҳар гуна зиёдаравӣ, тасвири рангини батафсил ва такрору таъкидҳо дур буд. Ин равиши ҳунарии ӯро дар вақташ устод Айнӣ писандида, Ҷалол Икромӣ дар кӯтоҳнависӣ хеле усто будани Толисро ёдрас карда, сипас афзудааст: «Дар повести «Тобистон»-и вай, ки ҳаҷман хеле кӯтоҳ аст, як олам гап, маънӣ, ҳаяҷон ва тасвир ҷо гирифтааст. Каси дигар шояд аз «Тобистон»-и вай як тирамоҳ ва як зимистони дигар ҳам мебаровард» [98, с.130].

Дар солҳои панҷоҳуми садаи бист зери таъсири ҷараёни воқеъгарой Толис ба тасвири предметӣ ва субъективӣ бештар таваҷҷуҳ кардааст, ки ин равиш майл ва иштиёқи ӯро ба шеваи нигориши ҳолнамо, ки баъдтар бо саъю кӯшиши Ф. Муҳаммадиев дар ҳикоянависии тоҷикӣ ташаккул ёфт, нишон медиҳад.

Шеваи тасвири предметӣ ва объективӣ дар ҳикояҳои «Духтар» ва «Ёру ҷӯраҳо» ба нависанда имкон додааст, ки аз диди қолабии тасвири воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳо фосила гирифта, диққати махсусе ба олами ботинӣ ва ҳолати равонии инсон диҳад. Тамоюли сар фурӯ бурдан ба умқи воқеияти сарнавишти инсон яке аз омилҳои пуртасвир шудани ҳикояҳои ӯ гардидааст. Аз ҷумла, дар ҳолнамоӣ нависанда аз имкониятҳои тасвирии забон низ ҳунармандона истифода карда, барои чеҳраи шахсиятро дақиқ ва таъсиргузор офаридан аз гуфтори танзомезу киноя ва таъриз истифода кардааст, ки моҳияти ахлоқии амалу кирдори шахсиятҳои осорашро ба сурати образноку пурмаънӣ мекушояд. Масалан, дар ҳикояи «Духтар» чунин тарзи нигоришро ба воситаи муколамаи модари Гавҳар таҳаққуқ бахшида, аз ифодаҳои кинояомез, аз ҷумла «духтари бобот-дия», «келинчаки фасон», «ин қадар хушрӯ» ва ғайра ҳунармандона истифода кардааст, ки ҳолу ҳавои шахсияти ҳикояро ба таври образнок муҷассам сохтааст. Аз ин имконияти услубӣ нависанда ҳангоми тасвири чеҳраи шахсиятҳои ҳикоя низ фаровон ва ҳунармандона истифода кардааст, ки намунааш пораи зер дар намудани чеҳраи манфии Саломат яке аз шахсиятҳои аслии ҳикояи «Духтар» мебошад:

«Саломат дар бар куртаи крепдешини осмониранги ҳошияҳояш сурх дошта, миёнашро тасмаи занҷирмонанди кабуд печонида гирифта буд. Дар гарданаш марҷони калон-калони қаҳрабо. Дар гӯшаш гӯшвораи тилло, ки онро занон «ҳалқаи балдоқ» мегӯянд. Туфлиаш бо куртааш ҳамранг. Ва аз болои куртааш пилники катак пӯшида гирифта буд, ки вақти роҳ гаштани Саломат-апа хишир-хишир мекард» [46, с.122].

Намунаи зикршуда шеваи дид ва нигориши нависандаро аз зоҳири шахсияте, ки сарватдӯсту дунёпараст аст, хеле равшан ва образнок таҷассум сохтааст. Бо чунин усули тасвир нависанда ҳолати равонӣ ва завқии фарзандеро, ки нисбат ба падараш як зарра эҳтиром надорад, нишон медиҳад. Дар ин маврид забон низ василаи ошкор сохтани хӯю хислати шахсият аст, ки Толис огоҳона ва ҳунармандона корбаст кардааст. Масалан, вақте Гавҳар Саломатро барои намудани қабри падараш то қабристон раҳнамоӣ кард, дар ҳақи падар аз забони фарзанд шунидани ҳарфи «мумсики беимон» на фақат тааҷҷубангез, балки даҳшатнок буд. Дар ин ҳол ӯ хитобан ба Саломат танҳо метавонист гӯяд, ки «... худатон мумсики беимон! Шумо духтари бобом не. Духтари бобом не!»

Чунин тарзи тасвир дар ҳикояҳои Толис ҳодисаи мустақил ва хос ба назар омада, хусусияти хоси сабкии ин гуна ҳикояҳои ӯ, пеш аз ҳама, дар тасвири ҳунармандона ва равшани воқеияти зиндагӣ ва вазъиятҳоест, ки ба шахсияти инсон таъсири мушаххас гузоштааст. Ташаккули тамоюли тозаи сабкӣ дар эҷодиёти Толис натиҷаи таҳаввулоти эҷодӣ ва ҳунарии ӯ буда, ба тағйири идроки бадеии ӯ нисбат ба воқеияти зиндагӣ ва меъёрҳои ҳунарӣ вобаста мебошад. Гузариши Толис аз ҳикояҳои воқеъгарои сирф ва публитсистӣ ба сабки воқеии фошкунанда натиҷаи ҷустуҷӯҳои ёдшуда буда, минбаъд бо саъю талоши нависандагони дигар дар ҳикоянависии тоҷикӣ инкишоф ёфтааст, ки Фазлиддин Муҳаммадиев аз ҷумлаи онҳо мебошад.

М. Шукуров дар баробари монандиҳо яке аз ҷиҳатҳои фарққунандаи сабки Ф. Муҳаммадиев аз Толисро пурқувват будани ҷанбаи субъективӣ дониста, сипас меафзояд, ки «гоҳо ҷанбаи субъективии эҷодиёти Муҳаммадиев ба шакли наве, ки пеш дар насри мо то ин дараҷа инкишоф наёфта буд, ...масъалаҳои муҳимми ҷамъиятиро пеш гузоштааст... Мо аз қаламронии ӯ як ҳарорат, як хушдилии пурмеҳреро ҳис мекунем» [174, с.96]. Дар шаклгирии чунин тамоюли услубӣ, ҳамроҳ бо ҷаҳонбинии ҳунарманд хусусияти худи объекти эҷодӣ ва гуногунрангии кашмакашҳое, ки неруи

ҳаракатдиҳандаи асари нависанда ҳастанд, нақши муҳим доранд. Ба ин далел, махсусияти масъалаҳо, хусусияти хоси ҳодисаҳои зиндагӣ, ки ҳунарманд онҳоро ба тасвир мегирад, бешубҳа, барои тарзи тасвири образнок ва мушаххас сохтани сабки онҳо таъсири муҳим мегузорад. Гёте дар ин замина навишта буд: «... сабк дар умқи идрок, дар худи ашё хуфта, мо имкон дорем онро дар шакли образноки қобили дид ва ламсшаванда дарёбем» [83, с.401].

Ф. Муҳаммадиев дар ҷараёни эҷоди ҳикоя ҳамин корро кард. Дарки масъалаи азхудкунии зебошинохтии маводи ҳаётӣ дар фаъолияти ҳикоянависии ӯ нақши сабксоз дошт. Ба ин далел, бофти калом, заминаи нақлу тасвири гуногунранг, муколамаҳои пурҳарорат, танз, киноя, таъриз, лиризм ва публитсистикаи пурҳарорат дар ҳикояҳои ӯ, бахусус ҳикояҳои дар солҳои шастум ва ҳафтодуми садаи бист навиштаи ӯ нақши мушаххаси сабксозиро доштанд, ки дар ҳамхонии таркибӣ бо андешаи эҷодии нависанда шакл гирифтаанд ва ин бешак, далели хунари бемонанди нависанда дар шеваи хоси ҳикоянависӣ мебошад.

Ҳамчунон ки М. Б. Храпченко таъкид варзидааст, «Мавзуи нави эҷодиёт ва маводи тозаи зиндагӣ то лаҳзаи бедор накардани андешаи нависанда, ба назар «бетараф» меистанд. Онҳо ба доираи тафаккури бадеӣ дохил шуда, ба ҷараёни эҷодиёт таъсири амалӣ мерасонанд. Маводи ҳаётии дар ракурси муайян аз назар гузаронидашуда нависандаро «вазифадор» мекунад, ки барои он усули мувофиқи бадеиятро ҷустуҷӯ намояд» [160, с.113]. Дар насри тоҷикӣ, аз ҷумла ҳикоянависӣ Пӯлод Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиев ҳамин корро карданд. Диди ҷаҳоншиносӣ ба ин ду нависанда имкон дод, ки маводи лозимиро барои тасвир интихоб кунанд. Назарашонро оид ба муҳити иҷтимоиву ахлоқӣ, амалу кирдори шахсиятҳо ва тамоюлҳои мусбату манфии он дар шакли бадеӣ изҳор доранд. Ин мавод шакл ва усули эҷоди сохтори бадеии ҳикоя, аз ҷумла сабки онро мушаххас сохт.

Мо дар боло доир ба баъзе паҳлуҳои сабки Толис ишораҳое доштем. Чизе ки дар тарзи нигориши Ф. Муҳаммадиев диққатангез аст, илова ба он чи гуфта шуд, истифодаи рангҳои гуногун ва нақшҳои мухталиф дар инъикоси бадеии воқеиятҳо ва шахсиятҳои ҳикоя мебошад, ки реша дар диди ҷаҳоншиносӣ ва усули идроки бадеии воқеиятҳо ва амалу кирдори шахсиятҳои мавриди тасвир дорад. Дар ин замина метавон аз ҳикояҳои нависанда «Даъво» ва «Рӯзи дафни усто Оқил» ном бурд, ки улгӯи воҳиди шинохти воқеият, хӯю хулқи шахсият ва тарзи инъикоси бадеии он дар ҳикояи имрӯз мебошад, ки сабк ҷузъе аз он аст. Ҳар ду ҳикоя хусусияти хоси шеваи нигориши нависандаро, ки объективият, рангорангӣ, тасвирӣ, ҳолнамоӣ ва чеҳранамоӣ ҷузъи муҳимми сохтори бадеии он аст, нишон медиҳанд.

Нависанда бунмояҳои одамият, фазилатҳои неки инсонӣ, ҳолати равонӣ, дар маҷмуъ муҳимтарин мушкилоти ҳастии маънавии инсонро дар матни воқеияти пуртазоди зиндагии ҳамарӯза бо корбурди аносири сабкии кашмакаш (низоъ), шахсиятпардозӣ, муколама ва забони тасвирӣ ба тарзи бадеӣ муҷассам сохтааст, ки чеҳраи хоси ҳунариашро дар шинохт ва тасвири воқеиятҳо ва шахсиятҳо мушаххас месозад. Унсури дигаре, ки дар шаклгирии сабки ҳикоянависии Ф. Муҳаммадиев таъсиргузор аст, хабардорӣ ва ба эътибор гирифтани хости хонанда, ки ғайриихтиёр ё ихтиёрӣ ҳамеша дар ҷараёни эҷод зуҳур мекунад. Ба андешаи Алексей Толстой «Хислати хонанда ва муносибат ба он шакл ва вазни асосии эҷодиёти ҳунармандро ҳал мекунад. Хонанда ҷузъи бунёдии ҳунар аст» [155, с.37-38].

Ф. Муҳаммадиев низ нигаронидҳои хонандаро яке аз омилҳои таҳрикбахши эҷодӣ шинохта, дар як суҳбат ба Ҷ. Бақозода гуфта буд: «Хонанда аз адиб қаҳрамони эҷодии нав ба навро чашм дорад, қаҳрамонеро, ки вай ҳам руҳи даврони инқилоби илму техника, ҳам идеалҳои инсони навро таҷассум карда бошад» [73, с.23]. Ҳамин ҳадаф фардияти нависандаро дар интихоби тарзи навишти ҳикоя то охир ҳифз

карда, ба хулоса оварда буд, ки «Услубҳо ба таври объективӣ вуҷуд доранд ва субъект онҳоро мувофиқи маҳорату имконоташ истифода мебарад. Чунонки дар урфият мегӯянд, ҳар кас ба кӯрпааш нигоҳ карда, пой дароз мекунад» [73, с.31]. Ин андешаи нависанда далели он аст, ки сабки навиштаҳои ӯ, аз ҷумла ҳикоя мувофиқ ба маҳорату имконияти муаллиф буда, паҳлуи дигари он «масъалаи интихоби калима ва истифодаи он дар ҷои худ» мебошад.

Доир ба ин паҳлуи ҳунари нависанда Р. Ғаффоров чунин назар дорад: Фазлиддин Муҳаммадиев «стилист-суханвари мавридшинос аст. Аз асарҳои ӯ калимаҳои зиёдеро пайдо кардан мумкин аст, ки бинобар алоқаи қавӣ доштан бо характери персонаж муроди эҷодии муаллифро хеле равшану возеҳ баён мекунанд. Ф. Муҳаммадиев бо тақозои мавзуи асарҳояш калимаҳои халқӣ ва гуфтугӯӣ-омиёнаро фаровон ба кор бурдааст. Мушоҳидаи ботааммул нишон медиҳад, ки ин гуна калимаҳо аз байни силсилаи муродифоти худ бисёр диққаткорона интихоб шуда, бо сарбориҳои зарурии услубӣ дар мавқеи худ истеъмол ёфтаанд» [86, с.133].

Дар ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев аввалан «категорияҳои луғавӣ ҳамчун муродифи бо ҷилваҳои маъноӣ фарққунандаи калимаю ибораҳои умумихалқӣ бо ниятҳои муайяни услубӣ барои ҳар чи возеҳтар ифода кардани мақсад ба кор бурда шудаанд» [86, с.134], сониян нависанда аз гурӯҳи дигари калимаҳои шевагӣ бо ҳадафи корбурди бадеӣ ва экспрессивии онҳо низ истифода кардааст, ки дар ҳар ду мавриди аносири такмилбахши сабки ӯ ҳастанд.

Ба ин тартиб, майдони ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев аввалан дараҷаи ахлоқиву зебошиносии ривояти адибро ошкор кунанд, сониян муносибати тасвиргарии ӯро ба воситаҳои забонӣ ва тааллуқоти ҳунарию ғоявии вожаҳову таркибҳои забонӣ мушаххас месозанд, ки дар маҷмуъ тамомияти сабки эҷодии ӯро шакл медиҳанд.

Манзараи умумии инкишофи ҳикояи тоҷикӣ дар марҳилаҳои гуногун ифодакунандаи хусусиятҳои сабкии он аст, ки дар як вақт бозгӯи

хусусиятҳои шеваи нигориши ин ё он нависанда низ мебошад. Баъди солҳои панҷоҳ дар ҳикоя тақвият ёфтани ҷанбаи воқеӣ ва предметӣ ва фурӯ гузоштани аносири субъективӣ омили тақвияти равиши ҷузъбандии равонӣ дар ҳикояи тоҷикӣ гардид, ки ба шеваи нигориши нависандагони ҳикоянавис таъсири судманд гузошт. Ф. Муҳаммадиев, М. Хоҷаев, Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун ва нависандагони дигар ба тарзи дар асоси ҷузъиёти муҳимми равонӣ тавзеҳ додани хулқу хӯи шахсият гароиш пайдо карданд, ки ин усули тасвир сабки муъҷазбаёниро дар ҳикояи тоҷикӣ такмил бахшид.

Худоӣ Шарифов дар ин замина М. Хоҷаевро дар қатори адибони дар боло ёдшуда «дар сабки сухану тарзи нигориш» пайрави Ф. Муҳаммадиев дониста, аз ҷумла афзудааст: М. Хоҷаев «... ба роҳи ҳамсафони худ рафт. Аммо дар ҳамин анбӯҳи ҳамсинон ҳам тарзи сухани ӯ фарқе дорад, ки ба назари мо дар нисбати онҳо камтар гароиш доштанаш ба сабки психологию тамоюли равонӣ мебошад. Ин нависанда бештар каси вуқуъгӯй буда, назокату тазоҳуроти нодири зиндагӣ бо бори маънии нотакрори худ зиёдтар дар пеши назару тасвири ӯ омадааст. Шояд барои чунин шакл гирифтани сабки нависандагии ӯ фузунии майли мавзуъгароӣ дар сиёсати адабии замони шуравӣ таъсире дошта бошад... Лекин, ба андешаи мо, сабки нависандагии М. Хоҷаев аз майл ба дидани маънои ҷамъбастии рамзие дар рӯйдоди воқеӣ ташаккул ёфтааст. Аз ин ҷост, ки қаҳрамонони асарҳои нависанда ягон корнамоии бузурге намекунанд, вале кирдори онҳо маъмулан боварибахш ва пандомез аст» [167, с.435].

Дар ҳақиқат, М. Хоҷаев дар такя ба воқеияти зиндагӣ, падид овардани паҳлуҳои муҳимми он, бо муъҷазбаёнӣ ва зоҳир намудани рангомезии он тағйироте, ки дар сарнавишти инсон зери таъсири воқеиятҳои иҷтимоӣ ҳосил мешавад, сабки хоси воқеъгаро ва гузоришии худро шакл дод. Ин сабк шеваи қазоватеро, ки ӯ аз ҷаҳон, воқеиятҳо ва аъмолу кирдори шахсиятҳо дорад, мунъакис менамояд. Тамоюли гузоришӣ, ки аз таҷрибаи очеркнависиаш ба нависанда мерос расидааст, мазмуни иҷтимоиву ахлоқии

ҳикояҳои ӯро тақвият бахшида, ҳамзамон сурати тасвирии замон ва шахсиятҳои конкретро бо истифода аз забони маъмулӣ ва шеваи бадеии тасвири ҳолнамо мучассам намудааст.

Сохтори таҳкиявии ҳикояҳои М. Хоҷаев ба равиши анъанавии ровӣ-қаҳрамон такя дошта, ҳикояҳои «Парвин», «Вақти имтиҳон буд», «Мушоҳидакор» ва ғайра бо ҳамин усул нигошта шудаанд. Хусусияти сабки забонии ин ҳикояҳоро тарзи ҷумласозии кӯтоҳ ва истифодаи фаровон аз вожаҳову таркибҳои мардумии забонӣ муайян мекунад. Вале гоҳо дар шакли телеграфӣ зуҳур кардани ин шеваи нигориш сабаби тира гардидани ҳадафи бадеии нависанда низ гардидааст, ки дар вақташ Ҷ. Икромӣ ба он эроди сахт гирифта буд. Дар ҳар сурат, мухтасаргӯиву муъҷазбаёнии ҳадафманд хусусияти асосии сабки М. Хоҷаевро ташкил карда, дар солҳои баъд такмил меёбад.

Дар ҳикоянависии тоҷикӣ, бахусус то нимаи дувуми солҳои шастум сабк нафақат зери таъсири объекти эҷодӣ ва маводи воқеӣ шакл гирифтааст, балки фаъолона ин маводро шакл додааст. Дар ин равиш сабк ба дарки зебошиносии воқеиятҳо низ ба қадри кофӣ таъсир мегузорад. Ин шеваи дарки воқеият имкон додааст, ки нависанда таҳаввулоти зиндагӣ ва олами ботинии шахсиятҳоро ошкор созад. Муҳиддин Хоҷаев яке аз нависандагонест, ки ин тарзи нигоришро эҷодкорона ба кор гирифта, махсусан ин шева баъди эҷоди сенарияи филми «Хокистари сӯзон» дар ҳикояҳои нависанда самаранок ва бо ҳадаф истифода гардид. Нависанда ба василаи ин шева тавонист, маводро коркард намуда, аз он чизи тасодуфиро берун андозад. Дар таҷрибаи адиб илова ба инъикоси ҳунармандонаи ғояи умумӣ, сабк ҷузъҳои воқеияти тасвиршударо ба ҳам оварда, дар маҷмуъ сохтори бадеии ҳикояро шакл медиҳад. Аз ин назар, сабк дар таҷрибаи эҷодии М. Хоҷаев аҳамияти сохторӣ дошта, нақши он дар ошкор кардани моҳияти воқеиятҳои нави зиндагӣ ва чеҳраи айнии шахсиятҳо таъсиргузор мебошад, ки ҷиҳати фарқкунандаи шеваи нигориши нависандаро дар эҷоди ҳикоя мушаххас месозад.

Ташаккул ва таҳаввули сабки ҳикояи тоҷикӣ дар марҳилаҳои баъдӣ ба номи Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Кароматулло Мирзоев, Ҷонибек Акобир, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Юнус Юсуфӣ, Анвар Олим, Маъруф Бобоҷон, Иноят Насриддин, Сипеҳри Ҳасанзод ва баъзе нависандагони дигар рабт мегирад, ки хусусияти асосии онро тақвият ёфтани тасвири ашёӣ, ҷузъиётбандии равонӣ ва фурӯ гузоштани аносири зеҳниву тасвири қолабии суннатӣ муайян менамояд. Бозёфтҳои ҳунарии нависандагони ёдшуда далели он аст, ки сабк нафақат зери таъсири мавзуъ ва маводи ҳаётӣ шакл мегирад, балки ин маводро фаъолона корбаст ҳам месозад. Сабк дар як вақт ба қадри кофӣ ба тарзи зебошиносии нигориши мавод таъсири амиқ гузошта, дар замина моҳияти ҷустуҷӯҳои ҳунарии нависандагони ҳикоянависро низ ифода мекунад. Муносибати маводи мухталифи ҳаётиву ҷараёни шаклгирии сабк ва нақши он ҳамчун сохтори аввалияи ҳикоя дар ҷараёни ҷустуҷӯҳои эҷодии нависандаи ҳикоянавис ва инкишофи адабиёт шинохта мешавад. Дар ин замина таҷрибаи баъзе нависандагон қобили мулоҳиза мебошад.

Яке аз нависандагоне, ки сабк дар консепсияи ҳунарии ӯ ба расм, тарзи баён ва тадбиру тамҳиде ишора дорад, ки нависанда дар навиштан ба кор мегирад, Кӯҳзод мебошад. Ба ин маънӣ, ки интихоби калима, сохтмони дастурӣ, забони айниву маҷозӣ, саноеи лафзиву маънавӣ ва оҳанги баён сабки ҳикояи Ӯрун Кӯҳзодро шакл дода ва тадриҷан таҳаввул бахшидаанд. Сабк дар таҷрибаи ҳикоянависии Кӯҳзод ҳолате аст, ки нависанда дар он эҳсосоти худро баён мекунад ва ба ду чиз вобаста мебошад: қудрати эҳсоси нависанда ва маҳорати ӯ. Нависандаи амрикоӣ Сенклир Луйис бар ин андеша аст: «Мояи нависанда бояд бар асари мутолиа ва мубоҳиса ба он поя расида бошад, ки битавонад эҳсосоти худро ба ёрии он баён кунад. Бидуни эҳсос кайфияте, ки нависанда онро дар ҳеҷ мактабе наметавонад биомӯзад ва бидуни моя ганҷинае, ки на аз кайфиятҳои тағйирнопазири ҳофиза ва завқи хуб, балки бештар аз тариқи бардоштҳои берунӣ ба даст

меояд, нависанда сабке хоҳад дошт» [113, с.356]. Ба ин тартиб, вақте таҷрибаи нависандагӣ, бахусус ҳикоянависии Кӯҳзодро арзёбӣ мекунем, дармеёбем, ки омили аслии шаклгирӣ ва таҳаввули тадриҷии сабки ӯ пеш аз ҳама, эҳсоси шинохти воқеиятҳо, сарнавиштҳо, моя ва бардоштҳои берунӣ будааст. Бардоштҳои беруниро дар таҷрибаи нависанда истифода аз аносири шаклии сабк, яъне забон, бадеият ва омилҳои дигари ҳунарӣ мушаххас месозад.

Тарзи ҳикоянависии Ӯ. Кӯҳзодро ҷанбаи зеҳнӣ, ки дар насри тоҷикӣ собиқа дошта, дар эҷодиёти Толис ва Муҳаммадиев такмил ёфтааст, шакл дода, омезиши ҳунармандонаи танзу киноя, ҳассосияти публитсистӣ ва хусусияти гузоришӣ махсусиятҳои сабки нависандаро дар эҷоди ин жанр мушаххас месозад. Танз ва киноя яке аз аносири таъсиргузори сабки нависанда буда, бунмоя ва драматизми ҳамроҳ бо мутоябаи рамзомези сермаъно ва ришханди таънаомез мухтасоти тарзи нигориши адиб дар ҳикояҳои ҳаҷвии ӯст. Эҳсосоти ҳақталошӣ ва моҳиятҷӯӣ, «интиқоду мазамматӣ хулқу хӯи афроди ҷомеа, ашхоси сустиродаи хомтамаъ «Абрҳои осмони соф», «Маърака», «Пули ларзон», «Хеши дур», «Дар ҷустуҷӯи бахти ман», «Хомтамаъ», «Зиёфат», «Одат мекунанд», «Аҳли рикоб», «Ҳикоёт аз таърихи адабиёт», «Очаи бачаҳо», «Тахти равон ва тахтбардорон» хусусияти ҳикояҳои ҳаҷвии нависандаро муайян кардаанд. Боло будани басомади сабкӣ, аз ҷумла, танзу киноя, оҳанги таънаву накӯҳиш, ришханди истеҳзоомез ва оҳанги пуртаъсири навиштор мухтасоти тарзи нигориши нависанда буда, ҳикояҳои ҳаҷвии ӯро аз ҳамин гуна таълифоти нависандагони дигар фарқ мекунонад. Пораи зер намунаи тарзи гирои нигориши нависанда аст, ки дар он басомади сабкӣ хеле боло буда, ҳунари тасвиргарии нависандаро шакл додааст:

«Қадимиҳо гуфтаанд, ки як одами бекор баробари чил мулло ақл дорад. Рост аст, ё дуруғ, ин даъворо то ба ҳол касе исбот накардааст. Лекин одам бекор монад, ба сараш ҳар хел хаёлҳо пайдо мешавад, инаш аниқ. Як мисолаш профессор Амирҷони Бекназар. Вай дар чилу ҳафт соли дарсгӯӣ

ва навиштани мақолаву рисолаҳои таълимиву услубӣ ягонто кашфиёт надошт, аммо баъди қарори ҳукумат, ки «калонсолон барои ҷавонон ҷой холӣ кунанд», бекор монд ва дар чилу ҳафт рӯз панҷ кашфиёт кард...» [17, с.331].

Ин пора аз ҳикояи ҳаҷвии Ӯрун Кӯҳзод «Нархи одам» иқтибос гардид. Нависанда чунин ба назар мерасад, ки бо одам ҳарф мезанад ва чизи муҳиммеро мехоҳад бигӯяд. Мисли ҳамин пора тамоми ҳикоя аз насри равон, сода ва бетакаллуф иборат буда, баёни муҳоварай, таркибҳо ва таъбирҳои омиёна ва ҷумлаҳои номӣ хусусияти хоси услубии онро муайян менамоянд. Тарзи нигориши нависанда аз аввал лаҳни суҳбати пуркиноя ва танзомезро дорад, ки хоси нигориши Ӯрун Кӯҳзод аст.

Ӯ. Кӯҳзод дар баробари ҳикояҳои ҳаҷвӣ ҳикояҳои ба истилоҳ ҷиддӣ низ эҷод карда ва дар ин гуна таълифоташ низ тарзи хоси нигориши худро ҳифз намудааст. Ҷ. Бақозода сабки хоси ин гуна ҳикояҳоро дар равону табиӣ будани онҳо дониста, «... бархӯрди шадиди воқеаҳо, қувваҳои тазод, бамавқеу нишонрас истифода шудани ҷузъиёт, ташбеҳу тавсифҳои ҳаётӣ»-ро ҷиҳати хоси шеваи нигориши нависанда маънидод менамояд ва меафзояд: «Хусусияти арзишманди ин услуби нигориш айнияти мантиқи сухану тасвир, пайгирона муназзаму саҳеҳ дар образу лавҳаҳои бадеӣ амалӣ кардани нияти эҷодии нависанда мебошад, ки асари бадеӣ ба хотири он эҷод мешавад» [72, с.107]. Илова ба он чи ки ин донишманд мушоҳида кардааст, метавон афзуд, ки дар шеваи ҳикояпардозии Кӯҳзод усули тасвири зеҳнӣ ва гузоришӣ низ нуфуз дошта, аз ҳассосияти нависанда ба воқеиятҳои иҷтимоиву ахлоқӣ маншаъ мегирад. Ин тарзи нигориш низ бар забони беолоиш ва пуртасвир устувор буда, ҷанбаи гузоришӣ бадеияти онро коҳиш надодааст. Нависанда дар ба ҳам овардани сабк ва мавзуъ қудратманд буда, вобаста ба замону макони тасвир аз аносири забонии сабк мавқеъшиносона ва ҳунармандона истифода мекунад, ки на ба ҳар қаламкаш даст медиҳад. Пораи зер хусусияти тасвири зеҳнӣ ва гузоришии нависандаро ифода мекунад:

«Соли 1992 дар водии Вахш ҳодисаҳое рух дод, ки ба гуфтану навиштан тамомӣ надорад, чунонки зуҳури сифатҳои неку бади одамон аз насл ба насл мегузарад ва асрҳост, ки гуфтаанду навиштаанд, вале на некияш оламгир мешавад ва на бадияш аз байн меравад. Ҳама он даҳшатҳо, мисли зинда ба зинда пӯст кандани одамон, забону биниву гӯш буридан, бо оташи чароғ сӯзондаву оҳиста бо азоби дердавом куштан, ҷонаш набаромада таки хок кардан ва кӯдаконро дар батни модар чоку пора кардан, ки дар Вахш ба вуқуъ пайваст, бераҳмию ваҳшониятҳои нав нестанд,-дар таърих намуна ва шоҳиди зиёде доранд, ки фарзанди одам дидааст, шунидааст, хондааст, ба даҳшат омадааст ва маҳкуми маҳкум кардааст, вале бубинед, ки ибрат нагирифтааст ва аз он рафтору кирдорҳои ҷоҳилона даст накашидааст. Чӣ гумроҳе будааст ин Одамаш? Ва ин Одамаш кай Одам мешавад?! Ин саволҳою хитобҳо низ дар таърих нав нестанд. Такрор шудаанд, ҳай ба такрор омадаанд ва дареғо, то алҳол ҷавоби савоб надоранд... [18, с.290]. Сабки чунин ҳикояҳои Кӯҳзодро наметавон бо ҳикояҳои ҳаҷвиаш омехта кард ва ин тафовутро фақат муроҷиат ба воқеият, тазодҳо ва шахсиятҳои дигар шакл дода, тарзи интихоб ва ироаи воситаҳои тасвирро, ки бо воқеияти айнӣ алоқаманданд, мушаххас сохтаанд. Хусусияти таҳкияро ҷустуҷӯи усули беҳтарини баён шакл дода, дар нигориши шахсиятҳо, забони тасвирӣ ва сохтори ҳикоя тарзи мувофиқи нигоришро муқаррар намудааст, ки аз тафовутҳои ҳунарии сабки Кӯҳзод ва ҳамовардонаш аст.

Ба ифодаи М. Б. Храпченко сабки фардии нависанда муҳимтарин ҳалқаи ҷараёни адабӣ мебошад. Аз ин мавқеъ, вақте ба шеваи нигориши Сорбон менигарем, чизе ки ба ёд меояд, ин аст, ки ӯ аз нахустин қадамҳояш дар ин замина озмоишгар буд. Табъи худро дар эҷоди чизҳое озмуд, ки барои ӯ ва хонанда нав буданд. Бинобар ин, талошаш бар ин будааст, ки барои ҳар мавзуе шеваи дилхоҳе падид оварад. Аз ин ҷиҳат вай ба ҳамсафонаш монанд нест. Дар эҷоди ҳикоя ва сабки он меросбари суннатҳои адабӣ буд, вале тақлидкор не. Ҳикояҳои аввалинаш «Хокистари

ишқ», «Гулзамон», «Афсона» ва ғайра ифодагари чеҳраи хоси нигорандагии ӯ буданд. Тафовути шеваи эҷодашро, пеш аз ҳама, бархӯрди огоҳона ба ҳақиқати зиндагӣ муайян мекард. Ба ин далел, омили аслии шаклдиҳандаи сабки ӯ тарзи нигариш ба воқеият ва кайфияти ҳунарии он аст.

Ҳанӯз дар марҳилаи аввали эҷодиёташ Р. Ғаффоров дар бораи тарзи нигориши Сорбон чунин андеша баён карда буд: «Сорбон нависандаи ҷавони сермаҳсул ва дақиққор аст. Вай дар муддати нисбатан кӯтоҳе ба замми ҳикояҳои зиёд чор повест офарид. Муоинаи ботааммули навиштаҳои Сорбон шаҳодат медиҳад, ки машқи сухангустарии ӯ аз як асар то асари дигар пай дар пай сара ва пухта гардидааст. Нависанда на танҳо дар роҳи ёфтани мавзуъҳои бикри замонавӣ, балки дар пайдо кардани воситаҳои нави тасвири бадеӣ ва калимаҳои лоиқ, ки нисбат ба муродифи худ аз ҷиҳати сохт ва маъно мазияте дошта бошанд, пайгирона такопӯ дорад» [86, с.139].

Ин талошҳои Сорбон барои устувор сохтани сабки эҷодиаш минбаъд такмил ёфта, шеваи фардии ӯро дар эҷоди бадеӣ ба вуҷуд овард. Имтиёзи тарзи навишти ӯ дар он аст, ки забони насраш меросбари асили ҳавзаи таърихии забони тоҷикӣ, забоне саршор аз тасвир, таъбир ва тамсил аст. Ин забон ба содатарин ва зулолтарин шакл таҷрибаи таърихӣ ва имрӯзии мардумро инъикос менамояд. Бинобар ин, забон дар аксари навиштаҳои нависанда мабдаи таърихӣ ва кайфияти ривоӣ дошта, ҳадафи тасвир инъикоси воқеиятҳо ва рафтору аъмоли инсонҳо ба таври махсус, малмус (конкрет) ва зинда аст. Ин шеваи нигориши нависанда мавзуъро бо амал, бо сайри ҳаракат дар замон ва макони хос пайванд сохта, маълумот дар бораи воқеиятҳо ва шахсиятҳои асарро ба таври ғайримустақим ва ишораӣ дар ихтиёри хонанда мегузорад. Ин хусусияти тарзи нигориши ӯ дар ҳикояҳояш хусусияти хос дорад.

Дар ҳикояҳои давраи аввал тарзи хоси анъанавии талақии воқеият ва рафтору аъмоли шахсият дошта, бар диди равшан ва шаффофи бонизом ва

бардошти табиӣ асос ёфтааст. Тасаввури собит ва ақлписанд аз воқеият ва муҳити иҷтимоиву ахлоқӣ тасвири воқеънигоронаро дар навиштаҳои индавраинаи ӯ таҳким бахшида, аз бисёр ҷиҳат сабки фардии ӯро шакл додааст, ки намунаи он яке аз ҳикояҳои аввалини нависанда «Хоб» мебошад.

Дар ин ҳикоя мазмун ва тарзи нигориш миёни ҳам таносуби комил дошта, бо содагиву рӯшанӣ ва хусусияти тасвириашон диққатангезанд. Дар ҳикояи ёдшуда андешаи нависанда аввалан вазъ ва ҷараёни зеҳниро дарёфта, сониян онро дар қолаби калом рехтааст ва тасвирҳои мутаносиби онро ба кор гирифтааст. Бинобар ин, маъно нисбат ба сурат афзалият дорад. Зайли намуна пораи зерро аз ҳикояи ёдшуда нақл мекунем:

«Ман ба хоби заргӯшӣ рафтам. Ҳис мекунам, ки сояи дасте ба болои сарам наздик мешавад, вале кебида пас мегардад. Баъди лаҳзае боз пайдо мешавад. Оқибат дасти шахшӯле ба рӯям мерасад. Чӣ навозише. Паҳлу гашта чашмамро нимроғ мекунам.

-Хез, ба ту нигоҳ карда истоден.

Ин суханони модарам ба гӯши мани нимбедор чун мусиқии форам мерасад. Ҷаста мехезам, чашмони хоболудамро молида ҳушёр мешавам.

Моҳи нопурра, ситораҳои тобон мисли гулҳои тозаи баҳорӣ ҷилва доранд. Ба машомам бӯи фораме расад.

Дар зери дарахти чормағзи азиме падарам маро нигарон аст. Савора ба кӯҳ меравем. Кӯҳу талро паймуда болотар мебароем. Дараю сойҳо ва шаху подараҳо ҳувос мезананд. Хониши кабкҳо ба гӯш мерасад,-муждаи субҳдам. Падарам дамидани субҳро интизор нашуда ба ҷолбурсе табар мезанад. Зарби он аз шаххои сиёҳ шунида мешавад. Падарам ду хар ҳезум мегирад. Ман аз ҷой бархеста ҳезумро ғун меорам» [166, с.5].

Забон дар ин тарзи нигориши Сорбон нақши тавсифӣ, баёнгароёна ва иҷтимоӣ дорад. Вале дар аксар маврид дар тарсими андешаҳои ӯ нақши иҷтимоии забон афзалият дорад. Далелаш ин аст, ки дар тафаккури бадеии нависанда куниши иҷтимоии забон ҳамчун василаи робита афзалият дорад.

Дар инъикоси мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла табиат Сорбон шеваи хос дошта, ин усули тасвирро барои тавзеҳ ва баёни матлабе ба кор гирифтааст. Аз ин ҷиҳат, баҳор ва манзараҳои он дар нигориши ӯ нақши беруниву айнӣ, вале фалсафӣ доранд. Ҳамчунон ки дар ҳикояи «Гирифти моҳ» ба назар мерасад.

Сорбон бо эҷоди ҳикояҳои тамсилӣ шеваи тозаи тасвири воқеият ва рафтору аъмоли инсонҳоро дар ниқоби махлуқҳо ироа кард, ки мухтасоти сабкӣ дорад. Яке аз чунин мухтасот истифодаи унсурҳои сабкии шеър, аз ҷумла ташбеҳ, истиора, эъҷоз ва такрор дар чунин осор мебошад. Истифодаи намодҳои гуногун низ тарзи хоси диди бадеии ӯ ва усули тасвирашро мушаххас месозанд, ки ҳикояи «Тана» намунаи ҷолиби ин шеваи нигориш аст.

Дар баъзе ҳикояҳои Сорбон ҳадафи аслӣ ба таври возеҳ баён нашуда, рамзи ибҳомоваре бар он ҳокимият дорад. Мавзуе рамзолуд дар қолаби ҳикоя ироа мешавад. Барои дарёфти маънии ин гуна асарҳо огоҳӣ аз сабк, андеша ва ҷаҳонбинии нависанда ба хонанда кумак мекунад. Дар ин гуна ҳикояҳо нависанда бо оламе розолуд сару кор дорад. Замон ва макони тасвир аксаран руъёгуна буда, гоҳо воқеӣ низ ҳастанд. Мисли рӯди Вахш дар ҳикояи тамсилии «Шер». Ғояи чунин ҳикояҳои тамсилии нависанда мутааллиқ ба идроки ботинӣ буда, зеҳнро аз сатҳи идроки ақлӣ фаротар мебарад ва ба сохти намодҳои олами ҷон ва дунёи моварои ҳис мекашад. Аз ин ҷиҳат, дар ҳикояҳои тамсилии Сорбон тамсил сохторе аз тамсилҳо буда, маъниҳои гуногунро ифода мекунад.

Дар тарзи нигориши Сорбон кайфият ва чигунагии баён дар ифодаи матлаб ниҳоят муҳим аст. Тамоми ҳикояи «Лола» чизе нест, ҷуз сарнавишти Лола ва онҳое, ки дар канори ӯ буданд ё ҳастанд. Аммо ҳар боре, ки ин ҳикояро мехонем, аз кайфияти волои баёни ҳикоя ғарқ дар лаззат мешавем. Моҳияти ҳунари нависанда дар он аст, ки асли тақлид ва муҳокотро ҳунармандона нишон медиҳад, яъне мавзуеро, ки мехоҳад муҳокот кунад, хуб баён менамояд.

Дар ҳикояҳои Сорбон забон василаи бофти ҳунарӣ буда, калимаҳо бо риштаҳои зиёд ба ҳам танида ва бофта мешаванд. Дар сохтори забонии ҳикояҳои Сорбон гоҳо мо бо таркибҳои ғайримаъмулӣ ва инҳирофӣ рӯбарӯ мешавем, ки зоҳиран дар онҳо қолабҳои одии забон риоя намешаванд. Ҷумлаҳо ва таркибҳои наҳвӣ аз назари сохт, маънӣ ва истеъмоли вожаҳо гоҳо ба суннатҳои забонӣ содиқ нестанд, вале диққатангезанд. Таркибҳои тозаи наҳвӣ имтиёзи сохторӣ ва оҳанги хоси забони навиштаҳои нависандаро рақам мезананд. Мисли: «Анкабути сиёҳи дунбааш монанд ба саққои ғунда дар рӯи оби ҷӯйбор танид; чун дорбоз дор кашид аз ҳулбӯ, аз коснӣ ба коснӣ; аз ҳулбу ба коснӣ ва аз коснӣ ба ҳулбӯ ва то буни девори назди ҷӯйбор ва симчӯби лапаровезон, ки шабҳо чароғаш фурӯзон мегашт; тор танид бо ҳазор мақом, ки шаклу сохти тана панҷараҳои зиндону маҳбасро ёд меовард».

Дар баъзе ҳикояҳои Сорбон номҳо ва мавҷудоти тамсилӣ, ваҳмӣ, хаёлӣ ва ҷаълӣ дучор мешаванд, ки дар дунёи воқеӣ вуҷуд надоранд, вале аз унсурҳои сабксозанд. Аз ҷумла, номҳои тамсилӣ ва ваҳмии Майна, Одаму Ҳавво ва Вафодор аз ҳикояҳои ҳамномашон ҳамин хусусиятро доранд.

Сорбон ба ивази баъзе калимаҳои тасодуфӣ калимаҳои асили тоҷикӣ, вожаҳои қадимӣ ва ҳиссаи азими калимаҳои шевагиро ба ҷои терминҳои ботаникӣ, биологӣ ва этнографӣ ҳадафмандона истифода кардааст, ки дар матни ҳикояҳои ӯ хусусияти услубӣ дошта, таркиби забонро ғанӣ месозанд. Бисёре аз калимаҳои шевагие, ки нависанда ба кор гирифтааст, аз муродифҳои адабии худ бо тобиши маъноӣ фарқ мекунанд ё шакли тасвирии ифода ва ё калимаҳои бегонаро иваз манамоянд, ки дар тарзи нигориши нависанда унсури сабкӣ ҳастанд.

Муҳаммадҷон Шукуров (М. Шакурӣ) ҳанӯз соли 1970 навишта буд, ки «Воситаҳои бадеӣ ва усули тасвири психологӣ дар ҳикояҳои Сорбон аз эҷодиёти дигар нависандагони мо хеле фарқ мекунад. Каломи бадеъ ва сухани образноки ӯ хусусиятҳое дорад, ки бисёр ҷолиби диққатанд» [185, 1980, 176]. Чунонки аз назар гузашт, дар тули солҳои сипаришуда, бахусус

дар марҳилаҳои сонии инкишофи ҳикояи тоҷикӣ сабки нигориши нависанда хеле таҳаввул пайдо карда, фардияти ҳунарии ӯро мушаххас сохтааст, ки аз ҷустуҷӯҳои нависандагони дигар дар ин самт фарқи назаррас дорад.

Абдулҳамид Самад аз нависандагони дигарест, ки дар эҷоди ҳикоя сабки хос дошта, фардияти услубиашро шакл додааст. Атахон Сайфуллоев «яке аз вижагиҳои хоси ҳикояҳои Абдулҳамид Самад»-ро «ягонагии методи реалистӣ ва рангорангии сабки эҷодӣ ба шумор» оварда, сипас афзудааст: «Услубҳои ҳамосавӣ, лирикӣ, реалистии махлут бо романтизм, тарзи тасвири публитсистӣ, ҳаҷвӣ, мутоибавӣ ҳикояҳои Абдулҳамид Самадро ба гулистони рангобаранг ва ботаровату хушбӯ монанд кардаанд. Маҳорати нависанда дар ҳамин аст, ӯ ҳамаи тобишҳои қалам ва рангорангии тафаккури бадеиро дар роҳи таҳлилу таҳқиқи манзара ва равандҳои гуногуни ҳаёт корбаст карда тавонистааст. Гоҳо дар як ҳикоя унсурҳои реалистӣ, романтикӣ, публитсистӣ ва мутоибавӣ ба назар мерасанд («Занталаб ва маликаи саҳро»). Сарчашмаи ин рангорангӣ тафаккури бадеии халқи тоҷик аст. Бесабаб нест, ки ҳам тасвирҳои реалистӣ, ҳам рангу равғани романтикӣ, унсурҳои ҳаҷвию мутоибавӣ ҳама ба ҷуз забони мусаввирии адиб дар забони вакилони халқи одӣ низ ба зуҳур омадаанд» [138, с.185-186].

Воқеан, яке аз нишонаҳое, ки хусусияти фардии сабки А. Самадро мушаххас месозад, омехтагии унсурҳои гуногуни услубӣ ва лаҳни хоси муаллиф мебошад. Лаҳн (tone) оҳанги баёни нависанда аст ва метавонад суратҳои гуногуне ба худ гирад. Аз ҷумла, мумкин аст хандадор, гиряовар, ҷиддӣ ва танзомез бошад ё ҳар лаҳни дигаре, ки нависанда барои навиштани ҳикоя ба кор мебарад.

Абдулҳамид Самад унсури сабкии лаҳнро барои тақвияти бадеияти ҳикоя ва намудани хулқу хӯйи шахсиятҳо ба василаи тарзи ҳарф задани онҳо ҳунармандона истифода кардааст. Нависанда кӯшидааст, фардияти шахсиятҳои ҳикояҳояшро бо вижагиҳои лаҳни суҳбатҳо, муколамаҳо ва

тарзи андешарониашон нишон диҳад. Масалан, дар ҳикояи «Ёдгор, бас!» нависанда аз забони наврасе воқеиятҳои аслии ҳикояро ривоят мекунад. Дар ин ҳол, бофти каломии ҳикоя, пеш аз ҳама, баёнгари фарҳанги зеҳнӣ ва дунёи наврасии шахсияти асар аст ва бофти маънавии ҳикоя низ хусусияти фарҳангӣ ва тарбиятии ин шахсиятро нишон медиҳад. Бо ин усули тасвир нависанда ба василаи бофти каломӣ хусусияти хулқӣ, иҷтимоӣ ва маънавии қаҳрамони ҳикояро муҷассам сохтааст, ки мутаносиб бо мавзуъ, шахсият ва фазову ранги ҳикоя аст. Ба лаҳни гуфтори наврас дар бораи амакаш таваҷҷуҳ кунед:

«Амаке доштам қадбаланд, хушсурат, шоффбурут, шонаҳояш паҳн, дасту панҷаҳояш калон, ангуштонаш дароз-дарози пурғурм, пӯсти кафҳояш коркӯфтаву шабеҳи чарм, рагҳои борику ғафси пушти дастонаш печ дар печи барҷаставу кабудфом,-гумон мекардам устоди варзиш аст. Не, вай милиса буд, милисаи қаторӣ. Дар роҳи бозгашт аз ҷанги Олмон ба зодгоҳаш-деҳаи дурдасти кӯҳистон нарафта, бо маслиҳати дӯсти ҳамсилоҳаш дар шаҳр мемонад ва милиса мешавад. Сарбози дар майдони ҷанг обутобёфта, нотарс.Ба ӯ гуфтанд, ки таъмини тартибу низом дар пойтахт, гирифтани чашми дузду кисабур ва авбошҳо хеле зарур аст. Одамон аз кирдори бади нохалафон дар наклиёту бозор ба танг омадаанд» [36, с.40]. Тарзи тасвири нависанда ба ҷуз мутаносиб будан бо синну соли наврас дар айни замон латифу дилкаш буда, хусусияти хулқӣ ва тарбиятии шахсияти ҳикояро мушаххас месозад. Ба ин далел, бофти каломии лаҳни ҳикоя ҳама ҷо тобеи бофти маънавии он аст. Чунончи дар пораи иқтибосшуда шахсияти ҳикоя тарзе сухан мекунад, ки аввалан мувофиқи синну солаш аст, сониян ҳар калима ба наҳве ҳолат ва моҳияти андешаву орои ӯро ба хонанда менамояд. Лаҳни баёни ҳикоя аз аввал то ба охир устувор ва собит буда, нависанда тавонистааст, ки дар тули ҳикоя оҳанги баёнро ҳифз кунад, то дарунмоя тағйир наёбад. Дар аксари ҳикояҳои А. Самад лаҳни баён ҳампои бофти маънавии дарунмояи ҳикоя буда, ағлаб устувор мемонад ва хусусиятҳои баёнии он ҳамоҳанг ва устувор аст. Чунин

ҳамоҳангӣ ва суботи лаҳн яке аз омилҳои таъсиргузор дар ҳикояҳои нависанда буда, сабки фардии ӯро мушаххас сохтааст.

Хусусияти дигари сабки фардии А. Самадро шеваи нигориши ҳамосавӣ, лирикӣ ва ҳаҷвӣ мушаххас месозад. Бештарини ҳикояҳояшро нависанда ба тарзи ҳамосавӣ навиштааст. Масалан, дар маҷмуаи аввалинаш, ки «Шохи чанор» унвон дошт, аз ҳашт ҳикоя шаштояш, аз ҷумла «Мурофиа», «Сафеду сиёҳ», «Субҳ медамид», «Нони гарм», «Қарз», «Ришта» ҳамосӣ буда, «Шикор» ва «Мактаби Шоҳтут» лирикӣ мебошанд. Солҳои баъд ин тарзи нигориш дар эҷодиёти ӯ ривоҷ ёфта, маҷмуаи «Талош» бист ҳикояи ҳамосӣ, аз ҷумла, «Занталаб ва маликаҳои саҳро», се ҳикояи лирикӣ- «Дармонҷӯ», «Тутхӯрӣ», «Баҳори гӯристон» ва ҳафт ҳикояи ҳаҷвиро дар бар мегирад.

Хусусияти сабки ҳикояҳои ҳамосии нависандаро ботааннӣ будан, лангардорӣ ва ботааммулӣ мушаххас месозанд. Тасвири ҳамосии нависанда аз шӯру шааф дур буда, воқеиятҳо ва амалу кирдори шахсиятҳоро бо таҳаммули хос инъикос менамояд ва ба рафти воқеаҳо, ҳаракату амали шахсиятҳо ва хӯю хислати онҳо бетарафона баҳо медиҳад. Ҳикояи «Дудила» ҳамосӣ буда, воқеиятҳо аз номи шахси дувум хеле оромонаву ботааннӣ ва лангардор ривоят мешаванд. Ҳикоя чунин оғоз меёбад:

«Дили Фил низ бармаҳал, айёми наврасӣ, пас аз он ваҳшоният аз ҷинси зан монду сард гашт; баъд вай дар симои ҳар як дӯшизаи шаҳрӣ, сабукпо, маккору фиребгарро медид. Сабаб бадгӯии ёрон буд, ки дар ниҳодаш нахли кинаву кудурат сабзонд. Аслан он рӯзҳо дар нӯги забони хурду бузурги шаҳр ҳамин қисса сайр мекард. Ва онҳо, ҷамъияти дузду кисабур, чапдасту муштзӯр, хашму дарду алам дар дил, ҳангоми нӯшонӯшу мастӣ бо ашк, дар ҳушёрӣ бо нафрат пайваста достони разиливу бевафоии завҷаи Сафари дудиларо ба гӯши якдигар мерехтанд» [35, с.19].

Шакли ҳамосӣ сохтори бадеии ин ҳикояро мушаххас сохтааст, ки гуфтугӯ дар он арзиши сабкшиносонае ба даст медиҳад, ки баъзеи онҳоро зикр мекунем: а) нависанда гуфтугӯро барои ороиш ва зинати ҳикоя ба кор

набурда, балки ба воситаи он амали ҳикояро тарҳрезӣ кардааст. Гуфтугӯ дар нигориши нависанда дар иртибот бо амал ва дигар аносири ҳикояи ҳамосӣ омада, ба таври табиӣ тарҳрезӣ шудааст; б) гуфтугӯ бо зеҳнияти шахсиятҳои ҳикоя ҳамхонӣ дошта, мавқеиятҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва алоқаҳои онҳоро бо муҳит ва шахсиятҳо нишон медиҳад: масалан, гуфтугӯи шахсиятҳои ҳикояи ёдшуда дар заминаи моҷарои «достони разиливу бевафоии завҷаи Сафар» [36, с.19] шакл гирифта, аз ҳамдигар фарқ мекунад; ҳар кадоми онҳо дар тасвири нависанда вожаҳо ва истилоҳҳои хоси худро доранд ва наҳваи суҳбаташон низ мутафовит буда, вобастаи савия ва ҷаҳонфаҳмиашон аст; в) нависанда гуфтугӯро тарзе тарҳрезӣ кардааст, ки эҳсоси табиӣ ва воқеии шахсиятҳоро бозгӯ мекунад: масалан, гуфтугӯи зерини ду шахсияти ҳикоя намоёнгари чеҳраи инсонӣ ва хулқу хӯи онҳост, ки нависанда дар мутаносибӣ бо амалу кирдори дигар персонажҳои ҳикоя тасвир кардааст.

«-Туйӣ говҷигари даъвогар?-ғурид Бибо. -Аз ҷонат сер шуда бошӣ, пеш биё. Мурғи бепар мешавӣ...

-Дағдағаву шаттоҳӣ сифати мард нест,-ором посух дод Сафар ва чашм аз ҳаракатҳои Бибо наканда, ба пешвози ӯ қадам ниҳод...» [36, с.26]; г) дар ҳамин ҳикоя гуфтугӯ василаи радду бадали андешаҳо ва хостаҳои шахсиятҳо буда, феълу хӯй, вижагиҳои дарунӣ ва хулқии онҳоро нишон медиҳад (гуфтугӯи Сафар ва Бибо дар тасвири нависанда баёнгари хусусиятҳои хулқӣ ва хислатҳои руҳии онҳо мебошад); д) корбурди вожа, вазну оҳанг, кӯтоҳии ҷумлаҳо низ бо шахсиятҳои гуногун вобастагии мустақим дорад; е) Абдулҳамид Самад гуфтугӯро барои сабук кардани таъсири масъалаҳое, ки ҷиддӣ, тавзеҳӣ ё тавсирӣ ҳастанд, ба кор бурда ба ин васила душвории бори масъалаҳои мавриди гуфтугӯро аз байн бурдааст ва ба ҳикоя таровит бахшида, хонандаро низ аз хастагиву малол халос кардааст.

А. Самад аз ибтидои фаъолияти эҷодӣ пайгирона дар ҷустуҷӯи тарҳи хоси нигориш ва муайян кардани сабки фардии худ будааст. Ҳамчунон ки

Ҷ. Бақозода ёдрас кардааст: «Давраи шогирдӣ ва омӯзиши ҳунари нигорандагии адиби ҷавон аз пайдо намудани мавзуъ ва услуби худ шуруъ шуд. Вале ҳанӯз ҳамон солҳо, ҳатто дар ҳикояҳои шогирдонаи ӯ нишонаҳои барои нависандаи баркамол хосро мушоҳида метавон кард. Барои А. Самад сужет умуман, сужети тезутунд, аз ҷумла, ҳамчун мақсади асосии ҳунари нависандагӣ намебошад, балки ифодаи фасеҳу муассири ҳолати равонӣ ва афкору амали персонаж аст... Дигар аз хусусияти фаъолияти эҷодии А. Самад, ки аз қадамҳои нахуст ба мушоҳида мерасад ва минбаъд қувват гирифта оҳангу табиати нав пайдо кардааст, лутфу зарофат, танз мебошад. Маҳз ҳамин оҳанги истеҳзову тамасхуромези ҳикояву қиссаҳо ба нависанда имкон додааст, ки моҳияти ҳодисаҳо ва муносибати инсонҳоро бисёр нозук ошкор созад» [69, с.15].

Андешаи Ҷ. Бақозода бевосита ба хусусияти сабкии ҳикояҳои лирикӣ ва ҳаҷвию мутоибавии нависанда ишора дорад. А. Самад ҳикояи лирикиро аз номи шахси аввал нақл карда, ба ин васила тамоми воқеаҳоро аз мағзи дил мегузаронад. Ҳиссиёту ҳаяҷони шахсияти лирикӣ воқеӣ ва таъсиргузор ифода карда мешавад. Ин гуна ҳикояҳои адиб аз ташбеҳҳои равшану ҷилодор, рангомезии тасвир, васфу зам ва корбурди воситаҳои забонӣ барои таъсиргузор ифода кардани андешаву ормони шахсиятҳо пур буда, сеҳри қалами тасвиргари нависанда ва тахайюли ӯро дар инъикоси бадеии воқеиятҳо нишон медиҳад.

Яке аз ҳикояҳое, ки намунаи хуби ин тарзи нигориши нависанда аст, «Баҳори гӯристон» ном дошта, тасвир баёнгари ҳолу ҳаво ва андешаву омоли шахсиятҳои ҳикоя мебошад. Тасвири айнӣ ва зинда яке аз василаҳои шаклгирии ҳикояи лирикӣ буда, дарунмояи ҳикояро хеле дилчаспу мондагор инъикос намудааст. Ин тарзи нигориш дар марҳилаҳои баъдии эҷодиёти нависанда ташаккул ёфта, яке аз самтҳои асосии ҷустуҷӯҳои сабкии ӯ қарор доштааст, ки намунаи олии он ҳикояи «Ғамхӯрак» мебошад.

Хусусияти дигари сабки А. Самадро ҳикояҳои ҳаҷвии ӯ муайян менамоянд. Муҳаққиқон сабки ҳикояи ҳаҷвиро дар асоси мавзуи он мушаххас намуда, таъкид ҳам кардаанд, ки ин сабк бар асоси мавзуи он маъруф мешавад, зеро мавзуи он бар шеваи баёнаш таъсир мегузорад. Ин унсур аз ибтидо дар ҳикояҳои ҳаҷвии нависанда сабксоз буда, хусусиятҳои хоси шеваи нигориш ва ироаи андешаву ороро аз ҷониби муаллиф нишон медиҳад.

Ба мушоҳидаи А. Сайфуллоев ҳикояи ҳаҷвӣ ва мутоибавӣ аз аввалин сатрҳо маълум мешавад, хонандаро ба табассум моил менамояд. Таъсироту вожаҳояш низ моҳияти ҳаҷвӣ касб мекунанд. Нависанда аз аввалин ҷумла таваҷҷуҳи хонандаро ба хулқу атвори қаҳрамони ҳаҷвӣ ё муҳити рӯйдоди воқеа бедор менамояд. Вай қаҳрамони худро чунон ба тасвир мегирад, ки ӯ бо рафтори худ аз одамони муқаррарӣ фарқ мекунад. Он чи ин донишманди фақид гуфтааст, аносири зоҳирии сабксоз дар ҳикояи ҳаҷвӣ аст. Вале сабки ҳикояҳои ҳаҷвии А. Самад мухтассоти ҳунарӣ дошта, пеш аз ҳама, бозгӯкунандаи маҳорати касбии ӯст.

Бунёди ин шеваи тасвир дар чунин ҳикояҳои нависанда бар пайванди ҳалқаҳои воқеӣ устувор буда, воқеаҳои тасодуфӣ ё саргармкунандаро истисно мекунад, ки аз афзалияти сабки нигориши ӯст. Дигар аз фазилати ҳунарии ӯ аз унсурҳои шаклии ҳаҷв, мисли мутоиба, танз, истеҳзо, тамасхур, ришханд, пичинг, шӯхӣ, хушгӯӣ ва зарофат бо камоли ҳунар ва мавқеъшиносӣ истифода кардан аст, ки ин равиш омили аслии сабксоз дар ҳикояҳои ҳаҷвии нависандаанд. Ҷ. Бақозода ҷустуҷӯҳои эҷодии нависандаро дар эҷоди ҳикояи ҳаҷвӣ арзёбӣ карда, аз ҷумла нигоштааст: «Тарзи нигориши ин гуна ҳикояҳо зоҳиран сабуку равон бошад ҳам, эҷоди ин қабил асарҳо осон нест. Услуби сабуку равони ҳикояҳо бар мутоиба, лутфу зарофати нарму нозук ва шавқангезии воқеаву рафтору амали персонажҳо асос ёфтааст. Дар ҳикояҳо юмору ҳаҷви муболиғаомез, бештар мутоиба, лутфу зарофатҳои халқӣ истифода шудаанд» [69, с.83]. Он чи ин донишманд гуфтааст, фақат як паҳлуи ҳунари нависандаро дар эҷоди ин

гуна ҳикоя менамояд. Мухтассоти сабкии ҳунари ӯ марбут мешавад ба интихоби мавзуъ, воситаҳои тасвир ва унсурҳои забонӣ. Дар ин замина ҳикояи «Ҳазл» ва «Акаи ошиқ» ҳамчун намуна баёнгари шеваи хоси нигорандагии нависандаанд.

Ҳикояи «Ҳазл» як саҳнаи зиндаи воқеиятҳои рӯзгори мо буда, нависанда ба воситаи ҳазлу шӯхӣ, латофату зарофат, тамасхуру истеҳзо чеҳраи шахсиятҳои мавриди тасвирро офаридааст. Илова ба ин, нависанда барои такмили ҳунарии ҳикоя аз унсурҳои танзу зарофати мардумӣ бо камоли дақиқназарӣ истифода карда, саҳнаҳои зиндаи амалу кирдор ва ҳолати ахлоқиву равонии шахсиятҳоеро офаридааст, ки дар ҳар қадам хонанда бо онҳо рӯбарӯ мешавад. Латофату зарофат, танзи кушанда, истеҳзо ва тамасхури таънаомез аз унсурҳои сабкие ҳастанд, ки бадиро ошкору накӯҳиш мекунанд ва некиро ба лутфу марҳамат ситоишу таҷлил. Ин аст мухтассоти сабкии ин нависанда дар эҷоди ҳикояҳои ҳаҷвӣ.

Дар боби махсусиятҳои сабкии осори Саттор Турсун, Кароматулло Мирзоев, Ҷонибек Акобиров, Маъруф Бобоҷон, Анвар Олим, Иноят Насриддин, Сипеҳри Ҳасанзод ва баъзеи дигар ҳамин қадар метавон гуфт, ки забон, тарзи коркарди мавзуъ, таъсирпазирӣ аз мухотабон, ҳадафҳо, ғаразҳо ва ҳолатҳову кайфиятҳо хусусияти сабки ин нависандагонро муайян менамояд. Ин нависандагон бо воқеъгароии суннатӣ идомабахши сабки вуқуъгарои асри бистанд.

Сабки навиштаҳои Баҳманёр, Сайф Раҳим, Муҳаммадзамони Солеҳ ва Юнус Юсуфӣ бо ранги хоси забонӣ, бо тасвирҳои дақиқ ва зариф, бо лаҳну оҳанг ва сифоту номҳои шахсиятҳои мавриди тасвир фарқкунанда буда, дар ҳикояҳои ин нависандагон вожаҳо оҳанги хос ва таркибе ҳамоҳанг дошта, тапиши вожаҳо бо замон ва андешаи соҳибони ҳикоя ҳамоҳанг аст. Ба ифодаи дигар, дар тарзи нигориши ин нависандагон бофте ба кор гирифта шудааст, ки андешаву ороишонро беҳтару сареътар ба хонанда интиқол медиҳад ва аз сабки дигарон тафовутҳои чашмрасе дорад.

Дар заминаи таҳлилҳои анҷомгирифта метавон ба ин натиҷа расид, ки нависандагони тоҷик дар эҷоди ҳикоя ва фарогирии воқеиятҳову инъикоси бадеии он нигариши амиқи фардӣ ва идроки хоси бадеӣ дошта, шеваҳои шахсиятпардозӣ ва зовияи дид аз бисёр ҷиҳат моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва махсусияти шеваи нигориши онҳоро муайян менамояд. Усули шахсиятпардозӣ дар тарзи нигориши аксари нависандагон ба воқеият такя дошта, ҷанбаи сохторӣ ва бадеии онро зовияи диди шахси аввал, шахси саввум, ривояти номаӣ ё мукотибаӣ, ривояти ёддоштгуна, такгӯиии дарунӣ, ҷараёни сайёли зеҳн, фосилаи зебоишиносӣ ва такгӯии намоишӣ таҳаввул бахшидааст.

Дар мавриди тарзи нигориши нависандагони ҳикоянавис метавон гуфт, ки ҳар нависанда шеваи калом ва лаҳни хоси худро дошта, дар ҳар марҳилаи инкишофи жанри ҳикоя ба тарзҳои гуногун зоҳир шудааст. Ба ифодаи дигар, дар ҳар марҳила сабк хусусиятҳои хоси фардияти ҳунарии нависанда ва бардошти ӯро аз воқеиятҳо ифода мекунад. Дар баъзе марҳилаҳо, бахусус марҳилаи аввал ва дувум сиёсати адабии вақт монеи таҳаввули сабки фардӣ гардида, содагӯйӣ ва оммаписандиро густариш дод, ки боиси коҳиш ёфтани сабки бадеии устувор гардид. Аз нимаи дувуми солҳои панҷоҳ сар карда, рушди шеваи тасвири предметӣ ва объективӣ имкониятро барои ташаккули сабки фардӣ фароҳам овард, ки минбаъд дар ҳикоянависии тоҷикӣ, бахусус дар таҷрибаи нависандагии Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Баҳманёр, Сайф Раҳим ва баъзе нависандагони дигар таҳаввул ёфт.

## 3. 2. Таҳаввули шаклӣ ва сохтории жанри ҳикояи давраи Истиқлол

Ҳикояи давраи истиқлол дастоварди адабиёти тоҷик буда, бо таҳаввули шаклӣ ва сохторӣ, фарогирии мавзуоти мухталиф, тарзи инъикоси воқеиятҳо ва амалу кирдори шахсиятҳо аз ҳикояи марҳилаҳои қаблии адабиёти тоҷик фарқи чашмрас дорад. Ин тафовут, албатта, таҷрибаи меросбарии эҷодкорона буда, он тозаҷӯиҳои нависандагони ҳикоянависи марҳилаҳои пешинро истисно намекунад. Вале омили аслии таҳаввулоти жанриву сохторӣ дар ҳикояи ин давра, аввалан воқеиятҳои пешрафтаи сиёсиву иҷтимоӣ ва мустақилияти фарҳангӣ, сонияи қареҳа, диди тозаи маърифатӣ ва ҳунари нигорандагии нависандагони ҳикоянавис мебошад. Ин таҳаввулот, пеш аз ҳама ба ҷустуҷӯи шаклҳои нави жанрӣ, тағйирот дар сохтори бадеии ҳикоя ва усули тозаи таҳкия алоқаманд буда, бозгӯи таҷрибаи судманди баъзе нависандагон дар ин замина аст.

Тағйироти аввалине, ки ба мушоҳида мерасад, ин ҷустуҷӯҳои нависандагон дар эҷоди шаклҳои нави жанри ҳикоя аст. Ин дигаргуниро мо дар эҷодиёти Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Абдулҳамид Самад, Баҳманёр, Сайфи Раҳимзод ва Юнус Юсуфӣ мушоҳида мекунем. Ҳикояҳои ин нависандагон, ки дар заминаи суннатҳои ҳикоянависии марҳилаҳои қаблӣ ташаккул ёфтааст, низоми устувори шаклӣ дошта, бо риояи тарҳ, сужет ва тарзи суннатии фарогирӣ ва тасвири воқеиятҳову амалу кирдори шахсиятҳо тафовут дошта бошад ҳам, вале дар шакл ва сохтор тозагиҳое низ дорад. Дар ин замина таҷрибаи баъзе нависандагон, аз ҷумла Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон ва Абдулҳамид Самад дар таҳаввули шаклӣ ва сохтории ин жанр диққатангез аст.

Агар таваҷҷӯҳ кунем, ки тозагии осори асили бадеӣ, ба ифодаи Эдгар Аллан По «хаёли мубҳам, тасодуфӣ ва ироанашудаи одамон аст ва ин хаёл маҷбур мекунад, ки дили инсон сахт тапад ё ҳисси тараҳҳумаш ба зиндагӣ ва одамон бедор шавад» [103, с.281], пас ҷустуҷӯҳои нависандагони мо

барои таҳаввул бахшидан ба шакл ва сохтори бадеии ҳикоя ҳадафи ҳунарӣ дошта, маҳорати онҳоро дар ин самт нишон медиҳад.

Яке аз тозакориҳо дар ин замина таҳаввули шакли таҳкия ё худ нақли озод дар ҳикоя мебошад. Инкишофи таҳкияи озод яке аз равишҳои возеҳи ҷараёни таҳаввули ҳикояи тоҷикӣ буда, дар таҷрибаи эҷодии Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон ва Абдулҳамид Самад ҷолиби диққат ва далели тозаҷӯиҳои онҳо дар таҳаввули шакл ва сохтори бадеии ҳикояи ин давра аст. Ин ҷараён дар самт ва тарзҳои гуногун амалан ба инкишофи адабиёт, бахусус ҳикоя мусоидат намудааст. Нависандагони ёдшуда ба тақозои талаботи адабиёт ҳамеша дар ҷустуҷӯи роҳҳои такмили шакл ва сохтори бадеии ҳикоя будаанд. Ин тамоюли ҳунарӣ сохтори қолабии жанриро, ки солҳои сол дар шакли муқаррарии композитсионӣ ва дигар аносири сужет устувор гадида буд, то ҷое дигар кард.

Нависандаи рус Ю. Трифонов ин тамоюлро барои инкишофи ҳикоя муфид диниста, аз ҷумла навиштааст: «Исми лотинии «prosus», ки аз он вожаи «наср» берун омадааст, маънии озод, мустақил, рост, мутаҳаррикро дошта, муқобили талаботи шеър аст. Аз қофияву вазн ва ҳама гуна қолабу раҳнамоиҳо озод буд. Вале адабиёт асрҳо дар наср қолиб ва жанрҳои худро барҷо кард. Насри имрӯза-роман, ҳикоя, очерки таърихӣ, таълифоти фалсафӣ, маҷмуи саҳнаҳои тасодуфӣ?- гоҳо инсонро ба бероҳа бурда, имкон медиҳад дунболи маънии қадимии он-озодӣ ва «prosus» баргардем» [133, с.64]. Ин андеша ба яке аз ҳодисаҳои хоси адабиёти имрӯз, аз ҷумла инкишофи шаклӣ ва сохтории ҳикоя ишораи қотеъ дорад.

Дар инкишофи шакли таҳкияи озод ҳамаи жанрҳо иштирок мекунанд, вале дар ин равиш ҳикоя вазифаи хос дорад. Сохти мушаххас, сужети сода ва мундариҷаи муъҷаз доштани ин жанр барои таҷрибаҳои ҳунарӣ имкони васеъ дошта, имкон медиҳад, ки нависанда сужет ва мундариҷаи ҳикояро ғаниву рангин ва сохтори композитсионии онро пурмаънӣ созад. Бинобар ин, ҳикоя нафақат аз ҳисоби тағйироти ҷузъӣ ва гузариш аз як жанр ба

жанри дигар, балки бо амиқ кардани имкониятҳои суннатии дохилии ҳикоя низ ҳудуди жанрии худро васеъ месозад.

Муҳаққиқон усули таҳкияи озодро «мустақилияти дохилӣ»-и асар донистаанд, ки «ба сужет ва ин ё он хости композитсионӣ» тобеъ набуда, ин «озодии тавзеҳи мавод ва равшании забон аст». К. Паустовский чунин хусусияти ин жанрро муайян карда, аз ҷумла навиштааст: «Ин ба маънои дақиқи сухан ҳикояву очерку мақола не. Шеъри мансур ҳам не. Ин сабти андешаҳо, суҳбати одӣ бо дӯстон аст... [173, с.149]. Дар ин замина ҳикояи давраи истиқлол, бахусус ҷустуҷӯҳои эҷодии Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон ва Абдулҳамид Самад тозагиҳое дорад, ки пеш аз ҳама ба диди бадеӣ ва ҳунарии онҳо рабт мегирад.

Вақте ки ҳикояҳои «Бурротар зи теғ», «Ҳикоёт аз таърихи адабиёт», «Хомтамаъ» ва «Гудоз»-и Ӯрун Кӯҳзодро мутолиа мекунем, он чи ки аввал ба чашм мерасад, ин дасткашӣ аз тамомияти сужавии нақли воқеият, гуногунрангии композитсия ва мундариҷаи пурвоқеаи собити сужет мебошад. Ҳикояҳои зикршуда монанди муколамаи лирикии қатънашаванда буда, сухангӯ талош дорад, бештар на маънӣ, балки эҳсоси худро ифода созад ва ба ин васила аксуламали ҳиссию кайфии хонандаро барангезад. Дар ин шакл нависанда имкони мавзуи иловагиро ворид кардан дорад, ба шарте ки бо усули таҳкия ҳамоҳанг бошад. Сужет дар ин гуна ҳикояҳои нависанда ҳамчун «ҷараёни эҳсосот»-и озод ва идоранашаванда пеш меравад.

Дар мисоли ҳикояи Ӯрун Кӯҳзод «Бурротар зи теғ» таваҷҷуҳ мекунем, ки чунин осор чи гуна сохта мешаванд. Ҳикояи ёдшуда чунин оғоз мешавад: «Дар ҷанги саҳрои Зоб, дар тирамоҳи соли 750, Уммавиён аз Аббосиён сахт шикаст хӯрданд. Охирин халифаи Уммавӣ Марвон асир афтод ва ӯро Аббосиён ба ноҳияи Бусир burданд ва дар ҳамон ҷо куштанд» [14, с.221]. Хонанда инкишофи ин маънӣ ё пайванди ботинии воқеаи баъдиро вобаста ба андешаи боло дар идомаи ҳикоя интизор аст. Вале таҳкия бо роҳи дигар пеш меравад. Аз кушта шудани охирин халифаи

Уммавӣ Марвон ба паноҳи замон меравад ва ба нақли сарнавишти Абдулҳамиди котиб ва моҷароҳои ба сари ӯ омада мепардозад. Сипас моҷарои рӯзгори пурфоҷеаи Абдулҳамид ва Абдулло, ки «аз мардуми форс буданд»-у «дар мулки араб мезистанд» ва барои ҳувияти миллӣ сар супурдаанд, нақл мешавад. Аз ҳамин ҷо ин ришта то охири ҳикоя, ки билкул эътирофи лирикию ормонии миллатдӯстиву ватанпарастист, дароз мешавад.

Нависанда дар бораи таносуби мантиқии асар намеандешад, балки имкон медиҳад, ки андеша аз пайи ёдномае, ки дар навбати худ тобеи эҳсоси лирикӣ аст, равад. Сужети ҳикояро на воқеият, балки ҳалқаи образҳои муҳташами нозук ба ҳам овардааст, ки байни ҳам сахт алоқаманданд:

«-Баъде ки Хоразмро забт карданд, Қутайба нависандагону ҳирбадонро аз дами теғ гузаронид. Ҳар чӣ аз навишта, ки дар китобу дафтар доштанд, ба оташ партофту сӯзонд. Аз ҳамон вақт ин тараф хоразмиён омиву бесавод монданд. Ҳар ниёзмандие, ки дар таърих доранд, аз хотира меҷӯянд. Бад ин сабаб ахбори Хоразм пӯшида монд, ки баъди ислом равшан намешавад» [14, с.222]. Ин тарзи нигориш хусусияти хоси аз назари ғоявӣ ба ҳам пайванд кардани образҳоро дар ҳикояҳои индавраинаи Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон ва Абдулҳамиди Самад нишон медиҳад.

Гоҳо ҳассосияти тасодуфии дидану ҳис кардан ҳалқаи мутағайири образҳои диданиро, ки оҳанги эҳсоси қалби нависандаро муҷассам мекунанд, ба ҳам меоварад. Таҷрибаи Сорбон дар ин равиш ҳолати дигарро ба назар менамояд, яъне вуруди унсури лирикӣ ба ҳамоса ё алоқаи наср бо шеъри лирикӣ. Бо вуҷуди ин, дар ин образҳои зебову дилнишин, ки аз пеши назари нозук ва иштиёқманд мегузаранд, метавон майдакориҳои нависандаро дар инъикоси воқеиятҳои зиндагӣ тафовут дод. Дар яке аз ҳикояҳои лирикии Сорбон «Вафодор» зебосозии ҳолатҳои ҳиссӣ ва таҳаммули воқеият образе меофаринад, ки барои маънии бадеии пайванди

инсон ва дунёро муҷассам месозад. Воқеияти маъмулӣ аз пеши назари хонанда мегузарад: фоҷеаи сарнавишти инсоне, ки қурбони нотавонбинӣ ва манфиатхоҳӣ шудааст. Шахсияти лирикӣ фоҷеаеро, ки қотилон ба сараш оварда буданд, дар зеҳнаш як-як бармешуморад. Ҳар чизе ки аз зеҳнаш мегузарад, аламовар ва фоҷиасоз аст:

«-Тур!

Лафзи ноошно омад ба гӯшам. Касе маро аз ин ҷо ҳам ронданӣ буд. Сар бардошта сӯяш нигаристам. Ӯ чун ҳама инсон, ки гоҳи ба саг ҳуҷумовар шудан чунин мекунанд, хам сӯйи замин шуд, то санг гирифта бар ман занад. -Ба ту чӣ бадиам расид?- ба худ гуфтам. Ӯ нашунид. Яқин роҳрав гумон дошт, ки гузар намедиҳам, маро тарсонданӣ шуд. Гӯш чур кардам ва дум ликондам.

Саги хуб будаӣ, ҷонвар, ошноӣ медиҳӣ... » [41, с.403]. Ҳикоя ҳамин тавр поён меёбад.

Шахсияти ҳикоя, ки зан ва асири марди золим аст, зиёни чунин муносибати бераҳмонаро ба инсони бегуноҳ андозагирӣ мекунад. Дар ин вазъият, нақли озоди лирикӣ нафақат шакли бозсозии бадеии майдачӯйдаҳои даруни зан аст, балки шакли дарки муносибати бераҳмонаи воқеият низ ҳаст.

Сорбон дар бисёре аз ҳикояҳояш лиризми муроқиби зебошинохтиро дар муносибати бадеиаш ба воқеият ба кор мегирад. Ин тарзи тасвир дар таҷрибаи нависанда ҳам омили силсилабандии ҳикояҳост, ҳам василаи ба ҳам овардани тасвирҳои гуногун бо риояи ҳаҷми зиндагисозии ҳикояи лирикӣ мебошад.

Ба андешаи Э. А. Шубин «Таассуроти шахсӣ, ки асоси ҳикояи лирикиро ташкил медиҳад, ба сохтори «бисёровоза» иҷозат намедиҳад. Арзёбии муаллиф нисбат ба он чи ки мегузарад ва муносибати муаллиф ба он чи ки тасвир мешавад, нафақат дар ин ё он шакл зоҳир мегардад, балки сужетро низ месозад. Композитсияи ҳикояи «лирикӣ» ҳамеша як нуктаи

гузариш дошта, бо ҳама мураккабиҳо бисёрмантиқиро тақвият мебахшад ва хонандаро ба самти муайян раҳнамоӣ мекунад» [173, с.152].

Ҷаҳони бадеии ҳикояҳои Абдулҳамид Самадро аз ҳамин мавқеъ хонандаи ҳушёру ҳассос мепазирад. Ровӣ дар ин гуна ҳикояҳо нафақат шахсияти марказии амалкунанда аст, балки пайвандкунандаи риштаҳои сужет низ ҳаст, зеро ёддошт дар шакли гуфтугӯи қатънашаванда дар бораи худ сохта шудааст. Тамоми ҷаҳони воқеъ аз рӯи муносибат ба ин марказ нигаронда шуда, андешаву оро ва хулқу хӯйи шахсияти ҳикояро шакл медиҳад. Дар ин ҳол мундариҷаи чунин ҳикояҳои А. Самадро ҳалқаи ошкори воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои ҷолибу таъсиргузор шакли устувор бахшидааст. Аксаран ҳаракати сужет дар ҳикояҳои нависанда аз рӯйи суръати ҳаракат муайян карда мешавад. Маҳалли нав, одамони ношинос, вазъиятҳои ғайриинтизор ва бархӯрдҳои сахти равонӣ - ҳамаи ин муносибати мураккаби ровиро ба вуҷуд оварда, силсилаи воқеиятҳоро ёдовар мешавад, ки гӯйӣ дар хоб аст. Дар ин замина, ҳикояи «Ғамхӯрак» аз бисёр ҷиҳат ҷолиб мебошад:

«Одам не, паранда аст: хурдакак, назарногир, сиёҳак. Худованд ҷисму ҷони ночиз, вале ғаму ташвиши беҳисобаш бахшид. Ва номаш низ гӯё бо худаш омадааст: ғамхӯрак. Не, ба вазни ҷисмаш парандагон зиёданд, лекин ҳарранга: гунҷишк, санговдавак, чилмангуштак, залич, булбул... Аммо хӯву хислат ва тарзи ҳаёти он парандагон ба ғамхӯрак шабоҳате надорад. Онҳо дар шохи гулу бутта ва дарахтон лона гузошта, аз субҳ то шом аз шикори дилхоҳ обу ғизои худ ва чӯҷаҳояшонро ба қавле шоҳона таъмин карда, сармаст аз рангу накҳати шукуфаҳо чаҳ-чаҳ мезананд. Вале ӯ аз рӯзу соате, ки аз тухм баромада чашм ба олами ҳастӣ мекушояд, сахраву сангҳои хурду бузурги соҳил ва рӯди хурӯшонро мебинаду садои мавҷҳоро мешунавад. Дунё барояш танҳо аз ҳифзи об иборат мешавад. Бомдод чун дигар ҳамҷинсон бедор шавад, аз роғи шаху сангпораҳои ҳамшафати рӯд бо наҷвое пурнишот чусту чолок худро ба соҳил афканда, болзанон ба

камари шахҳои соҳил нишаста, бо шӯру шавқ ба ҷараёни об менигарад. Посбонии об мероси азалии ӯст» [34, с.33].

Чунин муносибати зеҳннамо ба воқеияти атроф сохтори композитсионии ҳикояи ёдшударо муайян менамояд, ки ё дар шакли ёддошти ивазшавандаи ба имрӯз пайваста ё ҳалқаи воқеиятҳои мухталифи зиндагии ҳамарӯза тасвир шудааст. Аз ин назар, барои нависанда оҳанг ва вазни дақиқи ҳикоят ва бисёрамалии дохили сужет, ки бо дарки фаъолонаи зиндагӣ ва шинохти худ вобаста аст, муҳим мебошад.

Ровии баъзе ҳикояҳои А. Самад шахси аввал аст. Вале дар сурати ба ҷои «ман» пайдо шудани исми мушаххаси дигар (масалан, дар ҳикояи «Дили бача») усули нақли зеҳнӣ мисли пештара боқӣ мемонад. Қаҳрамони ин ҳикоя ҳамон навъи инсон аст, ки ҳамеша дар ҳикояҳои нависанда дар нақши ровӣ баромад мекунад ва баду неки дунёву одамонро ба хонанда менамояд. Нависанда дар ин қабил ҳикояҳо воқеиятҳоро аз тариқи таассуроти ровӣ- қаҳрамон тасвир ва таъбир мекунад, ки озоду ҳисангез аст. Чунин намуди нақли озоди зеҳнӣ хоси баъзе ҳикояҳои Саттор Турсун, Баҳманёр, Сайфи Раҳимзод, Юнус Юсуфӣ ва дигарон низ мебошад, ки таҳлили он аз имкони мо берун аст.

Асоси ҳама гуна ҳикояро воқеа ташкил медиҳад. Он мумкин аст, бевосита дар маҷрои мундариҷа ё берун аз он сохта шуда, метавонад маънии асосии ҳикояро фаро гирад ва ё ба он мувофиқ набошад. Тақсимбандии анъанавии ҳикоя ба «гиреҳ», «рабт» ва «авҷ» дар сохтори воқеа гузошта шудааст, ки ҳамеша ба чизе асос ёфтааст ё омода карда шудааст. Ҳодисаҳое, ки асоси ҳикояро ташкил медиҳад, нафақат аз рӯйи мундариҷа, балки аз рӯйи нақши сохторсозиашон фарқ карда мешавад. Онҳо дар ҳикоя нафақат дар намуди «ҳодисае аз зиндагӣ», латифа ва навӣ зоҳир мешаванд, балки шакли мураккаб ва ғайритасаввурӣ низ мегиранд. Дақиқ муайян намудани сохтори ҳодисаи марказии ҳикоя маънии ошкор намудани мундариҷаи асар ва дарки маънии асосии онро дорад. Дар

таҷрибаи нависандагони тоҷик, бахусус ҳикояи давраи истиқлол маҳз дар шакли ҳодиса ҳамоса моҳияти худро мекушояд.

Воқеа на ҳама вақт дар ҳикоя дар шакли мундариҷаи асосӣ нақш пайдо мекунад. Насри мундариҷадор имкони васеи сохтории гуногун дорад. Ҷустуҷӯи сохтори нави мундариҷавӣ яке аз роҳҳои муайянест, ки ба воситаи он усули озоди таҳкиявӣ инкишоф меёбад. Мундариҷаи сохтории ҳикоя, пеш аз ҳама, аз рӯйи хусусияти хоси воқеияте, ки ҳунарманд тасвир мекунад, муайян карда мешавад. Ба ин далел, ҷустуҷӯйи шакли нави бозсозии воқеияти ҳамосӣ яке аз роҳҳои инкишофи нақли озод дар ҳикояи муосири тоҷикӣ аст. Вале гуногунии шакли ҳикоя, табиист, ки аз рӯйи сифати фарққунандаи ин ё он ҳодиса муайян карда намешавад, балки ба арзёбии зеҳнии воқеиятҳои зиндагӣ аз ҷониби муаллиф низ вобастагӣ дорад. Бояд қайд кард, ки воқеаи марказӣ, ки асоси ҳикояро ташкил медиҳад, мумкин аст бисёре аз лаҳзаҳои зиндагӣ, санадҳо ва ҳодисаҳоро ба маънои маҳдуди калима дар худ фаро гирад.

Дар зиндагӣ воқеиятҳо аз ҳам ҷудо нестанд. Онҳо бо ҳам пайванд ва муносибатҳои гуногуни тулонӣ доранд. Роман аз ҷумлаи жанрҳоест, ки дар инъикоси пурраи воқеиятҳо ва хӯю хислати инсонҳо дар паҳнои вусъатноки зиндагӣ ва ҳодисаҳои гуногуни ҷараёни ҳаёт нақши асосӣ дошта бошад. Воқеияти ҳамосии марказии роман аз ин ҷиҳат пурғунҷоиш аст, вале барои жанри ҳикоя низ чунин душворӣ бегонагӣ надорад. Барои мисол ҳикояи А. Самад «Ёр дар бари ёр»-ро аз назар мегузаронем. Нақли ровӣ моро бо сарнавишти ибратангез ва пурфоҷеаи қаҳрамони ҳикоя ошно месозад. Хидматҳои содиқона ва қаҳрамонона барои ободии ватану осудагии сокинонаш дар ниҳояти кор шахсияти аслии ҳикояро наҷот дода наметавонад. Ӯ гирифтори туҳмат, хусумат ва ғараз гардида, аз вазифа ронда ва бадном мешавад. Вале ин ҳама андуху озор дар ниҳояти кор руҳи ӯро шикаста наметавонад. Омилҳои зиндадори ӯро низ нависанда шиносоӣ мекунад.

Ҳикоя хеле дер, баъди солҳои даргузашти қаҳрамон навишта шудааст. Вале андуҳи фоҷиабори шикастани шахсиятҳо дар ҳикоя куҳна несту куҳна намешавад. Бозсозии воқеияти сарнавишти қаҳрамон хусусияти хоси композитсия ва шакли озоди ҳикояро муайян менамояд. Вусъати ҳамосии воқеият нависандаро водоштааст, ки аз баъзе шаклҳои анъанавии сохтории сужет даст кашад. Сужети ҳикоя яклухт ва ҷомеъ аст. Чизеро ба он афзудан ё хориҷ кардан намешавад. Ҳар лаҳзаи сужет аломати замон ва маконро дар худ ҷой дода, лаҳзаҳои муҳимми сарнавишти қаҳрамонро дар худ ғунҷондааст.

Хислати шахсияти асосӣ (Турсун Ӯлҷабоев) дар ҳикоя нақши равшани композитсионӣ дорад. Дарки муносибати атрофиён-онҳое, ки замоне пеши пойи шахсияти ҳикоя саҷда мекарданд ё ба ӯву корномааш самимияти инсонӣ доштанд, фоҷеаи ахлоқии ҷомеаеро менамояд, ки бунёди адолат дар он коста шудааст. Нависанда дар бораи шахсияти аслии ҳикоя ҳарфи зиёд намезанад. Вале воқеиятҳо чеҳраи ӯро возеҳ менамояд. Муаллифро дар ин ҳол нафақат тасвири ҳаматарафаи сарнавишт ва хӯю хислати қаҳрамон гирифтор доштааст, балки масъалаи кушодани чашми мардум барои шинохти ҳақиқат бештар ранҷ додааст, ки муваффақ ҳам шудааст. Симои шахсияти аслии ҳикоя маҳаки хосест, ки ҷузъҳои сужетро ба ҳам пайванд карда, сохтори композитсионии ривоятро шакл медиҳад.

Ҳодисаи ҳамосии марказии ҳикоя аз маҷмуи воқеиятҳои тасвиршуда пурғунҷоиштар буда, бевосита дар нақли нависанда инъикос шудааст. Ин ҳикоя ба хонандае нигаронида шудааст, ки моҳияти сарнавишти қурбониёни низоми худкома ва дарду ранҷи наслҳои озорхӯрдаро намедонанд ё донанд ҳам, арзёбӣ карда наметавонанд. Нависанда тавонистааст, ки бо ёрии ҷузъиёти сарнавишти қаҳрамон фоҷиаи зиндагии ӯро ба шакли бадеӣ хеле таъсиргузор муҷассам созад. А. Самад чизи муҳимро барои ҳикоя дарёфта, дар мисоли қисмати хусусии шахсияти қурбоншуда муносибатҳои одамони гуногунро, ки ҳадафҳои шахсиро дунбол мекарданд, нишон дода тавонистааст.

Таҳаввули шакли таҳкияи озод дар ҳикоя сохтори онро низ тавсеа бахшида, боиси ба вуҷуд омадани намудҳои нави ин жанр дар эҷодиёти баъзе нависандагон гардид. Масалан, Ӯрун Кӯҳзод дар ин замина ба эҷоди силсилаҳикояҳо майл дорад, ки намунаи он силсилаи «Ҳикоёт аз таърихи адабиёт» мебошад. Ин силсила аз ёздаҳ ҳикояи хурд иборат буда, мавзуи ягона дорад. Вале ҳар ҳикоя масъалаеро ба таври алоҳида ба муҳокима кашидааст. Чунончи, дар ҳикояи «Рӯзбеҳ» нависанда ҷузъе аз сарнавишти воқеӣ ва таърихии қаҳрамони таърих Рӯзбеҳро дар асоси санадҳои таърихӣ бо камоли ҳунар муҷассам сохтаст. Пешнамунаи ин образ ибни Муқаффаъ аст, ки низ нависанда дар матни ҳикоя аз ӯ ёд мекунад. Ҳамин тариқ, ҳикояҳои дигари ин силсила- «Намакзада», «Меҳтарӣ», «Ҷаҳон бишунуфт», «Хунбаҳо» ва ғайра ҳар кадоме як лаҳзаи таърихро пеши чашми хонанда зинда месозанд, ки арзиши ахлоқиву маънавӣ доранд.

Дигар аз навъи ҳикоя, ки имрӯз дар адабиёти мо инкишоф ёфтааст, ҳикояи хурд мебошад. Намунаҳои беҳтарини ин гуна ҳикояро мо дар эҷодиёти Сорбон, Баҳманёр, Юнус Юсуфӣ ва дигарон дучор мешавем. Ин навъи ҳикоя сохтмоне монанд ба ҳикояи маъмулӣ дорад, вале хеле кӯтоҳ буда, дар бораи шахс ё ҳодисаи истиқлолёфта маълумот медиҳад. Бунёди ин гуна ҳикояҳо бар пайванди ҳалқаҳои воқеӣ ва гоҳе тасодуфӣ устувор буда, наметавон онҳоро ба қатори ҳикояҳои латифавор дохил кард. Чунки хондани ҳикояҳои латифавор ба як бор хуб аст, дар хондани такрорӣ тозагии худро аз даст медиҳад. Илова ба ин, дар ин гуна ҳикояҳо ҳодисаи иттифоқӣ ва нодир мавриди тасвир қарор гирифта, тарҳи маҳкам ва устувор надоранд ва паёмеро низ таблиғ намекунанд. Нависанда натиҷагириро низ ба ихтиёри хонанда мегузорад, то дарёбад, ки муаллиф чӣ мегӯяд.

Нишонаҳои жанрии ин гуна ҳикояҳоро муносибат ба воқеият, усули тасвир, шеваи баён, ташреҳ, сохтори ҳикоя, яъне таркиби банду баст, нақши амал, қаҳрамон, шахсият, вазъи тасвиршуда, оҳанги гуфтор ва ҳунари тасвиргарӣ муайян мекунад.

Чунон ки маълум аст, ин тарзи ҳикоянависӣ дар адабиёти мо собиқаи ғанӣ дорад. Дар замина ҳикояҳои хурди Сорбон хусусияти хоси жанриву сохторӣ дошта, онро наметавон бо навиштаҳои Авфӣ, Саноӣ, Саъдӣ ва дигарон ҳамсон шинохт, ҳарчанд қаробати онҳоро низ наметавон инкор кард.

Ҳикояҳои хурди Сорбон суханони зерини Ҷалол Мирсодиқиро ба ёд меорад, ки гуфта: «мағзи як нависанда ҳамчун хоке аст, ки мавзуъ мисли донае дар он менишинад ва дар тахйаюли ӯ ҷавона мезанад. Нависанда аз равиши мудовими донаҳо дар зеҳнаш ба ҳаяҷон меояд, равише, ки аз хотираҳо ва дар замири нохудогоҳи ӯ ҷунбиш ва ҷӯшише бармеангезад, аз софии зеҳни ӯ мегузарад ва дар охир шакли табиӣ ва воқеии худро пайдо мекунад» [113, с.94].

Ба ин далел, ҳикояҳои хурди нависанда маҳсули таъсироти зеҳнии муаллиф буда, дар шакли худ бозофаринии ҳунарии воқеиятҳои зиндагӣ буда, Сорбон аз ҳамин раҳгузар мавзуъҳои одӣ ва содаро барои ин намуди ҳикояҳо интихоб кардааст, ки арзиши иҷтимоӣ ва ахлоқӣ доранд. Масалан, нависанда дар ҳикояҳои хурди «Картошкадузд», «Чӣ фарқ дорад?» ва «Даҳана» мавзуи дуздӣ ва фиреби ҳамдигарро дар мисоли тасвири рафтору кирдори Саққо ва Номвар ба миён кашидааст. Дар ҳар се ҳикоя гуфтугӯи шахсиятҳо хулқу хӯйи онҳоро ба хонанда менамояд. Дар ҳикояи «Чӣ фарқ дорад?» нишонии замини худро гум карда, суперфосфатро ба замини рафиқаш пошидани шахсияти ҳикоя тасвир шудааст. Маънии таҳтонии гуфтугӯи ҳар ду шахсият хислати онҳоро, ки рабудани моли кас аст, тавзеҳ медиҳад.

Сорбон хеле зиёд ин навъ ҳикоя навиштааст, вале ҳамаи онҳо як хел арзиш надоранд. Дар миёни ҳикояҳои латифавори Сорбон навъи хосе аст, ки шаклаш такомулёфта буда, хислатҳо ва хусусиятҳои дерпой ва амиқи инсониро муҷассам кардаанд. Ин навъи ҳикояҳои ӯ ба ҳикояҳои Убайди Зоконӣ монанд буда, бештар аз хислати ом суҳбат мекунанд. Масалан, Сорбон дар ҳикояи зер («Ҷазза») хислати баднафсии шахсро тасвир

кардааст, ки то дунё ҳаст, хислати оми мазкур дар инсон тағйир накунад ва чунин ҳикояе низ маъно ва корбурди худро маҳфуз дорад:

«Падар дунба реза карда дар дег андохт ва писарро фармуд:

«Ҳушёр бош, ки ҷазза насӯзад!»

Саққо пайдо шуд ва даст ба деги тафсон зада ҷазза бардошт. Ва дона-дона ба даҳон андохта бепарво хӯрда мерафт.

Писарак ҳайрон монд: «Чӣ хел дасту даҳонаш намесӯзад?» Ба худ омад ҷониби падар тохт: «Додо! Додо!»

-Ҳа! Ҷазза дуд кард?!

-Не! Амаки Саққо хӯрд!

-Саққо гӯшт хомохом мехӯраду ҷаззаи бомаззаро мемонад?!» [44, с.155-156].

Дар ин равиш Сорбон ҳикояҳое низ дорад, ки бофта набуда, хусусияти ёддоштӣ доранд. Воқеаҳо ва амалу кирдори шахсиятҳоро нависанда аз ёдномаи худаш ё шахсони воқеӣ бо зикри номи аслиашон нақл ва тасвир мекунад. Ин гуна ҳикоя дар адабиёти мо собиқа дорад. Масалан, ҳикояи Толис «Имтиҳони аввалин» ҳамин гуна ҳикоя буда, ҳамчунон ки Ҷ. Бақозода собит кардааст, «Нависанда бо тасвири як лаҳзаи зиндагии Ҳайдар Усмонов ва ҷамъбастҳои бадеӣ характери томи як марди инқилобиро офаридааст» [71, с.184]. Ҳикояи А. Самад «Ёр дар бари ёр» низ «ҳикояи хоси навъи ёддоштии воқеӣ (невыдуманный)» [69, с.138] буда, сохтори хоси жанрӣ ва бадеӣ дорад.

Сорбон дар эҷоди ин гуна ҳикоя равиши хосро пеш гирифта, аксаран худаш ҳамчун шоҳид «дида ва шунидаҳояш»-ро нақл мекунад, ки дар таъйиди воқеӣ будани онҳост. Ҳамчунин дар ҳикоя номи аслии шахсият низ зикр мешавад, ки муносибати хоси муаллифро ба ин тарзи ҳикоянависӣ нишон медиҳад. Масалан, ҳикояи «Айби дандони фитода» бо ҳамин усул навишта шуда, асоси сужети онро ёддоштҳои афсари ҳарбӣ, ҳамнишини нависанда Мастони Шариф ташкил медиҳад.

Дар эҷоди ҳикояи хурд Баҳманёр равиши хосро пеш гирифта, намуди хоси ин жанрро ба майдон овардааст. Ин навъ ҳикояҳои Баҳманёр сохтори хос ва қавии жанрӣ дошта, бо фарогирии воқеиятҳои муъҷаз ва ироаи бадеии онҳо дар насри тоҷикӣ чизи наванд ва ба таҳқиқу арзёбии ҷудогона ниёз доранд. Муаллиф зери ин гуна ҳикояҳо гоҳо дар қавсайн (сарвояк-муаммо) навиштааст, ки низ ба жанри хос будани онҳо далолат мекунад. Дар замина ин навъ ҳикояҳои ӯ «Саг ва қассоб», «Во аҷаб», «Болиш», «Зани муаллим Озар», «Қазовати асп», «Саг» ва ғайра бо сужети муъҷаз, вале фарохмаънӣ ва ҳадафҳои ҳунарӣ аз ҳамин навъ ҳикояҳои нависандагони тоҷик комилан фарқ доранд. Тарзи ироаи сужети ин навъ ҳикояҳои Баҳманёр мисли қиссапардозиҳои Шаҳрзод аз «Ҳазору як шаб» буда, бо васфҳои дақиқ, дилангез ва қазоватҳои мулоиму ҳаводисе, ки дар ҳикоя меояд, бикру ҳушмандона буда, нукоту усули ахлоқиро ҳунармандона боз менамояд ва мутараққиву пешрафта аст. Суоли Баҳманёр дар поёни ин гуна ҳикояҳо ба хонанда («-Ман чизе нафаҳмидам,-гуфт дар охир қассоб,-шумо фаҳмидед? Ман фаҳмида будам, хонанда чӣ?») ҳамон пурсишеро ба ёд меоварад, ки Шаҳрзод барои зинда монданаш дар зеҳни шоҳзода бедор мекард: яъне баъд чӣ хоҳад шуд? Яроқи Шаҳрзод интизор доштани шоҳзода барои зинда мондани худаш. Ин силоҳи адабӣ буд, ки дар «Ҳазору як шаб» бар мустабидону ваҳшиён коргар буду онро нависандаи гумном сохта буд. Баҳманёр низ дар ин гуна ҳикояҳояш ҳамин гуна силоҳро ба ихтиёри хонанда мегузорад, вале ҳадафаш нобудии касе ё чизе нест, балки ба андеша, тааммуқ ва ояндабинӣ раҳнамоӣ кардани хонанда аст.

Бо он чи ки доир ба таҳаввулоти жанрӣ ва сохтории ҳикояи давраи истиқлол мо дар ин бахш гуфтем, даъвои он надорем, ки ҳамаи масоили марбут ба ин мавзуъ ҳал шуда бошад. Дар қолаби ин таҳқиқот омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи ин мушкилоти жанрӣ ғайриимкон аст. Вале кори анҷомшуда моро ба ин натиҷа расонд, ки жанри ҳикоя дар давраи мавриди назар таҳаввули хос ёфта, сохтори жанрии он низ такмил ёфтааст. Дар ин

равиш пайдо шудани шаклҳои нави жанри ҳикоя низ ҳодисаи табиӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳаввулоти жанрӣ ва сохтории ҳикоя, пеш аз ҳама, пойбанди ҷанбаи бадеӣ ва ҳунарии ин жанр буда, бозгӯи ҷустуҷӯҳои эҷодии нависандагоне мисли Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Ҷонибек Акобир, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Раҳим, Юнус Юсуфӣ, Анвар Олим ва дигарон мебошад. Ин нависандагон бо эҷоди тарзи нав ва озодонаи таҳкияи сужет, шаклҳои нави жанрӣ ва усули хоси корбасти ҳунармандонаи воқеиятҳои зиндагиву сарнавишти инсонҳо жанри ҳикояро таҳаввул бахшида, мавқеи онро дар насри тоҷикӣ устувор сохтанд.

Усули таҳкияи озод дар ҳикояи имрӯз омиле гардид, ки шакли ёддоштии воқеии ин жанр дар адабиёт мавқеъ гирифта, барои пайдоиш ва ташаккули шаклҳои нави ин жанр, аз ҷумла силсилаҳикояҳо ва ҳикояи хурд заминаи ҳунариро фароҳам овард. Омили аслии таҳаввулоти шаклӣ ва сохтории ҳикояи давраи истиқлол, аввалан шароити мусоиди иҷтимоиву фарҳангӣ, сониян қареҳа, диди тозаи маърифатӣ ва ҳунарии нависандагон мебошад, ки ба ҷустуҷӯҳои шаклҳои нави жанрӣ, дигаргунии сохтори бадеии ҳикоя ва усули тозаи таҳкия мусоидат намудааст.

# ХУЛОСА

Таҳқиқ ва таҳлиле, ки доир ба таърих ва заминаҳои пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули жанри ҳикояи давраи истиқлол ва равишҳои ҳунарии он анҷом гирифт, моро ба хулосаҳои зер овард:

1. Дар ҷараёни пайдоиш, шаклгирӣ ва таҳаввули жанриву сохтории ҳикояи муосири тоҷикӣ омилҳои таърихӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва адабию фарҳангӣ нақши асосӣ дошта, дар давоми солҳо қонуниятҳои инкишофи онро муайян намудаанд. Нахустин ҳикояҳои муосири тоҷикӣ зери таъсири ҷараёни воқеъгароии сотсиалистӣ ва идеологияи ҳокими замони шуравӣ дар солҳои бисту сӣ эҷод шуда, бо хусусияти сиёсатгароӣ, воқеъгароӣ ва иҷтимоъгароии маҳз фарқ мекарданд. Ҳикояҳои устод Айнӣ, Пайрав, Мунзим, Деҳотӣ, Б. Азизӣ, М. Абдулғанӣ, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Алӣ Хуш, Ҳаким Карим ва дигарон ифодагари мухтассоти жанриву сохтории ҳикояи ин марҳила мебошанд. Марҳилаҳои баъдии инкишофи ин жанр ба солҳои панҷоҳу шаст, ҳафтоду ҳаштод ва наваду давраи истиқлолияти кишвар рост омада, равиши хоси шакливу сохтории худро дорад, ки ҳикояҳои Толис, Ф. Муҳаммадиев, М. Хоҷаев, Ю. Акобиров, Ҷ. Одина, Кӯҳзод, Сорбон, Б. Фирӯз, С.Турсун, А. Самад, Ҷ. Акобир, Баҳманёр, С.Раҳимзод ва дигарон ифодагари он аст.

2. Ҳикояи тоҷикӣ зери таъсири раҳбарии бевоситаи идеологияи ҳизбӣ ва давлати шуравӣ шакл гирифта, воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоиву ахлоқии ҷомеаи сотсиалистиро ба манфиати идеологияи ҳоким инъикос мекард. Сиёсати расмӣ адабиёти бадеиро ҳамчун аслиҳаи идеологӣ дар мубориза барои сохтмони ҳаёти нав истифода ва қадр менамуд. Аз ин назар, табиист, ки аксари ҳикояҳои дар ин давра эҷодшуда моҳияти равшангарӣ дошта, робитаи ҷомеа ва афродро ба манфиати сохти сиёсӣ тавзеҳ мекард. Ҳикояи устод Айнӣ «Моҳрӯй» аз аввалин намунаҳои ин навъи ҳикоя буд. Ин равиш минбаъд дар зери таъсири ҷараёни «синтез»-и воқеиятҳо бо сарнавишти инсонҳо ташаккул ёфта, маънидоди рӯйдодҳои иҷтимоии харобиоварро меҳвари аслии диди бадеии нависандаи ҳикоянавис қарор дода буд. Тамоюли воқеъгароии сирф омили ривоҷ ёфтани

ҳикояи очеркмонанд гардид, ки боиси коҳиш ёфтани ҷанбаи ҳунарии ҳикоя гардид. Ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ «Сухан ба ман» ва Ҳ. Карим «Латиф Қутил» намунаи чунин ҳикояҳо буда, нақли зоҳири воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар онҳо имтиёз дошт.

3. Аз нимаи дувуми солҳои панҷоҳ сар карда, таваҷҷуҳи нависандагони ҳикоянавис ба инъикоси паҳлуҳои воқеии муносибатҳо ва амалу кирдори инсонӣ ва мушкилоти иҷтимоиву ахлоқӣ тадриҷан меафзояд. Дар ҳикояи тоҷикӣ таҳқиқи бадеии психологӣ нуфуз пайдо карда, Толис ва Ф. Муҳаммадиев заминаи ҳунариро барои инкишофи минбаъдаи ҳикоя муҳайё менамоянд, ки зери таъсири он дар марҳилаҳои баъдӣ кашфи ҳақиқати бадеӣ, биниши моҳиятҷӯи иҷтимоиву ахлоқӣ, фалсафӣ, шахсиятпардозии воқеъбинона ва тасвири бадеӣ маҳаки асосии шинохти ҳикоя қарор мегирад. Ҳикояҳои Толис, Ф. Муҳаммадиев, Кӯҳзод, Сорбон, С.Турсун, А. Самад, К. Мирзо, Баҳманёр, С.Раҳимзод ва дигарон бозгӯи имтиёзоти ҳунарии ҳикояи ин давраанд. Ҳикояи ин давра бо тасвири пурвусъат ва рангини воқеиятҳо ва сарнавишти пуртазоди инсон масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқиро инъикос карда, ҳамзамон ҷаҳони мураккаби муносибатҳо ва сарнавиштҳоро бо тасвири комил ва мутаносиб муҷассам сохтааст.

4. Охири солҳои навадуми садаи гузашта ва давраи истиқлолияти кишвар марҳилаи тозаи ташаккул ва таҳаввули ҳикояи муосир буда, андешапарварӣ, ҳадафи ислоҳотхоҳона ва ҳунари тасвиргарӣ аз имтиёзоти ин жанр дар замони истиқлолият аст. Дар ҳикояи ин давра ахлоқи иҷтимоӣ ва маънавии меросӣ маҳаки диду водид қарор гирифта, тарзи тасвир низ ба андозаи қобили мулоҳиза таҳаввул пайдо мекунад. Шакли рамзиву шартӣ ва афсонавию устураӣ василаи баёни андеша ва тасвири бадеӣ аз мухтассоти ин жанр шинохта мешавад. Дар ҳикоя фарогирӣ ва бозофаринии розу ниёзи милливу инсонӣ, ки заминагузораш истиқлолияти кишвар аст, нуфуз пайдо карда, омили тақвиятёбии мундариҷа ва камоли ҳунарии ҳикоя мегардад.

5. Қонуниятҳои сохтории жанри ҳикояро дар ҳамаи марҳилаҳо тарзи воқеъгароии тасвир муайян мекард. Дар ин равиш ҳикояи маътуф (мансуб) ба

ҷомеа ва маътуф (мансуб) ба шахс ташаккул ва таҳаввул пайдо карда, воқеиятҳои дақиқи ҳаёти ҷомеа ва шахсҳоро муҷассам намуд. Ин намуди ҳикоя дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи ин жанр мавқеъ ва хусусияти хос дорад. Ҳамчун намунаи ҳикояи маътуф ба ҷомеа метавон аз ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ «Сухан ба ман» ва Ҳ. Карим «Латиф Қутил» ёд кард, ки сужети онҳо асоси ҳаётӣ доранд. Ҳикояи Толис «Студентҳо» намунаи ҳикояи маътуф ба шахс буда, дар падид овардани ҳолати равонии шахсият аз аввалин қадамҳост.

6. Таъсирпазирии огоҳона аз суннатҳои пешинаи ҳикоянависӣ, таҳаввули дидгоҳҳои назарӣ ва амалӣ нисбат ба сохтори мундариҷавию бадеии ин жанр, канорагирӣ аз таҷрибаи фармоишӣ ва таблиғӣ, таваҷҷуҳ ба мафҳум ва моҳияти шахсият ба ҷои арзишҳои умумӣ, ҷустуҷӯ дар аъмоқи зеҳн ва хотироти инсонҳо, таваҷҷуҳ ба тағйироти ҳаёти ҷомеа ва амалу кирдори инсон, ки ба шинохт ва арзёбии бадеии муқаддасоти миллӣ ва инсонӣ рабт мегирад, равиши асосии инкишофи ҳикояро дар давраи сонӣ муайян ва мушаххас месозад. Дар ин давра дидгоҳи назарӣ ва амалии нависандагони ҳикоянавис нисбат ба сохт ва ҳадафҳои ҳунарии ин жанр таҳаввул пайдо карда, ба ҷои арзишҳои умумии иҷтимоиву сиёсӣ арзишҳои шахсӣ, инсонӣ, миллӣ ва умумиинсонӣ дар ҳикоя мавқеи устувор пайдо мекунад. Вобаста ба тағйироти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ғояҳои милливу инсонӣ ва паҳлуҳои гуногуни он равиши хоси мавзуии ҳикоя қарор гирифта, нависандагони ҳунарманд маънии амиқи таҳкияи ҳодисаҳои рӯзмарраи зиндагиро ба василаи афъол, аъмол, амалу кирдор ва муносибатҳои инсонӣ тасвир ва таъбир карданд, ки аз мухтассоти ҷустуҷӯҳои бадеӣ дар ҳикояи ин давра аст.

7. Махсусиятҳои инъикоси бадеии масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар ҳикояи замони истиқлол, пеш аз ҳама, тасвир ва таъбири фикру андеша ва муҳокимаю мунозира ташкил карда, таҳлили бадеии иҷтимоӣ ва маънидоди сабабҳои иҷтимоиву ахлоқии рӯйдодҳо ва феълу хӯйи шахсиятҳо меъёри диди ҳунарии нависандагон дар ҳикоя аст. Тааммуқи амиқ сари мушкилоти иҷтимоиву ахлоқӣ равиши асосии инкишофи ҳикояи ин давраро муайян карда, ин тамоюли ҳунарӣ ҷойи ҳикояи тафсириву тавзеҳиро дар насри тоҷикӣ танг

намуда, заминаи воқеиро барои ташаккули ҳикояи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ фароҳам овард. Моҳияти ҷустуҷӯҳои нависандагонро дар ин замина эҷоди ҳикояи масъалагузори иҷтимоиву ахлоқӣ муайян мекунад, ки ҳикояҳои Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, К. Мирзоев, Баҳманёр, Сайф Раҳимзод ва дигарон намунаи он аст.

8. Ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва шеваи нигориши нависандагон яке аз мушаххасоти ҳикояи ин давра буда, ба нигориш ва идроки бадеии фардии ҳар нависандаи ҳикоянавис алоқаманд аст. Тасвири воқеиятҳои зиндагӣ ва сарнавишти инсонҳо, аъмолу кирдори шахсият баёнгари фардияти ҳунарӣ ва идроки бадеии нависанда буда, чеҳраи ҳунарии ӯро муҷассам месозад. Тааммуқ дар боби шахсияти инсонӣ ва миллӣ хусусияти хоси тафаккури бадеии нависандаро дар шинохт ва арзёбии воқеиятҳову сарнавиштҳо ва хӯю хислати онҳо мушаххас менамояд. Нависандагони ҳикоянавис тавонистаанд, ки бо ин усул аз як амал ва кирдори мушаххаси инсон, аз сухан ва андеша, умқ ва зербинои ормони шахсиятро дарк ва моҳияти иҷтимоӣ ва ахлоқии ҳузури ӯро дар ҷомеаи миллӣ равшан созанд. Чунин тарзи шахсиятпардозӣ шеваи хоси ҳунарии Кӯҳзод, Сорбон, А. Самад, К. Мирзоев ва дигарон мебошад.

9. Ҳикояи замони истиқлол баёнгари сабки хоси нависандаи ҳикоянавис низ ҳаст. Ҳар нависанда шеваи калом ва лаҳни сухани худро дошта, ин омил чеҳраи ҳунарии ӯро шакл медиҳад. Дар марҳилаи аввали инкишофи ҳикояи тоҷикӣ сабки воқеъгаро ва предметӣ дар эҷоди ҳикоя нуфузи хос дошта, то ҷое боиси коста шудани ҷанбаи ҳунарии ҳикоя шудааст. Вале минбаъд равиши сар фурӯ бурдан ба умқи воқеиятҳо ва сарнавишти инсон яке аз омилҳои таъсиргузори пуртасвир шудани ҳикоя гардид, ки ба сабки нависандагон низ таъсири муфид гузошт.

10. Таҳаввули шаклӣ ва сохтории ҳикояи ин давраро тарзи инъикоси воқеиятҳо ва амалу кирдори шахсиятҳо мушаххас месозад. Омили асосии таҳаввулоти шаклӣ ва сохтории ҳикоя, аввалан, вазъи пешрафти иҷтимоиву фарҳангӣ, сониян, қареҳаю диди тозаи маърифатӣ ва ҳунарии нигоранда мебошад. Ин дигаргунӣ ба ҷустуҷӯҳои шаклҳои нави жанрӣ, тағйирот дар

сохтори бадеии ҳикоя ва усули тозаи таҳкия боис шуд. Шакл ва сохтори бадеии ҳикояи ин давра пойбанди ҷанбаи бадеӣ ва ҳунарӣ буда, тарзи нав ва озоди таҳкия василаи такмили сохт, шакли нави жанрӣ ва усули хоси тасвир аз мухтассоти он аст. Усули таҳкияи озод дар ҳикоя василае будааст, ки дар шакли ёддоштии ин жанр имтиёз пайдо карда, заминаро барои пайдоиш ва ташаккули шаклҳои нав, аз ҷумла силсилаҳикояҳо ва ҳикояи хурд фароҳам овардааст.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Раванди зуҳур ва ташаккули анвои жанрии ҳикояи реалистӣ дар насри тоҷикии садаи XX аз ҷумлаи масоили муҳим, серпаҳлу ва камтаҳқиқшудаи насри муосир ба ҳисоб меравад. Ҳар як марҳилаи инкишофи ин навъи фаъоли наср дорои омилҳои муҳимми иҷтимоӣ ва адабию фарҳангӣ мебошад ва таҳқику омӯзиши ҳаматарафа ва маҷмуии он дар оянда бояд идома ёбад. Натоиҷи таҳқиқотҳои мазкур барои ба вуҷуд овардани таърихи воқеӣ ва илмии инкишофи насри тоҷикии садаи XX заминаи муътамад фароҳам хоҳад овард.

2. Масоили дигари мавриди андеша, ки дар заминаи ин қабил таҳқиқотҳои фарогир метавон баррасӣ намуд, проблемаи адабиёти аҳди шуравӣ ва хоса, насри бадеӣ ба равандҳои сиёсиву мафкуравии ҷомеа мебошад. Ин омил дар адабиёти тоҷикии садаи XX равшан ба мушоҳида мерасад, ки он аз равандҳои адабии замон вобастагӣ надошт. Бидуни шубҳа, дар замони мо, ки арзишҳои адабии даврони шуравӣ ба таври илмию воқеӣ бознигарӣ мешавад, масъалаи номбурда аз ҳар ҷиҳат мубрамият касб менамояд.

3. Солҳои шастуми садаи XX дар наср, аз ҷумла дар жанри ҳикояи тоҷикӣ навгароиҳои назарраси илмию ҳунарӣ ба зуҳур омад. Пешгомони ин тамоил П. Толис ва Ф. Муҳаммадиев буданд, ки онҳо барои таҷдиди зарфиятҳои шаклию мазмунии ҳикоя ва умуман, насри тоҷикии садаи XX хизмати шоиста карданд. Аз ин рӯ, шинохти илмию воқеии ин раванд, ошкор намудани қонунмандиҳои таҳаввули наср дар солҳои 60-70-уми садаи XX аз ҳар ҷиҳат муҳим мебошад. Натоиҷи дар ин самт бадастомадаи таҳқиқотҳои мазкур имкон медиҳад, ки масъалаи таҳаввули наср ба таври амиқтар ва фарогиртар омӯхта шавад.

4. Бояд гуфт, ки марҳилаи дигари инкишофи ҳикояи тоҷикӣ аз солҳои навади садаи XX оғоз мегардад. Дар ин давра, дар баробари идома ёфтани суннатҳои адабии мактаби эҷодии Ф. Муҳаммадиев дар эҷодиёти Кӯҳзод,

Сорбон, А. Самад, С.Турсун, К. Мирзоев ва дигарон, тамоилҳои дигаре зуҳур намуд, ки он ба эҷодиёти насли дигари нависандагон, мисли Баҳманёр, С.Раҳим, Ҷ. Акобир, М. Солеҳ, М. Аҳмадова, Сардор ва дигарон алоқаманд аст. Бояд гуфт, ки саҳму нақши ҳар яки ин адибон дар инкишофи насри муосири тоҷикӣ қобили мулоҳиза ва омӯзиши амиқтар мебошад.

5. Масъалаи дигари қобили мулоҳиза, ки дар таҳқиқоти мазкур мавриди омӯзиш қарор дошт, ин қонунмандиҳои адабию ҳунарии таҳаввули жанри ҳикоя дар марҳилаҳои мухталифи инкишофи насри муосири тоҷикӣ буд. Натоиҷи ин таҳқиқот имкон медиҳад, ки дар оянда вижагиҳои хоси жанрӣ ва сабкии ҳикояи муосири тоҷикӣ фарогиртар ва мушаххастар ба таҳқиқ гирифта шавад.

6. Бояд гуфт, ки таҳаввули ҳикояи тоҷикӣ дар ҷойи холӣ ва бидуни заминаҳои адабию ҳунарӣ ба амал наомадааст. Дар ин раванд нақши робитаҳои адабӣ, таъсирпазирии эҷодию ҳунарӣ ва омилҳои шаклию мазмунии насрро набояд фаромӯш кард. Омӯзиши ин паҳлуҳои мавзуи мазкурро бояд идома дод, то ки моҳияти асосии ҷустуҷӯҳои нависандагони тоҷик дар ин самт ба пуррагӣ ошкор ва шинохта шавад.

7. Ҷанбаҳои мазмунии ҳикояи давраи истиқлол аз омилҳои асосии инкишофи он маҳсуб меёбад. Натоиҷи таҳқиқоти мазкур дар ин самт метавонад барои таъйин намудани омилҳои иҷтимоӣ ва замонӣ дар инкишофи адабиёт кумак намояд.

8. Масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ аз мавзуъҳои суннатии анвои ҳикояи тоҷикӣ маҳсуб меёбад, ки он дар замони мавриди назари муҳаққиқ ҷилваю тобишҳои хос пайдо намудааст. Бардоштҳои муҳаққиқӣ дар ин самт барои омӯзиши фарогиртари омилҳои мазмунӣ ва ғоявии насри муосири тоҷикӣ роҳ мекушояд. Махсусан, ҳангоми таҳияи таҳқиқотҳои бунёдӣ дар самти омӯзиши марҳилаҳои гуногуни инкишофи адабиёти муосири тоҷикӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

9. Таҳаввули анвои жанрӣ ва сабкҳои ҳикоянависии давраи истиқлол, аз ҷумлаи масоили муҳим ва асосии мавриди баҳс дар диссертатсия ба ҳисоб меравад. Чунки ҳикояи тоҷикӣ дар давраи мавриди назар на танҳо аз лиҳози мазмуну муҳтаво, балки аз лиҳози шакл ва сабк ҳам дучори таҳаввулоти чашмрас гардид. Аз ин лиҳоз, натоиҷи илмии таҳқиқоти мазкур метавонад дар омӯзиши эҷодиёти нависандагони ҷудогона ва дар мушаххас намудани нақшу саҳми онҳо дар инкишофи жанри ҳикоя муфид бошад.

10. Омӯзиши тамоилҳои инкишофи ҳикояи давраи истиқлол имкон медиҳад, ки қонунмандиҳои таҳаввулу таҷаддуди насри муосир, рангорангии шаклию мазмунии анвои он, равияҳои эҷодии наср ба таври илмӣ ва мушаххас муайян карда шавад, ки он барои инкишофи минбаъдаи ҳикояи тоҷикӣ аз аҳамият холӣ нест.

# РЎЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо:

[1]. Акобир, Ҷ. Қаламҳои кӯҳистонӣ [Матн]: қиссаҳо, ҳикоя, очерк ва мақолаҳо / Ҷ. Акобир. – Душанбе: Адиб, 2012. – 400 с.

[2]. Баҳманёр. Сармаддеҳ [Матн] / Баҳманёр. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – К.2. – 240 с.

[3]. Баҳманёр. Аспи обӣ [Матн]: маҷмуаи ҳикояҳо / Баҳманёр. – Душанбе: Адиб, 1988. – 192 с.

[4]. Баҳманёр. Дуди ҳасрат [Матн]: қисса ва ҳикояҳо / Баҳманёр. – Душанбе: Адиб, 1993. – 256 с.

[5]. Баҳманёр. Дона дар Дастос [Матн] / Баҳманёр // Садои Шарқ. – 2009. – №4. – С.9-14.

[6]. Баҳманёр. Ду сарво [Матн] / Баҳманёр // Садои Шарқ. – 2006. – №3. – С.92-101.

[7]. Ғулом, З. Парвоз [Матн] / З. Ғулом. – Душанбе: Бофанда, 1999. – 108 с.

[8]. Ёрмуҳаммад, Р. Гесӯ [Матн] / Р. Ёрмуҳаммад. – Душанбе: Афсона, 2015. – 16 с.

[9]. Ёрмуҳаммад, Р. Хӯшаҳои ангур [Матн] / Р. Ёрмуҳаммад. – Душанбе: Афсона, 2011. – 24 с.

[10]. Ёрмуҳаммад, Р. Афсонаҳо [Матн] / Р. Ёрмуҳаммад. // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 26 сентябр.

[11]. Кӯҳзод, Ӯ. Ғайр аз хӯрдан ва пӯшидан [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Шарқи озод, 2017. – 224 с.

[12]. Кӯҳзод, Ӯ. Лоҳутӣ ва баъди ӯ [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе, 2002. – 100 с.

[13]. Кӯҳзод, Ӯ. Гардани ғам бишканем [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 334 с.

[14]. Кӯҳзод, Ӯ. Бурротар зи теғ [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Маориф, 2019. – 240 с.

[15]. Кӯҳзод, Ӯ. Тахти равон ва тахтбардорон [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Гардани ғам бишканем. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – С.255-273.

[16]. Кӯҳзод, Ӯ. Киройи гиря надошт [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Гардани ғам бишканем. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – С.274-289.

[17]. Кӯҳзод, Ӯ. Нархи одам [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Гардани ғам бишканем. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – С.331-333.

[18]. Кӯҳзод, Ӯ. Гудоз [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Гардани ғам бишканем. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – С.290-306.

[19]. Кӯҳзод, Ӯ. Рӯйи гарм ва сухани нарм [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 11 сентябр.

[20]. Кӯҳзод, Ӯ. Модарро дил месӯзаду дояро доман [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Дижидак. – 2013. – 25 апрел.

[21]. Кӯҳзод, Ӯ. Роҳи паси ағба [Матн]: повест ва ҳикояҳо / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 384 с.

[22]. Кӯҳзод, Ӯ. Кини Хумор [Матн]: повест ва ҳикояҳо / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 240 с.

[23]. Махсумзод, Р. Ишқи зистан [Матн]: ҳикояҳо ва қисаҳо / Р. Махсумзод. – Душанбе: Русская литература, 2020. – 192 с.

[24]. Мирзо, К. Руйдодҳои зиндагӣ [Матн] / К. Мирзо // Адабиёт ва санъат. – 1994. – 24 сентябр.

[25]. Мирзо, К. Марги душвор [Матн] / К. Мирзо // Дар орзуи падар: маҷмӯаи роману повест ва ҳикояҳо. – Душанбе: Адиб, 2001. – С.420-431.

[26]. Мирзо, К. Меҳри модар [Матн] / К. Мирзо // Дар орзуи падар: маҷмуаи роману повест ва ҳикояҳо. – Душанбе: Адиб, 2001. – С.412-419.

[27]. Насриддин, И. Асарҳои мунтахаб [Матн]: қиссаҳо, ҳикояҳо ва ривояту афсонаҳо / И. Насриддин. – Душанбе: Адиб, 2015. – 400 с.

[28]. Олим, А.М. Вақти гули зардолу [Матн] / А. М. Олим. – Хуҷанд, 2017. – 156 с.

[29]. Партав, А. Нури дида [Матн] / А. Партав. – Душанбе, 2003. – 96 с.

[30]. Партав, А. Ҳиссае аз қиссаҳои диловарон [Матн] / А. Партав. // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 27 сентябр.

[31]. Раҳимов, С.Ситораҳои сари танур [Матн]: повест, ҳикоя ва очеркҳо / С.Раҳимов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 169 с.

[32]. Раҳимзод, С.Дурӯғи сафед [Матн]: ҳикоя / С.Раҳимзод // Садои Шарқ. – 1989. – №2. – С.64-78.

[33]. Сайдар, Н. Гаҳвораи ноз [Матн]: ҳикояҳо / Н. Сайдар. – Душанбе: Адиб, 1990. – 80 с.

[34]. Самад, А. Ғамхӯрак [Матн] / А. Самад // Ёр дар бари ёр: ҳикоя, қисса, эссе. – Душанбе: Адиб, 2019. – С.33-35.

[35]. Самад, А. Дудила [Матн] / А. Самад // Ёр дар бари ёр: ҳикоя, қисса, эссе. – Душанбе: Адиб, 2019. – С.19-32.

[36]. Самад, А. Ёдгор, бас! [Матн] / А. Самад // Ёр дар бари ёр: ҳикоя, қисса, эссе. – Душанбе: Адиб, 2019. – С.40-46.

[37]. Самад, А. Талош [Матн] / А. Самад // Талош. – Душанбе: Адиб, 2002. – С.79-83.

[38]. Самад, А. Ёр дар бари ёр [Матн] / А. Самад. – Душанбе: Адиб, 2019. – 192 с.

[39]. Сорбон. Дашти морон [Матн]: қисса ва ҳикояҳо / Сорбон. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.

[40]. Сорбон. Мағзреза. Дида ва шунида [Матн] / Сорбон. – Душанбе: Адиб, 2013. – 352 с.

[41]. Сорбон. Вафодор [Матн] / Сорбон // Куллиёт. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – Ҷ.11. – С.399-403.

[42]. Сорбон. Гирифти моҳ [Матн] / Сорбон // Куллиёт. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – Ҷ.11. – С.368-374.

[43]. Сорбон. Чӣ фарқ дорад? [Матн] / Сорбон // Мағзреза. Дида ва шунида. – Душанбе: Адиб, 2013. – С.157-159.

[44]. Сорбон. Ҷазза [Матн] / Сорбон // Мағзреза. Дида ва шунида. – Душанбе: Адиб, 2013. – С.155-156.

[45]. Сорбон. Айби дандони фитода [Матн] / Сорбон // Мағзреза. Дида ва шунида. – Душанбе: Адиб, 2013. – С.4-8.

[46]. Толис, П. Тобистон [Матн]: повест ва ҳикояҳо / П. Толис.– Душанбе: Адиб, 1991. – 325 с.

[47]. Турсун, С.Дувоздаҳ ҳикоя [Матн] / С.Турсун. – Душанбе: Маориф, 1986. – 192 с.

[48]. Турсун, С.Аз субҳ то шом [Матн] / С.Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 192 с.

[49]. Турсун, С.Зимистони умр [Матн] / С.Турсун // Садои Шарқ. – 2017. – №9. – С.12-47.

[50]. Фирӯз, Б. Пеш аз шаби арӯсӣ [Матн]: ҳикояҳо ва повестҳо / Б. Фирӯз. – Душанбе: Адиб, 1989. – 560 с.

[51]. Юсуфӣ, Ю. Достони дарё [Матн] / Ю. Юсуфӣ // Садои Шарқ. – 2009. – №5. – С.12-15.

[52]. Юсуфӣ, Ю. Дулона [Матн] / Ю. Юсуфӣ // Садои Шарқ. – 2015. – №7. – С.84-89.

[53]. Юсуфӣ, Ю. Ҳуҷҷат [Матн] / Ю. Юсуфӣ // Садои Шарқ. – 2015. – №7. – С.89-93.

[54]. Юсуфӣ, Ю. Афсонаҳои ҳафтдодарон [Матн]: маҷмуаи ҳикояҳо / Ю. Юсуфӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 232 с.

[55]. Юсуфӣ, Ю. Ҳикояҳои хурд [Матн] / Ю. Юсуфӣ // Садои Шарқ. – 2006. – №1. – С.94-99.

[56]. Юсуфӣ, Ю. Садои осиё [Матн] / Ю. Юсуфӣ // Садои Шарқ. – 2007. – №7. – С.86-97.

[57]. Юсуфӣ, Ю. Ҳикояҳо [Матн] / Ю. Юсуфӣ // Садои Шарқ. – 2009. – №8. – С.72-78.

[58]. Юсуфӣ, Ю. Гунҷишкҳои гурусна [Матн] / Ю. Юсуфӣ // Садои Шарқ. – 2008. – №1. – С.76-78.

II. Адабиёти илмӣ-назариявӣ

[59]. Абдулло, С.Шоире аз Сармаддеҳ [Матн] / С.Абдулло // Шоире аз Сармадддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.17-42.

[60]. Абдуллоев, А. Андешаҳо дар «Андешаҳо...» [Матн] / А. Абдуллоев // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.123-126.

[61]. Айтматов, Ч. Испитание времени [Текст] / Ч. Айтматов // Литературная газета. – 1981. – 8 июл.

[62]. Айтматов, Ч. Статьи,выступления,диалоги,интервью [Текст] / Ч. Айтматов – М.: АПН, 1988. – 384 с.

[63]. Андеша решаи ахлоқ [Матн] / Мусоҳибаи Ф. Абдулло бо Ӯрун Кӯҳзод // Ҷумҳурият. – 2006. – 20 январ.

[64]. Андеша ва гуфтугӯ [Матн] / Мусоҳибаи нависанда ва пажуҳишгар бо Нависандаи халқии Тоҷикистон устод Ӯрун Кӯҳзод // Садои Шарқ. – 2013. – №4. – С.92-103.

[65]. Антонов, С.П. Я читаю рассказ [Текст]: из бесед с молодими писателями / С.П. Антонов. – М.: Молодая гвардия, 1973. – 256 с.

[66]. Асмус, В.Ф. Вопроси теории и истории эстетики [Текст] / В.Ф. Асмус.– М., 1968. – 240 с.

[67]. Атоев, А. Проблемы нравственности в «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси [Текст] / А. Атоев. – Душанбе, 1998. – 24 с.

[68]. Бақозода, Ҷ. Қаҳрамони мусбат ва руҳи замон [Матн] / Ҷ. Бақозода // Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987. – С.12-18.

[69]. Бақозода, Ҷ. Абдулҳамид Самад ва инкишофи ҳикоя [Матн] / Ҷ. Бақозода. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 152 с.

[70]. Бақозода, Ҷ. Наср ва воқеияти замони ҷанг [Матн] / Ҷ. Бақозода // Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987. – С.33-52.

[71]. Бақозода, Ҷ. Суруди нотамом [Матн] / Ҷ. Бақозода // Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987. – С.173-189.

[72]. Бақозода, Ҷ. Эътироз ба бесомониҳо [Матн] / Ҷ. Бақозода // Андеша ва чеҳраҳои адабӣ: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 2005. – С.141-149.

[73]. Бақозода, Ҷ. Руҳи зиндагисоз [Матн]: андешаву мулоҳиза, тақриз ва китобиёт, очерк, мусоҳиба, номаҳо. – Душанбе, 2012. – С.145-152.

[74]. Бақозода, Ҷ. Вазифаҳои бузург дар пешанд [Матн] / Мусоҳибаи Ҷ. Бақозода бо нависанда Фазлиддин Муҳаммадиев // Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987. – С.19-33.

[75]. Бахтин, М.М. Литературно-критические стати [Текст] / М.М. Бахтин. – М., 1986. – 542 с.

[76]. Белинский, В.Г. Полное собрание сочинений [Текст] / В.Г. Белинский. – М., 1956. – Т.6. – 474 с.

[77]. Бочаров, А. Бесконечность поиска. Художественные поиски современной советской прозы [Текст] / А. Бочаров. – М.: Советский писатель, 1982. – 422 с.

[78]. Бушмин, А. С.Наука о литературе, Проблемы. Суждения. Споры [Текст] / А. С.Бушмин. – М.: Современник, 1980. – 334 с.

[79]. Бухороӣ, М.Ш. Садоқат ба идеалҳои олии замон [Матн] / М.Ш. Бухороӣ // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.13-34.

[80]. Вилямз, Р. Реализм ва румони муосир [Матн] / Р. Вилямз // Назарияи румон. – Теҳрон, 1374. – С.89-113.

[81]. Гей, Н.К. Исскуство слова. О художественности литературы [Текст] / Н. К. Гей. – М., 1967. – 341 с.

[82]. Гессе, Г. Писмо по кругу [Текст] / Г. Гессе. – М.: Прогрес, 1987. – 400 с.

[83]. Гёте. Собрание сочинений [Текст]: в 13-и томах / Гёте. – М.: Гослитиздат, 1937. – Т.10. – 540 с.

[84]. Гиршман, М.М. Стил литературного произведения [Текст] / М.М. Гришман // Теория литературных стилей. Современние аспекти изучения. – М., 1982. – С.257-300.

[85]. Ғанӣ, Б. Аз дида рафтанду аз дил не [Матн] / Б. Ғанӣ // Тоҷи сари дӯстон. – Душанбе: Адиб, 1991. – С.74-87.

[86]. Ғаффоров, Р. Нависанда ва лаҳҷаи забон [Матн] / Р. Ғаффоров // Нависанда ва замон. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С.118-150.

[87]. Давлатободӣ, М. Баҳманёр ва ҳикояи «Нархи одам» / М. Давлатободӣ // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.88-91.

[88]. Давронов, А. Андар шинохти ҳикоя [Матн] / А. Давронов // Нақди адабӣ ва равандҳои адабиёт: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Шаҳпар, 2012. – С.140-159.

[89]. Демидчик, Л. Баъзе масъалаҳои ташаккули насри реалистии тоҷик дар солҳои сиюм [Матн] / Л. Демидчик // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С.202-312.

[90]. Демидчик, Л. Насри солҳои сӣ [Матн] / Л. Демидчик // Таърихи адабиёти советии тоҷик. –Душанбе, 1985. – Ҷ.2. – С.98-120.

[91]. Деҳотӣ, А. Барои тараққиёти минбаъдаи адабиёти советии тоҷик [Матн] / А. Деҳотӣ // Куллиёт. – Душанбе: Ирфон, 1966. – Ҷ.5. – С.145-158.

[92]. Деҳотӣ, А. Барои тараққиёти адабиёти бачагона [Матн] / А. Деҳотӣ // Куллиёт. – Душанбе: Ирфон, 1966. – Ҷ.5. – С.175-187.

[93]. Дмитриев, В.А. Становление характера [Текст] / В.А. Дмитриев // Проблеми литератури. – М.: Мисл, 1979. – С.62-97.

[94]. Есин, А.Б. Принсипы и приёмы анализа литературного произведения [Текст] / А.Б. Есин. – М.: Наука, 2008. – 247 с.

[95]. Зеленский, К. Заметки о литературной науке [Текст] / К. Зеленский // Дружба народов. – 1958. – №12. – С.190-196.

[96]. Зис, О. Пояҳои ҳунаршиносии илмӣ [Матн] / О. Зис.– Теҳрон, 1340. – 184 с.

[97]. Икромӣ, Ҷ. Ҳикояҳо ва очеркҳо [Матн] / Ҷ. Икромӣ – М.: Нашрдавтоҷик, 1960. – 269с.

[98]. Икромӣ, Ҷ. Насри сазовори замон [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Садои Шарқ. – 1966 – №5. – С.126-134.

[99]. Икромӣ, Ҷ. Сарсухан [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Хоҷаев М. Ба ҷои узр. – Душанбе: Ирфон, 1964. – С.3-5.

[100]. Имомов, М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ [Матн] / М. Имомов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 427 с.

[101]. Кабиров, Ш. Сухан чун раддаи марҷон [Матн] / Ш. Кабиров // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.66-71.

[102]. Карпенко, В.А. Природа и нравственность в советской романистике [Текст] / В.А. Карпенко // Проблемы нравственного воспитания личности в современной советской литературе. – М.: Мисл, 1979. – С.98-123.

[103]. Ковалёв, Ю.В. Эдгар Аллан По. Новелист и поэт [Текст]: монография / И.В. Ковалёв. – Л.: Худож. лит., 1984. – 296 с.

[104]. Крамов, И. В зеркале рассказа [Текст] / И. Крамов. – М.: Советский писател, 1979. – 294 с.

[105]. Кузнетсов, Ф. Пут и зрелости [Текст] / Ф. Кузнетсов // Поиск. Повест и расскази молодих писателей. Роман-газета. – 1978. – №24. – С.3-22.

[106]. Кӯчаров, А. Устод Айнӣ ва тарҷима [Матн] / А. Кӯчаров // Садои шарқ, 2013, №2.-С.125-132.

[107]. Кӯчаров, А. Жанрҳои хурди наср дар «Адабиёт ва санъат» [Матн] / А. Кӯчаров // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 7 феврал.

[108]. Лихачёв, Д.С.О точности литературоведения [Текст] / Д.С.Лихачёв // Литературние направления и стили. – М., 1976. – С.11-18.

[109]. Лотман, Ю.М. Структура художественного текста [Текст] / Ю.М. Лотман. – М., 1970. – 269 с.

[110]. Маниёзов, А. Мулоҳизаҳо доир ба ташаккули насри Айнӣ [Матн] / А. Маниёзов // Ҷашнномаи Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1970. – Ҷ.2. – С.21-28.

[111]. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти советии тоҷик [Матн] / Х. Мирзозода, А. Сайфуллоев, А. Абдуманнонов. – Душанбе: Дониш, 1984. – Ҷ.1. – 356 с.

[112]. Мирзоюнус, М. Нигоҳи иҷмолӣ ба як достон [Матн] / М. Мирзоюнус // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.158-173.

[113]. Мирсодиқӣ, Ҷ. Аносири наср [Матн] / Ҷ. Мирсодиқӣ. – Теҳрон: Интишороти Шифо, 1367. – 494 с.

[114]. Муллоаҳмад, М. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ [Матн] / М. Муллоаҳмад. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 256 с.

[115]. Мураттибон. Ба ҷои пешгуфтор [Матн] / Мураттибон // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.3-12.

[116]. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 230 с.

[117]. Муҳаммадиев, Ф. Тири адиб набояд хок хӯрад [Матн] / Ф. Муҳаммадиев // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.43-52.

[118]. Набавӣ, А. Адабиёт ва нақди адабӣ [Матн] / А. Набавӣ. – Душанбе: Адиб, 1993. – 304 с.

[119]. Набавӣ, А. Тадқиқи дунёи маънавии инсон [Матн] / А. Набавӣ // Адабиёт ва нақди адабӣ. – Душанбе: Адиб, 1993. – С.71-78.

[120]. Набавӣ, А. Мақоми Ф. Муҳаммадиев дар ташаккули насри ҷадиди тоҷик [Матн] / А. Набавӣ // Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. – Душанбе: Адиб, 2009. – С.143-180.

[121]. Набавӣ, А. Барфи баҳманмоҳ об шуд, хуршеди фарвардин биё (ё нуктае чанд аз вижагиҳои насри Баҳманёр) [Матн] / А. Набавӣ // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.72-85.

[122]. Набавӣ, А. Зиндагӣ сар ба сар савдост [Матн] / А. Набавӣ // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.114-129.

[123]. Набавӣ, А. Намунаи шоистаи насри ҷадиди тоҷикӣ [Матн] / А. Набавӣ // Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. – Душанбе: Адиб, 2009. – С.257-264.

[124]. Набиев, А. Умеду ояндаи наср [Матн] / А. Набиев // Адабиёт ва нақди адабӣ. – Душанбе: Адиб, 1993. – С.110-150.

[125]. Набиев, А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон [Матн] / А. Набиев – Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.

[126]. Насрулло, К. Пероям рангини ҳунар [Матн] / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 4 январ.

[127]. Нинов, А. Современний рассказ [Текст] / А. Нинов. – Л.: Издателство «Художественная литература» Ленинградское отделение, 1969. – 287 с.

[128]. Нравственная жизн человека: искания, позитсия, поступки [Текст]. – М.: Мысль, 1982. – 295 с.

[129]. Осетров, Е.О. Вторжение в действителност [Текст] / Е.О. Осетров // Вопросы литературы. – 1973. – №2. – С.68-72.

[130]. Панкин, Б. Страст к настояшему. Литературно-критические стати и очерки [Текст] / Б. Панкин. – М.: Детская литература, 1983. – 381 с.

[131]. Поспелов, Г.Н. Эстетическое и художественное [Текст] / Г.Н. Поспелов. – М.: Издателство МГУ, 1965. – 475 с.

[132]. Поспелов, Г.Н. Целостно-системное понимание литературных произведений [Текст] / Г.Н. Поспелов // Вопросы литературы. – 1982. – №3. – С.21-28.

[133]. Рассказ севодня. Встреча за «Круглим столом» [Текст] // Вопросы литературы. – 1969. – №7. – С.40-70.

[134]. Раҷабӣ, М. Тадқиқи таърих - тадқиқи характер [Матн] / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 192 с.

[135]. Раҷабӣ, М. Сотим Улуғзода абармарди набард ва андеша [Матн] / М. Раҷабӣ. – Душанбе, 2004. – 170 с.

[136]. Русские писатели о литературном труде [Текст]. – Л.: Советский писател, 1955. – Т.2. – 819 с.

[137]. Сайфуллоев, А. Ҳаёт ва мавқеи нависанда [Матн] / А. Сайфуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1969. – 5 июн.

[138]. Сайфуллоев, А. Ҷону ҷаҳони наср [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 538 с.

[139]. Салимӣ, Н., Солеҳ, Ш. Диди бадеӣ ва ҳунари тасвиргарӣ [Матн] / Н. Салимӣ, Ш. Солеҳ // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.48-65.

[140]. Салимов, Н. Дидаи ҳақбин [Матн] / Н. Салимов // Тоҷикистони советӣ. – 1988. – 29 сентябр.

[141]. Салимов, Н., Солеҳов, Ш. Диди бадеӣ ва ҳунари тасвирӣ [Матн] / Н. Салимов, Ш. Солеҳов // Садои Шарқ. – 2014. – №7. – С.126-136.

[142]. Салимов, Н. Назаре ба таърихи наср дар замони устод Рӯдакӣ [Матн] / Н. Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – 100 с.

[143]. Салимов, Н. Эҳсоси ворисият [Матн] / Н. Салимов // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.53-65.

[144]. Саъдуллоев, А. Дирӯз ҳам имрӯз аст [Матн] / А. Саъдуллоев // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.80-96.

[145]. Саъдизода, С.Савдои зиндагӣ [Матн] / С.Саъдизода // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.97-100.

[146]. Сартер, Ж.П. Адабиёт чист? [Матн] / Ж.П. Сартер // Садои Шарқ. – 1990. – №5. – С.80-98.

[147]. Сатторзода, А. Чеҳраи ҳунарии Баҳманёр ва вижагиҳои он [Матн] / А. Сатторзода // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.4-16.

[148]. Солеҳов, Ш. Насри имрӯз ва баъзе вижагиҳои он [Матн] / Ш. Солеҳов // Адабиёт ва шинохти он. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С.151-161.

[149]. Солеҳов, Ш. Андешаҳо дар атрофи ҳикояи имрӯз [Матн] / Ш. Солеҳов // Адабиёт ва шинохти он. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С.203-212.

[150]. Солеҳов, Ш. Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70-80 қарни ХХ [Матн] / Ш. Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 169 с.

[151]. Солеҳов, Ш. Симои бадеии занони Сармаддеҳ [Матн] / Ш. Солеҳов // Масъалаҳои филологияи тоҷик. – Душанбе, 2003. – С.123-129.

[152]. Солеҳов, Ш. Роман дар адабиёти тоҷикии қарни XX [Матн]: масъалаи ташаккули жанр / Ш. Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 2011. – 331 с.

[153]. Сорбон. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад [Матн] / Сорбон // Адабиёт ва санъат. – 2012. – 15 март.

[154]. Таърихи адабиёти советии тоҷик [Матн]: инкишофи жанрҳо, иборат аз шаш ҷилд. – Душанбе: Дониш, 1978. – Ҷ.2. – 340 с.

[155]. Толстой, А.Н. Полн. собр. соч. [Текст] / А.Н. Толстой. – М.: Наука, 1967. – Т.30. – 532 с.

[156]. Толстой, А.Н. Послеслова к рассказу Чехова «Душечка» [Текст] / А.Н. Толстой // Что такое исскуства?. – М.: Современник, 1985. – С.335-338.

[157]. Тургенев, И.С.Полное собрание сочинений и писем в двадсати томах. Писма [Текст] / И.С.Тургенев. – М.,-Л.: Наука, 1965. – Т.10. – 735 с.

[158]. Турсунов, А. Насри муосир: сухан аз таҳаввули қаҳрамони муосир [Матн] / А. Турсунов // Садои Шарқ. – 1982. – №11. – С.92-104.

[159]. Фессенко, Э.Я. Теория литератури [Текст] / Э.Я. Фессенко. – М.: Урсе, 2005. – 356 с.

[160]. Храпченко, М.Б. Творческая индивидуалност писателя и развитие литератури [Текст] / М.Б. Храпченко. – М.: Художественная литература, 1977. – 446 с.

[161]. Храпченко, М.Б. Размышления о системном анализе литературы [Текст] / М.Б. Храпченко // Вопросы литературы. – 1975. – №3. – С.31-39.

[162]. Ҳакимов, А. Умри пурмаъно [Матн] / А. Ҳаким // Дар қаламрави сухан. – Душанбе: Ирфон, 1982. – С.39-67.

[163]. Ҳошим, Р., Набавӣ, А. Роҳи камолот [Матн] / Р. Ҳошим, А. Набавӣ // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.35-42.

[164]. Чернышевский, Н.Г. Эстетические отношения исскуства к действительности [Текст] / Н.Г. Чернышевский // Эстетика и литературная критика. – М.,-Л.: Гослитиздат, 1951. – С.12-52.

[165]. Ҷомӣ, М. Намоёнгари ҷамоли тоҷикона [Матн] / М. Ҷомӣ // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.43-44.

[166]. Шарифов, Х. Достони нави кӯҳна [Матн] / Х. Шарифов // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 20 август.

[167]. Шарифов, Х. Даври печопеч [Матн] / Х. Шарифов // Сухан аз адабиёти миллӣ. – Душанбе: Пайванд, 2009. – С.430-437.

[168]. Шарифов, Х. Таҳаввули услубӣ дар адабиёти тоҷик [Матн] / Х. Шарифов // Озурдагон ва умедворон. – Душанбе: Сино, 2001. – С.91-110.

[169]. Шарифов, Х. Иқтидори ҷаҳолат [Матн] / Х. Шарифов // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.66-71.

[170]. Шарифов, Х. Даври печопеч [Матн] / Х. Шарифов // Сухан аз адабиёти миллӣ. – Душанбе: Пайванд, 2009. – С.447-463.

[171]. Шарифов, Х. Яке аз аҳли қалам [Матн] / Х. Шарифов // Сухан аз адабиёти миллӣ. – Душанбе: Пайванд, 2009. – С.430-437.

[172]. Шарифов, Х. Назарияи наср [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе, 2001. – 319 с.

[173]. Шубин, Э.А. Современный руский рассказ [Текст] / Э.А. Шубин. – Л.: Наука, 1971. – 182 с.

[174]. Шукуров, М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 160 с.

[175]. Шукуров, М. Таҳқиқи бадеӣ ва назари нависанда [Матн] / М. Шукуров // Паҳлуҳои таҳқиқи бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – С.177-185.

[176]. Шукуров, М. Андешапарварӣ-фаъолиятмандии иҷтимоӣ [Матн] / М. Шукуров // Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. – С.18-29.

[177]. Шукуров, М. Тадқиқи бадеӣ ва ҷанбаи публитсистӣ [Матн] / М. Шукуров // Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. – С.73-91.

[178]. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.

[179]. Шукуров, М. Мактаби одамият [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 272 с.

[180]. Шукуров, М. Дили меҳрпарвар ва ситезангез [Матн] / М. Шукуров // Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – С.142-187.

[181]. Шукуров, М. Заррахои одамият [Матн] / М. Шукуров // Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. – С.53-73.

[182]. Шукуров, М. Дар сари роҳи нав [Матн] / М. Шукуров // Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. – С.91-101.

[183]. Шукуров, М. Як назар ба бурду бохти ҳикоя [Матн] / М. Шукуров // Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. – С.102-115.

[184]. Шукуров, М. Садоқат ба идеалҳои олӣ [Матн] / М. Шукуров // Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. – С.29-53.

[185]. Шукуров, М. Таърихи адабиёти советии тоҷик [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1980. – Ҷ.4. – 384 с.

[186]. Шукуров, М. Тавоноии инсон ё яъсу ноумедӣ? [Матн] / М. Шукуров // Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – С.167-177.

[187]. Шукруллоев, К. Масъалаҳои насри муосир [Матн] / К. Шукруллоев // Садои Шарқ. – 1988. – №5. – С.118-129.

[188]. Шукруллоҳӣ, К. Нависандае, ки ба касе монанд нест [Матн] / К. Шукруллоҳӣ. – Душанбе: Балоғат, 2016. – 248 с.

[189]. Ярхо, Б.И. Методология точного литературоведения [Текст] / Б.И. Ярхо // Контекст-1983. Литературно-теоретические иследование. – М., 1984. – С.198-211.

# НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ


I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия:

[1-М]. Маҳмудов, М. А. Марҳилаҳои асосии ташаккули ҳикояи муосири тоҷикӣ [Матн] /М. А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – Душанбе, 2020. – № 1/3 (77). – С.28-33.

[2-М]. Маҳмудов, М. А. Инъикоси воқеияти иҷтимоӣ дар ҳикояи замони истиқлол [Матн] /М. А. Маҳмудов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2020. – № 3 (011). – С.108-113.

[3-М]. Солеҳов Ш., Маҳмудов, М. А. Проблемаҳои инсонмеҳварӣ аз нигоҳи Сорбон [Матн] /Ш. Солеҳов, М.А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – № 2 (85). – С.75-78.

[4-М]. Маҳмудов, М. А. Масоили ахлоқӣ дар ҳикояи замони истиқлол [Матн] / М.А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – № 2 (85). – С.156-160.

[5-М]. Маҳмудов, М. А. Таҳаввули шаклӣ ва сохтории жанри ҳикояи давраи истиқлол [Матн] /М.А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе, 2020. – № 8. – С.314-320.

[6-М]. Маҳмудов, М. А. Шеваҳои шахсиятпардозӣ дар ҳикояи имрӯз [Матн] /М. А. Маҳмудов // Ахбори ДДҲБСТ (бахши илмҳои гуманитарӣ). – Душанбе, 2021. – № 8. – С.56-63.

[7-М]. Маҳмудов, М. А. Баъзе вижагиҳои ҳунарии ҳикояи муосири тоҷик [Матн] /М. А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 4 (99). – С.179-183.

[8-М]. Маҳмудов, М. А. Адиби инсонгаро ва одамшинос [Матн] /М. А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 5 (100). – С.329-332.

II.Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[9-М]. Маҳмудов, М. А. Таъсирпазирӣ ва навгароӣ [Матн] /М. А. Маҳмудов // «Ҷустуҷӯҳои илмӣ» (№2). Маводи конфренсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба гиромидошти Рӯзи Рӯдакӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2023. – С.213-219.

[10-М]. Маҳмудов, М. А. Тасвири Наврӯз ва суннатҳои он дар ҳикояҳои А. Самад [Матн] /М. А. Маҳмудов // «Пешвои миллат – Пешвои Наврӯз». Маводи конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Пешвои миллат – Пешвои Наврӯз» ба ифтихори ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ, 15.03.2023. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2023. – С.287-292.

[11-М]. Маҳмудов, М. А. Таҳқиқи бадеии олами руҳии инсон ва шинохти ҷанбаҳои ахлоқии он дар ҳикояҳои Саттор Турсун [Матн] /М. А. Маҳмудов // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Усулҳои таълими инноватсионӣ ҳамчун воситаи рушди зеҳнии хонандагону донишҷӯён» дар партави Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии мамлакат, 17.03.2023. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2023. – С.54-60.